# САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**МУРАТТИБОН:**

**Кенҷаев Мирзозаҳай Анварович -** *мутахассиси пешбари шӯъбаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (Душанбе);*

**Нозимова Сарвиноз Тағоевна -** *мутахассиси пешбари шӯъбаи таъминоти кадрии хизмати давлатии Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

**Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012.**

**ББК __________**

**ISBN __________**

Маводи мазкур бо дастгирии Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо «Мусоидат ба ислоҳоти хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон» чоп гардидааст. Мазмун ва мундариҷаи он нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупоро инъикос намекунад.

# ПЕШГУФТОР

Дар Тоҷикистон асосҳои конститутсионии хизмати давлатӣ ҳамчун механизми идоракунии давлатӣ гузошта шуда-анд. Имрӯз хизмати давлатии Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави низоми идоракунии давлатӣ ворид мешавад.

Ташаккули хизмати давлатиро дар ҷумҳурӣ метавон ба давраи то оғозиислоҳоти соҳа, яъне солҳои 2001 – 2006 ва ба давраи амалисозии ислоҳоти соҳа аз соли 2006 то имрӯз ҷудо намуд.

Дар ин марҳила барои таъсиси хизмати давлатии касбӣ ва рушди минбаъдаи институти хизмати давлатӣ замина гузошта, модели амалкунандаи хизмати давлатӣ ба тағйироти куллии дар иқтисоди миллӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон баамаломада мутобиқ кунонида шуд. Низоми муосири таълими кадрҳо дар соҳа, такмили малака ва маҳорати хизматчиёни давлатӣ барои иҷрои босамари вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда таъсис ёфт.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» як қатор тағйиру иловаҳо, аз ҷумла, мафҳумҳои нав ворид карда шуд.

Силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи технологияҳои кадрии хизмати давлатӣ дар самти озмун, аттестатсия, захираи кадрҳо дар таҳрири нав қабул шуданд. Барои хизматчиёни давлатӣ дастурамалҳои мансабӣ таҳия ва мавриди истифода қарор доранд.

Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул ва механизми ба ҷавобгарӣ кашидани хизматчиёни давлатие, ки принсипҳои Кодексро риоя намекунанд, муайян гардид.

Баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ҳамчун шакли навбатии технологияи кадрӣ ворид карда, бо санади меъёрии ҳуқуқӣ низоми он ба роҳ монда шуд.

Ба хотири бартараф намудани якрангии фаъолият ва солҳои тӯлонӣ дар як мансаб бесамар фаъолият накардан ротатсияи кадрҳо ҳамчун механизми ҷойивазкунии кадрҳо ҷорӣ гардид.

Аз соли 2010 сар карда, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи такмили

ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси фармоиши давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар маҷмӯъ, дар самти ташкил, такмил ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар давоми 10 - соли фаъолияти мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ зиёда аз 100 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва бо фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд.

Силсилаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа дар китоби рӯимизӣ гирд оварда шудаанд, ки манзури шумо мешавад.

Китоб барои хизматчиёни давлатӣ ва оммаи васеи хонандагон, ки мехоҳанд бо низоми хизмати давлатӣ шинос бошанд, пешбинӣ гардидааст.

Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо “Мусоидат ба ислоҳоти хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон”, ки дар нашри китоб саҳм дорад, миннатдорӣ изҳор менамояд.

***Г. Қосимов,***
***муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# I. ҚОНУНҲОИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда, 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.)*

МО, ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН,

қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста,

таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда,

озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда,

баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда,

бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода,

ҲАМИН КОНСТИТУТСИЯРО ҚАБУЛ ВА ЭЪЛОН МЕНАМОЕМ.

### БОБИ ЯКУМ

### АСОСҲОИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНӢ

**Моддаи 1.** Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд.

**Моддаи 2.** Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Забони русӣ ҳамчун забони муошират байни миллатҳо амал мекунад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд.

**Моддаи 3.** Рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ аст.

**Моддаи 4.** Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аст.

**Моддаи 5.** Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд.

Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

**Моддаи 6.** Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.

Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст.

Халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд.

Ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳақ надорад, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намояд.

Ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст.

Аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд.

**Моддаи 7.** Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад.

Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст.

Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст.

Тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои марзиву маъмуриро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

**Моддаи 8.** Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад.

Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд.

Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

**Моддаи 9.** Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.

**Моддаи 10.** Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

**Моддаи 11.** Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад.

Ташвиқоти ҷанг манъ аст.

Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо бароянд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.

Давлат бо ҳамватанони берунмарзӣ ҳамкорӣ мекунад.

**Моддаи 12.** Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд.

Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

**Моддаи 13.** Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

## БОБИ ДУЮМ

## ҲУҚУҚ, ОЗОДӢ, ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Моддаи 14.** Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

**Моддаи 15.** Шаҳрванди Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Мансубияти шаҳрванди Тоҷикистон ба шаҳрванди давлати дигар эътироф намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун ва шартномаҳои байнидавлатии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Тартиби ба шаҳрвандӣ қабул шудан ва аз он хориҷ гардиданро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

**Моддаи 16.** Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад. Ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад.

Шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷие, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад паноҳгоҳи сиёсӣ диҳад.

**Моддаи 17.** Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

**Моддаи 18.** Ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад.

Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин.

Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст.

**Моддаи 19.** Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад.

**Моддаи 20.** Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

Ҳеҷ кас баъди гузаштани мӯҳлати таъқиби ҷиноӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Барои як ҷиноят ҳеҷ кас такроран ҷазо намебинад.

Қонуне, ки баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад.

Агар баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунӣ барои он ҷазо пешбинӣ нашуда бошад ва ё ҷазои сабук пешбинӣ шуда бошад, қонуни нав амал мекунад.

Мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда манъ аст.

**Моддаи 21.** Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад.

**Моддаи 22.** Манзили шахс дахлнопазир аст.

Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

**Моддаи 23.** Маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст.

Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

**Моддаи 24.** Шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад.

**Моддаи 25.** Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

**Моддаи 26.** Ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.

**Моддаи 27.** Шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд.

Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад.

Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд.

Тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд. Баргузории раъйпурсӣ тибқи қонуни конститутсионӣ сурат мегирад.

**Моддаи 28.** Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд.

**Моддаи 29.** Шаҳрванд ҳақ дорад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, раҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад.

Ҳеҷ касро ба ин тадбирҳо маҷбуран ҷалб кардан мумкин нест.

**Моддаи 30.** Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.

Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст.

Номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад.

**Моддаи 31.** Шаҳрванд ҳақ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд.

**Моддаи 32.** Ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад.

Ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.

Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо руёнида мешавад.

**Моддаи 33.** Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Бисёрникоҳӣ манъ аст.

**Моддаи 34.** Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

**Моддаи 35.** Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.

**Моддаи 36.** Ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад.

**Моддаи 37.** Шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пулӣ, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст.

**Моддаи 38.** Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад.

Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад.

**Моддаи 39.** Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

**Моддаи 40.** Ҳар шахс ҳақ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад.

Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад.

Моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун аст.

**Моддаи 41.** Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист.

Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад.

**Моддаи 42.** Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд.

Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад.

**Моддаи 43.** Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.

Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад.

**Моддаи 44.** Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст.

**Моддаи 45.** Додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад.

Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд.

**Моддаи 46.** Ҳангоми таҳдиди бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, истиқлолияти давлат, тамомияти арзии он ва офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи он мақомоти конститутсионии ҷумҳурӣ наметавонад ба таври мӯътадил фаъолият намояд, ҳамчун тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат вазъияти фавқулодда эълон мегардад.

Мӯҳлати вазъияти фавқулодда то се моҳ аст. Дар мавридҳои зарурӣ ин мӯҳлатро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дароз намояд.

**Моддаи 47.** Дар давраи вазъияти фавқулодда ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25, 28-и Конститутсия пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешавад.

Низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулоддаро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

## БОБИ СЕЮМ

## МАҶЛИСИ ОЛӢ

**Моддаи 48.** Маҷлиси Олӣ-парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маҷлиси Олӣ аз ду Маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст.

Мӯҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон 5 сол аст. Ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар рӯзи оғози фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони даъвати нав қатъ мегардад.

Ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олиро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад.

**Моддаи 49.** Интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Маҷлиси намояндагон доимоамалкунанда ва касбӣ мебошад. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 25 кам набошад ва дорои таҳсилоти олӣ бошад, метавонад вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шавад.

Аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим дар маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷоя) бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мегардад. Дар Маҷлиси миллӣ Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намояндагони баробар доранд.

Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад.

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ даъватӣ мебошад.

Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 35 кам набошад ва дорои таҳсилоти олӣ бошад, метавонад узви Маҷлиси миллӣ интихоб ё таъин шавад.

Ҳар Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви якумраи Маҷлиси миллӣ мебошад, агар ӯ аз истифодаи ин ҳақ даст накашад.

Қонуни конститутсионӣ шумораи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тартиби интихоби онҳо, тартиби интихоб нашудан ва мувофиқ набудани ваколати аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагонро танзим мекунад.

**Моддаи 50.** Аъзои Ҳукумат, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони дигаре, ки қонуни конститутсионӣ муайян кардааст, наметавонанд узви Маҷлиси миллӣ бошанд.

Шаҳрванд наметавонад дар як вақт узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бошад. Узви Маҷлиси миллӣ наметавонад вакили зиёда аз ду мақоми намояндагӣ бошад.

Вакили Маҷлиси намояндагон наметавонад вакили дигар мақомоти намояндагӣ бошад, вазифаи дигареро иҷро кунад, фаъолияти соҳибкорӣ намояд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

**Моддаи 51.** Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба амри интихобкунандагон тобеъ набуда, ҳақ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад.

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад, ӯро ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истисной дастгир шуданаш дар ҷои содири ҷиноят. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳамчунон мавриди кофтукови шахсӣ қарор дода намешавад, ба истисной ҳолатҳое, ки қонун барои таъмини амнияти дигарон муқаррар намудааст. Масъалаи маҳрум намудани дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби маҷлиси дахлдор ҳал карда мешавад.

Ваколати узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳангоми вафот, истеъфо, ғайри қобили амал эътироф шудани онҳо аз ҷониби суд, ба қувваи қонуни даромадани ҳукми айбдоркунии суд, қатъи шаҳрвандӣ, тарки доимии ҷумҳурӣ, ишғоли вазифае, ки ба ваколати узви Маҷлиси миллӣ мувофиқ нест, парокандашавии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон қатъ мегардад.

Вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

**Моддаи 52.** Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро дар давоми як моҳи баъди интихоби онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват мекунад.

Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро узв ва вакили синну солаш калонтарин мекушояд ва то интихоб шудани раисони ин Маҷлисҳо онро мебарад.

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ дар шакли иҷлосия сурат мегирад. Иҷлосияи Маҷлиси миллӣ соле на камтар аз чор бор аз тарафи Раиси Маҷлиси миллӣ даъват карда мешавад.

Фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар шакли иҷлосия сурат мегирад.

Иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагон дар як сол як маротиба аз рӯзи аввали кории моҳи октябр то рӯзи охирини кории моҳи июн гузаронида мешавад.

Дар давраи байни иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми зарурат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷлосияҳои ғайринавбатии онҳоро даъват менамо-

яд. Дар ин иҷлосияҳо танҳо он масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки боиси даъвати ин иҷлосияҳо гаштаанд.

**Моддаи 53.** Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз байни аъзо ва вакилон раисони Маҷлисҳо, муовинони якум ва муовинони онҳоро интихоб менамоянд. Яке аз муовинони Раиси Маҷлиси миллӣ аз ҳисоби намояндагони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагон бо овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзо ва вакилони онҳо интихоб мешаванд. Тартиби интихоби муовинони Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагонро Дастури Маҷлисҳо танзим мекунад.

Раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар назди Маҷлиси дахлдор ҳисоботдиҳанда мебошанд ва онҳо метавонанд бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзо ва вакилон бозхонда шаванд.

Раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, муовинони якум ва муовинони онҳо ба иҷлосия роҳбарӣ мекунанд ва дигар масъалаҳои дахлдорро ҳал менамоянд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мақомоти ҳамоҳангсозанда ва кории худро мустақилона ташкил медиҳанд, инчунин кумита ва комиссияҳои дахлдорро таъсис менамоянд ва аз рӯи масъалаҳои ба Маҷлисҳо тааллуқдошта муҳокимаҳои парламентӣ доир мекунанд.

Мақомоти ҳамоҳангсозандаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар алоҳидагӣ ҷаласа мегузаронанд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Дастури фаъолияти худро қабул мекунанд.

**Моддаи 54.** Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон алоҳида ҷаласа мегузаронанд.

Ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳамон вақт гузаронида мешавад, ки агар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзо ва вакилони онҳо ҳузур дошта бошанд. Ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ошкоро гузаронида мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун ва Дастури Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мумкин аст ҷаласаи пӯшида гузаронида шавад.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҳолатҳои пешбининамудаи Конститутсия ҷаласаҳои якҷоя мегузаронанд.

**Моддаи 55.** Салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя:

1. Тасдиқи фармони Президент дар бораи таъин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат;

2. Тасдиқи фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодда;

3. Ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон;

4. Таъини интихоботи Президент;

5. Қабули истеъфои Президент;

6. Сарфароз гардонидани Президент бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаи олии ҳарбӣ;

7. Баррасии масъалаи дахлнопазирии Президент.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаҳои якҷояи худ аз рӯи масъалаҳои зикршудаи салоҳияташон қарор қабул мекунанд. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз маҷлисҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад.

Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад ва бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

**Моддаи 56.** Салоҳияти Маҷлиси миллӣ:

1. Таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳо;

2. Интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;

3. Ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;

4. Ризоият барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ;

5. Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси миллӣ аз рӯи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси миллӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои он қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад.

**Моддаи 57.** Салоҳияти Маҷлиси намояндагон:

1. Таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб ва бозхонди раис, муовин ва аъзои он бо пешниҳоди Президент;
2. Ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ;
3. Тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
4. Ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ;
5. Тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ;
6. Таъини раъйпурсӣ;
7. Таъсиси судҳо;
8. Тасдиқи рамзҳои давлатӣ;
9. Тасдиқи мукофотҳои давлатӣ;
10. Тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ;
11. Муқаррар намудани рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус;
12. Муайян намудани маоши Президент;
13. Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси намояндагон аз рӯи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муайян накарда бошад.

Дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон роҳбарони давлатҳои хориҷӣ метавонанд суханронӣ кунанд.

**Моддаи 58.** Аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд.

**Моддаи 59.** Лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд.

Лоиҳаи қонун дар бораи авф аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад.

**Моддаи 60.** Қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Қонун бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигарро Конститутсия муқаррар накарда бошад.

Қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагон қабул намудааст ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод мешаванд, ба истисноитқонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф.

Маҷлиси миллӣ қонунро бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад. Дар мавриди дастгирӣ наёфтани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ қонун такроран дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ мешавад.

Дар сурати бо қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонун ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф танҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул карда мешаванд. Маҷлиси намояндагон иҷрои буҷети давлатиро назорат мекунад.

**Моддаи 61.** Қонунҳои конститутсионӣ оид ба масъалаҳое қабул мешаванд, ки Конститутсия муайян намудааст. Қонунҳои конститутсионӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул мегарданд ва Маҷлиси миллӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад.

Дар сурати бо Қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонуни конститутсионӣ ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Тафсири Конститутсияро Маҷлиси Олӣ тибқи тартиби мазкур баррасӣ намуда, дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул менамояд.

**Моддаи 62.** Қонунҳо барои имзо ва интишор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Агар Президент ба Қонун ё қисми он розӣ набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраркардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрори қонун дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёбад. Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва онро интишор менамояд.

Ҳангоми баррасии қонуни аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидашуда, ки онро пештар Маҷлиси намояндагон бо аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул намуда буд, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон онро такроран бо аксарияти на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо тарафдорӣ мекунанд.

Агар Президент қонуни конститутсиониро баргардонад, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраркардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрори қонуни конститутсионӣ дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тасдиқ шавад. Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонуни конститутсионӣ имзо мегузорад ва онро интишор менамояд.

**Моддаи 63.** Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон метавонанд пеш аз мӯҳлат дар ҷаласаи якҷояи худ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ихтиёран пароканда шаванд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар давраи вазъияти фавқулодда ва ҳолати ҷангӣ пароканда намешаванд.

## БОБИ ЧАҲОРУМ

## ПРЕЗИДЕНТ

**Моддаи 64.** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст.

Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ,

ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

**Моддаи 65.** Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 7 сол интихоб менамоянд.

Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, метавонад ба номзадии Президент пешниҳод гардад.

Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд.

Як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду мӯҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад.

**Моддаи 66.** Интихоботи Президент вақте боэътимод шумурда мешавад, ки дар он аз нисф зиёди интихобкунандагон ширкат варзида бошанд.

Номзаде Президент интихобшуда ҳисоб меёбад, ки ба тарафдории ӯ бештар аз нисфи интихобкунандагони ширкатварзида овоз дода бошанд.

Тартиби интихоби Президентро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

**Моддаи 67.** Президент пеш аз шурӯъи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунад:

"Ман, ҳамчун Президент савганд ёд мекунам, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро ҳимоя менамоям, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандонро кафолат медиҳам, сарзамин, истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро ҳифз мекунам, ба халқ содиқона хидмат менамоям".

Ваколати Президент баъд аз савганд ёд кардани Президенти нав қатъ мегардад.

**Моддаи 68.** Президент наметавонад вазифаи дигарро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад.

**Моддаи 69.** Салоҳияти Президент:

1. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;

2. Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;

3. Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад;

4. Сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин ва озод мекунад;

фармон дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

5. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пепшиҳод менамояд;

6. Санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад;

7. Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад ва фармонро ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

8. Номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд;

9. Бо ризоияти Маҷлиси миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад;

10. Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад;

11. Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад;

12. Шӯрои адлияро таъсис медиҳад;

13. Судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо бо пешниҳоди Шӯрои адлия таъин ва озод мекунад;

14. Раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад;

15. Ба қонунҳо имзо мегузорад;

16. Низоми пулиро муайян менамояд ва маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

17. Ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ мебошад;

18. Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, қарордодҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

19. Сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъин ва озод мекунад;

20. Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд;

21. Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад; фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад;

22. Ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад;

23. Барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад;

24. Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулодда эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад;

25. Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад;

26. Паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад;

27. Масаълаҳои бахшиши ҷазоро ҳал мекунад;

28. Бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз мегардонад;

29. Шаҳрвандонро бо мукофотҳои давлатӣ, ҷоизаҳои давлатӣ, нишонҳо ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон сарфароз мегардонад;

30. Ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамояд.

**Моддаи 70.** Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад, дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад, масъалаҳоеро, ки заруру муҳим мешуморад, ба муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

**Моддаи 71.** Ҳангоми вафот, истеъфо ва ғайри қобили амал донистани Президент вазифаи ӯ то ба вазифааш шурӯъ намудани Президенти нав ба зиммаи Раиси Маҷлиси миллӣ мегузарад. Дар ин маврид ваколати Раиси Маҷлиси миллӣ ба зиммаи муовини якуми ӯ мегузарад.

Дар ҳолатҳои зикршуда дар мӯҳлати се моҳ интихоботи Президент гузаронида мешавад.

Ваколатҳои Президент дар ҳолате, ки ӯ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар бораи ба истеъфо баромаданаш хабар медиҳад, бо тарафдории аксарияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, қатъ карда мешавад.

Дар сурате, ки Президент бинобар бемории вазифаҳои худро иҷро карда натавонад, ҳар ду Маҷлис дар ҷаласаи якҷояи худ дар асоси хулосаи комиссияи тиббии давлатии ташкил кардаашон, дар бораи пеш аз мӯҳлат аз мансаб озод намудани Президент бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳои шумораи умумии аъзо ва вакилони ҳар яке аз Маҷлисҳо қарор қабул мекунанд.

**Моддаи 72.** Президент ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад.

Дахлнопазирии Президент дар сурати аз тарафи ӯ содир шудани хиёнат ба давлат дар асоси хулосаи Суди конститутсионӣ ва бо тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, бекор карда мешавад.

## БОБИ ПАНҶУМ

## ҲУКУМАТ

**Моддаи 73.** Ҳукумати Ҷумҳури аз Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

Ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад.

Аъзои Ҳукумат наметавонанд вазифаи дигареро иҷро намоянд, вакили мақомоти намояндагӣ бошанд, ба соҳибкорӣ машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омузгорӣ.

**Моддаи 74.** Ҳукумат мувофиқи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад, ки иҷрои онҳо дар қаламрави Тоҷикистон ҳатмист.

Ҳукумат ваколаташро дар назди Президенти навинтихобшуда вомегузорад.

Ҳукумат дар мавриди ғайри имкон донистани иҷрои фаъолияти мӯътадили худ метавонад ба Президент аз хусуси истеъфо арз намояд. Ҳар як узви Ҳукумат ҳуқуқи истеъфо дорад.

Тартиби ташкил, фаъолият ва салоҳияти Ҳукуматро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

**Моддаи 75.** Ҳукумат барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ ва ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳо, лоиҳаи буҷети давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири қасри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

## БОБИ ШАШУМ

## ҲОКИМИЯТИ МАҲАЛЛӢ

**Моддаи 76.** Ҳокимияти маҳаллӣ аз мақомоти намояндагӣ ва иҷроия иборат буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунад. Онҳо иҷрои Конститутсия, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд.

**Моддаи 77.** Мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси вакилони халқ аст, ки онро раис роҳбарӣ мекунад. Мӯҳлати ваколати Маҷлиси вакилони халқ 5 сол аст.

Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои онро тасдиқ мекунад, роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳалро муайян менамояд, андоз ва пардохти маҳаллиро мувофиқи қонун муқаррар мекунад, дар доираи

қонун тарзи идора ва ихтиёрдории моликияти коммуналиро муайян менамояд ва ваколатҳои дигареро амалӣ месозад, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

**Моддаи 78.** Ҳокимияти иҷроияро дар маҳал намояндаи Президент - раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия амалӣ мегардонад.

Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияро дар воҳидҳои маъмурию марзи Раис сарварӣ мекунад.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Президент таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд.

Раис дар назди мақомоти болоӣ ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор масъул аст.

Тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд.

**Моддаи 79.** Мақомоти намояндагӣ ва раис дар доираи салоҳияти худ санадҳои ҳуқуқӣ қабул мекунанд, ки иҷрояшон дар он қаламрав ҳатмист.

Дар сурати бо Конститутсия ва қонун мувофиқат накардани санадҳои мақомоти намояндагӣ ва раис онҳо аз тарафи мақомоти болоӣ, худи ин мақомот, раис ва ё суд бекор карда мешаванд.

**Моддаи 80.** Дар сурати талаботи Конститутсия ва қонунро мунтазам иҷро накардани Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси миллӣ метавонад онро пароканда намояд.

## БОБИ ҲАФТУМ

## ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

**Моддаи 81.** Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қисми таркибӣ ва ҷудонопазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бе ризоияти Маҷлиси вакилони халқи вилоят тағйир дода намешавад.

**Моддаи 82.** Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад.

**Моддаи 83.** Салоҳияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ваколатҳои дигари вилоятро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад.

## БОБИ ҲАШТУМ

## СУД

**Моддаи 84.** Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд.

Тарзи ташкил ва фаъолияти судро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

Мӯҳлати ваколати судяҳо 10 сол аст.

Ташкили суди фавқулодда манъ аст.

**Моддаи 85.** Ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоят ва шаҳри Душанбе ҳуқуқшиносе интихоб ва таъин мешавад, ки синни ӯ аз 30-сола кам ва аз 65 зиёд набошад, ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

Ба вазифаи судяҳои шаҳр ва ноҳия, Суди ҳарбӣ, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе таъин мешавад, ки синни ӯ аз 25 кам ва аз 65 зиёд набошад, ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

**Моддаи 86.** Судяҳои Суди ҳарбӣ, судяҳои Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр

ва ноҳия, судяҳои Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанберо бо пешниҳоди Шӯрои адлия Президент таъин ва озод мекунад.

**Моддаи 87.** Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст.

**Моддаи 88.** Судяҳо парвандаҳоро ба таври дастҷамъӣ ва ё танҳо баррасӣ мекунанд.

Мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад.

Мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Мурофиа ба забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал баргузор мегардад. Шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд, бо тарҷумон таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 89.** Суди конститутсионӣ аз 7 нафар иборат буда, яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ ҳуқуқшиносе интихоб мешавад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 65 зиёд набошад ва беш аз 10 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

Салоҳияти Суди конститутсионӣ:

1) муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия;

2) ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо;

3) иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Санадҳои Суди конститутсионӣ қатъист.

**Моддаи 90.** Судя наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул гардад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

**Моддаи 91.** Судя ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад. Ӯро бе ризоияти мақомоте, ки интихоб ё таъин кардааст, ҳабс кардан ва ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидан мумкин нест. Судяро дастгир кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир кардани ӯ ҳангоми содири ҷиноят.

**Моддаи 92.** Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад.

Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад.

## БОБИ НӮҲУМ

## ПРОКУРАТУРА

**Моддаи 93.** Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд.

**Моддаи 94.** Низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи Тоҷикистонро Прокурори генералӣ сарварӣ мекунад. Прокурори генералӣ дар назди Маҷлиси миллӣ ва Президент масъул аст.

**Моддаи 95.** Прокурори генералии Тоҷикистон ба мӯҳлати 5 сол таъин мешавад.

Прокурори генералӣ прокурорҳои тобеи худро таъин ва озод мекунад. Мӯҳлати ваколати прокурорҳо 5 сол аст.

Фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро қонуни конститутсионӣ танзим мекунад.

**Моддаи 96.** Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд.

**Моддаи 97.** Прокурор наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

## БОБИ ДАҲУМ

## ТАРТИБИ ТАҒЙИРИ КОНСТИТУТСИЯ

**Моддаи 98**. Тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад.

Раъйпурсиро Президент ва ё Маҷлиси намояндагон бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон таъин мекунанд.

**Моддаи 99.** Тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзо ва вакилони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд.

Пешниҳоди тағйиру иловаҳои Конститутсия се моҳ пеш аз раъйпурсӣ дар матбуот чоп мешавад.

**Моддаи 100.** Шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд.

## МУҚАРРАРОТИ ИНТИҚОЛӢ

1. Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз эълони натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ ва аз рӯзи интишори расмиаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

2. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки то ворид намудани "Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон" амал мекарданд, дар он қисме, ки ба тағйиру иловаҳо мухолиф нестанд, амал мекунанд.

3. Интихоби пай дар пайи Президент барои ду мӯҳлат, ки дар қисми чоруми моддаи 65 пешбинӣ шудааст, баъд аз ба охир расидани ваколати Президенти амалкунанда оғоз меёбад.

4. Судяҳои ҳамаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то эътибор пайдо кардани "Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон" интихоб ва ё таъин шудаанд, ваколати худро то анҷоми мӯҳлаташон нигоҳ медоранд. Баъд аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани тағйиру иловаҳо судяҳо ба мӯҳлати 10 сол интихоб ва ё таъин мешаванд.

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи хизмати давлатӣ»

*(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №3, мод. 166; соли 2007, №6, мод. 429; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2010, №603, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, №741)*

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

### Боби 1. Муқаррароти умумӣ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **дастгоҳи давлатӣ** - низоми мақомоти давлатӣ, ки фаъолияти он барои амалӣ намудани вазифа, функсия ва сиёсати давлат равона шудааст;
– **мақоми давлатӣ** - ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимиятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд;
– **мансаби давлатӣ** - воҳиди сохтории мақоми давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти муқарраркардаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ таъсис дода шудааст;
– **мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ** - мансабҳое, ки Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ муқаррар намудаанд;
– **мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ (мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ)** - мансабҳое, ки бо тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии

ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудаанд;

- **хизмати давлатӣ (хизмати давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ)** - фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст;
- **хизматчии давлатӣ** - шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст;
- **хизматчии давлатии сиёсӣ** - хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад;
- **хизматчии давлатии маъмурӣ** - хизматчии давлатӣ, ки ӯҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст;
- **шахси мансабдори давлатӣ** - шахсе, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва мансабҳои давлатии хизмати давлатиро барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол менамояд;
- **феҳристи мансабҳои давлатӣ** - номгӯи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар басти кории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ пешбинӣ гардидааст;
- **феҳристи хизматчиёни давлатӣ** - махзани ягонаи маълумот ва иттилоот оид ба теъдоди умумӣ ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатии дастгоҳи давлатӣ, ки дар асоси шарҳи ҳол ва фаъолияти касбии хизматчиёни давлатии алоҳида тартиб дода шуда, ба маълумоти дорои сирри давлатӣ ва хизматӣ мансубанд;

– **талаботи тахассусӣ** - талаботе, ки бо мақсади муайян кардани тайёрии касбӣ ва мувофиқат ба мансаби мушаххаси давлатии хизмати давлатӣ ба шаҳрвандон ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтари давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад;
– **категорияи мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ** - мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, ки вобаста ба ҳаҷм, хусусият ва доираи ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ тасниф мешаванд;
– **ӯҳдадориҳои мансабӣ** - ӯҳдадориҳои пешбининамудаи мансаби муайяни давлатӣ, ки ҷавобгӯи мақсад ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ буда, хизматчии давлатӣ дар доираи меъёрҳои муқарраркардаи қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иҷро мекунад.
– **бархӯрди манфиатҳо** - ҳолате, ки хизматчии давлатӣ дар ҷараёни иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ зери таъсири манфиатҳои шахсӣ қарор гирифта, қарорҳои ба манфиати давлат мухолифро қабул менамояд;
– **манфиати давлатӣ** - манфиатдории умумии ҷомеа, ки бо роҳи қабули қарорҳои беғаразона ва қонунӣ аз тарафи шахсони мансабдори давлатӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ амалӣ карда мешавад;
– **манфиати шахсӣ** - фоидаи моддӣ ё фоидаи дигаре, ки хизматчии давлатӣ бевосита ё бавосита барои худ ё барои шахсони сеюм дар натиҷаи иҷро намудани ӯҳдадориҳои мансабии худ кӯшиши гирифтан мекунад ё мегирад;
– **озмун** - тартиби интихоби номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ бо роҳи муайян намудани дараҷаи мутобиқати онҳо ба талаботи тахассусии мансаби ишғолшаванда;
– **аттестатсия** - тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ;
– **баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ** - тартиби муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти хизматчии давлатӣ бо роҳи гузаронидани сӯҳбат дар бораи

нишондиҳандаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, дараҷаи комёб шудан ба натиҷаҳои пешбинишудае, ки ба мақсаду вазифаҳои мақоми давлатӣ ва воҳиди сохтории он мувофиқат мекунад;

– **дастурамали мансабӣ** - санаде, ки номгӯи мансаби давлатӣ, талаботи тахассусии мушаххас нисбат ба ишғолкунандагони мансаби мазкур ӯҳдадориҳои мансабӣ, ҳуқуқ ва масъулияти хизматчии давлатиро пешбинӣ мекунад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2010 №603).

**Моддаи 2. Ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ**

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд.

**Моддаи 3. Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ**

Самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи хизмати давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 4. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 5. Низоми хизмати давлатӣ**

1. Ба низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

– хизмати давлатии шаҳрвандӣ;
– хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
– хизмати давлатии ҳарбӣ.

2. Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ аз хизмати давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ иборат мебошад ва тибқи Қонуни мазкур ба амал бароварда мешавад.

Намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо назардошти ***принсипҳои асосӣ*** ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим даровarда мешаванд.

3. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида мешавад.

4. Хизмати давлатии ҳарбӣ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад.

5. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо назардошти принсипҳо ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим даровarда мешаванд.

6. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизмати давлатии ҳарбӣ ва намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар қисме, ки бо қонунгузории соҳавӣ ба танзим даровarда нашудааст, бо Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тибқи Қонуни мазкур қабул карда шудаанд, ба танзим даровarда мешаванд.

**Моддаи 6. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Амали Қонуни мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро дар мақомоти зерини давлатӣ ишғол менамоянд, татбиқ мегардад:

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дастгоҳҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ (барои хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ);
- дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ);
- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ба хизматчиёни давлатии маъмурӣ инчунин шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот баробар карда мешаванд, ки номгӯи мансабҳои онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

3. Амали Қонуни мазкур нисбат ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои зерини давлатӣ татбиқ намегардад:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раис, муовинони раис, судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе;
- кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ;
- ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ;
- кормандони дигар сохторҳои давлатие, ки дар қисми якуми ҳамин моддаи Қонуни мазкур номбар нашудаанд.

**Моддаи 7. Принсипҳои асосии хизмати давлатӣ**

1. Хизмати давлатӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ягонагии низоми хизмати давлатӣ, новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ;
- садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон;
- инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ;
- хусусияти дунявӣ доштани хизмати давлатӣ;
- ғайриҳизбӣ будани хизматчиёни давлатии мақомоти дахлдори давлатӣ, ки тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд;
- шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ҷуз фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад;
- касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ;
- ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ;
- ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ;
- устувории ҳайати шахсии мақоми давлатӣ;
- баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ;
- баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ.

2. Хизмати давлатӣ инчунин ба дигар принсипҳо, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд, асос ёфта метавонад.

**Моддаи 7[1]. Одоби хизматчии давлатӣ**

1. Одоби хизматчии давлатӣ бо Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, сатҳи дониш, қобилияту истеъдод, ҳадди муошират, қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчии давлатиро танзим менамояд.

2. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад ва ба роҳбарӣ гирифтани қоидаҳои он

ӯҳдадории хизматчии давлатӣ буда, риоя накардани он боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

**Моддаи 8. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ**

1. Барои татбиқи сиёсати ягонаи хизмати давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ таъсис дода мешавад, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

2. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ:

- иҷрои Қонуни мазкурро дар доираи салоҳияти худ таъмин менамояд;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро таҳия намуда, бо тартиби муқarrаргардида ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- ба фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ назорат мекунад ва оид ба бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи қонунгузории ҷумҳурӣ қабул гардидаанд, пешниҳод ирсол менамояд;
- дар доираи салоҳияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро қабул менамояд;
- роҳбарии методии хадамоти кадрии мақомоти давлатиро амалӣ намуда, Низомномаи намунавии хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- якҷоя бо мақомоти омори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли ҳисоботи омории соҳаи хизмати давлатиро муқаррар ва дастурамали тартиб додани онҳоро тасдиқ менамояд;
- маълумоти омори давлатиро оид ба соҳаи хизмати давлатӣ ҷамъ, коркард ва нашр менамояд;
- тартиби анҷом додани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия ва ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатиро назорат ва роҳбарии методии онро амалӣ менамояд;

– фармоиши давлатии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро таҳия намуда, фаъолияти мақомоти давлатиро дар ин самт ҳамоҳанг менамояд;
– Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
– Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пеш мебарад;
– мониторинги ҳолати кадрҳои хизмати давлатӣ ва захираи кадрҳоро мегузаронад ва эҳтиёҷоти мақомоти давлатиро оид ба кадрҳо пешбинӣ менамояд;
– ҳуқуқу манфиатҳои хизматчиёни давлатиро ҳифз менамояд;
– талаботи тахассусиро нисбат ба категорияҳои хизматчиёни давлатии маъмурӣ таҳия ва тасдиқ мекунад;
– махзани маълумоти захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тартиб медиҳад;
– дар таҳия ва татбиқи амалии барномаҳои давлатӣ оид ба такмил додан ва баланд бардоштани нақши хизмати давлатӣ иштирок менамояд;
– барои бекор кардани санадҳои мақомоти давлатӣ, ки талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро вайрон мекунанд, ба суд муроҷиат менамояд;
– якҷоя бо мақомоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи бемориҳоеро, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд, таҳия ва тасдиқ менамояд.
– оид ба такмили низоми пардохти музди меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;
– дар таҳияи лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои хизмати давлатӣ иштирок менамояд;
– салоҳияти дигареро, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, амалӣ менамояд.

3. Низомнома ва сохтори мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

4. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба хизмати давлатӣ қабулнамудаи худро шарҳ медиҳад, дар хусуси тартиби татбиқи хизмати давлатӣ тавсия ва дастурҳои методӣ таҳия ва пешниҳод карда, ахбор нашр менамояд.

5. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, вазифадоранд вобаста ба масъалаҳои соҳаи хизмати давлатӣ бо дархости хаттии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ иттилооти заруриро пешниҳод намоянд.

## Боби 2. Ташкил ва адои хизмати давлатӣ

### Моддаи 9. Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷой ва нақши мақоми давлатӣ дар низоми мақомоти давлатӣ, амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои давлат, татбиқи салоҳияти мақомоти давлатӣ, хусусияти ваколати мансабҳои мушаххас ва аҳамияти онҳо дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим мешаванд.

2. Таснифи хизматчиёни давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад, ки он аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

### Моддаи 10. Феҳристи мансабҳои давлатӣ ва категорияҳои мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ

1. Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ ташкил медиҳанд.

2. Барои хизматчиёни давлатии сиёсӣ категорияи мансабҳои давлатӣ муқаррар карда намешавад.

3. Барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ категорияи мансабҳои давлатии зерин муқаррар карда мешавад:

– категорияи олӣ;
– категорияи якум;
– категорияи дуюм;
– категорияи сеюм;

- категорияи чорум;
- категорияи панҷум;
- категорияи шашум;
- категорияи ҳафтум.

4. Таснифи мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ба категорияҳо дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда мешавад.

**Моддаи 11. Талаботи тахассусӣ нисбати довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ**

1. Бо мақсади таъмини салоҳияти мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатӣ ва ***мувофиқати*** хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ талаботи тахассусӣ муқаррар карда мешавад.

2. Талаботи тахассусӣ меъёри асосии хоста гирифтан, ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ ва омили муайянкунандаи фаъолияти хизматчии давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

3. Ба талаботи тахассусӣ, ки ба шахсони довталаби мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод мегарданд, дохил мешаванд:

- таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ бо назардошти ихтисос ва категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;
- собиқаи умумӣ ва таҷрибаи кор аз рӯи ихтисос;
- собиқаи хизмати давлатӣ;
- донистани забони давлатӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011 №741);
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд.

4. Сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ муайян карда мешавад.

5. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд нисбат ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ талаботи дигари тахассусӣ муқаррар намоянд.

**Моддаи 12. Ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ**

1. Ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ шахсоне мебошанд, ки ба хизматрасонии техникӣ, хоҷагӣ, молиявӣ, дигар таъминоти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ машғуланд.

2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мансабии онҳо мувофиқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ мушаххас муайян карда мешаванд.

3. Номгӯи чунин мансаб ва касбҳо бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 13. Қабул шудан ба хизмати давлатӣ**

1. Ба хизмати давлатии сиёсӣ қабул шудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Ба хизмати давлатии маъмурӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 18 расидаанд, ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд, метавонанд қабул шаванд.

3. Ҳангоми ба хизмати давлатии маъмурӣ қабул шудан шаҳрвандон ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 32 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

– аризаи шахсӣ;
– маълумот аз мақомоти дахлдор оид ба андоз аз даромад ва вазъи молумулкии хизматчии давлатӣ;
– маълумоти тиббӣ дар бораи вазъи саломатӣ;
– ҳуҷҷатҳои дигаре, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусияти мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешбинӣ намудаанд.

4. Шаҳрванд ба хизмати давлатӣ дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ қабул мегардад, ки намунаи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

**Моддаи 14. Делои шахсии хизматчии давлатӣ**

1. Рафти адои хизмати давлатӣ дар делои шахсии хизматчиёни давлатӣ қайд карда мешавад. Делои шахсии хизматчиёни

давлатӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақоми дахлдори давлатӣ тартиб дода мешавад.

2. Тартиби пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатиро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ муайян менамояд.

**Моддаи 15. Савганди хизматчии давлатӣ**

1. Шаҳрванде, ки бори аввал ба хизмати давлатии маъмурӣ қабул мешавад, дар ҳузури кормандони мақомоти давлатӣ ботантана савганд ёд менамояд, ки матни он чунин аст:

«Ман (ному насаб), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хизмати давлатӣ қабул шуда, ботантана ва бо ҳисси масъулияти баланди ватандӯстӣ савганд ёд мекунам:

- адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда,
- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда,
- дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ гирифта,
- тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат намуда,
- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром намуда, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ ҳисоб мекунам.

Барои вайрон намудани савганди ёдкардаам худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобам».

2. Шахси савгандёдкарда матни савгандро бо имзои шахсии худ тасдиқ ва санаи қабули онро сабт менамояд. Матни савганд дар делои шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

3. Матни савганди хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳарбӣ тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 16. Ҳолатҳое, ки ба хизмати давлатӣ қабул намудани шаҳрванд ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатиро истисно мекунанд**

Шаҳрванд дар ҳолатҳои зерин наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад ва ҳамчун хизматчии давлатӣ дар хизмати давлатӣ бошад:

– саркашӣ кардан аз адои ба расмият даровардани иҷозат ба маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегирад, агар иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ба истифодаи ин маълумот вобастагӣ дошта бошад;
– агар шаҳрвандии ду ва зиёда давлатро дошта бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки шартномаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд;
– мавҷудияти беморӣ, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизмати давлатӣ монеа мегардад;
– саркашӣ кардан аз пешниҳоди маълумоте, ки дар моддаи 31 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст;
– доғи судӣ доштан;
– ҳолатҳои дигаре, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

**Моддаи 17. Санҷиши маълумоте, ки аз тарафи шаҳрванд пешниҳод карда мешавад**

1. Маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми ҳалли масъалаи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин шудани ӯ мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

2. Агар санҷиш ҳолатҳои барои ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин шудани шаҳрванд монеъшавандаро ошкор намояд, ба ӯ дар бораи радкунии таъин ба мансаби давлатӣ ва сабабҳои он хаттӣ хабар дода мешавад.

3. Тартиби санҷиши маълумоти аз тарафи шаҳрванд пешниҳодшавандаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 18. Озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ**

1. Ишғол намудани мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ бо роҳи озмун сурат мегирад.

2. Тартиби гузаронидани озмун ва намудҳои онҳо Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар мекунад.

3. Ишғоли мансабҳои категорияи олӣ бе озмун сурат мегирад. Дигар ҳолатҳои бе озмун ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тибқи Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ муайян карда мешаванд.

**Моддаи 19. Таҳсили хизматчиёни давлатӣ**

1. Таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ ба амал бароварда шуда, дар шакли тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ сурат мегирад.

2. Тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин талаботи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

3. Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 20. Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ**

1. Бо мақсади муайян кардани мувофиқат ба мансаби ишғолнамуда ва таъмини болоравии касбӣ аттестатсияи хизматчии давлатии маъмурӣ (ба истиснои хизматчиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол мекунанд) гузаронида мешавад.

2. Тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмуриро Низомнома, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян менамояд.

**Моддаи 20[1]. Баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ**

1. Бо мақсади назорати мунтазами рафти адои хизмати давлатӣ ва ҷамъ намудани иттилоот дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ дар охири ҳар сол баҳодиҳии натиҷаи фаъолияти хизматчии давлатӣ гузаронида мешавад.

2. Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

**Моддаи 21. Рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ**

1. Барои хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рутбаҳои тахассусӣ муқаррар карда мешаванд.

2. Тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусиро Низомнома муайян менамояд, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

**3.** Тартиби баробар донистани рутбаҳо ва унвонҳои ҳарбӣ, дипломатӣ ва махсус ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад**.**

**Моддаи 22. Феҳристи хизматчиёни давлатӣ**

1. Феҳристи хизматчиёни давлатӣ маълумотро дар бораи хизматчиёни давлатӣ дар бар мегирад.

2. Тартиби пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатиро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ муайян менамояд.

**Моддаи 23. Асосҳои қатъ шудани хизмати давлатӣ**

1. Хизмати давлатӣ ғайр аз асосҳои пешбиникардаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавридҳои зерин қатъ мегардад:

- истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ;
- расидан ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ;
- қатъ шудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вайрон намудани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2007 №273);
- нисбати хизматчии давлатӣ бароварда шудани ҳукми айбдоркунии суд ва эътибори қонунӣ пайдо кардани он;
- риоя накардани маҳдудиятҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст;
- ҳолатҳои дигаре, ки Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

2. Аз мансаби давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин ва озод карданро дорад,

мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

3. Дар сурати норизо будани хизматчии давлатӣ аз озод намуданаш аз мансаби давлатӣ ӯ ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд.

**Моддаи 24. Синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан**

Синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан барои занон то 58-солагӣ ва барои мардон то 63-солагӣ мебошад. Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад баъди мувофиқа бо мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ бо қарори худ мӯҳлати дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатии ба синни ниҳоӣ расидаро то ду сол дароз намояд. Дар ин сурат бо хизматчии давлатӣ шартномаи (қарордоди) мӯҳлатноки меҳнатӣ баста мешавад.

**Моддаи 25. Истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ**

1. Истеъфо қатъ ёфтани хизмати давлатӣ мувофиқи аризаи хаттии хизматчии давлатии сиёсӣ буда, асоси он монеаи сиёсӣ барои минбаъд ишғол намудани мансаби сиёсии хизмати давлатӣ мебошад.

2. Истеъфо аз тарафи мақоми давлатии ваколатдор қабул ё рад карда мешавад. Дар сурати рад кардани истеъфо хизматчии давлатии сиёсӣ бояд иҷрои ӯҳдадориҳои мансабиашро давом диҳад ва ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи бо хоҳиши худ аз мансаби сиёсии хизмати давлатӣ озод карданаш муроҷиат намояд.

**Моддаи 26. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ**

1. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ бо мақсади таъмини хизмати давлатӣ бо кадрҳо, болоравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, сари вақт ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ ташкил карда мешавад.

2. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ аз ҳисоби мутахассисони босалоҳият, ташаббускор, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва малакаи идоракунӣ ташаккул меёбад.

3. Тартиби ташаккул ва кор бо захираи кадрҳои хизмати давлатиро Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар менамояд.

**Моддаи 26[1]. Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ**

1. Дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи самараноки маҳорати касбии хизматчиёни давлатӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад.

2. Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

## Боби 3. Вазъи ҳуқуқии хизматчии давлатӣ

**Моддаи 27. Ҳуқуқҳои хизматчии давлатӣ**

1. Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад:

- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасии масъалаҳо ва қабули қарор иштирок намуда, иҷрои онҳоро аз тарафи мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдор талаб намояд;
- иттилоот ва маводи барои иҷрои ваколат ва ӯҳдадориҳои мансабиаш заруриро бо тартиби муқарраргардида талаб карда гирад;
- муайян намудани доираи ӯҳдадориҳои мансабиашро аз роҳбари худ талаб намояд;
- ба тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии дахлдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ фаро гирифта шавад;
- ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад;
- бо маводе, ки ба адои хизмати давлатии ӯ дахл дорад, бемамоният шинос шавад;
- дар хизмати давлатӣ, бо назардошти тахассус, қобилияти касбӣ ва сатҳи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии худ, баланд равад;
- дар сурати айбдоркунии беасос гузаронидани санҷиши хизматиро талаб намояд;

- бо ташаббуси худ фаъолиятро дар хизмати давлатӣ қатъ намояд;
- тибқи талаботи қонунгузорӣ бо нафақа таъмин гашта, аз ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бархурдор бошад;
- оид ба такмили хизмати давлатӣ ба мақоми давлатие, ки дар он фаъолият мекунад, инчунин ба мақомоти давлатии болоӣ ва шахсони мансабдори он таклиф пешниҳод намояд.

2.Ҳуқуқҳои хизматчиёни давлатии сиёсӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муайян карда мешаванд.

**Моддаи 28. Ӯҳдадориҳои асосии хизматчии давлатӣ**

1. Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст:

- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;
- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд;
- мурочиати шаҳрвандонро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ намуда, аз рӯи онҳо чораҳои дахлдор андешад;
- интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд;
- меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури фаъолияти худ қарор дода, ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳоро ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ истисно намояд;
- фармон ва амрҳои роҳбарон, қарор ва дастури мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо дода шудаанд, иҷро намояд;
- сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунҳо ҳифзшавандаро, аз ҷумла баъди қатъи хизмати давлатӣ, дар давоми мӯҳлати муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дорад;
- ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ маълумотро дар бораи ҳаёти шахсӣ, шаъну шарафи шаҳрвандон махфӣ нигоҳ дорад, аз онҳо пешниҳод намудани чунин маълу-

мотро талаб накунад (ба истисноi мавридҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- ҳифзи моликияти давлатиро таъмин намояд;
- агар манфиати шахсии хизматчии давлатӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ монеа гардад, ё ба манфиати давлатӣ мухолифат кунад ва ё боиси дигар ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо гардад, бояд ба роҳбари мақоми давлатӣ, ки барои таъин ва озод намудани ӯ аз мансаб салоҳият дорад, хабар диҳад;
- сатҳи касбӣ ва тахассусии худро барои иҷрои самаранокии ӯҳдадориҳои мансабӣ баланд бардорад;
- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур савганд ёд кунад.

2. Ӯҳдадориҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ, ки аз ӯҳдадориҳои асосӣ бармеоянд, тибқи талаботи тахассусӣ муайян карда шуда, дар дастурамалҳои мансабие, ки аз тарафи роҳбарони мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ карда мешаванд, инъикос мегарданд. Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда мешаванд.

3. Ӯҳдадориҳои хизматчиёни давлатии сиёсӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 29. Ӯҳдадориҳои иловагии хизматчии давлатии маъмурӣ**

1. Бо розигии хизматчии давлатии маъмурӣ ва роҳбари мақоми давлатӣ мумкин аст ба зиммаи хизматчии давлатии маъмурӣ иҷрои ӯҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ вогузошта шавад.

2. Ҳаҷми пардохти иловапулиро барои иҷрои ӯҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

**Моддаи 30. Маҳдудиятҳо вобаста ба хизмати давлатӣ**

Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад:
- бе иҷозати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофот, унвонҳои фахрӣ ва махсуси давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро қабул намояд;

– ҳангоми иҷрои ваколатҳои мансабӣ аз хизматрасониҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба манфиати шахсӣ истифода барад;
– дар дигар амалҳо, аз ҷумла корпартоиҳо, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои мансабиро халалдор месозанд, иштирок намояд;
– дигар маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон намояд.

**Моддаи 31. Маълумот дар бораи даромад ва вазъи молумулкии хизматчии давлатӣ**

1. Шаҳрванд ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ ӯҳдадоранд, ки ҳар сол ба мақоми андози маҳалли зист эъломия оид ба андоз аз даромад ва ба мақоми давлатии ҷои кор эъломия оид ба вазъи молу мулк пешниҳод намоянд.

2. Намуди даромад, намуд ва номгӯи молу мулк, инчунин тартиб ва мӯҳлати пешниҳод намудани эъломияҳои дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

3. Пешниҳод накардани эъломияҳо ё дар онҳо нишон додани маълумоти бардурӯғ барои ба хизмати давлатӣ қабул нагаштани шаҳрванд ё аз хизмати давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ асос шуда метавонад.

4. Мазмуни эъломияҳо, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, набояд ошкор карда шавад.

**Моддаи 32. Ҷавобгарии интизомии хизматчии давлатӣ**

1. Роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намуданро дорад, ба хизматчии давлатӣ барои кирдори интизомии содирнамудааш муҷозоти зерини интизомиро татбиқ менамояд:
– сарзаниш;
– танбеҳ;
– то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ;
– ба мансаби паст гузаронидан;
– аз мансаб озод кардан.

2. Бо мақсади ҷамъ овардан ва санҷиши маълумот дар бораи кирдори интизомии содирнамудаи хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ санҷиши хизматӣ таъин карда мешавад. Санҷиши хизматӣ метавонад бо талаби хизматчии давлатӣ низ гузаронида шавад.

3. Тартиби гузаронидани санҷиши хизматӣ ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчии давлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 33. Муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ**

1. Хизматчии давлатӣ бояд дар доираи ваколат ва ӯҳдадориҳои мансабӣ амал намояд.

2. Дар сурати ба қонунӣ будани фармон ва ё амри барои иҷро гирифташуда шубҳа пайдо кардани хизматчии давлатӣ, ӯ бояд ба таври хаттӣ фавран ба роҳбари бевоситааш муроҷиат намояд. Агар роҳбари бевосита ё шахси мансабдори болоӣ дурустии фармон ва ё амри додашударо хаттӣ тасдиқ намояд, хизматчии давлатӣ вазифадор аст онро иҷро намояд, ба шарте ки он дорои оқибатҳои ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ набошад.

Масъулият барои оқибатҳои иҷрои фармон ё амр ва дастури ғайриқонунӣ дар ин ҳолат ба зиммаи шахси мансабдоре гузошта мешавад, ки онҳоро тасдиқ кардааст.

## Боби 4. Кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ

**Моддаи 34. Кафолатҳо барои хизматчии давлатӣ**

1. Ба хизматчии давлатӣ кафолатҳои зерин дода мешавад:

- шароити корӣ барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- музди меҳнат;
- рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва дигар рухсатиҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус бо нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар, бо тартиби муайяннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи таҳсил;

- суғуртаи ҳатмии давлатӣ барои беморӣ ё гум кардани қобилияти меҳнатӣ, фавт ё расондани зарар ба саломатӣ ва молу мулки ӯ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- таъмини нафақа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини нафақаи хизматчии давлатӣ дар ҳолати фавти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ, ки таҳти саробониаш қарор доранд;
- ҳатман гирифтани розигии хизматчии давлатӣ ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигар (ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- ҳимояи хизматчии давлатӣ, аъзои оила ва наздикони ӯ аз зӯроварӣ, таҳдид ва дигар кирдорҳои ғайриқонунии вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- таъмини имконияти баландравии мансабӣ;
- ҷуброни зарар ҳангоми пурра ё қисман гум кардани қобилияти меҳнатӣ;

2. Хароҷоти вобаста ба сафарҳои хизматӣ, гузаронидан ба мақоми давлатии воқеъ дар маҳалли дигар (вилоят, шаҳр, ноҳия), инчунин хароҷоти нақлиёт ва манзили хизматчии давлатӣ вобаста ба чунин гузариш ҷуброн карда мешаванд.

3. Хароҷот вобаста ба кафолатҳое, ки ҳамин модда пешбинӣ менамояд, аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор сурат мегирад.

4. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчии давлатӣ кафолатҳои дигарро низ пешбинӣ карда метавонанд.

5. Дар сурати вафоти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ дар ҳаҷми дувоздаҳ музди моҳонаи меҳнат аз ҷои кори охиринаш кӯмакпулии яквақта дода мешавад.

6. Дар сурати озод шудан аз мансаби давлатӣ, бинобар содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, хизматчии давлатӣ аз кафолатҳо ва ҷубронпулиҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ кардааст, маҳрум мегардад.

7. Иваз шудани роҳбари мақоми давлатӣ барои бо ташаббуси роҳбари нав қатъ шудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ асос шуда наметавонад, ба истиснои шартномаи (қарордоди) меҳнатие, ки бо хизматчиёни давлатии сиёсӣ баста мешаванд.

**Моддаи 35. Кафолати хизматчии давлатӣ дар мавриди барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ**

1. Ба хизматчии давлатӣ ҳангоми барҳам додани мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ бо назардошти дараҷаи тахассус, касб ва мансаби пеш ишғолнамудааш дар дигар мақоми давлатӣ мансаби давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад (агар бо розигии ӯ додани дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақоми давлатӣ ғайриимкон бошад).

2. Ба хизматчии давлатӣ, ки ҳангоми барҳам додани мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ аз мансаби давлатӣ озод шудааст:

- аз рӯи мансаби пеш ишғолнамудааш бе ҳисоби кӯмакпулии аз кор рафтан, дар давоми се моҳ музди меҳнат дода мешавад;
- кӯмакпулӣ барои бекорӣ дода мешавад;
- музди меҳнати пештараааш ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигари давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақом ё мақоми дигари давлатӣ дар давоми се моҳ нигоҳ дошта мешавад (агар музди меҳнати наваш назар ба маоши пештараааш кам бошад);
- хизматрасонии тиббӣ ба ӯ ва аъзои оилааш дар ҳамон муассисаи табобатӣ, ки то ба мансаби нави давлатӣ гузарониданаш расонида мешуд, нигоҳ дошта мешавад;
- дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатӣ (25 сол барои мардҳо, 20 сол барои занҳо) ва на камтар аз 10 сол собиқаи хизмати давлатӣ, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз мӯҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ ба нафақа бароянд.

3. Дар сурати набудани имконияти мувофиқи ихтисосаш ба дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ гузаронидани хизматчии давлатӣ ӯ то як сол дар мақоми давлатӣ, бо нигоҳ доштани собиқаи хизмати давлатӣ, дар захираи кадрҳо мемонад ва барои такмили ихтисосаш имконият фароҳам оварда мешавад.

**Моддаи 36. Музди меҳнати хизматчии давлатӣ**

1. Музди меҳнат бояд шароити моддии заруриро барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ фароҳам оварда, ба ӯ ва аҳли оилааш сатҳи муносиби зиндагиро таъмин намо-

яд, инчунин барои бо кадрҳои салоҳиятноку таҷрибанок таъмин намудани мақомоти давлатӣ мусоидат намуда, омили меҳнати поквиҷдонона ва ташаббускоронаи хизматчии давлатӣ бошад.

2. Музди меҳнати хизматчии давлатӣ аз маоши мансабӣ, иловапулиҳо ба маоши мансабӣ барои рутбаи тахассусӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ иборат мебошад.

3. Иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ бо назардошти иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ҳар моҳ ба андозаи муқаррааргардида пардохт карда мешавад.

4. Андозаи маоши мансабӣ, иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ, инчунин шартҳо ва тартиби пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 37. Собиқаи хизмати давлатӣ**

1. Ба собиқаи хизмати давлатӣ давраи фаъолияти шаҳрванд дар мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ, хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати ҳарбӣ, инчунин фаъолият дар мансабҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дохил мешавад.

2. Ба собиқаи хизмати давлатӣ метавонанд дигар давраҳои фаъолияти меҳнатии шаҳрванд низ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шаванд.

**Моддаи 38. Ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ**

1. Хизматчии давлатӣ барои дастовардҳои хизматӣ, хизмати бардавому бенуқсон, иҷрои супоришҳои махсусан муҳими давлатӣ ҳавасманд гардонида мешавад.

2. Намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва тартиби бо он сарфароз гардониданро қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

**Моддаи 39. Рухсатии хизматчии давлатӣ**

1. Ба хизматчии давлатӣ рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшаванда муқаррар карда мешавад.

2. Давомнокии рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшавандаи хизматчиёни давлатӣ чунин муқаррар карда мешавад:
- 35 рӯзи тақвимӣ - ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ;
- 30 рӯзи тақвимӣ - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи якум ва дуюм;
- 28 рӯзи тақвимӣ - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум;

3. Дар сурати 5, 10, 15 ва 20 сол будани собиқаи хизмати давлатӣ, ба мӯҳлати рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшаванда мувофиқан 3, 6, 10 ва 15 рӯзи тақвимӣ илова карда мешавад.

4. Рухсатии ҳарсола ва рухсатии иловагӣ ҷамъ карда мешавад ва бо хоҳиши хизматчии давлатӣ мумкин аст, ки қисм-қисм дода шавад. Давомнокии як қисми рухсатии асосӣ набояд аз 14 рӯзи тақвимӣ кам бошад.

5. Хизматчии давлатӣ дар давоми сол барои гирифтани рухсатии бемузди давомнокияш на бештар аз 60 рӯзи тақвимӣ ҳуқуқ дорад.

**Моддаи 40. Таъминоти иҷтимоии хизматчии давлатӣ**

1. Ба хизматчии давлатӣ бо тартиби муқарраршуда:
- аз фонди давлатӣ манзили истиқоматӣ дода мешавад;
- барои беҳтар кардани шароити манзил, сохтмони манзили шахсӣ ва ё кооперативӣ қитъаи замин ҷудо карда мешавад, ки тартиби ҷудо карда шудани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;
- барои харидан ё сохтмони манзил, инчунин беҳтар намудани шароити манзилӣ ба мӯҳлати то 20 сол қарзи бефоиз дода мешавад, ки шартҳо ва тартиби додани чунин қарзро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Ба хизматчии давлатии сиёсӣ ва хизматчии давлатии маъмурии категорияи олӣ илова ба майдони истиқоматӣ 20 метри мураббаъ барои ҳуҷраи корӣ дода мешавад.

3. Дар сурати на камтар аз 15 сол собиқаи бефосилаи хизмати давлатӣ доштани хизматчии давлатӣ хонаи истиқоматии дар фонди манзили давлатӣ ишғолкардааш (ба ғайр аз хонаҳои истиқоматии хизматӣ) ройгон ба моликияти ӯ дода мешавад.

**Моддаи 41. Таъмини нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо ба хизматчии давлатӣ**

1. Таъмини нафақаи хизматчиёни давлатӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ гардонида мешавад.

2. Хизматчии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба нафақа барои хизмати дарозмуддат ҳуқуқ дорад.

3. Ба хизматчии давлатӣ ҳангоми ба нафақа баромадан дар сурати доштани на камтар аз 15 соли собиқаи хизмати давлатӣ дар ҳаҷми музди меҳнати даҳмоҳа кӯмакпулии яквақта дода мешавад.

**Боби 5. Муқарароти хотимавӣ**

**Моддаи 42. Тартиби баррасии баҳсҳои меҳнатии хизматчиёни давлатӣ**

Хизматчиёни давлатӣ оид ба ҳалли баҳсҳои меҳнатиашон метавонанд ба суд муроҷиат намоянд.

**Моддаи 43. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсоне, ки муқарароти Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 44. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 «Дар бораи хизмати давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, моддаи 297; с. 2002, №4, қисми 1, моддаи 203; с. 2005, №7, моддаи 407; соли 2006, №3, моддаи 154) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 45. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. РАҲМОНОВ
ш. Душанбе, 5 марти соли 2007
№233

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»

*(Бо тағйиру иловаҳо аз 30 июли соли 2007 №296, аз 6 октябри соли 2008 № 419)*

Ҳамин Қонун ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти мӯътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1 . Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **коррупсия** – ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд;

– **истифодаи мақом ё имкониятҳои он** – истифодаи якдафъагӣ, такрорӣ ё мунтазами ваколатҳои хизматӣ ва суиистифодаи мансаб, инчунин барқарор намудани алоқаҳои устувори як ё якчанд шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кар-

дашуда бо шахсон ё гурӯҳҳои алоҳида бо мақсадҳои дар сархати 1 ҳамин модда номбаршуда, ки ба манфиатҳои давлат ва ҷамъият таҳдид мекунанд;

– **ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд** – ҳуқуқвайронкуниҳои бо ҳамин Қонун ва дигар қонунҳо пешбинишудае, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд меоваранд, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо коррупсия алоқаманд, ҳамчунин ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштае мебошанд, ки боиси ҷавобгарии бо қонун муқарраршудаи интизомӣ, маъмурӣ, ҳуқуқии граждани ва ҷиноӣ мегарданд;
– **субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд** – шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, шахсоне, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробар карда шудаанд, инчунин шахсоне, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда ғайриқонунӣ неъматҳои моддӣ ва ғайримоддиро пешниҳод менамоянд;
– **шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор** – шахсоне, ки мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансаби давлатии хизмати давлатиро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», аз ҷумла дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол мекунанд, ҳамчунин шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки ҳиссаи давлат дар моликияти онҳо на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ҳисобида мешаванд;
– **шахсоне, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробар карда шудаанд** –шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори ташкилотҳо новобаста аз тобеият ва шакли моликият, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ; шахсоне, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ба сифати номзад ба вазифаҳои давлатии интихобӣ ва аъзои мақомоти давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд; шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ, шахсони

воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд, ҳисобида мешаванд;

- **вазифаҳои давлатӣ** - вазифаҳое, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ба ваколатҳои давлат, мақомоти он ва шахсоне, ки мансабҳои давлатиро ишғол менамоянд, мансуб донистаанд;
- **хешовандони наздик** – зан (шавҳар), фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, инчунин падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан (шавҳар), қудоҳо, ҳамчунин дигар шахсоне, ки бо шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахси ба он баробар кардашуда якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амал мекунад.

2. Қонуни мазкур берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном гардидаанд, амал мекунад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

3. Ҳамин Қонун нисбати шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ё бо шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд, амал мекунад.

4. Мамониатҳои дохил шудан ба хизмати давлатӣ, маҳдудиятҳо, ӯҳдадориҳо, инчунин ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо ин Қонун барои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор пешбинишуда дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Қонун ба шахсоне, ки ба онҳо баробар карда шудаанд, татбиқ мегарданд.

5. Муқаррароти Қонуни мазкур оид ба манъи хизмати якҷояи хешовандони наздики дар сархати 4 қисми якуми моддаи 9, маҳдудиятҳои дар сархатҳои 1, 2, 3, 6, 7 ва 9 қисми 1 моддаи 10, ҳуқуқвайронкуниҳои дар сархатҳои 5, 6 ва 9 қисми 1 моддаи 11, сархатҳои 7, 12 ва 14 қисми 1 моддаи 12 ҳамин Қонун пешбинишуда нисбати шахсони мансабдори ташкилотҳои ба моликияти инфиродӣ ва оилавии шаҳрвандон таъсисгардида татбиқ намегарданд.

6. Нисбати шахсони мансабдори ташкилотҳои соҳаи кооператсияи матлубот, иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо), корхонаҳои иҷоравӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, фондҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар ташкилотҳои ба моликияти дастаҷамъии ғайриоилавӣ асосёфта, ки дар онҳо роҳбари ташкилот молик, муассис ё сармоягузори асосӣ намебошад қонуни мазкур ба истисноии муқаррароти сархатҳои 1, 2 ва 3 қисми 1 моддаи 10 татбиқ мегардад.

**Моддаи 4 . Принсипҳои асосии мубориза бар зидди коррупсия**

Мубориза бар зидди коррупсия, бо ба вуҷуд овардани шароити поктинатӣ барои шахсоне, ки дар сархати 4 моддаи 1 ҳамин Қонун номбар шудаанд, дар асоси принсипҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- танзими дақиқи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқвайронкунии бо коррупсия алоқаманд, қонуният ва ошкорбаёнӣ дар фаъолияти онҳо ва назорати давлативу ҷамъиятӣ аз болои ин субъектҳо;
- такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ ва тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл доранд;
- эътирофи раво будани маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда мутобиқи

моддаи 14 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия мутобиқи принсипҳои баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун ва суд;
– барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пешгирӣ намудан ва бархам додани оқибатҳои зарарноки ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;
– аз тарафи давлат муҳофизат намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, муқаррар намудани музди меҳнат ва имтиёзҳое, ки ба онҳо ва аҳли оилаашон сатҳи муносиби зиндагиро таъмин мекунанд;
– манъ будани ваколатдоркунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда ба танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти соҳибкорӣ;
– пешбурди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан ва рафъ намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, инчунин татбиқи тадбирҳои махсуси назорати молиявӣ;
– таъмини амнияти шахсии шаҳрвандоне, ки дар мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд ҳамкорӣ менамоянд.

**Моддаи 5. Мақомоти мубориза бар зидди коррупсия**

1. Мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз ва гумрук дар доираи салоҳияти худ бар зидди коррупсия мубориза мебаранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2007 №296).

2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, пешбурди кори таҳлилӣ ба зиммаи мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2007 №296) ва мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия ба зиммаи мақомоти прокуратура гузошта мешавад.

3. Иҷрои талаботи моддаҳои 7, 8, 9, 10, 16 ва татбиқи ҷавобгарии интизомии дар моддаи 11 Қонуни мазкур муқарраршударо роҳбарони ҳама мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва дар ҳолатҳои пешбиникардаи ҳамин Қонун роҳбарони ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар доираи ваколатҳои ба онҳо додашуда таъмин менамоянд.

4. Мубориза бар зидди коррупсия бо иштироки васеи аҳолӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 6. Кафолати дахлнопазирии шахсоне, ки ба мубориза бар зидди коррупсия мусоидат менамоянд**

1. Шахсе, ки дар бораи ҳодисаҳои ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд хабар додааст ё ба тариқи дигар ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат намудааст, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад.

2. Иттилоот дар бораи шахсе, ки ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат намудааст, сирри давлатӣ мебошад ва фақат бо дархости мақомоте, ки дар қисми 1 моддаи 5 ҳамин Қонун зикр шудаанд, ё суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун танҳо бо ризоияти онҳо пешниҳод карда мешавад. Ошкор намудани ин сир боиси ҷавобгарии бо қонун пешбинишуда мегардад.

3. Дар ҳолати зарурӣ мақомоте, ки бар зидди коррупсия мубориза мебаранд, амнияти шахсии онҳоеро, ки ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат мекунанд, таъмин менамоянд.

4. Муқаррароти ин модда ба шахсоне, ки дидаю дониста хабари бардурӯғ расонидаанд ва мутобиқи қонун барои он бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, татбиқ намегардад.

## БОБИ 2. ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ КОРРУПСИЯ

**Моддаи 7. Талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор**

1. Бо мақсади роҳ надодан ба суиистифодаи вазъи ҳуқуқӣ ё нуфузи он ба манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва дигар манфиатҳои ғайрихизматӣ бо Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати довталабони мансабҳои давлатӣ, шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба

онҳо баробар кардашуда, маҳдудият ва ӯҳдадориҳои махсус муқаррар карда мешаванд.

2. Таъин намудан ба (ишғоли) мансаб ба сифати шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда маънои ихтиёран ба зимма гирифтани ин ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳоро дорад.

3. Маҳдудият ва ӯҳдадориҳо нисбати шаҳрвандоне, ки ба сифати номзад ба мансабҳои давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, бо қонунҳо дар бораи интихобот ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 8. Чораҳои назорати молиявӣ**

1. Довталабони мансабҳои давлатӣ дар мавриди таъин (интихоб) ба мансаб ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ҳар сол ба мақомоти андози ҷои истиқоматашон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даромадҳояшон эъломия пешниҳод менамоянд.

2. Мақоми давлатие, ки ҳуқуқи ба вазифаи давлатӣ таъин (интихоб) ва аз он озод намуданро дорад, ҳуқуқ дорад дар мавриди ба мансаб таъин (интихоб) намудани шахсон ва аз шахсони мансабҳои давлатиро ишғолкунанда соле як маротиба маълумоти зеринро талаб намояд:

– дар бораи даромадҳои аз тамоми манбаъҳо гирифтаи онҳо;
– амволи ғайриманқул ва манқули арзишашон дар алоҳидагӣ зиёда аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2008 №419), аз ҷумла молу мулки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда ё муваққатан дар ихтиёри шахси дигар буда бо нишон додани арзиш ва суроғаи он;
– дар бораи пасандозҳои бонкӣ, аз ҷумла дар бонкҳои хориҷӣ доштаашон ва коғазҳои қиматноке, ки шахсан ё ҳамроҳи дигарон ихтиёрдорӣ мекунанд;
– дар бораи иштироки бевосита ё бавосита ба сифати саҳмгузор ё иштирокчии ширкату ҷамъиятҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), дигар субъектҳои хоҷагидор ва

фондҳо бо нишон додани шакли иштирок ва фоизи моликият дар онҳо;
- дар бораи қарзҳои ҳаҷмашон бештар аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2008 №419) ва дигар ӯҳдадориҳои молиявӣ, аз ҷумла дар хориҷа;
- маълумот оид ба амволи аъзои оила.

3. Пешниҳод накардан ё пешниҳод кардани маълумоти нопурра ва носаҳеҳе, ки дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ гардидаанд, агар дар ин кирдор таркиби ҷиноят ҷой надошта бошад, барои рад кардани ба мансаб таъин (интихоб) намудан ё аз мансаб озод намудан асос мегарданд.

4. Маълумоти пешниҳодшуда ба истисной ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ошкор карда намешавад.

**Моддаи 9. Мамониатҳо барои таъин (интихоб) намудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда**

1. Шахс дар чунин мавридҳо наметавонад ба мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда таъин (интихоб) шавад ё дар чунин вазифаҳо бошад:
- мавҷудияти доғи судӣ барои ҷинояти барқасдона содир намуда, агар ин доғи судиаш аз байн нарафта ё аз рӯи тартиби муқарраркардаи қонун бардошта нашуда бошад;
- ғайри қобили амал эътироф кардан ё маҳдуд намудани қобилияти амали шахс бо қарори суд;
- надоштани таҳсилот, ихтисос ё собиқаи кории дахлдоре, ки мавҷудияти онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вазифаи мазкур ҳатмӣ мебошанд;
- бевосита дар итоат, таҳти назорат ё ҳисоботдиҳанда будани мансаби ишғолшаванда ё ишғолнамудаи ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони наздики ӯ ишғол кардаанд;
- дар сурати шаҳрванди давлати хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд будан, ба истисной ҳолатҳое, ки агар роҳ додани чунин шахсон ба хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида бошанд;

- дар дигар мавридҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

2. Дар сурати риоя накардани мамониатҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда қарори ба мансаб таъин (интихоб) шудани шахс бо эътироз ё пешниҳоди прокурор ё бо ташаббуси худи мақоми қарорро қабулкарда ё мақоми болоӣ бекор карда мешавад.

3. Ҳангоми ба миён омадани мамониатҳои номбурда дар давоми иҷрои мансаби давлатӣ ё мансаби ба он баробар кардашуда бо пешниҳоди ҳамин мақомот дар мӯҳлати на дертар аз се моҳ корманд ба мансаби дигари мувофиқ гузаронида мешавад.

4. Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти ба дигар мансаб гузаронидани корманд ё аз гузаштан ба мансаби дигар норозӣ будани ӯ ё ба миён омадани дигар мамониати хизмати давлатиро истиснокунанда корманд аз мансаб озод карда мешавад.

**Моддаи 10. Маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробар кардашуда**

1. Ба шахси ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва мансаби ба он баробар кардашуда манъ аст:

- ба кори дигари музднок дар асоси шароити ишғолкунии мансаби штатӣ, ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад;
- аз рӯи масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақоми давлатие, ки дар он ҷо хизмат мекунад ё бевосита тобеъ ё бевосита таҳти назорати он мақом қарор дорад, вакили шахсони сеюм бошад;
- шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод ба соҳибкорӣ машғул шавад. Шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ӯҳдадор аст, ки ҳиссаи (саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро дар давраи дар хизмати давлатӣ буданаш таҳти кафолат ба идоракунии эътимоднок диҳад;
- воситаҳои молиявӣ, моддию техникӣ, нақлиётӣ, дигар захираҳои давлатӣ ё коллективӣ ва ахбороти хизматиро ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода намояд;
- барои хизмате, ки аз рӯи вазифаҳои хизматии худ анҷом додааст, инъомҳо гирад, ба шахсони мансабдори болоӣ

тӯҳфа диҳад ва хизмат расонад, ба истиснои тӯҳфа ва армуғонҳои рамзӣ дар чорабиниҳои расмӣ ва маросимҳои дигар. Арзиши умумии тӯҳфаҳои гирифташуда дар давоми сол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2008 №419) набояд зиёд бошад;

– аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ба саёҳат ва сафарҳои дохилиҷумҳуриявӣ ва хориҷии муоличавӣ - табобатӣ, саёҳатӣ ва дигар сафарҳо равад, ба истиснои сафарҳо бо даъвати хешовандони наздик ва аз ҳисоби онҳо ва сафарҳо дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо мувофиқаи байни мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки аз ҳисоби мақомоти давлатии дахлдор ё ташкилотҳои байналмилалӣ сурат мегиранд;
– супоришу дастурҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва субъектҳои хоҷагидорро, ки ба хизмати мақомоти давлатӣ дахл доранд, ба ҷо оварад ё мақоми хизматии худро ба манфиати онҳо истифода барад;
– бар хилофи манфиати кор бюрократизм, идорабозӣ ва маҳалгароӣ зоҳир намояд, нисбати ягон ташкилот, мақомот, иттиҳодияҳои шаҳрвандон ё шахси мушаххас бадхоҳ ё хайрхоҳ бошад;
– барои дар матбуот, радио ва телевизион интишор ва пахш гардидани мақолаю баромадҳои дар чорабиниҳои расмӣ ба сифати хизматчии давлатӣ баёнкарда, ки таҳияи онҳо ба ӯҳдадории хизматиаш дохил мешавад, ҳақи қалам гирад.

2. Иҷро накардани маҳдудиятҳои номбурда барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс мутобиқи боби 3 ҳамин Қонун асос мегардад.

## БОБИ 3. ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД ВА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОНҲО

### Моддаи 11. Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд меоваранд ва ҷавобгарӣ барои онҳо

1. Кирдорҳои зерини шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда ҳуқуқвайронкунии барои коррупсия шароит бавуҷудоваранда ҳисобида мешаванд:

- истифодаи мақоми худ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба манфиатҳои шахсӣ, хешовандони наздик ё шахсони сеюм дахл доранд;
- монеъ шудан ё ғайриқонунӣ дахолат кардан ба иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ дар қаламрави муайян, ё нисбати объектҳо ва ё шахсони мушаххас;
- иштирок ба сифати намояндаи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯи корҳои мақоме, ки ин шахс дар он ҷо кор мекунад ё зердасти вай мебошанд ё фаъолияти онҳоро назорат мекунад;
- иштирок дар қиморбозиҳои пулӣ ё қиморбозиҳои дигари характери амволӣ дошта бо шахсони мансабдори боломақом ё тобеъ ва ё аз ягон ҷиҳати корӣ ё хизматӣ ба онҳо тобеъ;
- машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, узвият дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё мақомоти идоракунии онҳо;
- пешбарӣ ва (ё) таъин намудан ба мансаб ба сифати шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, дар сурати мавҷуд будани мамониатҳо барои ишғол намудани чунин мансаб, ки дар моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, ё дидаву дониста риоя накардани маҳдудиятҳои муқарраркардаи ҳамин Қонун дар мавриди хизмати якҷояи хешовандони наздик, дидаву дониста, ғайриқонунӣ аз мансаб озод намудан ё ба мансаби дигар гузаронидани кормандон;
- пешниҳоди бартариятҳои бо қонун пешбининагардида (протексионизм) зимни таъин ва (ё) пешбарӣ ба хизмати давлатӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва фаъолияти дигари ба онҳо монанд;

– вайрон кардани тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон, ба назар нагирифтани бартарият, имтиёзҳо ва навбати бо қонунгузорӣ ё санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ё аз ҳолатҳои мушаххас бармеомада дар мавриди ҳалли онҳо;
– пешниҳод намудани (гузашт кардани) ваколатҳо оид ба танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба чунин фаъолият машғуланд.

2. Аз ҷониби шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда содир намудани яке аз ҳуқуқвайронкуниҳои дар қисми 1 моддаи мазкур нишон додашуда, агар он таркиби ҷиноятро надошта бошад, боиси ҷазои интизомӣ дар шакли сарзаниш, танбеҳ ё озод намудан аз мансаб мегардад.

3. Содир кардани ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии дар боло зикргардида ё такроран дар давоми сол баъди татбиқи ҷазои интизомӣ содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ боиси озод намудан аз мансаб мегардад.

**Моддаи 12. Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд**

1. Кирдорҳои зерини шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда, агар дар онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд ҳисобида мешаванд:
– барои фаъолияти худ аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳое, ки шахси мазкур дар онҳо вазифаҳои даxлдорро иҷро намекунад, инчунин аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони воқеӣ дар шакли пул, хизматрасонӣ ва дигар шаклҳо гирифтани ҳар навъ подоши иловагӣ, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои дигаре пешбинӣ нашуда бошанд;
– қабул кардани тӯҳфа ва дигар хизматрасониҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ба онҳо баробар кардашуда аз шахсони аз рӯи вазифа тобеъ (ба истисnoи

армуғонҳои рамзӣ ва нишони эҳтиром ҳангоми чорабиниҳои расмӣ ва маросимҳои дигар, ки арзиши умумиашон дар як сол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2008 №419) зиёд нест), инчунин пешниҳод намудани ин гуна тӯҳфаву хизматрасониҳо ба шахси мансабдори боломақом;

– истифодаи бартариятҳои бо қонун пешбининагардида дар гирифтану баргардонидани кредит ва қарзи бонкӣ ва дигар ташкилотҳо, харидани коғазҳои қиматнок, амволи ғайриманқул, дигар амвол, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои дигар ӯҳдадориҳо;
– додани бартарият ва имтиёзҳои ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мавриди таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгир кардани фармоишҳои давлатӣ, дигар фармоишҳои аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ё ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият маблағгузоришаванда, тақсимоти воситаҳои молиявию моддӣ, захираҳои энергетикӣ ва табиӣ, пардохти андозҳо ва баргардонидани қарзҳо ва иҷрои дигар ӯҳдадориҳои молиявию моддӣ;
– бе қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқи моликият ё ба истифодаи муваққатӣ ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё шахсони воқеӣ ройгон додани захираҳои молиявӣ ва моддии ба фондҳои давлатӣ, субъектҳои давлатии хоҷагидор ва дигар субъектҳои хоҷагидор тааллуқдоштае, ки дар моликияти онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад;
– бо мақсадҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва мақсадҳои дигари ғайрихизматӣ истифода намудани биноҳо, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, воситаҳои электронӣ, маблағҳо ва амволи дигари давлатӣ, ки барои адои вазифаҳои давлатӣ вобаста карда шудаанд, агар он бо қонунҳо пешбинӣ нагардида бошад, ба манфиатҳои давлат зарар расонад;
– таъсис додан (ташкил кардан) ё аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ маблағгузорӣ намудани ташкилотҳои тиҷоратие, ки ба муассис (буҷети давлатӣ, ташкилотҳои мазкур) ҳисса ҷудо намекунанд;

– восита ва захираҳои молиявию моддии давлатиро ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ гузаронидан;
– беасос иҷро накардани дархост, пешниҳод, амр, дастур, қарор ва дигар санадҳои дар доираи ваколаташон қабулнамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ;
– ба манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба даст омада, паҳнкунии он манъ карда шудааст;
– дахолат ба фаъолият, вайрон намудани мустақилият ва ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор, ғайриқонунӣ барҳам додан ё азнавташкилдиҳии онҳо, дахолат ба таъин (интихоб) ба мансаб ва аз мансаб озод намудани роҳбарон ва кормандони субъектҳои хоҷагидори ғайридавлатӣ, маҳдуд намудани рақобат дар бозори мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ);
– ғайриқонунӣ хориҷ намудан, вайрон кардани тартиби нархгузорӣ ва ба фурӯш баровардани амвол, гузаронидани музояда ва тендерҳо оид ба хусусигардонии амволи давлатӣ ва хариди давлатии мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки ба манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонидааст, инчунин аз тарафи роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ худсарона ба иҷора додан ё фурӯхтани амволи давлатӣ;
– ғайриқонунӣ ё бо шартҳои ба манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо ошкоро номувофиқ ба истифода, киро ё иҷора додани воситаҳои асосӣ, замин ва дигар сарватҳои моддию табиӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ғайриқонунӣ рад намудани додан ё кашида гирифтани онҳо;
– пинҳон намудан аз баҳисобгирӣ, ба расмият надаровардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ошкоршуда, ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намудан ё доир ба ин ҳуқуқвайронкуниҳо қабул намудани қарорҳои ошкоро ба вазнинии кирдор номувофиқ, инчунин надидани чораҳои барқароркунии зарари бо ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ расонидашуда;
– тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва қарордодҳо, эъломияҳо, ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибавӣ оид ба хари-

ду фурӯш, тӯҳфа кардан, иваз намудан, гарав, молтаъминкунӣ, киро, иҷора, хусусигардонӣ, хориҷ кардан, харид намудан ва дигар аҳдҳо оид ба ихтиёрдорӣ, истифода ва интиқоли амвол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), ки дар онҳо нарх, миқдор, ҳаҷм, соли истеҳсол ва дигар нишондиҳандаҳои амвол (мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) таҳриф карда шуда, ба ин восита ба давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонида шудааст;

- ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон ба вуҷуд овардани монеаҳои сунъӣ, аз онҳо талаб кардани ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки қонунгузорӣ пешниҳодкунии онро аз ҷониби ин шахсон пешбинӣ намекунад, ё рад кардани ба онҳо додани чунин санаду маълумот, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, кашол додани пешниҳодкунии маълумот, додани маълумоти нопурра ё таҳрифшуда, беасос кашида гирифтан ё ба гарав гирифтани ҳуҷҷатҳои ба онҳо тааллуқдоштаи тасдиқкунандаи ҳуқуқ;
- ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, хизматрасонӣ ва фоида ҷиҳати моилкунии онҳо ба кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) дахлдор ба манфиати шахси пешниҳодкунандаи ин неъмату хизматҳо. Шахсоне, ки неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, тӯҳфа ва хизматрасониро ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ба онҳо баробар кардашуда дар натиҷаи тамаъҷӯии онҳо пешниҳод намуда, дар ин бора ихтиёрӣ ба мақомоти мубориза бар зидди коррупсия хабар додаанд, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд;
- ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумоти мавҷуда оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд ё ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- ба мақомоти барои баррасӣ ва қабули қарор ваколатдор пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санад ва маводи тафтишу санҷиш, ки дар онҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо маълумот мавҷуд аст;

– саркашии бадқасдонаи шахси ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ ваколатдор ё роҳбари ташкилот аз барасмиятдарории амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, ё ба асноду ҳисоботҳои молиявӣ, муҳосибавӣ ва оморӣ даровардани маълумотҳои таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани асноди молиявӣ ва дигар асноди баҳисобгирӣ.

2. Содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои номбурда аз ҷониби шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашуда, агар дар кирдорҳои онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, барои кашидан ба ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ асос мегарданд.

3. Содиркунии ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд ё дар давоми сол, баъди додани ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ, барои дар асоси даъвои прокурор бо қарори суд барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ё қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ асос мегардад.

4. Ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд онҳоро аз ҷавобгарии интизомӣ озод намекунад.

**Моддаи 13. Ҷавобгарӣ барои қабули қарори хусусияти коррупсионидошта, ки ба тариқи коллегиалӣ қабул шудааст**

1. Ҷавобгарии бо Қонуни мазкур муқарраршуда барои қабули қарори хусусияти коррупсионидошта, ки аз тарафи мақомоти коллегиалӣ қабул шудааст, дар сурате, ки он бевосита ба манфиати роҳбари ин мақом ё хешовандони наздики ӯ ё ба манфиати шахсони сеюм равона шуда, роҳбари мақоми мазкур ба қабули ин қарор фаъолона мусоидат намуда бошад, ё ба қабули он фаъолона мамониат накарда бошад, пурра ба ӯҳдаи роҳбари ин мақом гузошта мешавад.

2. Дар ташкилотҳое, ки роҳбарии мақоми коллегиалӣ аз тариқи ҷамъиятӣ, роҳбарии маъмурӣ аз ҷониби мақоми иҷроия пеш бурда мешавад, ҷавобгарӣ барои қабули қарорҳои хусусияти коррупсионидошта аз ҷониби мақоми коллегиалӣ, дар

ҳолати ҷой доштани кирдори дар қисми 1 ҳамин модда зикр-шуда ба ӯҳдаи роҳбари мақоми иҷроия гузошта мешавад.

**Моддаи 14. Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби баҳисобгирии онҳо**

1. Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, кирдорҳои ғаразноки дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидае ҳисоб мешаванд, ки аз тарафи шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда-анд ё ба ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва хизматрасонӣ ба онҳо вобастаанд.

2. Ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои хусусияти коррупсиони-дошта бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби баҳисобгирии омории онҳо бо дастурамале, ки аз тарафи мақомоти ҳамоҳангсоз таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 4. БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД

**Моддаи 15. Ситонидани амволи ғайриқонунӣ гирифташуда ё ар-зиши хизматрасонии ғайриқонунӣ**

Амвол ва арзиши хизматрасоние, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд ба даст оварда шу-даанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фоидаи давлат мусодира карда мешаванд.

**Моддаи 16. Беэътибор донистани санадҳои ба коррупсия алоқаманд**

Санадҳое, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ба кор-рупсия алоқаманд қабул гардидаанд, аз тарафи мақомоти ба қабули он ваколатдор ё мақомоти болоӣ бо ташаббуси худ ё бо эътирози прокурор ё аз тарафи суд бо даъвои прокурор ё шах-сони манфиатдори воқеӣ ва ҳуқуқӣ беэътибор дониста меша-ванд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 17. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, моддаи 314) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 18. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов

ш. Душанбе
25 июли соли 2005
№ 100

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон»

*(Бо тағйиру иловаҳо аз 21 майи соли 1998 №582, аз 21 ноябри соли 2006 №208, аз 30 июли соли 2007 №302)*

Ин Қонун тартиби бо таклифу аризаҳо ва шикоятҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, мурочиат намудани шаҳрвандон ва тартибу мӯҳлати баррасии мурочиатҳои онҳоро муқаррар менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 1. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба мурочиат**

Шаҳрвандон мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд шахсан ё якҷоя бо дигарон ва ё ба воситаи намояндагони ваколатдори худ, бо тартиби муқарраркардаи ҳамин Қонун ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ки ҳалли масъалаҳои дар мурочиат овардашуда ба салоҳияти онҳо дохил мешаванд, мурочиат намоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Ҳама дар назди Қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулкиаш ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ иштирок намуда, ҳуқуқу озодиҳоеро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигар ба онҳо додаанд, амалӣ намуда, дорои чунин ҳуқуқҳо мебошанд:

– ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ, инчунин ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигар шахсон ва ташкилотҳо;
– барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаашон аз тарафи мақомоти салоҳиятноки давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208);
– сархатҳои сеюм ва чоруми қисми сеюм хориҷ карда шуданд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд ҳуқуқ доранд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ки ҳалли масъалаҳои дар мурочиат овардашуда ба салоҳияти онҳо дохил мешаванд, мурочиат намоянд. Мурочиатҳои шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ карда мешаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Дастурамали коргузорӣ бо мурочиатҳои шаҳрвандонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 №582).

**Моддаи 1[1]. Доираи амали Қонуни мазкур**

Амали Қонуни мазкур ба тамоми мурочиатҳои шаҳрвандон таклифҳо, аризаҳо ва шикоятҳо, ба истисноИ мурочиатҳое, ки тибқи талаботи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ карда мешаванд, паҳн мегардад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 1². Қонунгузорӣ дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 2. Намудҳои мурочиатҳо**

Мурочиатҳои шаҳрвандон иборат аз таклифҳою аризаҳо ва шикоятҳо мебошанд.

Таклифҳо - мурочиатҳои шаҳрвандон, ки барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият равона карда шудаанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

қисми сеюм хориҷ карда шуд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Аризаҳо - мурочиатномаҳои шаҳрвандон, ки барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои барояшон маълумшуда равона карда шудаанд ё аз хоҳиши амалӣ намудани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо иборатанд.

Шикоятҳо - мурочиатномаҳои шаҳрвандон бо талаби барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо, ки аз амал, беамалӣ ё бо қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият, инчунин шахсони мансабдор вайрон карда шудаанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Мурочиатҳо инфиродӣ ё коллективӣ буда метавонанд, ки дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод мегарданд ва барои ҳимояи ҳуқуқи шахсӣ инчунин ҳуқуқи дигар шахсон ва ташкилотҳои дигар равона карда мешаванд, агар қонун таври дигар пешбинӣ накарда бошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 2[1]. Мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон**

Мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон дар сурате ба қайд гирифта ва баррасӣ карда мешаванд, ки агар шахсияти мурочиаткунанда маълум ва муайян бошад.

Ба мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон ҷавоби шифоҳӣ дода, дар мавриди санҷиши иловагиро талаб намудани далелҳои овардашуда, шахсони мансабдор метавонанд дар доираи салоҳияти худ ба шахсони мутасаддӣ оид ба баррасии онҳо супоришҳои дахлдор диҳанд.

Мурочиатҳои шифоҳии шаҳрвандон аз рӯзи мурочиат намудан ба қайд гирифта шуда, таҳти назорат гирифта мешаванд ва аз натиҷаи баррасии онҳо шахсони манфиатдор бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Қонун хабардор карда мешаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 2[2]. Мурочиатҳои шаҳрвандон, ки ба воситаи почтаи электронӣ ё шабакаи интернет ворид мешаванд**

Мурочиатҳои шаҳрвандон, ки ба воситаи почтаи электронӣ ё шабакаи интернет ворид мешаванд, дар сурате ба қайд гирифта, баррасӣ карда мешаванд, ки агар дар онҳо ном, номи падар, фамилия ва суроғаи шахси мурочиаткунанда нишон дода шуда, имзои электронии рақамӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайд гирифта шуда бошад.

Мурочиатҳои шаҳрвандон, ки дар онҳо ном, номи падар, фамилия, суроғаи шаҳрванди мурочиатнамуда ва имзои электронии рақамӣ нишон дода нашудааст ё ин ки ба воқеият мувофиқ нестанд, мурочиатҳои беном ҳисобида шуда, мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

Мурочиатҳои шаҳрвандон, ки ба воситаи почтаи электронӣ ё шабакаи интернет ворид мешаванд, аз рӯзи ворид шуданашон ба қайд гирифта аз натиҷаи баррасии онҳо шахсони манфиатдор бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур хабардор карда мешаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2007 №302).

**Моддаи 3. Шикояту аризаҳои такрорӣ ва дуюмбора**

Ҳамон шикоят ё аризаи шаҳрванд такрорӣ ҳисобида мешавад, ки вай аз қарори аз рӯи шикоят ё аризаи якумаш ба ҳамон як мақомот оиди як масъалаи қабулшуда розӣ набошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Ҳамон шикоят ё аризае шикояту аризаи дуюмбора ҳисобида мешавад, ки оиди як масъала буда, то гирифтани ҷавоб ба шикоят ё аризаи якум фиристода шудааст.

Шикоят ё аризаи такрории шаҳрвандон ба як мақомот, ки дорои далелҳои нав намебошанд ё дар онҳо ҳолатҳои нав ошкор нашудаанд, мавриди баррасӣ қарор намегиранд, агар дар бораи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур, натиҷаҳои тафтиши мукаммал мавҷуд бошанд ва ба шаҳрванд ҷавоби пурра дода шуда бошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 4. Додани ариза ва шикоят**

Ариза ва шикоят аз тарафи шаҳрвандоне, ки ҳуқуқашон вайрон карда шудааст, аз тарафи шахсоне, ки шаҳрвандон онҳоро ба ин кор вазифадор кардаанд, инчунин шахси дигар ё ташкилоте, ки бо фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ машғул аст, дода шуда метавонад. Шикоят ва ариза барои ҳимояи манфиатҳои ноболиғон ва касони ғайриқобили амал аз тарафи намояндаҳои қонунии онҳо дода мешавад.

Шикоят ва ариза ба мақомоти болоӣ, ки шикоятгару аризадиҳанда тобеи он мебошанд, ба шахси мансабдор ё суд дар маҳалли воқеияти мақом ё ҷои кори шахси мансабдор, ки амали онҳо мавриди шикоят қарор гирифтааст ё аз рафтори ғайриқонунии онҳо хабар медиҳад дода мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Қисми сеюми моддаи 4 хориҷ карда шуд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 5. Талаботе, ки нисбати муроҷиатҳо пешниҳод мегардад**

Дар муроҷиат бояд фамилия, ном, суроғаи шаҳрванд, моҳияти таклиф, ариза ё шикоят зикр гарданд.

Муроҷиатҳое, ки дар онҳо ном, номи падар, фамилия ва суроғаи шаҳрванди муроҷиатнамуда зикр нашудаанд ва ё ба воқеият мувофиқ нестанд муроҷиатҳои беном буда мавриди баррасӣ қарор намегиранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Муроҷиатҳое, ки ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо,

муассисаҳо, ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият, шахсони мансабдори онҳо равона карда шудаанду ҳалли масъалаҳои ба миён гузошташуда ба салоҳияти онҳо дохил намешаванд, дар мӯҳлати на камтар аз 5 рӯз ба мақомот ё шахсони мансабдори дахлдор фиристода, дар ин бора муаллифони онҳо хабар дода мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Шикоятҳо ва аризаҳое, ки бо тартиби муқарраршуда дода шудаанд, ҳатман бояд мавриди баррасӣ қарор гиранд, қабул накардани шикояту аризаҳо мумкин нест. Ариза ва шикоятҳои шаҳрвандонро ҳамчунин ба он мақомот ва шахсони мансабдор фиристодан мумкин нест, нисбати амал ва беамалии онҳо шикоят намуда ё рафтори ғайриқонунии онҳо хабар дода мешавад.

**Моддаи 6. Мурочиатхое, ки ба воситаҳои ахбори омма фиристода шудаанд**

Мурочиатҳое, ки ба воситаҳои ахбори омма фиристода шудаанд, мувофиқи ин Қонун ва қонунҳо дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

**Моддаи 7. Ҳуқуқи шаҳрванд ҳангоми додани шикоят**

Шаҳрванде, ки бо шикоят ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият мурочиат менамояд, ҳуқуқ дорад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208):

- шахсан далелҳои худро ба шахсе, ки шикоятро тафтиш менамояд, баён кунад;
- бо маводҳои тафтиш бо риояи талаботи моддаи 11-уми ҳамин Қонун шинос шавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208);
- маводҳои иловагӣ пешниҳод кунад ё аз тарафи мақомоти баррасикунандаи шикоят талаб карда гирифтани онҳоро дархост намояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208);
- аз хизмати адвокат ё шахси дигар истифода барад;
- дар бораи натиҷаҳои баррасии шикоят ҷавоби хаттӣ гирад;

- ҷуброни зиёни расонидашударо аз шахсони гунаҳкор бо тартиби муқарраркардаи қонун талаб намояд.
- дар сурати розӣ набудан бо қарори қабулшуда ба суд шикоят намояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 8. Амали мақомоте (шахсони мансабдоре), ки нисбати онҳо мувофиқи ин Қонун шикоят карда мешавад**

Ба амалҳо, қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳо, корхонаҳо муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдори онҳо, ки нисбати онҳо ҳуқуқ ба тартиби тобеият ба мақом, шахси мансабдор ё суд муроҷиат кардан мумкин аст, амалҳои коллегиалӣ ва инфиродӣ, қарорҳо тааллуқ доранд, ки дар натиҷаи онҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208);

- шаҳрванд аз имконияти пурра ё қисман амалӣ намудани ҳуқуқе, ки қонун ё дигар санади қонунгузорӣ додааст, ғайриқонунӣ маҳрум карда шудааст;
- ба зиммаи шаҳрванд ғайриқонунӣ вазифае гузошта шудааст ё вай ғайриқонунӣ ба ҷавобгарӣ кашида шудааст.

Мувофиқи ин Қонун беамалии мақомот ва шахсони мансабдор, яъне иҷро накардани амалҳое низ метавонад мавриди шикоят қарор гирад, ки онҳо мебоист ба манфиати шаҳрванд анҷом медоданд ва метавонистанд анҷом диҳанд, вале иҷро накардани онҳо боиси оқибатҳое шудааст, ки дар қисми якуми ҳамин модда зикр ёфтаанд.

**Моддаи 8[1]. Мӯҳлати пешниҳоди муроҷиатҳо**

Мӯҳлати пешниҳоди таклифҳо ва аризаҳои шаҳрвандон, ки ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият равона карда шудаанд, маҳдуд карда намешаванд.

Шикоятҳо метавонанд аз тарафи шаҳрвандон ба мақомоти дахлдор дар мӯҳлати на дертар аз се сол аз рӯзи вайрон карда шудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо ё аз рӯзе, ки чунин вайронкунӣ ба онҳо маълум гардидааст, пешниҳод

карда шаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 9. Вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо оиди баррасии мурочиатҳо**

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, роҳбарони онҳо ва дигар шахсони мансабдор дар доираи салоҳияти худ вазифадоранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208):

– мунтазам вазъи корро оиди баррасии таклифҳо, аризаҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон дар раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеашон тафтиш намоянд, барои бартараф намудани сабабҳо ва шароите, ки боиси вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои аз тарафи Қонун ҳимояшавандаи шаҳрвандон ё такроран ва дуюмбора расидани шикояту аризаҳо мешаванд, тадбирҳо андешанд. Мурочиатҳоро ҳаматарафа, беғаразона ва саривақт дар мӯҳлати муқаррарнамудаи ҳамин Қонун баррасӣ намоянд дар сурати зарурат шахсони мансабдорро даъват намуда, аз онҳо ҳуҷҷатҳои даркориро талаб карда гиранд, кормандонро барои тафтиш ба маҳалҳо фиристанд, қарорҳои қонунан асоснок қабул намоянд ва иҷрои онҳоро таъмин кунанд дар бораи натиҷаи баррасии мурочиатҳо ба шаҳрвандон хаттӣ хабар диҳанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Рад кардани талаботе, ки дар ариза ва шикоят баён шудааст, бо зикри сабабҳои радкунӣ, инчунин шарҳи тартиби шикоят нисбати қарори қабулшуда ба маълумоти шаҳрванд расонида мешавад.

Масъулият оид ба ташкили баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон ба зиммаи роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар

аз шакли моликият, гузошта мешавад ((Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 10. Манъи таъқиби шаҳрвандон барои мурочиаташон ва маҷбур кардани онҳо барои иштирок дар амалиёти ҳимояи мурочиатҳо**

Таъқиби шаҳрвандон ва аъзои оилаҳои онҳо барои ба воситаи мурочиатҳо амалӣ намудан ё ҳимоя кардани ҳуқуқу манфиатҳояшон манъ аст.

Ҳеҷ касро барои иштирок кардан ҳимояи ягон мурочиат маҷбур мумкин нест.

Шахси мансабдоре, ки шаҳрвандро барои мурочиат кардан бо тартиби муқаррааргардида ё барои танқиди дар он зикршуда, ҳамчунин барои танқид кардан ба шакли дигар таъқиб менамояд, мувофиқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад.

**Моддаи 11. Манъи ошкорсозии маълумоте, ки дар натиҷаи баррасии мурочиатҳо маълум гардидаанд**

Ҳангоми баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон аз тарафи кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ба ошкорсозии маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ, ё дигар сир, ё ин, ки маълумоти қонунан ҳифзшаванда оид ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон мебошанд, инчунин дигар маълумот, ки боиси вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мегардад, роҳ дода намешавад. Инчунин аниқ намудани маълумот дар бораи шахсияти шаҳрванд, ки он ба мурочиат дахл надорад манъ аст. Бо хоҳиши шаҳрванд ошкор намудани ягон маълумоте, ки ба шахсияти вай таалluқ дорад раво нест (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 12. Мӯҳлати баррасии мурочиатҳо**

Мурочиатҳои шаҳвандон дар мӯҳлати то як моҳ аз рӯзи расиданашон, вале мурочиатҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро наметалабанд, дар давоми 15 рӯз баррасӣ мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки барои ҳалли ариза ё шикоят гузаронидани тафтиши махсус, талаб карда гирифтани маводҳои иловагӣ ё

дидани чораҳои дигар зарур аст, мӯҳлати ҳалли ариза ва шикоят ба таври истисно аз тарафи роҳбар ё муовини роҳбари мақомоти дахлдор, корхона, муассиса, ташкилот дароз карда шуда метавонад, аммо на зиёда аз як моҳ ва дар ин бора шахсе, ки ариза ё шикоят додааст, огоҳ карда мешавад. Зимнан мӯҳлати умумии баррасии муроҷиат аз ду моҳ зиёд буда наметвонад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи. 13. Қабули шахсии шаҳрвандон**

Вакилони ҳамаи сатҳҳо, роҳбарон ё дигар шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият вазифадоранд, ки шаҳрвандро шахсан қабул кунанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Шаҳрвандон мунтазам дар рӯзҳо ва соатҳои муқарраршуда рӯзҳои қабул карда мешаванд.

Қисми сеюм хориҷ карда шуд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Тартиби қабули шаҳрвандон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият аз тарафи роҳбарони онҳо муайян карда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Дар сурати то охир баррасӣ нашудани муроҷиати шифоҳӣ ва хаттии шаҳрвандон ҳангоми қабул аз ҷониби шахсони масъул, баррасии он дар асоси талаботи Қонуни мазкур амалӣ мегардад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 14. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонун дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон**

Кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ сарфи назар аз шакли моликият ки (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208):

- барои ғайриқонунӣ рад кардани баррасии мурочиатҳо;
- барои бе сабабҳои узрнок риоя накардани мӯҳлати баррасии мурочиатҳо;
- барои қабул кардани қарори беасоси хилофи Қонун;
- барои фош намудани маълумоти дорои сирри давлатӣ ё дигар сир ё ин ки маълумоти қонунан ҳифзшаванда оид ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон, инчунин дигар маълумот, ки боиси вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон гардидааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 15. Ҷуброни зиёне, ки бинобар риоя накардани талаботи Қонун ба шаҳрванд ҳангоми баррасии ариза ва шикоят расонида шудааст**

Дар мавриди қонеъкунонии ариза ва шикоят мақоме (ташкилоте), ки аз рӯи онҳо қарори ғайриқонунӣ қабул кардааст, зиёни расонида шударо вобаста ба додани ариза ва шикоят ва баррасии он, ба шумули маблағи боҷи давлатӣ, хароҷоти иштирок дар баррасии шикоят, ки бо талаби мақоми дахлдор сурат гирифтааст ва музди миёнаи меҳнат дар ин муддат аздастрафтаро ҷуброн мекунад. Баҳси оид ба ситонидани пули хароҷот ба тартиби судӣ баррасӣ карда мешавад.

Ба шаҳрванд мувофиқи хоҳишаш ва ба тартиби муқарраркардаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёни маънавие, ки бинобар амал ё қарори ғайриқонунии мақомот ё шахси мансабдор ҳангоми баррасии шикоят ё аризааш расонида шудааст, метавонад ҷуброн карда шавад. Андозаи ҷуброни зиёни маънавӣ дар ифодаи пулӣ аз тарафи суд муайян карда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 16. Ҷавобгарӣ барои додани аризаву шикоятҳои дорои хусусиятҳои зиддиқонунӣ**

Шаҳрванд барои додани ариза ва шикояти туҳматангез ва таҳқиромез, инчунин даъват ба низоми миллӣ, динӣ ва амалҳои дигаре, ки мавриди ҷазои ҷиноӣ қарор мегиранд, мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад.

**Моддаи 17. Ҷуброни хароҷоти вобаста ба тафтиши ариза ва шикоятҳое, ки дорои маълумоти бардуруғ мебошанд**

Хароҷоте, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо вобаста ба тафтиши ариза ва шикоятҳои дорои маълумоти бардуруғ сурат гирифтааст, бо қарори суд аз шаҳрванд рӯёнида шуда метавонад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

**Моддаи 18. Назорат ба риояи талаботи қонунгузорӣ дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон**

Назоратро ба риояи талаботи қонунгузорӣ дар бораи муроҷиати шаҳрвандон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва мақомоти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нисбати корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои тобеашон таъмин менамоянд.

**Моддаи 19. Назорати прокурорӣ ба риояи қонунҳо дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон**

Назорат ба риояи қонунҳо дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи вай сурат мегирад.

**Моддаи 20. Муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти байнидавлатӣ**

Шаҳрванд ҳақ дорад дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба мақомоти байнидавлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муроҷиат намояд, агар ҳамаи воситаҳои ҳифзи ҳуқуқии дохилидавлатӣ пурра истифода шуда бошанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2006 №208).

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов

ш. Душанбе
аз 14 декабри соли 1996
№343

# II. ҚАРОРҲОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### «Дар бораи муқаррар намудани рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 57 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Ба хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ) рутбаҳои тахассусии зайл муқаррар карда шаванд:

Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Мушовири давлатии дараҷаи 1;
Мушовири давлатии дараҷаи 2;
Мушовири давлатии дараҷаи 3;
Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1;
Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2;
Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3;
Референти хизмати давлатии дараҷаи 1;
Референти хизмати давлатии дараҷаи 2;
Референти хизмати давлатии дараҷаи 3.

Раиси
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев

ш. Душанбе,
11 майи соли 2007 №579

# III. ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### «Оид ба тасдиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фармон медиҳам:

1) Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот низомномаи хадамоти кадрии мақомоти давлатиро дар асоси Низомномаи мазкур таҳия ва тасдиқ намоянд.

3) Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2003 №1031 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти кадрӣ» аз эътибор соқит дониста шавад .

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Душанбе
12 июли соли 2010
№901

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 12» _июли_ соли 2010
№ 901 тасдиқ шудааст

# Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома) сохтор, вазифаҳо, ҳуқуқҳои хадамоти кадрии мақомоти давлатиро муайян менамояд.

2) Хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - хадамоти кадрӣ) дар шакли раёсат, шӯъба, бахш ва корманди масъули кадрии мақомоти давлатӣ фаъолият намуда, воҳиди мустақили сохтори мақомоти давлатӣ буда, дар доираи ваколатҳои худ барои ҳалли вазифаҳои кадрии (идоракунии ҳайати) мақомоти давлатӣ масъул мебошад.

3) Шумораи воҳидҳои кории хадамоти кадрӣ аз ҳаҷми вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва шумораи кормандони он вобаста буда, сохтор ва шумораи хизматчиёни мақомоти давлатӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян ва тасдиқ карда мешаванд.

4) Назорати бевоситаи фаъолияти хадамоти кадрӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ анҷом дода мешавад.

5) Хадамоти кадрӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

6) Роҳбарии методӣ ва назорати фаъолияти хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - мақоми ваколатдор) анҷом медиҳад.

## 2. Сохтори хадамоти кадрӣ

7. Хадамоти кадрӣ метавонад вобаста ба шумораи ҳайати кормандони мақомоти давлатӣ сохтори зеринро дошта бошад:

– дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тобеи онҳо ҳангоми то 50 нафар будани кормандон, шахси масъули кадрӣ таъин мегардад;
– дар дастгоҳҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо новобаста аз шумораи хизматчиёни давлатӣ шӯъбаҳои (бахшҳои) кор бо кадрҳо ташкил ё шахси масъул муқаррар карда мешавад;
– дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми аз 50 то 100 нафар будани кормандони хадамоти кадрӣ бо шумораи 2 воҳиди корӣ, аз 100 то 200 нафар будани кормандон бо шумораи 4 воҳиди корӣ ташкил карда мешавад;
– дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми зиёда аз 200 нафар будани ҳайати кормандон хадамотӣ кадрӣ бо шумораи на кам аз 7 воҳиди корӣ таъсис дода мешавад.

8) Сохтор ва шумораи воҳидҳои кории хадамоти кадриро мутобиқи тартиби муқарраргардида роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ мекунад.

9) Хадамоти кадрӣ ҳамчун ҳамоҳангсози сохтори мақомоти давлатӣ фаъолияти хадамоти кадрии сохторҳои системаи мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълими касбии мақоми давлатиро, ки ба такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии мақоми мазкур ва гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ, беҳтарсозии фаъолияти идораи давлатӣ машғул мебошанд, роҳбарӣ менамояд.

## 3. Самтҳои асосии фаъолияти хадамоти кадрӣ

10) Хадамоти кадрӣ вазифаи маркази идоракунии кадрҳои (ҳайати) мақоми давлатиро, ки мақсади асосии он мусоидат ба ташкили фаъолияти самаранок, таъмини кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, бароҳмонии болоравии касбӣ ва таъмини иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳар як корманди мақомоти давлатӣ мебошад, иҷро менамояд.

11) Хадамоти кадрӣ барои таъмини иҷрои вазифаҳои зерин ваколатдор мебошад:

- таъмини гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии кадрӣ;
- таҳияи ҳуҷҷатҳо оид ба таъин ва озод намудани кормандони мақоми давлатӣ, пешбурду нигоҳдории делоҳои шахсӣ ва дафтарчаҳои меҳнатии кормандон;
- таҳияи лоиҳаи басти корӣ, ҷадвали рухсатиҳои меҳнатӣ ва ба расмият даровардани сафарҳои хизматӣ;
- бақайдгирии варақаҳои корношоямии хизматчиёни давлатӣ ва ҳайати хизматрасон;
- назорати риояи тартибу интизоми меҳнатӣ дар мақоми давлатӣ;
- ташкил ва дуруст истифода намудани маҳорати касбии кадрии (ҳайати) мақоми давлатӣ бо назардошти дурнамои инкишофи он;
- риояи тартиби қабул ба хизмати давлатӣ, бастани шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ;
- назорати риояи талаботи тахассусӣ ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, гузаронидан ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ дар доираи як категория;
- гузаронидани таҳлили мансабҳои холӣ дар мақоми давлатӣ;
- омода намудани маводи зарурӣ барои таъмини фаъолияти комиссияҳои аттестатсионӣ ва озмунӣ;
- ташкили озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ;
- шиносонидани роҳбарони воҳидҳои сохторӣ бо тартиби таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- назорати риояи тартиби баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ;
- бароҳмонии раванди баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ;
- доир намудани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҷойивазкунии (ротатсияи) самаранок дар мансабҳо ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ;

- таҳияи мавод оид ба додани рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчиёни давлатӣ;
- ташкили захираи кадрҳо ва кор бо онҳо;
- ташкили тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ;
- мусоидат ба фаъолияти комиссияҳои танзимкунандаи масъалаҳои кадрии хизмати давлатӣ;
- ташкил ва назорати пешниҳоди маълумот дар бораи даромад ва вазъи амволи хизматчии давлатӣ;
- риояи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти давлатӣ;
- таҳлили вазъи таъминоти кадрӣ;
- назорати риояи талаботи синни ниҳоӣ дар хизмати давлатӣ будан;
- таъмини фаъолияти ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақоми давлатӣ;
- гузаронидани мониторинги ҳолати кадрҳои хизмати давлатӣ ва банақшагирии талабот ба кадрҳо, пешбарии истифодаи технологияҳои муосир ва манбаъҳои таълиму тарбияи кадрҳо дар мақоми давлатӣ ва берун аз он;
- татбиқи чораҳо оид ба сари вақт ҷавонгардонии ҳайати кормандони мақомоти давлатӣ;
- банақшагирии чорабиниҳо оид ба мутобиқгардонии касбии кормандони нав ба кор қабулшуда, махсусан ҷавонон;
- мониторинги сабабҳои азкорравии кадрҳо, ҷараёни тағйирёбии сифатии ҳайати коллектив;
- сари вақт (якҷоя бо хадамоти молиявию иқтисодӣ) таҳлил намудани шаклҳои самараноки амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддию маънавии хизматчиёни давлатӣ, пешниҳоди тавсияҳо оид ба баланд бардоштани фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ;
- баҳисобгирии ҳайати шахсӣ ва пешниҳоди ҳисобот, пешбурди махзани иттилоотӣ оид ба захираи кадрҳо ва ҷорӣ намудани шаклҳои муосири идоракунӣ;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, моддӣ ва ҳуқуқии кормандони мақоми давлатӣ дар мавридҳои ихтисоршавӣ, тағйироти ташкилӣ, штатӣ ва сохторӣ;

- гузаронидани санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ;
- гузаронидани санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрвандон ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ;
- таҳлили ҳайати кадрӣ, сари вақт пешниҳод намудани ҳисобот (на камтар аз ду маротиба дар як сол) оид ба вазъи кор бо кадрҳо ба роҳбари мақоми давлатӣ;
- андешидани чораҳо барои таъмини саривақтии омода намудан ва супоридани ҳуҷҷатҳо ба бойгонӣ;
- иҷрои дигар ӯҳдадориҳои хадамоти кадрӣ, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

### 4. Ҳуқуқҳои хадамоти кадрӣ

12) Хадамоти кадрӣ ҳуқуқ дорад:

- аз роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хизматчиёни давлатии мақоми давлатӣ, сохторҳои системаи мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти хадамоти кадрӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида маълумот дархост намояд;
- ҳангоми ба расмият даровардани таъинкунӣ, гузариши кормандон ба дигар воҳидҳои сохторӣ, фиристодан ба сафари хизматӣ ва ба рухсатии меҳнатӣ аз кормандони мақомоти давлатӣ маводи заруриро талаб намояд;
- бо тартиби муқарраргардида дар ҳолатҳои зарурӣ кормандони воҳидҳои сохторӣ ва дастгоҳи идоракунии мақоми давлатиро дар мувофиқа бо роҳбарони бевоситаи онҳо барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи хадамоти кадрӣ гузошта шудааст, аз ҷумла гузаронидани мониторинг, санҷиш, ҷамъбасти ҳисобот ҷалб намояд;
- бо тартиби муқарраршуда машварату семинарҳо ташкил намояд, инчунин дар машваратҳое, ки роҳбарияти мақоми давлатӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ дар доираи масъалаҳои ба ваколати хадамоти кадрӣ мансуб мегузаронанд, иштирок намояд;
- лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба масъалаи кадрӣ дахлдоштаро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд;

- дар ҳамкорӣ бо воҳиди сохтории иттилоотии мақоми давлатӣ тафсирҳои иттилоотӣ ва дигар санадҳои заруриро нашр ва паҳн карда, дар доираи ваколати хадамоти кадрӣ мукотибаи кориро анҷом диҳад;
- санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти мақоми давлатиро, ки ба ваколатҳои хадамоти кадрӣ мансубанд, амалӣ намояд;
- роҳбарӣ, назорат ва инчунин ёрии методӣ, ташкилӣ ва техникиро вобаста ба масъалаҳое, ки ба раванди таҳия ва тасдиқи дастурамали мансабии мансабҳои воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ дахл доранд, таъмин намояд;
- дар якҷоягӣ бо роҳбарони воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ, ташкилоти иттифоқҳои касаба, комиссияҳои ҷамъиятӣ рафти риояи интизоми меҳнатиро назорат намуда, ба роҳбари мақоми давлатӣ дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашидани кормандон пешниҳод манзур намояд.

13) Хадамоти кадрӣ дигар ҳуқуқҳои пешбини намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

14) Роҳбари хадамоти кадрӣ (корманди масъул) барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои хадамоти кадрӣ, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст, масъулияти шахсӣ дошта, дар машваратҳои кории назди роҳбари мақоми давлатӣ иштирок менамояд.

15) Роҳбари хадамоти кадрӣ дастурамалҳои мансабӣ ва нақшаи кори кормандони хадамоти кадриро таҳия намуда, барои тасдиқ ба роҳбари мақомоти давлатӣ пешниҳод менамояд.

16) Кормандони хадамоти кадрӣ бояд ба талаботи тахассусии барои категорияи мансабҳои ин воҳиди сохторӣ пешбинишуда мувофиқ бошанд.

17. Кормандони хадамоти кадрӣ кадршинос, ҳуқуқшинос, омӯзгор, психолог, сотсиолог, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ, дигар мутахассисони соҳаи гуманитарӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ шуда метавонанд.

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо мақсади ташаккули низоми захираи кадрҳо фармон медиҳам:

1) Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои талаботи Низомномаи мазкурро таъмин намоянд.

3) Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2003 № 1114 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи захираи кадрҳои хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
14 январи соли 2010
№ 756

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «14» январи соли 2010
№756 тасдиқ шудааст

# Низомнома
# дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома) тартиби ташкили захираҳои кадрҳоро барои пешбарӣ намудан ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ташкили кор бо захираи кадрҳо, инчунин ташкили махзани маълумоти кадрҳои захираро танзим менамояд.

2) Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ бо мақсади таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, саривақт ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои холии сиёсии хизмати давлатӣ ташкил карда мешавад.

3) Захираи кадрҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм танҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил карда мешавад.

4) Захираи кадрҳо ҳамчунин тибқи сархатҳои сеюм ва чоруми банди 14 Низомномаи мазкур ташкил карда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо меъёрҳои дахлдори Низомномаи мазкур татбиқ мегарданд.

5) Принсипҳои асосии ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захира:

- масъулияти шахсии роҳбари мақоми давлатӣ барои ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захира;
- боварӣ ва эҳтиром нисбат ба кадрҳои захира;
- баҳодиҳӣ ба сифатҳои корӣ ва шахсии кадрҳои захира;
- таъмини болоравии мансабӣ;
- ошкорбаёнӣ ва шаффофияти кор бо захираи кадрҳо.

6) Ташкили захираи кадрҳо, кор бо кадрҳои захира ва ташкили махзани маълумоти кадрҳои захира иҷрои вазифаҳои зеринро дар бар мегиранд:

– муайян намудани эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ ба кадрҳо;
– дохил намудан ба захираи кадрҳо ва тартиб додани рӯйхати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ;
– пешниҳоди рӯйхати захираи кадрҳои мақоми давлатӣ ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - мақоми ваколатдор);
– тайёр намудани кадрҳои захира (такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ);
– баҳодиҳии кадрҳои захира;
– истифодаи кадрҳои захира.

7) Роҳбари мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо (минбаъд - роҳбари мақоми давлатӣ) барои иҷрои чорабиниҳо оид ба ташкили захираи кадрҳо, тайёр намудани кадрҳои захира ва ба мансабҳои дахлдори давлатии хизмати давлатӣ таъин намудани онҳо масъул мебошад.

8) Кор бо захираи кадрҳоро корманди масъули хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ амалӣ менамояд.

9) Роҳбарии методӣ ва назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захираро мақоми ваколатдор амалӣ мегардонад.

## 2. Тартиби ташкили захираи кадрҳо ва махзани маълумоти кадрҳои захира

10) Ташкили захираи кадрҳо ин раванди мақсадноки таъмини болоравии мансабии кадрҳои баландихтисос, ташаббускор, дорои қобилияти ташкилотчигӣ ва малакаи идоракунӣ барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои холии сиёсии хизмати давлатӣ мебошад.

11) Захираи кадрҳо вобаста ба категорияи мансабҳо, ивазшавии ҳайат ва эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ ба кадрҳо муайян карда мешавад. Ба як мансаб метавонанд аз як то се нафар ба захираи кадрҳо дохил карда шаванд. Кадрҳои захира бояд ба талаботи тахассусии ишғолкунандагони мансабҳое, ки ба

захираи онҳо дохил карда мешаванд, мувофиқат намоянд. Дохил намудан ба захираи кадрҳо бо розигии кадри захирашаванда сурат мегирад.

12) Синни ниҳоии кадрҳои захира вобаста ба категорияи мансабҳо муайян карда шуда, барои мансабҳои маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм то 45- сола, барои мансабҳои категорияҳои якум ва олӣ то 50- сола, барои мансабҳои сиёсӣ то 55- сола мебошад.

13) Ҳангоми ворид намудан ба захираи кадрҳо тибқи сархатҳои сеюм ва чоруми банди 14 Низомномаи мазкур синни ниҳоӣ муқаррар карда намешавад.

14) Захираи кадрҳо аз ҳисоби шахсони зерин ташкил карда мешавад:

- хизматчиёни давлатие, ки мувофиқи тавсияи комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатӣ барои дохил кардан ба захираи кадрҳо пешбарӣ шудаанд;
- хизматчиёни давлатии сохторҳои марказӣ ва маҳаллии мақомоти давлатӣ, кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо барои дохил намудан ба захираи кадрҳои мақомоти давлатии дахлдор, кормандони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ барои дохил намудан ба захираи кадрҳои мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо тавсияи роҳбарони бевоситаи онҳо ё хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ;
- хизматчиёни давлатие, ки бо озод шудан аз мансаб ба таҳсил фиристода шудаанд, барои ишғоли мансабҳои баробар ба мансабе, ки то таҳсил ишғол намудаанд. Чунин хизматчиёни давлатӣ бо пешниҳоди хадамоти кадрии мақомоте, ки онҳоро барои таҳсил равон намудаанд, дар давраи таҳсил ба захираи кадрҳо дохил карда мешаванд;
- хизматчиёни давлатие, ки бинобар барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳидҳои корӣ аз мансаб озод карда шудаанд, барои ишғоли мансабҳои баробар ба мансабҳое, ки то озод шудан ишғол намудаанд. Чунин хизматчиёни давлатӣ бо пешниҳоди хадамоти кадрӣ ба мӯҳлати як сол ба захираи кадрҳо дохил карда мешаванд.

15) Дар ҳолати ба зиёда аз як мансаб ба захираи кадрҳо пешниҳод шудани шахс ӯ ба захираи кадрҳои мансаби категорияи баландтар дохил карда мешавад.

16) Дар мақоми ваколатдор барои қонеъ гардонидани талаботи мақомоти давлатӣ бо кадрҳои роҳбарикунанда барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ махзани маълумоти кадрҳои захира ташкил карда мешавад. Махзани маълумоти кадрҳои захира бо истифодаи рӯйхати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ тартиб дода мешавад.

17) Кадрҳои захира ба мансабҳои холии пешбаришуда беозмун таъин карда мешаванд.

**3. Комиссия оид ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ**

18) Бо қарори роҳбари мақоми давлатӣ барои интихоби кадрҳои захира Комиссия оид ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ (минбаъд-Комиссия) таъсис дода мешавад.

19) Комиссия дар ҳайати раис, котиб ва аъзои комиссия, иборат аз 5-7 нафар ташкил карда шуда, доимоамалкунанда мебошад.

20) Ба ҳайати Комиссия роҳбари мақоми давлатӣ ва/ё муовинони ӯ, намояндаи хадамоти кадрӣ, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, мутахассисони ботаҷрибаи мақоми давлатӣ, намояндагони иттифоқҳои касаба дохил карда мешаванд. Ишғолкунандаи мансаби баландтар раиси Комиссия мебошад.

21) Дар кори Комиссия оид ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ намояндаи мақоми ваколатдор метавонад бо овози машваратӣ иштирок намояд.

22) Ба баррасии Комиссия аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

– пешниҳод/тавсияҳо дар бораи дохил намудан ба захираи кадрҳо;
– маълумотнома (объективка) бо расми андозаи 4х6;
– делои шахсӣ.

23) Комиссия дар давоми сол (аз рӯи зарурат) ва дар моҳи декабр (ҳатман) ҷаласа доир намуда, масъалаҳои дохил намудан ба захираи кадрҳо ва/ё хориҷ намудан аз захираи кадрҳоро баррасӣ менамояд.

24) Аз натиҷаи ҷаласаи Комиссия дар моҳи декабр рӯйхати захираи кадрҳои мақоми давлатӣ тибқи Низомномаи мазкур аз нав тартиб дода мешавад.

25) Ҷаласаи Комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисоб карда мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзои Комиссия иштирок дошта бошанд. Қарори Комиссия дар овоздиҳии кушода бо тарафдории аксари аъзои Комиссия, ки дар ҷаласа иштирок доранд, қабул карда мешавад.

26) Ҳангоми баррасии пешниҳод/тавсияҳо дар бораи дохил намудан ба захираи кадрҳо баҳодиҳии ҳамаҷонибаи захирашавандагон аз рӯи талаботи зерин сурат мегирад:

– сифатҳои касбӣ, яъне тавсифи донишҳои касбӣ, маҳорат, малака, таҷриба, собиқаи хизмати давлатӣ ва/ё собиқаи умумӣ, мувофиқат ба талаботи тахассусии мансабҳои ишғолшаванда, натиҷаҳои фаъолият;
– сифатҳои кордонӣ, яъне муташаккилӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, самараи фаъолият, доштани қобилияти идоракунӣ ва маҳорати роҳбарӣ;
– сифатҳои ахлоқӣ, яъне боодобӣ, поквиҷдонӣ, адолатнокӣ, ботамкинӣ, маҳорати кор карда тавонистан бо ҳамкорон ва муроҷиаткунандагон.

27) Қарорҳои Комиссия дар шакли протокол ба расмият дароварда шуда, барои тасдиқ ба роҳбари мақомоти давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳолате, ки агар раиси Комиссия роҳбари мақоми давлатӣ бошад, чунин тасдиқ талаб карда намешавад.

28) Дар асоси қарорҳои Комиссия дар бораи дохил намудан ба заҳираи кадрҳо аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ рӯйхати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ (мувофиқи шакли замимагардида) тартиб дода мешавад.

29) Кадрҳои захира бо асосҳои зерин аз ҳайати захираи кадрҳо хориҷ карда мешаванд:

– мавҷуд будани муҷозоти интизомӣ ё маъмурӣ;
– бо пешниҳоди аризаи шахсӣ оид ба хориҷ намудан аз захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ;
– вобаста ба озод намудан аз мансаби ишғолнамуда ё таъин гардидан ба мансаби пасттар;
– расидан ба синни ниҳоии дар захираи кадрҳо будан.

30) Масъалаи хориҷ намудан аз захираи кадрҳо бо пешниҳоди хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ баррасӣ карда мешавад. Қарори Комиссия дар бораи хориҷ намудан аз захираи кадрҳо бо тартиби дар банди 27 Низомномаи мазкур пешбинишуда ба расмият даровarda мешавад.

## 4. Тайёр намудани кадрҳои захира

31) Тайёр намудани кадрҳои захира бо роҳи такмили ихтисос ва/ё таҷрибаомӯзӣ анҷом дода шуда, бо ин мақсад нақшаи чорабиниҳо тартиб дода мешавад.

32) Эҳтиёҷоти кадрҳои захира ба такмили ихтисос ва/ё таҷрибаомӯзӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ бо роҳҳои зерин муайян карда мешаванд:

– омӯзиши делои шахсии кадри захира;
– омӯзиши натиҷаи аттестатсияи кадри захира;
– омӯзиши натиҷаҳои фаъолияти кадри захира;
– сӯҳбат бо кадри захира;
– сӯҳбат бо роҳбари бевоситаи кадри захира;
– омӯзиши одоби хизматӣ (корӣ) ва ғайрихизматии (ғайрикории) кадри захира.

33) Такмили ихтисос дар муассисаҳои такмили ихтисоси соҳавӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё муассисаҳои таълимии хориҷӣ амалӣ гардонида мешавад.

34) Таҷрибаомӯзӣ дар шаклҳои зерин сурат мегирад:

– муваққатан иҷро намудани ӯҳдадориҳои мансабии мансабе, ки кадри захирашаванда ба захираи он дохил карда шудааст;
– иштирок дар чорабиниҳои мубодилаи таҷриба ва дорои хусусияти омӯзишӣ;
– иҷрои супоришҳои алоҳида;
– омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

35) Баҳсҳои вобаста ба масъалаҳои захираи кадрҳо аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми ваколатдор ё суд баррасӣ карда мешавад.

36) Мақоми давлатӣ ӯҳдадор аст, ки руйхати захираи кадрҳоро на дертар аз 10 январ ба мақоми ваколатдор дар шакли муқарраргардида пешниҳод намояд.

37) Мақоми ваколатдор дар моҳи феврал оид ба ҳолати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод менамояд.

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи қисми 2 моддаи $7^1$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фармон медиҳам:

1) Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Роҳбарони мақомоти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати татбиқи Кодекси мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3) Назорати иҷрои Фармони мазкур ба ӯҳдаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

4) Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2004 №1343 «Дар бораи тасдиқи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
15 сентябри соли 2010
№932

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 15 сентябри соли 2010
№932 тасдиқ шудааст

# КОДЕКСИ ОДОБИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кодекс), маҷмӯи қоидаҳои рафтори хизматчии давлатии мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-мақомоти давлатӣ) мебошад, ки хислати ахлоқии фаъолияти касбии онро таҷассум намуда, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ ва талаботи маънавии ҷамъият ба хизмати давлатӣ бармеояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1) Амали Кодекси мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии низоми хизмати давлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ишғол менамоянд, паҳн мегардад.

## БОБИ 2. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ОДОБИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

2) Кодекси мазкур ба принсипҳои хизмати давлатӣ ва талабот ба рафтори хизматчиёни давлатӣ, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» пешбинӣ намудаанд, инчунин ба принсипҳои зерини одоби хизмати давлатӣ асос меёбад:

– қонуният;
– риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон;
– поквиҷдонӣ;
– таҳаммулпазирӣ.

## БОБИ 3. ҚОИДАҲОИ РАФТОРИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ ҲАНГОМИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ

3) Хизматчии давлатӣ бояд адолатнок амал намояд. Ҳангоми қабули қарор ва амалӣ намудани ваколатҳои худ хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад, ки дар асоси мансубияти сиёсӣ, динӣ, ҷинсӣ, забонӣ, нажодӣ ва дигар сабабҳо ба шахсе хилофи қонунгузорӣ бартарият ва имтиёз диҳад.

4) Хизматчии давлатӣ бояд ба урфу одатҳои миллатҳо таҳаммулпазирӣ ва арҷгузорӣ намуда, хусусиятҳои фарҳангӣ ё дигар хусусиятҳои гурӯҳҳои этникӣ ва иҷтимоиро ба инобат гирифта, ба созиши байни миллатҳо мусоидат намояд.

5) Хизматчии давлатӣ бояд ба таври доимӣ ба такмили тахассуси касбии худ машғул шуда, донишҳои худро дар сатҳи мувофиқи барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ зарурӣ нигоҳ дорад, забони давлатиро донад.

6) Хизматчии давлатӣ бояд фаъолияти касбии худро ҳамон тавр амалӣ намояд, ки ба қобилияти ӯ шубҳа пайдо нашавад, бовиҷдонона ва беғаразона кор карда, ба шаъну шараф ва обрӯю эътибори хизматчии давлатӣ иснод наоварад.

7) Хизматчии давлатӣ бояд танҳо воситаҳои қонунӣ ва одобии пешравӣ дар хизматро истифода барад.

8) Хизматчии давлатӣ, ки вазифаи роҳбарикунандаро ишғол менамояд, ӯҳдадор аст ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти давлатӣ ба зуҳуроти маҳалчигӣ, хешутаборӣ, маҳбуб донистан ва таъиноти кадрҳо аз рӯи аломати садоқатмандии шахсӣ роҳ надиҳад.

9) Хизматчии давлатӣ дар муносибат бо шаҳрвандон, ҳамкасбон ва намояндагони дигар ташкилотҳо бояд хушмуомила ва бодиққат бошад.

10) Хизматчии давлатӣ дар коллектив бояд ба муқаррар намудани муносибатҳои кории тарафайн, ҳамкориҳои судманд бо мақсади фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ мусоидат намояд.

11) Хизматчии давлатӣ, ки мансаби роҳбарикунандаро ишғол менамояд, бояд барои дигар хизматчиёни давлатӣ дар муносибати касбӣ бо ӯҳдадориҳои худ, фаъолияти бенуқсон, хайрхоҳӣ ва таваҷҷӯҳ доштан ба одамон намуна бошад ва дар миёни тобеони худ барои ташаккули одоб ва вазъи мусоид барои кор мусоидат намояд.

12) Хизматчии давлатӣ набояд барои гирифтани иттилооти хизматӣ, ки ба ваколати ӯ дохил намешавад, кӯшиш намояд.

13) Хизматчии давлатӣ набояд иттилооти расмиро, ки бояд ва мумкин аст ошкор карда шавад, пинҳон дорад, иттилооти нопурра ва дурӯғро паҳн намояд.

14) Хизматчии давлатӣ бояд ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма оид ба иттилоотонии ҷомеа дар бораи кори мақомоти давлатӣ бо эҳтиром муносибат карда, барои гирифтани иттилооти дуруст, ки қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст, ба онҳо кӯмак расонад.

15) Хизматчии давлатӣ бояд аз таъсири шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои касбӣ ва ҷамъиятӣ мустақил бошад.

16) Хизматчии давлатӣ бояд ҳаракатҳоеро, ки ба таъсири манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ (молиявӣ), тиҷоратӣ ва дигар манфиатҳо алоқаманд мебошанд ва барои бовиҷдонона иҷро кардани ӯҳдадориҳои мансабӣ монеа мешаванд, истисно намояд.

17) Хизматчии давлатӣ бояд ба гирифтани ҳар гуна тӯҳфаҳо барои иҷрои вазифаҳои (ӯҳдадориҳои) мансабии худ дар шакли моддӣ (пул, тӯҳфа) ва дар шакли ғайримоддӣ (хизматрасонӣ) ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ роҳ надиҳад.

18) Хизматчии давлатӣ бояд аз иштирок дар амале, ки беғаразии ӯ зери шубҳа қарор мегирад, ё аз ҷой доштани ҳолатҳое, ки аз бевосита ё бавосита аз манфиатдор будани ӯ дар амали ғайриқонунӣ гувоҳӣ медиҳад, даст кашад.

19) Хизматчии давлатӣ набояд аз вазъи хизматии худ суйистифода карда, дар аҳдҳо ва вазъияти ихтилофнок, ки ба амали хизматии ӯ мутобиқат намекунанд, иштирок намояд.

20) Хизматчии давлатӣ бояд манбаъҳо ва воситаҳои давлатии (технологияи иттилоотии шабакаи интернет, шабакаи дохилӣ, почтаи электронӣ, телефон, ксерокс, факсҳо, дигар таҷҳизот, арзишҳои моддию ғайримоддӣ) ба ӯ пешниҳодшударо самаранок ва бовиҷдонона истифода намояд.

## БОБИ 4. НАЗОРАТИ РИОЯИ КОДЕКСИ ОДОБ, ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯ ОИД БА ОДОБ

21) Назорати риояи Кодекси мазкур дар мақомоти давлатӣ аз тарафи комиссия оид ба одоб амалӣ карда мешавад.

22) Комиссия оид ба одоб бо фармоиши (қарори) роҳбари мақомоти давлатӣ дар ҳайати раис, муовин, аъзои комиссия иборат аз 5 - 7 нафар, аз ҷумла котиби масъули комиссия (бо ҳуқуқи овоз додан) таъсис дода мешавад. Роҳбари мақомоти давлатӣ ё муовини ӯ ба ҳайси раиси комиссия интихоб карда мешавад.

23) Ба ҳайати комиссия оид ба одоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вакилони маҷлисҳои вакилони халқи дахлдор ва вакилони ҷамоат шомил шуда метавонанд.

24) Комиссия оид ба одоб дар ду моҳ як маротиба ва аз рӯи зарурат ҷаласа доир менамояд. Ҷаласаи комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду қисми ҳайати он иштирок дошта бошанд.

25) Қарори комиссия оид ба одоб дар ғоиби хизматчии давлатӣ бо овоздиҳии аксарияти иштироккунандагони ҷаласа қабул карда мешавад. Ҳангоми баробар будани овозҳо овози раиси комиссия оид ба одоб ҳалкунанда ҳисоб меёбад.

26) Аз натиҷаи баррасии парвандаи интизомӣ комиссия оид ба одоб яке аз қарорҳои зайлро қабул мекунад:

– ба роҳбари мақомоти давлатӣ дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчиёни давлатӣ тавсия медиҳад;
– маводи парвандаи интизомиро барои баррасӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдор барои моҳиятан қабул намудани қарор мефиристад;
– санҷиши маводро оид ба истеҳсолоти интизомӣ қатъ менамояд.

27) Қарори комиссия оид ба одоб барои татбиқ ба роҳбари мақомоти давлатӣ пешниҳод карда мешавад ва барои татбиқи муҷозоти интизомӣ асос мегардад.

28) Роҳбари мақомот ҳуқуқ дорад қарори комиссия оид ба одобро асоснок рад ё гузаронидани санҷиши такрориро таъин намояд.

29) Дар вақти татбиқи қарори комиссия оид ба одоб бояд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шавад.

30) Оид ба қарори комиссия оид ба одоб ё қарори роҳбари мақомоти давлатӣ дар мӯҳлати то як моҳ баъди шинос шудан бо матни он ба комиссия, роҳбари мақомоти давлатӣ, мақомоти болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва суд шикоят овардан мумкин аст. Шикоятро мақомоти дахлдор аз болои қарори комиссия оид ба одоб ва ё роҳбари мақомоти давлатӣ баррасӣ намуда:

– дар сурати ошкор шудани ҳолати риоя нагардидани тартиби муқарраргардидаи санҷиши хизматӣ ба комиссия ва роҳбари мақомоти давлатӣ дар бораи бекор кардани қарори қабулшуда пешниҳод манзур менамояд;
– дар сурати тасдиқ нагардидани далелҳои шикоят ба хизматчии давлатӣ хаттӣ хабар медиҳад.

31) Ба вазифаҳои комиссия оид ба одоб дохил мешаванд:

– омӯзиш ва пешниҳоди таклиф оид ба такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки масъалаи одоб ва бархурди манфиатҳоро танзим менамоянд;
– амалӣ намудани назорати иҷрои муқаррароти Кодекси мазкур дар мақомоти давлатӣ;
– машварат додан ба хизматчиёни давлатӣ барои масъалаҳои марбут ба одоб;
– дар мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба одоб гузаронидани чорабиниҳои таҳсилотӣ ва иттилоотӣ;
– барои муайян кардани ҳолатҳои вайрон шудани Кодекси мазкур ва бархурди манфиатҳо гузаронидани санҷиши хизматӣ;
– таҳияи тавсияҳо барои муҳокима дар маҷлиси коллективи кормандони мақомоти давлатӣ, дарҷ намудан дар варақаи аттестатсионии хизматчии давлатӣ оид ба ҳолатҳои риоя нагардидани Кодекси мазкур ва ба эътибор гирифтан ҳангоми таъинот ба дигар мансаби хизмати давлатӣ ё барои татбиқи муҷозоти интизомӣ;
– пешниҳоди тавсия барои баррасии роҳбарони мақомоти давлатӣ дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ ҷалб намудани хизматчиёни давлатие, ки талаботи Кодекси мазкурро вайрон кардаанд;
– тавассути воситаҳои ахбори омма ташвиқу тарғиб намудани одоб.

32) Салоҳияти комиссия оид ба одоб иборат мебошад аз:
- банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии барномаҳои таълимии одоб;
- таъминоти мақомоти давлатӣ бо воситаҳои аёнӣ оид ба масъалаҳои идораи одоб;
- баррасии мавод оид ба ҳолатҳои вайрон намудани Кодекси мазкур ва бархурди манфиатҳо аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ;
- оид ба вайрон намудани одоб ва бархурди манфиатҳо аз ҷониби хизматчии давлатӣ аз шаҳрвандон ва дигар хизматчиёни давлатӣ гирифтани иттилоот ва ба роҳбари мақомоти давлатӣ хабар додан;
- баррасии мавод оид ба ҳолатҳои вайрон намудани Кодекси мазкур аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ва шикоятҳои хизматчиёни давлатӣ нисбат ба қарорҳои комиссия оид ба одоби мақомоти давлатӣ;
- баррасии пешниҳоди мақомоти мубориза бо коррупсия ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- гузаронидани санҷиши хизматии ҳолатҳои вайрон намудани Кодекси мазкур;
- шарҳ додани ҳолатҳои бархурди манфиатҳо ҳангоми пайдоиши ихтилофҳо;
- барои иҷрои вазифаҳои худ талаб намудани ҳуҷҷатҳо, мавод ва иттилоот аз мақомоти давлатӣ, инчунин аз дигар ташкилоти дахлдор;
- гирифтани баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ аз хизматчиёни давлатӣ;
- пешниҳоди таклиф ба роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ташкилот дар хусуси гузаронидани санҷиш ва тафтишоти хизматӣ оид ба далелҳои вайрон гардидани меъёрҳои Кодекси мазкур;
- ҷалб намудани ташхисгарон, мутахассисон ва кормандони дахлдори мақомоти давлатӣ барои додани хулоса;
- бекор намудани (тағйир додани) қарорҳои худ.

33) Раиси комиссия оид ба одоб:
- фаъолияти комиссияро ташкил менамояд ва онро роҳбарӣ мекунад;

– рӯзномаи ҷаласаи комиссияро муайян мекунад;
– ҷаласаи комиссияро даъват менамояд ва ба он раисӣ мекунад;
– аз ҳисоби аъзои комиссия оид ба масъалаи дар маҷлиси комиссия баррасишаванда маърӯзачиро муайян менамояд;
– дар хусуси ҳайати комиссия ё иваз намудани аъзои он таклиф пешниҳод менамояд.

34) Котиби масъули комиссия оид ба одоб:

– таъминоти таҳлилию иттилоотӣ, ташкилию ҳуқуқии фаъолияти комиссияро анҷом медиҳад;
– маводро барои баррасии парвандаҳои интизомӣ омода менамояд;
– маълумотро дар бораи ҳолатҳои вайрон гардидани меъёрҳои Кодекси мазкур мураттаб ва таҳлил менамояд;
– таҳияи тавсия оид ба такмили Кодекси мазкурро анҷом медиҳад;
– дар таълими шаҳрвандон дар соҳаи риояи Кодекси мазкур иштирок менамояд;
– ҷиҳати хабардор намудани шахсоне, ки ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд, дар бораи ҷой ва вақти гузаронидани маҷлиси комиссия тадбирҳо меандешад;
– аз шахсони мансабдор ва дигар субъектҳо мавод ва иттилооти дахлдорро, ки барои санҷиш заруранд, талаб менамояд;
– мутахассисон ва мушовиронро дар соҳаҳои дахлдор барои иштирок дар санҷиш ва додани хулоса ҷалб менамояд;
– кормандони мақомоти давлатиеро, ки баррасии масъалаи санҷишшаванда ба ваколати онҳо мансуб аст, ҷалб менамояд;
– ба баррасии комиссия таклифро ҷиҳати такмил додани Кодекси мазкур манзур менамояд.

35) Аъзои комиссия оид ба одоб дар ҷаласа бе ҳуқуқи ивазшавӣ иштирок мекунанд.

36) Комиссияи одоб аз рӯи асосҳои зерин парвандаи интизомиро оғоз менамояд:

– бо пешниҳоди роҳбари мақомоти давлатӣ;

- бо дархости хизматчии давлатӣ;
- аз рӯи муроҷиати хаттии шаҳрвандон.

37) Парвандаи интизомии оғознамудаи раиси комиссия оид ба одоб бояд дар мӯҳлати се ҳафта аз рӯзи ба истеҳсолот қабул намудан баррасӣ карда шавад.

38) То баррасии парвандаи интизомӣ дар маҷлиси комиссия оид ба одоб аз ҷониби комиссия мутобиқи тартиби муқарраргардида санҷиш гузаронида, ҳолатҳо ва маълумоти марбут ба парвандаро баррасӣ менамояд, аз шахсоне, ки ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд, баёнот мегирад.

39) Комиссияҳо санҷиши ҳолатҳои вайрон намудани Кодекси мазкурро тибқи тартибе, ки барои гузаронидани санҷиши хизматӣ муқаррар гардидааст, мегузаронанд.

## БОБИ 5. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ КОДЕКСИ ОДОБ

40) Дастури амал қарор додани қоидаҳои Кодекси мазкур ӯҳдадории хизматчии давлатӣ буда, риоя накардани он боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

41) Таҳлил ва баҳодиҳии риояи меъёрҳои одоби рафтори хизматӣ ҳангоми гузаронидани аттестатсия, баррасии фаъолият, иштирок дар озмун, таъин кардани хизматчии давлатӣ ба мансаб, ҳангоми мукофотонидан, тайёр кардани тавсифнома ё тавсиянома ҳатмӣ мебошад.

42) Роҳбари мақомоти давлатӣ дар асоси тавсияи комиссия оид ба одоб бояд барои бартараф намудани рафтори беодобонаи тобеон чораҳои зеринро андешад:

- гузаронидани чораҳои иттилоотонӣ, ки ба паҳн намудани муқаррароти Кодекси мазкур равона карда шудааст;
- бо тартиби муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» татбиқ намудани муҷозоти интизомӣ;
- бо рафтори шахсии худ намунаи поквиҷдонӣ, беғаразӣ ва адолатнокӣ будан;
- андешидани дигар чораҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

43) Ҳангоми дар амалҳои шахс мавҷуд будани аломатҳои ҷиноят, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё интизомӣ маводи дахлдор бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ё ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷиҳати кашидан ба ҷавобгарии маъмурӣ ё интизомӣ фиристода мешаванд.

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ»

Мутобиқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" фармон медиҳам:

1. Низомномаи замимагардидаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ тасдиқ карда шавад.

2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 августи соли 2003, № 1122 "Дар бораи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ ва иловапулӣ барои онҳо" аз эътибор соқит донista шавад.

3. Фармони мазкур аз рӯзи имзо мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
5 апрели соли 2008
№ 443

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 апрели соли 2008 № 443
тасдиқ шудааст

# Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ (минбаъд-Низомнома) тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва дигар масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусиро муайян мекунад.

2. Рутбаҳои тахассусӣ бо дарназардошти ишғоли мансабҳои давлатии сиёсӣ ва мансабҳои маъмурии хизмати давлатии категорияи дахлдор дода мешаванд.

3. Ба хизматчии давлатӣ додани рутбаи тахассусӣ ё унвони соҳавии пешбининакардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё ба салоҳияти мақоми давлатӣ номутобиқ манъ аст.

4. Барои намудҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ, ки аз низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, дигар рутбаҳо ва унвонҳои махсус, инчунин либосҳо ва аломатҳои тафриқа муайян карда мешавад.

5. Рутбаҳои тахассусӣ якумрӣ дода мешаванд.

6. Аз рутбаи тахассусӣ маҳрум намудани хизматчии давлатӣ бо ҳукми айбдоркунандаи ба қувваи қонун даромадаи суд барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мумкин аст.

7. Хизматчии давлатӣ дар асоси пешниҳоди нусхаи ҳукми сафедкунандаи суд бо қарори шахси мансабдоре, ки ҳуқуқи додани ин рутбаи тахассусиро дорад, ба рутбаи тахассусии пешина барқарор карда мешавад.

8. Ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатии пасттар гузаронидан ё гузаштани хизматчии давлатӣ барои паст кардани рутбаи тахассусии ба ӯ пештар додашуда асос намегардад.

9. Рутбаҳои тахассусии ба хизматчии давлатӣ додашуда дар шаҳодатномаи хизматӣ ва дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ қайд карда мешаванд. Қайди дахлдор дар фасли "Маълумот дар бораи кор"-и дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ гузошта мешавад.

## II. Тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва маҳрум кардан аз рутбаҳои тахассусӣ

10. Барои хизматчиёни давлатӣ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рутбаҳои зерини тахассусӣ муқаррар намудааст:

- Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мушовири давлатии дараҷаи 1;
- Мушовири давлатии дараҷаи 2;
- Мушовири давлатии дараҷаи 3;
- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1;
- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2;
- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3;
- Референти хизмати давлатии дараҷаи 1;
- Референти хизмати давлатии дараҷаи 2;
- Референти хизмати давлатии дараҷаи 3.

11. Рутбаҳои тахассусии пешбининамудаи банди 10 Низомномаи мазкур ба хизматчиёни давлатӣ вобаста ба ишғоли мансабҳои хизмати давлатии зерин дода мешаванд:

- Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ;
- Мушовири давлатии дараҷаи 1, Мушовири давлатии дараҷаи 2 –ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ;
- Мушовири давлатии дараҷаи 3, Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1- ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи якум;
- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1, Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи дуюм;

- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2, Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи сеюм;
- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3, Референти хизмати давлатии дараҷаи 1 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи чорум;
- Референти хизмати давлатии дараҷаи 1, Референти хизмати давлатии дараҷаи 2 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи панҷум;
- Референти хизмати давлатии дараҷаи 2, Референти хизмати давлатии дараҷаи 3 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи шашум;
- Референти хизмати давлатии дараҷаи 3 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи ҳафтум.

12. Рутбаҳои тахассусии Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии дараҷаи 1, 2, 3 дар асоси дархости асосноки мақомоти давлатӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

13. Рутбаҳои тахассусии Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1, 2, 3 ва Референти хизмати давлатии дараҷаи 1, 2, 3 бо пешниҳоди роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ дода мешаванд.

14. Рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчии давлатӣ дар доираи категорияи мансаби ишғолкардааш пай дар пай дода мешаванд.

15. Ба шаҳрванде, ки бори аввал ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудааст, рутбаи тахассусии дахлдор баъди як соли таъин (интихоб) шудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ дода мешавад.

16. Ба хизматчии давлатии як сол собиқаи хизмати давлатидоштае, ки рутбаи тахассусӣ надорад, рутбаи тахассусии дахлдор дар доираи категорияи мансаби ишғолкарда дар давоми ду моҳи корӣ дода мешавад.

17. Ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои зерин рутбаи тахассусии навбатӣ дода мешавад:

- Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди се соли додани рутбаи тахассусии Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мушовири давлатии дараҷаи 1 баъди ду солу шаш моҳи додани рутбаи тахассусии Мушовири давлатии дараҷаи 2;
- Мушовири давлатии дараҷаи 3 баъди ду солу шаш моҳи додани рутбаи тахассусии Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1;
- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1 баъди ду соли додани рутбаи тахассусии Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2;
- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2 баъди ду соли додани рутбаи тахассусии Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3;
- Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3 баъди як солу шаш моҳи додани рутбаи тахассусии Референти хизмати давлатии дараҷаи 1;
- Референти хизмати давлатии дараҷаи 1 баъди як солу шаш моҳи додани рутбаи тахассусии Референти хизмати давлатии дараҷаи 2;
- Референти хизмати давлатии дараҷаи 2 баъди як соли додани рутбаи тахассусии Референти хизмати давлатии дараҷаи 3.

18. Дар сурати ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудан ё гузаронидани хизматчии давлатӣ, ки рутбаи тахассусӣ надорад, ба ӯ рутбаи тахассусии ба мансаби ишғолкардааш мувофиқ баъди гузаштани як сол дода мешавад.

19. Дар сурати ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудан ё гузаронидани хизматчии давлатӣ, ки рутбаи тахассусӣ дорад, ба ӯ рутбаи тахассусии ба мансаби ишғолкарда мувофиқ дар давоми ду моҳи корӣ дода мешавад.

20. Ба хизматчии давлатие, ки ба мансаби ғайрихизматии давлатӣ гузаштааст, дар ҳолати аз нав ба мансаби сиёсӣ ё маъмурии хизмати давлатӣ таъин шудан, рутбаи тахассусии қаблан гирифтааш барқароршуда эътироф мегардад.

21. Ба хизматчии давлатӣ барои иҷрои супоришҳои махсусан масъулиятнок, натиҷаҳои баланди касбию хизматӣ, саҳми

он дар таҳкими мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатӣ мумкин аст рутбаи тахассусии навбатӣ пеш аз мӯҳлат ё аз доираи категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд дода шавад.

22. Барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ (содир намудани кирдори интизомӣ) нисбати хизматчии давлатӣ ба сифати муҷозоти интизомӣ ба мӯҳлати то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ татбиқ карда мешавад. Дар давраи амали ҷазои интизомӣ ба хизматчии давлатӣ рутбаи тахассусӣ, аз ҷумла рутбаи тахассусии навбатӣ дода намешавад.

23. Ҳангоми гузаронидани (гузаштани) хизматчии давлатӣ ба дигарнамудҳои хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ, ки дорои рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, дигар рутбаҳо ва унвонҳои махсуси пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" мебошанд, иловапулии барои рутбаи тахассусӣ пардохтшавандаи хизматчии давлатӣ то лаҳзаи дода шудани рутбаи дахлдори мақоми мазкур нигоҳ дошта мешавад.

24. Ҳангоми аз дигар намудҳои хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ, ки дорои рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, дигар рутбаҳо ва унвонҳои махсус мебошанд, ба хизмати давлатии шаҳрвандии пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" гузаронидани (гузаштани) хизматчии давлатӣ иловапулии барои рутбаи махсуси пардохтшавандаи ӯ то лаҳзаи додани рутбаи тахассусии хизмати давлатии шаҳрвандӣ нигоҳ дошта мешавад. Ба чунин хизматчиёни давлатӣ дар давоми ду моҳи корӣ рутбаи тахассусии хизмати давлатии шаҳрвандӣ на пасттар аз рутбаи доштааш дода мешавад.

## III. Вазифаҳои хадамоти кадрии мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ

25. Вазифаҳои хадамоти кадрии мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ аз инҳо иборат аст:

– омӯзиши делои шахсии хизматчии давлатӣ ва дар якҷоягӣ бо роҳбари воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ

омода намудани ҳуҷҷатҳо дар хусуси ба хизматчии давлатӣ додани рутбаи тахассусӣ;
- санҷиши дурустии маълумот оид ба собиқаи кории зарурӣ барои додани рутбаи тахассусӣ;
- пешбурд ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчии давлатӣ;
- якҷоя бо роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ таҳия намудани пешниҳод ба роҳбари мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчии давлатӣ (додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва дигар масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусӣ);
- таҳияи лоиҳаи қарори (фармони) роҳбари мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои рутбаи тахассусӣ;
- қайди қарори (фармони) роҳбари мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои рутбаҳои тахассусӣ дар шаҳодатномаи хизматӣ ва дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ;
- омода намудани дархости асосноки мақоми давлатӣ дар хусуси ба хизматчии давлатӣ додани рутбаҳои тахассусии аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додашаванда, ки минбаъд аз тарафи роҳбари ин мақом ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ барои баррасӣ пешниҳод карда мешавад;
- дар фазои ботантана ба хизматчии давлатӣ эълон намудани қарор дар бораи додани рутбаи тахассусӣ;
- таъсиси маҳзани маълумот оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатии мақоми давлатӣ;
- иҷрои дигар ваколатҳое, ки ба рутбаҳои тахассусии хизматчии давлатӣ вобастагӣ доранд.

## IV. Қабули қарор оид ба масъалаҳои рутбаи тахассусӣ

26. Роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси пешниҳоди роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ дар хусуси ба хизматчии давлатӣ додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва доир ба дигар масъалаҳои вобаста ба рутбаи тахассусӣ дар муддати 5 рӯзи тақвимӣ қарор (фармон) қабул менамояд.

27. Нусхаи қарори (фармони) додани рутбаи тахассусӣ дар делои шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

28. Хизматчии давлатӣ бо қарори (фармони) роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва дигар масъалаҳои вобаста ба рутбаи тахассусӣ шинос карда мешавад.

## V. Пардохти иловапулӣ барои рутбаҳои тахассусӣ

29. Андозаи ҳармоҳаи иловапулиро барои рутбаи тахассусӣ ба маоши мансабии хизматчии давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

30. Иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ба хизматчии давлатӣ аз рӯзи имзои қарор (фармон) пардохт карда мешавад.

## VI. Қоидаҳои хотимавӣ

31. Роҳбари мақоми давлатӣ барои татбиқи Низомномаи мазкур ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ масъул мебошад.

32. Баҳсҳо оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаи тахассусӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатии болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва суд баррасӣ карда мешаванд.

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ»

Бо мақсади муайян намудан ва ба танзим даровардани давраҳои фаъолияти меҳнатие, ки ҳамчун собиқаи хизмати давлатӣ ҳисоб карда мешаванд ва мутобиқи моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" фармон медиҳам:

1. Низомномаи замимагардидаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад.

2. Иловапулии хизматчиёни давлатӣ барои собиқаи кор, ки то мавриди амал қарор гирифтани ин Низомнома таъин карда шудааст, нигоҳ дошта шуда, минбаъд ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Низомномаи мазкур анҷом дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
24 апрели соли 2008
№ 449

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 апрели соли 2008 № 449
тасдиқ шудааст

# Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ (минбаъд - Низомнома) давраҳои фаъолияти меҳнатиеро, ки собиқаи хизмати давлатӣ ҳисоб карда мешаванд, инчунин тартиби аз тарафи комиссияи мақомоти давлатӣ ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатиро муайян менамояд.

2. Собиқаи хизмати давлатӣ - фаъолияти меҳнатии хизматчии давлатӣ дар мақомоти давлатии пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва банди 5 Низомномаи мазкур мебошад, ки ба хизматчии давлатӣ имконияти гирифтани кафолатҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам меорад.

3. Собиқаи хизмати давлатӣ барои гирифтани кафолатҳои зерини иҷтимоии хизматчии давлатӣ асос мебошад:

- гирифтани иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ;
- рухсатии иловагии ҳарсолаи пардохтшаванда;
- баромадан ба нафақа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- гирифтани кӯмакпулии яквақта дар сурати ба нафақа баромадан;
- ройгон ба моликияти хизматчии давлатӣ додани хонаи истиқоматии дар фонди манзили давлатӣ ишғолкарда (ба ғайр аз хонаҳои истиқоматии хизматӣ);
- таъин шудан ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатии категорияи дахлдор;
- дигар кафолатҳои иҷтимоие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

## II. Фаъолияти меҳнатие, ки ба собиқаи хизмати давлатӣ дохил карда мешавад

4. Ба собиқаи хизмати давлатӣ давраи фаъолияти шаҳрванд дар мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ, хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати ҳарбӣ, инчунин фаъолият дар мансабҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дохил мешаванд.

5. Ба собиқаи хизмати давлатии хизматчиёни давлатӣ ҳамчунин дохил мешаванд:

– давраи кор дар мақомоти интихобӣ, ҳизбӣ, комсомолӣ ва иттифоқҳои касабаи собиқ Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон то 9 сентябри соли 1991;
– давраи кор дар мақомоти давлатӣ, дар системаи бонки давлатӣ, назорати давлатӣ (халқӣ), арбитражи давлатӣ, мақомоти гумрук ва андоз, дар намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ ва тиҷоратии собиқ, Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дар мансабҳое, ки ба хизматрасонии техникӣ ва таъминоти фаъолияти ин мақомот алоқаманд нестанд;
– давраи адои хизмати ҳақиқии ҳарбии ҳайати афсарон, прапоршикҳо ва дигар хизматчиёни ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, қӯшунҳои дохилӣ, қисмҳои сарҳадӣ, мақомоти идоракунӣ ва қисмҳои мудофиаи граждании, Кумитаи амнияти давлатӣ ва дигар воҳидҳои низомии собиқ Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон;
– давраи кор дар намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ);
– давраи кор дар хориҷа, ки бо роҳхати мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти собиқ Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон сурат гирифтааст, агар шахс дар муддати ду моҳ аз рӯзи бозгашт ба хизмати давлатӣ дохил шуда бошад;

- давраи кор дар мансаби охирини ташкилоти давлатии ба низоми хизмати давлатӣ дохилнабуда, агар корманд дар асоси амр, фармон, розигии хаттии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда бошад ва ё дар асоси амр, фармон, розигии хаттии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати давлатӣ гузашта бошад;
- давраи рухсатии иҷтимоии хизматчии давлатӣ, ки мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст;
- давраи рухсатиҳои бемузди муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- давраи таҳсил (тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ), ки бо роҳхати мақомоти давлатӣ сурат гирифтааст, агар хизматчии давлатӣ қабл аз фаро гирифта шудан ба таҳсил дар хизмати давлатӣ бошад ва баъди хатми он ба ҳамон ё дигар мақоми давлатӣ ба хизмати давлатӣ баргашта бошад;
- давраи адои хизмати ҳарбӣ тибқи даъват;
- давраи адои хизмати ҳақиқии ҳарбии ҳайати афсарон (ба ғайр аз ҳайати қаторӣ) дар Қувваҳои Мусаллаҳ, қӯшунҳои дохилӣ, қисмҳои сарҳадӣ, мақомоти идоракунӣ ва қисмҳои мудофиаи гражданӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Гвардияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар воҳидҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- давраи адои хизмати ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, воҳидҳои ҳарбикунонидашудаи зидди сӯхтор, ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ, дигар воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ, мақомот ва муассисаҳои Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- давраи адои хизмат дар мақомоти прокуратура;
- давраи адои хизмат дар Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- давраи адои хизмат дар мансабҳои афсарӣ ва роҳбарикунандаи воҳидҳои посбонии ҳарбикунонидашуда,

мақомоти махсуси алоқа ва қисмҳои наҷотдиҳӣ (новобаста аз тобеъияти идоравӣ ва мавҷудияти рутба);

- давраи дур намудани хизматчии давлатӣ аз иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, агар дар натиҷаи санҷиши хизмати қонунӣ дур намудани хизматчии давлатӣ аз иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ тасдиқ нагашта бошад;
- давраи ғайриқонунӣ дар ҳабс нигоҳ доштан ва адо намудани ҷазо, агар нисбати хизматчии давлатӣ тибқи тартиби муқарраршуда ҳукми сафедкунандаи суд бароварда шуда бошад;
- давраи ғайриқонунӣ аз кор озод будан ё ба кори дигар гузаронидан, агар хизматчии давлатӣ ба ҷойи кори пештарааш барқарор шуда бошад;
- дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

## III. Тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ

6. Давраҳои фаъолияти меҳнатӣ, ки ҳамчун собиқаи хизмати давлатӣ ҳисоб карда мешаванд, сарфи назар аз мӯҳлати қатъ шуданашон бо солҳо, моҳҳо ва рӯзҳо ҳисоб карда мешавад.

7. Ҳуҷҷатҳои асосии фаъолияти меҳнатии хизматчии давлатӣ, ки собиқаи хизмати давлатиро тасдиқ мекунанд, дафтарчаи меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои делои шахсии хизматчии давлатӣ мебошанд.

8. Дар сурати набудани сабти зарурӣ ё нодуруст ва ғалат будани сабти давраҳои корӣ, собиқаи меҳнатӣ аз рӯи маълумотномаҳо, нусхаи қарорҳо (фармонҳо, амрҳо ва дигар санадҳои мақомоти дахлдори давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо) дар бораи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин ва озод кардани шаҳрванд, ҳисобҳои шахсӣ, ведомостҳои пардохти музди меҳнат ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба таври расмӣ фаъолияти меҳнатиро исбот мекунанд, тасдиқ карда мешавад.

9. Собиқаи хизмати давлатӣ аз тарафи Комиссияи мақомоти давлатӣ оид ба ҳисоб намудани собиқаи хизмати давлатӣ (минбаъд -Комиссия) муайян карда мешавад. Комиссия аз тарафи роҳбари мақомоти давлатӣ дар ҳайати на камтар аз 3 нафар ташкил карда мешавад.

10. Комиссия аз рӯи зарурат ҷаласа мегузаронад ва оид ба натиҷаи ҳисоб намудани собиқаи хизмати давлатӣ протокол тартиб медиҳад.

11. Протокол тавассути фармони (амри) роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ гардида, нусхаи фармон (амр) ва протокол дар муҳосибот, хадамоти кадрӣ ва делои шахсӣ нигоҳ дошта мешаванд.

12. Баҳсҳои вобаста бо муайян намудани собиқаи хизмати давлатӣ аз тарафи мақоми болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва суд баррасӣ карда мешаванд.

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ»

Бо мақсади таҳкими дастгоҳи давлатӣ, таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ ва мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" фармон медиҳам:

1. Низомномаи замимагардидаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ тасдиқ карда шавад.

2. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва хадамоти кадрии онҳо аттестатсияи минбаъдаи хизматчиёни давлатиро тибқи Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2002 №878 "Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи тартиб ва шароити гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ" беэътибор дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
30 майи соли 2008
№ 468

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 майи соли 2008 № 468
тасдиқ шудааст

# Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ (минбаъд- Низомнома) тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки кормандони онҳо ба хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудаанд (минбаъд - мақомоти давлатӣ), танзим менамояд.

2. Аттестатсия - ин тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда мебошад, ки он бо роҳи баҳодиҳӣ ба натиҷаи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбии ӯ муайян карда мешавад.

3. Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (ба истиснои хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ) бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизмати давлатӣ, гирифтани иттилооти объективӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ва сатҳи дониши касбии хизматчиёни давлатии маъмурӣ гузаронида мешавад.

4. Вазифаҳои аттестатсия инҳо мебошанд:

- таҳкими иқтидори кадрии хизмати давлатӣ;
- баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатии маъмурӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- таъмини болоравии касбии хизматчии давлатии маъмурӣ;
- ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок ва сифатноки хизматчиёни давлатии маъмурӣ;

– пешбинӣ намудани чораҳо оид ба такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии маъмурӣ.

5. Принсипҳои асосии аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ инҳо мебошанд:

– ошкоро (кушода) гузаронидани аттестатсия;
– эҳтироми тарафайн (аттестатсияшаванда ва аъзои комиссия) ҳангоми гузаронидани аттестатсия;
– баҳодиҳии объективона, воқеъбинона ва маҷмӯии аттестатсияшаванда;
– асоснокии хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсионӣ;
– таъсирбахшии натиҷаи аттестатсия (ҳатмӣ будани хулоса ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ барои роҳбари мақоми давлатӣ).

6. Роҳбарии методӣ ва назорати рафти гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатиро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - мақоми ваколатдор) амалӣ менамояд.

7. Аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар се сол як маротиба гузаронида мешавад ва он наметавонад барои шаклҳои дигари баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ монеъ гардад.

8. Аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ) мумкин аст пеш аз мӯҳлати муқарраршуда низ гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ таъин карда шавад, ки он ҳам тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Низомнома гузаронида мешавад.

9. Хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ ва хизматчии давлатии ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ расида аттестатсия карда намешаванд.

10. Аз аттестатсия хизматчиёни давлатии маъмурии дар мансаби ишғолнамудаи хизмати давлатӣ камтар аз як сол фаъолиятнамуда ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини тифл буда озод карда мешаванд.

11. Хизматчиёни давлатии маъмурии дар банди 10 ҳамин Низомнома нишондодашуда, инчунин мутахассисони ҷавон баъд аз як соли кор дар мансаби ишғолнамуда аз аттестатсия мегузаранд.

## II. Комиссияи аттестатсионӣ

12. Бо қарори роҳбари мақоми давлатӣ барои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ аз ҳисоби мутахассисони ботаҷрибаи мақоми давлатӣ дар ҳайати раис, котиб ва аъзо бо шумораи на камтар аз 3 нафар комиссияи аттестатсионӣ таъсис дода мешавад. Дар ҳолати аз тарафи мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ таъин гардидани аттестатсия, комиссияи аттестатсионӣ мумкин аст аз тарафи ҳамин мақомот таъсис дода шавад.

13. Аттестатсияи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки шумораи хизматчиёни давлатиашон камтар аз 15 нафарро ташкил медиҳад, дар мақомоти давлатии болоӣ ё мақомоти давлатии дахлдори ҳудудӣ гузаронида мешавад. Дар чунин ҳолат намояндаи ин мақомот ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ дохил карда мешавад.

14. Комиссияи аттестатсионӣ дар вақти амалӣ намудани фаъолияти худ набояд барои пайдо шудани ихтилофи манфиатҳо, ки ба қарори вай таъсир расонида метавонанд, шароит фароҳам биёрад. Аъзои комиссияи аттестатсионӣ дар вақти баҳогузории фаъолияти хизматчии давлатӣ, додани хулоса ва тавсия мустақил мебошад.

15. Фаъолияти комиссияи аттестатсионӣ ҳамон вақт босалоҳият ҳисоб мешавад, ки агар дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзои комиссия иштирок дошта бошад.

16. Дар аттестатсия намояндаи мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад бо овози машваратӣ иштирок намояд.

## III. Тартиби ташкили аттестатсия

17. Аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти давлатӣ дар асоси санади (қарори, амри, фармони) роҳбари мақоми давлатӣ баргузор мегардад. Дар санад (қарор, амр, фармон) вақт ва тартиби гузаронидани аттестатсия нишон дода шуда, дар ин хусус мақоми ваколатдор ба таври хаттӣ хабардор карда мешавад.

18. Ҷадвали баргузории аттестатсия аз тарафи хадамоти кадрӣ таҳия ва аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ карда шуда, на дертар аз ду ҳафта пеш аз баргузории аттестатсия ба маълумоти аттестатсияшавандагон расонида мешавад.

19. Дар ҷадвал сана, вақт ва ҷойи гузаронидани аттестатсияи кормандони дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохторӣ ва дигар сохторҳои мақоми давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) нишон дода мешаванд. Ба ҷадвали баргузории аттестатсия рӯйхати хизматчиёни давлатии маъмурии аттестатсияшаванда замима карда мешавад.

20. Роҳбарони воҳидҳои сохторӣ барои ҳар як корманди тобеъ, ки аттестатсия карда мешавад, тавсифномаи хизматӣ таҳия намуда, онро на дертар аз даҳ рӯз то баргузории аттестатсия ба хадамоти кадрӣ пешниҳод менамоянд. Тавсифномаи хизматии роҳбарони воҳидҳои сохторӣ аз тарафи роҳбарони бевоситаи онҳо (минбаъд-роҳбари воҳидҳои сохторӣ) таҳия карда мешавад.

21. Дар тавсифномаи хизматӣ (замимаи 1) масъалаҳои зерини фаъолияти хизматчии давлатӣ нишон дода мешаванд:

- сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти хизматии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд ва риояи онҳо;
- татбиқи донишу таҷриба дар мансаби ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ;
- иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ;
- дигар хусусиятҳои хоси хизматчии давлатӣ (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғ.).

22. Тавсифномаи хизматӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ва мушоҳидаи роҳбари воҳиди сохторӣ тартиб дода мешавад. Қисми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии тавсифномаи хизматӣ бо ҳисоботи натиҷаи фаъолияти нимсола ва солонаи хизматчии давлатӣ асоснок карда мешавад.

23. Роҳбари воҳиди сохторӣ барои воқеӣ ва объективӣ тартиб додани тавсифномаи хизматии аттестатсияшаванда масъулияти шахсӣ дорад ва ӯҳдадор аст, ки ӯро бо тавсифномаи хизматӣ шинос намояд.

24. Аттестатсияшаванда метавонад ба комиссияи аттестатсионӣ маълумоти иловагиро дар бораи фаъолияти касбиаш пешниҳод кунад.

Ҳамзамон ӯ ҳуқуқ дорад норозигии худро нисбати тавсифномаи хизматӣ ба хадамоти кадрӣ ва/ё комиссияи

аттестатсионӣ пешниҳод карда, гузаронидани омӯзиши иловагии фаъолияти хизматии худро талаб намояд. Талаби ӯ аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ баррасӣ ва ҳал карда мешавад.

25. Аз аттестатсия дар навбати аввал роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва сипас хизматчиёни давлатии маъмурии ба онҳо тобеъ мегузаранд.

26. Роҳбари воҳиди сохторӣ дар вақти аз аттестатсия гузаштани хизматчии давлатии тобеъ иштирок менамояд ва ҳуқуқ дорад тавсифномаи хизматии тартибдодаи худро тавзеҳ диҳад.

## IV. Баргузории аттестатсия

27. Аттестатсияи хизматчии давлатӣ бо иштироки аттестатсияшаванда дар рӯзи пешбининамудаи ҷадвали баргузории аттестатсия дар соатҳои корӣ доир мегардад.

28. Хизматчиёни давлатии аттестатсияшаванда, ки бо сабабҳои узрнок (рухсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ, беморӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ) дар аттестатсия иштирок карда наметавонанд, тибқи ҷадвали иловагии баргузории аттестатсия аз аттестатсия мегузаранд.

29. Комиссияи аттестатсионӣ дар сурати бе сабабҳои узрнок ба аттестатсия ҳозир нашудани аттестатсияшаванда ба роҳбари мақоми давлатӣ оид ба гузаронидани санҷиши хизматӣ пешниҳод ирсол менамояд.

Роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси он қарори дахлдор қабул менамояд.

30. Комиссияи аттестатсионӣ маърӯзаи роҳбари бевоситаи аттестатсияшавандаро мешунавад ва дар сурати зарурат омӯзиши иловагии фаъолияти хизматчии давлатии маъмуриро анҷом медиҳад.

31. Комиссияи аттестатсионӣ бо аттестатсияшаванда тибқи бандҳои тавсифномаи хизматӣ дар шакли саволу ҷавоб сӯҳбат мегузаронад. Ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқ дорад ба аттестатсияшаванда савол диҳад, дар асоси ҷавобҳои ба саволҳои худ ва/ё ҷавобҳои ба саволҳои дигар аъзои комиссияи аттестатсионӣ додашуда ва/ё бо назардошти тавзеҳоти роҳбари хизматчии давлатии аттестатсияшаванда ӯро баҳогузорӣ намояд. Саволҳои додашуда ва ҷавобҳои аттестатсияшаванда аз тарафи котиби комиссияи аттестатсионӣ дар варақаи аттестатсионӣ мухтасар қайд карда мешаванд.

32. Баҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ аз "5"-аъло, "4"-хуб, "3"-қаноатбахш, "2"-ғайриқаноатбахш иборат мебошад, ки дар ҷадвали баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ (замимаи 2) гузошта мешавад. Ҷадвали мазкур аз тарафи ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ алоҳида тартиб дода ва имзо карда шуда, ба варақаи аттестатсионӣ замима карда мешавад.

33. Аз натиҷаи баҳои гузоштаи ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ, баҳои умумии миёна муайян карда мешавад, ки он дар варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад.

34. Арзёбии фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро дар ғоибии аттестатсияшаванда ва роҳбари ӯ анҷом дода мешавад.

35. Қарори (хулоса ва тавсияҳои) комиссияи аттестатсионӣ бо овоздиҳии аксари аъзои он қабул карда мешавад. Аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳангоми аттестатсияи худ дар баҳодиҳӣ ва овоздиҳӣ иштирок намекунад.

36. Дар сурати баробарии овозҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ натиҷаи аттестатсия ба фоидаи аттестатсияшаванда ҳал карда мешавад.

37. Комиссияи аттестатсионӣ ба фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ хулосаи зерин медиҳад:

– ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат мекунад;
– ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат намекунад.

38. Комиссияи аттестатсионӣ хизматчии давлатии маъмурии баҳои миёнаи умумии зиёда аз 20 гирифтаро чунин тавсияҳо медиҳад:

– дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ (ба мансабҳои маъмурии категорияи дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ);
– ба мансаби баландтар таъин намудан, вале на баландтар аз мансабҳои категорияи сеюм;
– пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ ё аз категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд додани рутбаи тахассусӣ;
– иловапулӣ ба маоши мансабӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

39. Тавсияи иловапулӣ ба маоши мансабӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун тавсияи асосӣ ё иловагӣ пешниҳод карда шавад.

40. Дар сурати ба мансаби ишғолгардида номувофиқ донистани хизматчии давлатии маъмурӣ, комиссияи аттестатсионӣ ба ӯ чунин тавсияҳо медиҳад:

- такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ (агар мақоми давлатӣ муассисаи такмили ихтисоси соҳавӣ ва азнавтайёркунӣ дошта бошад);
- гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ (агар чунин мансабҳои холӣ мавҷуд бошанд).

41. Натиҷаҳои аттестатсия дар варақаи аттестатсионӣ (замимаи 3) қайд гардида, аз ҷониби аъзои комиссияи аттестатсионии дар овоздиҳӣ иштирокдошта имзо карда мешавад.

42. Аттестатсияшаванда аз натиҷаи аттестатсияи худ на дертар аз 3 рӯз баъд аз гузаштани аттестатсия хабардор карда мешавад.

Атгестатсияшаванда бо варақаи аттестатсионӣ шинос шуда, ба он бо қайди "розӣ ҳастам" ё "розӣ нестам" имзо мегузорад. Қайди "розӣ нестам" бояд асоснок карда шавад.

43. Дар ҳолати аз имзои варақаи аттестатсионӣ саркашӣ намудани аттестатсияшаванда, варақаи аттестатсионӣ эътибори худро гум намекунад. Ҳолати саркашӣ намудан аз имзо дар варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад.

44. Варақаи аттестатсионии хизматчии давлатии маъмурӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ дар давоми як ҳафта аз рӯзи гузаронидани аттестатсия пешниҳод карда мешавад ва иҷрои тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ барои ӯ ҳатмӣ мебошанд.

45. Роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси қарори комиссияи аттестатсионӣ на дертар аз як ҳафтаи пешниҳод шудани варақаи аттестатсионӣ нисбати хизматчии давлатӣ қарорҳои зеринро қабул мекунад:

- дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ (ба мансабҳои маъмурии категорияи дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ);
- бо розигии ӯ ба мансаби баландтар таъин намудан, вале на баландтар аз мансабҳои категорияи сеюм;

– пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ ё аз категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд додани рутбаи тахассусӣ;
– иловапулӣ ба маоши мансабӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
– такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ (агар мақоми давлатӣ муассисаи такмили ихтисоси соҳавӣ ва азнавтайёркунӣ дошта бошад);
– гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ (агар чунин мансабҳои холӣ мавҷуд бошанд).

46. Дар сурати набудани имконияти такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ, гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ, инчунин ҳангоми ба такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ ё гузаштан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ розӣ набудани хизматчии давлатии маъмурӣ, ӯ аз мансаби ишғолкардааш озод карда мешавад.

47. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳуқуқ дорад, ки хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсиониро асоснок рад намояд. Дар чунин ҳолат аттестатсияи такрории хизматчии давлатӣ бо иштироки ҳатмии роҳбари мақоми давлатӣ ва намояндаи мақоми ваколатдор на дертар аз як моҳи баъди рад намудани қарори комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад.

48. Хизматчии давлатии маъмурии ба такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ ва гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ тавсияшуда, баъд аз шаш моҳ бо иштироки ҳатмии роҳбари мақоми давлатӣ ва намояндаи мақоми ваколатдор такроран аттестатсия карда мешавад.

49. Аттестатсияи такрорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Низомнома гузаронида мешавад. Ҳангоми аттестатсияи такрорӣ бо ҳолатҳои дар банди 48 нишондодашуда, тавсияи комиссияи аттестатсионӣ дода намешавад.

50. Ҳангоми такроран ба мансаби ишғолкардааш номувофиқ дониста шудани хизматчии давлатии маъмурӣ, ӯ дар асоси хулосаи комиссияи аттестатсионӣ бо санади (қарори, амри, фармони) роҳбари мақоми давлатӣ аз мансаби ишғолкардааш озод карда мешавад. Чунин шахсон ҳуқуқи бо тартиби умумӣ дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии категорияи пасттар иштирок карданро нигоҳ медоранд.

51. Рафти аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ аз тарафи котиби комиссияи аттестатсионӣ дар протокол сабт карда шуда, бо имзои раис, котиб ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ тасдиқ карда мешавад (замимаи 4).

52. Дар протокол вақт, ҷой, ҳайати комиссияи аттестатсионӣ, дигар шахсони дар аттестатсия иштироккунанда (роҳбари мақоми давлатӣ, намояндаи мақоми ваколатдор), насаб, ном, номи падар ва мансаби аттестатсияшавандаҳо, роҳбари бевоситаи хизматчии давлатии дар аттестатсия иштирок намуда, баҳои умумии миёна, хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсионӣ нисбати ҳар як хизматчии давлатӣ ва сабабҳои дар аттестатсия иштирок накардани аттестатсияшаванда нишон дода мешавад. Иштироки роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ ва сабабҳои дар аттестатсия иштирок накардани аттестатсияшаванда дар сутуни эзоҳи ҷадвали натиҷаи аттестатсия нишон дода мешавад.

## V. Муқаррароти хотимавӣ

53. Хизматчии давлатии аттестатсияшаванда ҳуқуқ дорад аз қарорҳои қабулнамудаи комиссияи аттестатсионӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдор ва суд шикоят намояд. Аз болои қарори комиссияи аттестатсионӣ шикоят намудани аттестатсияшаванда, иҷрои қарори комиссияи аттестатсиониро боз намедорад.

54. Баҳсҳои вобаста ба гузаронидани аттестатсия аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдор ё суд ҳал карда мешаванд.

55. Баъди гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ санади (қарори, амри, фармони) мақоми давлатӣ қабул мегардад, ки дар он натиҷаҳои аттестатсия таҳлил карда шуда, чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани кор бо кадрҳо пешбинӣ карда мешаванд.

56. Натиҷаҳои аттестатсия дар давоми 20 рӯзи баъди гузаронидани атгестатсия, вале на дертар аз рӯзи 5-уми моҳи пас аз гузаронидани аттестатсия ба мақоми ваколатдор пешниҳод карда мешаванд.

57. Мақоми ваколатдор ҳар сол дар моҳи январ оид ба натиҷаи аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод менамояд.

Замимаи 1
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

# ТАВСИФНОМАИ ХИЗМАТӢ
## ба хизматчии давлатии маъмурии аттестатсияшаванда

Насаб, ном, номи падар___________________________________________
Мансаб__________________________________________________________
Сана ва асоси таъин шудан ба мансаб_____________________________

1.Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ, ки ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд ва риояи онҳо_________________________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

2. Татбиқи донишу таҷриба дар мансаби ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ_________________________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

3. Иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаи кори хизматчии давлатӣ, дараҷаи интизомнокӣ)____________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

4. Худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилооти дар фаъолияти касбӣ______________________________________
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

5. Дигар хусусиятҳои хоси хизматчии давлатӣ (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғ.)_______
_____________________________________________________________
_____________________________________________________________

Роҳбари воҳиди сохторӣ ________ ____________________
(мансаби ишғолнамуда) (имзо) (Насаб, ном, номи падар)

Сана "_____"____________ соли 200__
Шинос шудам:
Аттестатсияшаванда ____________ ___________________________
(имзо) (Насаб, ном, номи падар)

Сана "_____"____________ соли 200__

Замимаи 2
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

# Ҷадвали
# баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ

Насаб, ном, номи падар__________________________________________
Мансаб________________________________________________________
Сана ва асоси таъин шудан ба мансаб______________________________

| Р/т | Нишондодҳо | Баҳо | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти хизматии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд ва риояи онҳо | | |
| 2. | Татбиқи донишу таҷриба дар мансаби ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ | | |
| 3. | Иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаи кори хизматчии давлатӣ, дараҷаи интизомнокӣ) | | |
| 4. | Худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ | | |
| 5. | Дигар хусусиятҳои хоси хизматчии давлатӣ (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғ.) | | |
| 6. | Баҳои умумӣ | | |

Аъзои комиссияи
аттестатсионӣ ______________ ________________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Сана "____"________ соли 200__

Замимаи 3
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

# ВАРАҚАИ АТТЕСТАТСИОНӢ

______________________________________________________________
(насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда)

______________________________________________________________
(мансаби ишғолнамуда ва ҷои кор)

Дар мансаб аз______________________________________ кор мекунад
(рӯз, моҳ, сол)

Собиқаи умумии меҳнатӣ_________собиқаи хизмати давлатӣ________
Таҳсилот______________________________________________________
(кай ва кадом муассисаи таълимиро хатм кард, ихтисос)

______________________________________________________________

Рутбаи тахассусӣ, санаи додани он_______________________________
Ҷазои интизомии бардоштанашуда_______________________________
(намуди ҷазо, кай ва аз тарафи ки дода шудааст)

Бо аттестатсияшаванда оид ба масъалаҳои зерин дар шакли саволу ҷавоб сӯҳбат доир гардид:

______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Натиҷаи аттестатсияи хизматчии давлатии маъмурӣ

Баҳои умумии миёнаи фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ)_____
______________________________________________________________

Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ__________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Раиси комиссияи аттестатсионӣ ____________________________
Котиби комиссияи аттестатсионӣ ____________________________
Аъзои комиссияи аттестатсионӣ ____________________________
(имзо, насаб, ном, номи падар)

Санаи баргузории аттестатсия "____ "___________ соли 200___

Шинос шудам__________________________________________________
(розӣ ҳастам, розӣ нестам, сабабҳои розӣ набудан)
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

_________ ____________________________________
(имзо) (насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда)

"____"____________ соли 200___

Замимаи 4
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

# ПРОТОКОЛИ №

комиссияи аттестатсионии________________________________________
________________________________________________________________
(номи мақоми давлатӣ)

аз "____"_______________ соли 200__ шаҳри/ ноҳияи_________________

Ҳайати комиссияи аттестатсионӣ
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
(насаб, ном, номи падар ва мансаби ишғолнамуда)

Дар аттестатсия иштирок намуданд:
________________________________________________
________________________________________________
(насаб, ном, номи падар ва мансаби ишғолнамуда)

## НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯ

| Р/т | Насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда | Мансаби ишғолнамуда | Баҳои миёнаи умумӣ | Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ | Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

Раиси комиссия ____________________________________
Котиби комиссия ____________________________________
Аъзои комиссия ____________________________________
____________________________________
(имзо, насаб, ном, номи падар)

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ»

Бо мақсади ҷорӣ намудани низоми ягонаи гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати хизматчиёни давлатӣ ва мутобиқи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" фармон медиҳам:

1. Дастурамали замимагардидаи гузаронидани санҷиши хизматӣ тасдиқ карда шавад.

2. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчиёни давлатии мақомоти худ талаботи Дастурамали мазкурро риоя намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
аз 18 декабри соли 2008
№ 577

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 18 декабри соли 2008 № 577
тасдиқ шудааст

# Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ

1. Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ (минбаъд-Дастурамал) тартиби гузаронидани санҷиши хизматиро нисбати хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

2. Бо мақсади муайян намудани ҳолатҳои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ санҷиши хизматӣ таъин карда мешавад. Санҷиши хизматӣ метавонад бо талаби хизматчии давлатӣ низ таъин карда шавад.

3. Санҷиши хизматӣ ин фаъолият оид ба ҷамъ овардан ва санҷиши маълумот дар бораи кирдори интизомии содирнамудаи хизматчии давлатӣ мебошад, ки бо мақсади пурра, ҳаматарафа ва объективона муайян намудани ҳолатҳои содиршавии кирдори интизомӣ гузаронида мешавад.

4. Дар ҳолати ба кирдори интизомии содирнамудаи худ иқрор будан ва изҳори пушаймонӣ намудани хизматчии давлатӣ роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин намудан ба мансаб (пешниҳод намудан ба мансаб - барои мансабҳои интихобӣ) ва озод намудан аз мансаб ва/ё ҳуқуқи гузаронидани санҷиши хизматӣ ва додани муҷозоти интизомиро дорад (минбаъд – роҳбари мақоми давлатӣ) ҳуқуқ дорад, бе гузаронидани санҷиши хизматӣ ба ӯ муҷозоти интизомӣ дар намуди сарзаниш ё танбеҳ диҳад.

5. Санҷиши хизматӣ бевосита баъди содир кардани кирдори интизомӣ, дар мӯҳлати 15 рӯзи тақвимӣ, аммо на дертар аз 1 моҳ аз рӯзи ошкор шудани он гузаронида мешавад.

6. Дар ҳолате, ки агар санҷиши хизматӣ гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ, молиявӣ ва дигар намудҳои санҷишро талаб намояд, мӯҳлати он дар асоси дархости асосноки санҷишкунанда (роҳбари комиссияи интизомӣ) аз тарафи роҳбари мақоми

давлатӣ метавонад ба мӯҳлати на зиёдтар аз 1 моҳ аз рӯзи ошкор шудани кирдори интизомӣ дароз карда шавад.

7. Санҷиши хизматӣ баъди 6 моҳи содир намудани кирдори интизомӣ, аз рӯи натиҷаи тафтиши (ревизияи) фаъолияти молиявию хоҷагӣ бошад, баъди 2 соли содир шудани он гузаронида намешавад. Ба мӯҳлати зикршуда вақти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ дохил намешавад.

8. Санҷиши хизматӣ барои кирдори интизомии камаҳамият бо супориши роҳбари мақоми давлатӣ аз тарафи корманди масъули хадамоти кадрӣ ё роҳбари бевоситаи хизматчии давлатии кирдори интизоми содирнамуда гузаронида мешавад.

Эзоҳ: Кирдори интизомии камаҳамият - кирдоре мебошад, ки хизматчии давлатӣ маротибаи аввал ё баъд аз бардоштани муҷозоти интизомии додашуда содир намудааст ва барои содир кардани он мумкин аст, муҷозоти интизомӣ дар намуди сарзаниш, танбеҳ ё то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ татбиқ карда шавад.

9. Бо санади (қарори, амри, фармони) роҳбари мақоми давлатӣ барои гузаронидани санҷиши хизматӣ аз рӯи кирдори интизомии ҷиддӣ комиссияи интизомӣ таъсис дода мешавад, ки ҳайати он аз 3 нафар зиёд буда наметавонад. Ба ҳайати комиссияи интизомӣ мутахассисон ва ҳуқуқшиносони ботаҷриба дохил карда мешаванд.

Эзоҳ: Кирдори интизомии ҷиддӣ - кирдоре мебошад, ки барои содир кардани он муҷозоти интизомӣ дар намуди паст кардан дар мансаб ё аз мансаб озод кардан татбиқ карда мешавад.

10. Агар санҷишкунанда бо хизматчии давлатии кирдори интизоми содирнамуда алоқаи хешовандӣ дошта бошад, инчунин агар аз натиҷаи санҷиши хизматӣ бевосита ё бавосита манфиатдор бошад, ҳуқуқи дар санҷиш иштирок карданро надорад.

11. Санҷиши хизматӣ дар давраи корношоямии муваққатӣ, дар рухсатӣ ё сафари хизматӣ будани хизматчии давлатии кирдори интизомӣ содирнамуда ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта мешавад.

12. Дар рафти санҷиши хизматӣ ба таври ҳатмӣ баёноти хаттии хизматчии давлатии кирдори интизомӣ содирнамуда

талаб карда гирифта мешавад. Ҳангоми рад кардани додани баёноти хаттӣ аз ҷониби санҷишкунанда дар ин бора санад тартиб дода мешавад. Саркашӣ намудан аз додани баёноти хаттӣ барои баррасии маводҳо аз тарафи санҷишкунанда (комиссияи интизомӣ), тартиб додани хулоса, додани тавсия дар бораи таъин намудани муҷозоти интизомӣ монеъ шуда наметавонад.

13. Санҷишкунанда (комиссияи интизомӣ):

- дар ҳолати зарурат баёноти хаттии роҳбари бевоситаи хизматчии давлатии кирдори интизомӣ содирнамуда ва дигар шахсони дахлдорро талаб карда мегирад;
- санаду ҳуҷҷатҳои заруриро дархост ва ба парвандаи санҷишӣ замима намуда, ҳолатҳои содиршавии кирдори интизомиро баррасӣ ва таҳқиқ менамояд;
- дар асоси далелҳои ҷамъоварда аз натиҷаи санҷиши хизматӣ хулоса тартиб дода, онро имзо намуда, ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд.

14. Ҳангоми мавҷуд будани далелҳои исботкунандаи кирдори содиршудаи интизомӣ санҷишкунанда (комиссияи интизомӣ) ба роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи мувофиқи мақсад будани татбиқи муҷозоти интизомӣ ва намуди он дар хулосаи худ тавсия медиҳад.

15. Дар вақти таҳқиқи кирдори интизомӣ ва тартиб додани хулоса инҳо ба назар гирифта мешаванд:

- ҳолатҳои содиршавӣ ва вазнинии кирдори интизомӣ;
- рафтори пешинаи шахси содиркардаи кирдори интизомӣ;
- муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии худ;
- ҳолатҳои дигаре, ки шахсияти хизматчии давлатӣ ва кирдори интизомии содиршудаpo тавсиф менамоянд.

16. Роҳбари мақоми давлатӣ хулосаи санҷишкунандаро (комиссияи интизомиро) дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи пешниҳод шудани он баррасӣ намуда, яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

- бо огоҳонидани хизматчии давлатӣ дар бораи қатъиян риоя намудани интизоми хизматӣ ва роҳ надодан ба такроран содир намудани кирдори интизомӣ маҳдуд мегардад;

– мучозоти интизомии тавсиядодаи санчишкунанда (комиссияи интизомӣ) ё мучозоти интизомии сабуктарро татбиқ менамояд.

17. Ҳангоми бо хулосаи санчишкунанда (комиссияи интизомӣ) норозӣ будани роҳбари мақоми давлатӣ, ӯ ҳуқуқ дорад гузаронидани санчиши иловагии хизматиро талаб намояд, ки он низ тибқи муқаррароти Дастурамали мазкур гузаронида мешавад.

18. Агар дар натичаи санчиши хизматӣ муайян карда шавад, ки хизматчии давлатӣ амале содир намудааст, ки дорои аломатҳои чиноят мебошад, роҳбари мақомоти давлатӣ вазифадор аст, маводи чамъшударо ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ирсол намояд.

19. Аз рӯи санади мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи ба чавобгарии интизомӣ кашидани хизматчии давлатӣ мучозоти интизомӣ ба хизматчии давлатӣ мумкин аст, бе гузаронидани санчиши хизматӣ дар мӯҳлатҳои дар ин Дастурамал муқарраргардида дода шавад.

20. Маводи санчиши хизматӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар дафтари баҳисобгирии санчишҳои хизматӣ ба қайд гирифта шуда, нигаҳдории он таъмин карда мешавад.

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ»

Бо мақсади таъмини иҷрои самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ вобаста ба санҷиши риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ фармон медиҳам:

1. Қоидаҳои замимагардидаи гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

2. Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми санҷишҳо фаъолияти худро тибқи ҳамин Қоидаҳо ба роҳ монад.

3. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот зимни аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ гузаронидани санҷиши риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ талаботи Қоидаҳои мазкурро қатъиян риоя намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон                                        Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
аз 19 декабри соли 2008
№ 578

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 19 декабри соли 2008 № 578
тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ (минбаъд - Қоидаҳо) тартиби аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сохторҳои ҳудудии он гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатиро муқаррар менамояд.

2. Асосҳои ҳуқуқии тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ (минбаъд - санҷиш)-ро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ва Қоидаҳои мазкур муайян менамоянд.

3. Санҷиш дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаҳои кории бо тартиби муқарраргардида тасдиққардашудаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, иттилооти воситаҳои ахбори умум ва дигар сарчашмаҳо гузаронида мешавад.

4.Санҷиш масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

– таҳлили сохтор ва асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ;
– риояи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ;
- таҳлили вазъи таъминоти кадрӣ;
- раванди ташкили озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ;
- риояи тартиби қабул ба хизмати давлатӣ, бастани шартномаҳои (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ ва тамдиди мӯҳлати онҳо;
- риояи ҳолатҳои истиснокунандаи ба хизмати давлатӣ қабул шудан ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчиёни давлатӣ;
- гузаронидани санҷиши маълумоти аз тарафи шаҳрванд зимни қабул шудан ба хизмати давлатӣ пешниҳодшуда;
- риояи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хизмати давлатӣ;
- риояи талаботҳои тахассусӣ аз тарафи ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ;
- мавҷудият ва санҷиши маълумот дар бораи даромад ва вазъи амволии хизматчии давлатӣ;
- тартиби додани рутбаҳои тахассусӣ;
- ташкили тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ;
- гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ;
- ташкили захираи кадрҳо ва кор бо онҳо;
- татбиқи кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ (кафолатҳо, музди меҳнат, ҳавасмандгардонӣ, рухсатиҳо, таъминоти иҷтимоӣ, нафақа, кӯмакпулиҳо);
- риояи талаботи синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатӣ;
- асоснокии қатъ гаштани хизмати давлатии хизматчиёни давлатӣ;
- тартиби таҳия ва пешбурди делоҳои шахсӣ ва дафтарчаҳои меҳнатии хизматчиёни давлатӣ;
- ташкили фаъолияти ҳайати техникӣ ва хизматрасон;
- дигар масъалаҳое, ки аз қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ бармеоянд.

5. Асосҳои санҷиш, мӯҳлати гузаронидани он, ҳайати гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) ва номгӯи масъалаҳои

санҷидашаванда бо фармони роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он муайян карда мешаванд. Санҷиш метавонад як, якчанд ё тамоми масъалаҳои дар банди 4 Қоидаҳои мазкур пешбинишударо дар бар гирад.

6. Роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он метавонанд ба санҷиш мутахассисони дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мутахассисони мақоми санҷидашавандаро бо мувофиқаи роҳбарони ин мақомот ҷалб намоянд.

## 2. Ташкил ва гузаронидани санҷиш

7. Санҷиши мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи дастгоҳи марказии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, санҷиши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи дастгоҳи марказии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва/ё сохторҳои дахлдори ҳудудии он гузаронида мешавад. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, сохтори ҳудудии он мақоми санҷидашавандаро як ҳафта пеш аз оғози санҷиш ба таври хаттӣ огоҳ менамоянд.

8. Санҷиш бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ ва фармони роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он дар бораи санҷиши фаъолияти мақоми давлатӣ ба роҳбари мақоми давлатии санҷидашаванда ё муовини ӯ (дар сурати набудани роҳбар) оғоз мегардад.

9. Дар сурати аз тарафи гурӯҳи санҷиши гузаронидани санҷиш, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дар банди 8 Қоидаҳои мазкур пешбинишуда, аз тарафи роҳбари гурӯҳ сурат мегирад.

10. Мӯҳлати гузаронидани санҷиш бо назардошти ҳаҷми кор аз понздаҳ рӯз зиёд буда наметавонад. Дар ҳолатҳои истисноии зиёд будани ҳаҷми кор дар асоси пешниҳоди санҷишкунанда (роҳбари гурӯҳи санҷишӣ) мӯҳлати гузаронидани санҷиш мумкин аст то як моҳ дароз карда шавад.

11. Санҷишкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои санҷишӣ маводҳо ва ҳуҷҷатҳои заруриро талаб намояд, бо нусхаҳои аслии онҳо шинос шавад, онҳоро нусхабардорӣ намояд, бо шахсони мутассаддии татбиқи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ сӯҳбатҳо доир на-

мояд ё баёнот гирад, ки дар ин бора дар санади санҷиш қайд карда мешавад.

12. Роҳбари мақоми давлатии санҷидашаванда (ё муовини ӯ) вазифадор аст, ки барои гузаронидани санҷиш мусоидат намуда, ба гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) мавод ва ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намояд.

13. Ҳолати пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва маводҳои дахлдор дар санади санҷиш нишон дода мешавад.

14. Аз тарафи санҷишкунанда талаб карда гирифтан ва санҷидани масъалаҳое, ки ба доираи масъалаҳои санҷишии ӯ дахл надоранд, манъ аст.

15. Санҷиш дар рӯзи охирони дар фармон нишондодашуда ё пеш аз мӯҳлат бо огоҳ намудани роҳбари мақоми давлатии санҷишшаванда ё муовини ӯ (дар сурати набудани роҳбар) ба итмом мерасад.

### 3. Ба расмият даровардани санҷиш ва татбиқи натиҷаи он

16. Санади санҷиш дар давоми на дертар аз як ҳафта баъди анҷоми санҷиш аз тарафи роҳбари гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) дар ду нусха тартиб дода шуда, ба онҳо санҷишкунандагон (санҷишкунанда) имзо мегузоранд. Ба санади санҷиш мумкин аст, ки ҳуҷҷатҳои дахлдор замима карда шаванд.

17. Дар санади санҷиш асоси гузаронидан, рӯзҳои гузаронидан, масъалаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда, камбудиҳои ошкоргардида ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба бартараф намудани онҳо нишон дода мешавад.

18. Талабот нисбати санади санҷиш аз инҳо иборат аст:

- пур накардани матни санад бо маълумотномаҳои тавзеҳӣ, ҳолатҳои дуюмдараҷа ва номбаркунии такрории камбудиҳои якхела;
- ба санад дохил накардани маълумоте, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ нашудааст;
- нишон додани ҳолатҳои вайронкунии меъёрҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва оқибатҳои вайронкунии ин талабот;
- пешниҳод оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоркардашуда дар фаъолияти мақомоти давлатӣ;

– пешниҳод оид ба бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои бо вайронкунии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ қабулшуда ва андешидани чораҳо нисбати вайронкунандагон.

19. Нусхаи якуми санади санҷиш ба роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он пешниҳод карда мешавад.

20. Роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он санади санҷишро баррасӣ намуда:

– далелу рақамҳо, ҳолатҳои мушаххаси вайронкунии талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳо ва дигар маводҳои ба санади санҷиш замимашударо меомӯзанд;
– санади санҷиширо барои такмил ба гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) бармегардонанд;
– онро барои баррасӣ ё барои маълумот ба роҳбари мақоми давлатӣ ирсол менамоянд.

21. Нусхаи дуюми санади санҷиш бо мактуби ирсолии роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он ба роҳбари мақоми давлатии санҷидашуда фиристода мешавад ва он бояд дар мӯҳлати як моҳ баррасӣ карда шавад.

22. Дар сурати норозӣ ё қисман норозӣ будани роҳбари мақоми давлатӣ (муовини ӯ) ба санади санҷиш, эродҳои хаттии онҳо ба роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он пешниҳод карда мешаванд.

23. Эродҳои пешниҳодшуда ҳатман мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Дар ҳолати асоснок будани онҳо мумкин аст ба санади санҷиш тағйирот ворид карда шаванд.

24. Дар сурати аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ иҷро нагардидани пешниҳоди роҳбари сохтори ҳудудии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ оид ба бартараф намудани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ санади санҷиш барои андешидани тадбирҳои иловагӣ ба роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешаванд.

25. Дар сурати аз тарафи мақоми давлатӣ иҷро нагардидани пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани вайронкунии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати

давлатӣ, роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ҳуқуқ дорад:

- оид ба ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ бартараф накардани камбудиҳои ҷойдошта ба мақоми болоӣ таклиф пешниҳод намояд;
- оид ба ҳолатҳои вайрон кардани қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ санади санҷишро барои қабул намудани қарори қонунӣ ба мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;
- барои бартараф намудани камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ошкоргардида дар доираи салоҳияти худ дастурҳои методии дахлдорро таҳия созад:
- иҷрои дигар амалеро, ки аз ваколати ӯ бармеоянд, татбиқ намояд.

26. Аз натиҷаи ҳар як санҷиши гузаронидашуда, камбудиҳои ошкоргардида, чораҳои барои ислоҳи онҳо андешидашуда сохторҳои ҳудудии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ба роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд, ки ба он натиҷаҳои санҷиш замима карда мешаванд.

27. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз натиҷаи санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ ҳар сол то даҳуми январ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти солона пешниҳод менамояд.

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати 3 моҳ Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва тасдиқ намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
31 декабри соли 2008
№ 582

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 декабри соли 2008
№ 582 тасдиқ шудааст

# Консепсияи
# сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1.Муқаррароти умумӣ

Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Консепсия) маҷмӯи ғояҳо, идеяҳо ва ақидаҳоеро дар бар мегирад, ки мақсаду вазифаҳо, самтҳои афзалиятнок, принсипҳои танзими давлатии сиёсати кадрҳо ва роҳҳои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад.

Консепсия системаи таъминоти кадрӣ, шартҳо ва роҳҳои татбиқи онро муайян намуда, дар раванди кор бо кадрҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд.

Консепсия инчунин чорабиниҳо оид ба рушди сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намуда, идомаи тадбирҳои системавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тарбияи кадрҳо мебошад.

Дар Консепсия мафҳумҳои асосии зерин истифода мегарданд:

**банақшагирии кадрӣ-**таркиби сохтории сиёсати кадрҳо, ки мақсади он аз таҳияи чорабиниҳо дар бораи муайян кардани талаботи дахлдори ташкилот ба мутахассисони соҳибихтисос ва тайёр намудани қарорҳои пешакӣ оид ба ташаккул, инкишоф, эҳтиёҷоти иқтидори кадрӣ иборат мебошад;

**идоракунии давлатӣ-**таъсири муназзам ва танзимкунандаи давлат ба ҷомеа бо мақсади ба низом овардан ва рушди он бо такя ба ваколатҳои давлатӣ ва ҳокимият;

**менеҷменти кадрӣ-**яке аз намудҳои идоракунии кор бо кадрҳои мақомоти давлатӣ буда, механизм, принсип ва техно-

логияи кадрии дар шароити иқтисоди бозаргонӣ истифодашударо дар бар мегирад;

**захираҳои меҳнатӣ** – аҳолии қобили меҳнат;

**кадрҳо** – ҳайати кормандоне, ки бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ муносибатҳои меҳнатӣ доранд;

**иқтидори кадрҳо** – қобилияти кадрҳо оид ба ҳалли масъалаҳои ҷорӣ ва дурнамои дар назди онҳо қарордошта. Ченаки муайянкунандаи он шумораи кадрҳо, сатҳи таҳсилот ва касбу тахассус, синну сол, сифатҳои шахсӣ ва натиҷаи фаъолнокии меҳнатию эҷодии онҳо мебошад;

**кор бо кадрҳо** – маҷмӯи чорабиниҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, психологию педагогӣ оид ба интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи мақсадноки кадрҳо;

**сиёсати кадрҳо –** низоми тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, ки татбиқи онҳо барои таъмини масъалаҳои интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи кадрҳо имкон медиҳад;

**сиёсати давлатии кадрҳо** – фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти таъсиси низоми яклухти ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтидори кадрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба ҳалли самараноки вазифаҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигаронида шудааст. Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд;

**механизми татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо** – маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо, шаклу усулҳо ва воситаҳои ҳуқуқие, ки самаранокии интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, тарбия, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси онҳоро таъмин менамояд;

**субъектҳои сиёсати кадрҳо** –мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ, ки феҳристи мансабҳои худро доранд;

**феҳристи мансабҳои мақомот (субъекти хоҷагидорӣ)** – номгӯи мансабҳое, ки таъин ва озод намудани онҳо ба салоҳияти мақоми мазкур (субъекти хоҷагидорӣ) дохил мешавад;

**мутахассис** – корманди дорои донишҳои муайяни назариявӣ, таҷрибаи амалӣ, малака ва маҳорати иҷро намудани намудҳои мушаххаси фаъолият мебошад, ки бо онҳо ба бозори меҳнат меояд.

Вазъи сиёсии солҳои 90-ум боиси нокифоя татбиқ гардидани сиёсати давлатии кадрҳо, паст рафтани эътибори намудҳои зеҳнии меҳнат, кам шудани шумораи мутахассисон дар соҳаҳои асосии иқтисод, илм, маориф, тиб ва умуман соҳаҳои ҳаётан муҳим, номувофиқатии суръати ташаккули системаи муносибатҳои меҳнатӣ ва таҳияи асосҳои ҳуқуқии он гардид. Ин ҳолат аз бисёр ҷиҳат ба ташаккулёбии зуҳуроти манфӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди захираҳои меҳнатӣ, пастшавии имкониятҳои татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон барои истифодаи озоди қобилияти худ, вусъатёбии тақсимоти нобаробари иқтидори кадрҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ сабаб шуд.

Набудани имконияти зарурӣ оид ба назорату мониторинги давлатию ҷамъиятӣ ба кори кадрҳо, суст гардидани системаи бозомӯзии кадрҳо боиси паст шудани самаранокии идоракунии давлатӣ гардид. Бисёре аз кадрҳои баландихтисос аз фаъолияти меҳнатӣ берун монда, донишу таҷрибаи онҳо ба манфиати ҷомеа ва давлат сафарбар карда намешуд. Сиёсати давлатии тайёр намудани иқтидорҳои касбӣ ба талаботи рушди соҳаҳои иқтисод мутобиқат намекард.

Мавҷуд набудани механизмҳои самарабахши таъсиррасони давлатӣ ба раванди ташаккулёбӣ ва дархостпазирии иқтидорҳои кадрӣ, пастшавии сатҳи касбии онҳо сабаби қафомонии кишвар гардид. Ин равандро танҳо чораҳои қатъӣ, мунтазам, маҷмӯӣ ва саривақтӣ метавонистанд пешгирӣ намоянд. Бо ин мақсад қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он қабули як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим, аз ҷумла Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2003 №1031 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти кадрӣ», Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2004-2006, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2003 №294 тасдиқ карда шудааст, Барномаи рушди иқтисодии

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004 №86 тасдиқ карда шудааст, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006 №94 тасдиқ карда шудааст, Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 №1713 тасдиқ карда шудааст, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 №496 тасдиқ карда шудааст, Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 №289 тасдиқ карда шудааст, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007 №704 қабул карда шудааст, ба раванди ташаккулёбии иқтидорҳои кадрӣ, бартарафсозии камбудиҳо дар татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо, боloравии сатҳи касбӣ мусоидат намуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дар асоси он қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳал намудани масъалаҳои тарбия, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳо ва умуман, идоракунии захираҳои инсонии мақомоти давлатӣ ва бахши ғайридавлатӣ асос гузоштанд.

Консепсияи мазкур ба афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда, барои татбиқи мақсадҳои стратегии ташаккули иқтисоди бозории ба иҷтимоиёт нигаронидашуда, ҳамгироии бештару амиқтари кишвар ба системаи иқтисодии ҷаҳонӣ, такмили механизми идоракунии ҷомеа дар асоси якҷоякунии усулҳои танзими давлатӣ ва бозорӣ, истифодаи технологияҳои муосири сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоии кадрӣ равона шудааст.

## II. Мақсад, вазифа ва самтҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо

Дар шароити ҳозира таъсиси механизми муносиби идоракунии ҳайати кормандон дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод, ки ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки омилҳои инсониро таъмин менамояд, аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамин механизм ва фаъолияти давлат оид ба ҳамоҳангсозии чорабиниҳо мебошад, ки бо мақсади рушд ва такмили тамоми иқтидорҳои меҳнатии кишвар анҷом дода шуда, маҷмӯи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро фаро мегирад.

Фароҳам овардани шароити ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва фарҳангию маънавӣ барои истифодаи иқтидорҳои аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ ба манфиати ҷомеа мақсади сиёсати давлатии кадрҳо мебошад.

Мақсади сиёсати давлатии кадрҳо, инчунин таъмини мувозинати муносиби равандҳои азнавсозӣ ва нигоҳдошти ҳайати миқдорию сифатии кадрҳо дар рушди он бо дарназардошти эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ, талаботи қонунгузорӣ ва ҳолати бозори меҳнат аст.

Сиёсати давлатии кадрҳо бевосита ба масъалаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, аз қабили интихоб, тарбия, ҷобаҷогузорӣ, пешбарӣ ва истифодаи самараноки кадрҳо алоқамандӣ дорад.

Вазифаҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо инҳоянд:

- пешбинӣ ва банақшагирии таъмини соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ бо кадрҳо;
- таҳияи механизмҳо ва расмиёти интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо;
- мутобиқсозии иқтидорҳои кадрии ҷумҳурӣ ба талаботе, ки дар бозори байналмилалии меҳнат пешниҳод карда мешаванд;
- баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии кадрҳо ва таъмини ҳамгироии онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ;
- ташаккули механизми фасеҳи идораи захираҳои меҳнатӣ;
- мониторинг ва таҳлили пешравӣ дар мансаб тавассути истифодаи технологияҳо ва механизмҳои муосири кадрӣ;

– таъсис ва тақвият додани нақшу вазифаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ;
– таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба таҳсилоти иловагии касбӣ барои кормандон ва рушди малакаи касбии онҳо;
– таҳияи механизми рушди ҳамкории байналмилалӣ дар самти таҳсил ва бозомӯзии кадрҳо дар хориҷи кишвар.

Самтҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо инҳоянд:

– ташаккули талаботи муосир нисбат ба кадрҳои соҳаҳои мухталифи фаъолият ва сатҳи идоракунӣ;
– таҳияи меъёрҳои муосири интихоби кадрҳо бо дарназардошти сифатҳои касбӣ ва ахлоқию психологии онҳо;
– такмили шаклу усулҳои арзёбии фаъолияти кадрҳо;
– такмили механизми муосиру таъсирбахши институти захираи кадрҳои роҳбарикунанда;
– ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок, истифодаи оқилонаи кадрҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои кор ва пешравии касбии онҳо;
– таҳияи тадбирҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ;
– таҳияи усулҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои гендерӣ, ҷалби занони қобили меҳнат ва ҷавонони лаёқатманд ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ;
– такмили системаи тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кадрҳо.

## III. Принсипҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо

Татбиқи принсипҳои сиёсати давлатии кадрҳо бояд барои рушди устувори сиёсӣ ва иқтисодӣ хизмат намуда, дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон, ки аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, мусоидат намояд. Ба принсипҳои мазкур мансубанд:

**Принсипи демократизм ва шаффофият**. Мақсади асосии ин принсип мутобиқати пурра ва доимии фаъолияти корманд ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад. Ин принсип ба таври демократӣ ва шаффофона амалӣ намудани тадбирҳо, ивазшавии ҳайати кормандон, хостагирӣ ва гузаронидани озмун ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳо, ҳамчунин

баробарии ҳуқуқу имкониятҳои шаҳрвандон зимни интихоби касб ва соҳаи фаъолиятро пешбинӣ менамояд.

**Принсипи банақшагирӣ.** Ин принсип бояд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ барои татбиқи дурнамои эҳтиёҷот ба кадрҳо, банақшагирии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандон, ротатсия ва истифодаи кафолатҳои иҷтимоӣ хизмат намояд.

**Принсипи арзёбии маҷмӯии сифатҳои кормандон.** Ба роҳбарӣ гирифтани ин принсип ӯҳдадор менамояд, ки дар самти кор бо кадрҳо ҳангоми интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, пешбарии кормандон сифатҳои хизматӣ, шахсӣ, кордонӣ ва ҳолати саломатии онҳо ба инобат гирифта шаванд. Чунин муносибат ба баҳодиҳии корманд истифодаи маҷмӯи шаклҳо ва усулҳо, аз ҷумла аттестатсия, баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият, тестҳо, пурсишҳои анкетавӣ ва дигар шаклу усулҳоро дар назар дорад.

**Принсипи кордонӣ** тақозо менамояд, ки донишҳои касбӣ, маҳорат ва малакаи ишғолкунандаи мансаб ба талаботи тахассусие, ки нисбат ба ин мансаб пешниҳод мегардад, мутобиқат намояд. Ин принсип мавҷудияти дастурамалҳои мансабии тасдиқгардида, инчунин тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандонро талаб менамояд.

**Принсипи мушаххас будан** маънои зарурати баҳисобгирии на танҳо мутобиқати умумии сифатҳои номзад ва талаботро нисбат ба мансаб, балки ҳолати мушаххаси дар ноҳия, шаҳр, вилоят ё умуман дар ҷумҳурӣ, ҳамчунин вазъи дар мақомот ё субъекти хоҷагидории мушаххас бамиёномадаро низ дар назар дорад.

**Принсипи ҷубронпазирӣ**. Асоси методологии ин принсип он аст, ки мақомот ё субъекти хоҷагидорӣ маҳфили мутахассисони соҳибихтисоси алоҳида, шахсиятҳои алоҳида набуда, балки ҳайати муташаккили масъул барои иҷрои вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда мебошад. Татбиқи принсипи ҷубронпазирӣ чунин тарзи интихоби кадрҳоро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ дар назар дорад, ки тарафҳои заифи як корманд бо сифатҳои дахлдори қавии дигар корманд ҷуброн карда мешаванд. Камбудиҳо дар донишҳои назариявӣ, малака ва таҷрибаи амалии онҳо бо дигарон ҷуброн

гардида, дар натиҷа ҳайати ягонаи қобили кор ва салоҳиятноки идоракунӣ таъсис меёбад. Ин принсип пайвастагии кадрҳои ҷавон ва таҷрибадор, намояндагии табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ, миллатҳо ва минтақаҳоро низ дар назар дорад.

**Принсипи ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии кадрҳо**. Ин принсип маънои қабул намудани қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, коммуникатсионӣ ва ҳуқуқӣ барои кори самараноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидориро ифода мекунад.

**Мониторинги татбиқи сиёсати кадрҳо**. Ин принсип барои муайян намудани натиҷа ва самаранокии тадбирҳои андешидашаванда ҷиҳати ҳалли масъалаҳои таъминоти кадрӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ хизмат менамояд.

Дар татбиқи сиёсати кадрҳо дастури амал қарор додани танҳо як ё якчанд принсип ҷоиз нест. Танҳо дар натиҷаи ба роҳбарӣ гирифтани маҷмӯи принсипҳои асосӣ метавон ба муваффақият ноил гардид. Вале на риояи механикӣ, балки ҳангоми қабули қарорҳо воқеъбинона ба роҳбарӣ гирифтани онҳо муҳим мебошад.

## IV. Идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ) дар системаи сиёсати кадрҳо

Яке аз механизмҳои асосии татбиқи сиёсати кадрҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ) ба ҳисоб меравад.

Идоракунии ҳайат дар системаи сиёсати кадрҳо низоми таъсиррасони идоракунӣ ба кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади боз ҳам самаранок истифода намудани қобилият ва имконияти касбию шахсии онҳо мебошад. Он низоми муносибатҳои ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, равонӣ, маънавӣ ва ҳуқуқӣ буда, татбиқи босамари имкониятҳои инсонро ба манфиати худи ӯ ва коргоҳ таъмин менамояд.

Вазифаҳои асосӣ дар самти такмили идоракунии ҳайат чунинанд:

- таҳияи барномаҳо оид ба тайёр намудани мутахассисони идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ);
- такмили сохтор ва фаъолияти хадамоти кадрӣ, баланд бардоштани нақши онҳо дар таъмини дастгоҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ бо кадрҳои ихтисосманд, фаъол, хушахлоқ, ташаккули кордонӣ, фарҳанги равандҳои идоракунӣ ва технологӣ;
- таҳия ва татбиқи асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба талаботи ҳозираи ислоҳоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ҷавоб дода тавонанд;
- таҳия ва амалигардонии технологияҳои нави идоракунии ҳайат, ки ба гузаронидани озмун, аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, нақшаи болоравӣ дар мансаб ва ҳавасмандгардонии кормандон алоқаманд мебошанд;
- таҳияи низомномаҳо оид ба гузаронидани аттестатсия, озмун, талаботи тахассусӣ барои кормандони соҳаҳое, ки амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нисбаташон татбиқ намегардад;
- нашри китобҳои таълимӣ, адабиёт ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои назария ва амалияи идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ), ҷорӣ намудани сохторҳои нави хадамоти кадрӣ ва технологияи кор бо кадрҳо;
- истифодаи самараноки технологияи кадрӣ;
- истифодаи бештару самараноки иқтидори зеҳнию кадрии дастгоҳи давлатӣ, ҳифз ва зиёд кардани он;
- фароҳам овардани шароити мусоид ва кафолат барои ошкор кардани қобилияти ҳар як хизматчӣ, дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои мусбӣ ва нақшаҳои шахсӣ, ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи инкишофи касбӣ ва пешравии хизматӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти меҳнатии ӯ;
- идоракунии ташаккули сифатҳои касбии хизматчии давлатӣ;
- омӯзиши масъалаи таъсиси шӯъбаи таълими кадрҳои соҳаи идоракунии ҳайат дар заминаи мактаби олии дахлдори мамлакат.

Дар системаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ сохтори мустақил барои таҳия ва татбиқи стратегияи кадрҳо, ташкили низоми кор бо кадрҳо (ҳайат) хадамоти кадрӣ мебошад.

Хадамоти кадрӣ функсияи маркази идоракунии ҳайатро (захираҳои инсониро), ки мақсади ниҳоии он кори муваффақонаи мақомот ва ташкилот аст, иҷро менамояд.

Мақоми имрӯзаи бисёр хадамоти кадрӣ на он қадар баланд аст. Кормандони онҳо дониши назариявӣ ва таҷрибаи амалии кор бо кадрҳоро надоранд. Ваколатҳои хадамоти кадрӣ айни ҳол танҳо барои давраи гузариш муайян гардида, оянда ба ҳисоб гирифта нашудааст. Аз ин рӯ гузаштан ба шаклҳои нави ташкилию сохтории бунёд ва идоракунии ҳайат ба мақсад мувофиқ аст.

Дар шароити ҳозира бо дарназардошти рушди босуръати илму техника масъулияти хадамоти кадрӣ дар бобати таъмини дастгоҳ бо кормандони баландихтисос, истифодаи самараноки иқтидори кадрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ зиёд мешавад. Хадамоти кадрӣ аллакай бе таъминоти илмии фаъолияти бисёрпаҳлӯи идоракунии ҳайат амал карда наметавонанд.

Ҳамин тавр, сиёсати кадрҳо ва идоракунии ҳайат инкишоф ва истифодаи самарабахши қобилияти касбию шахсии инсонро бо дарназардошти талабот, вазифаҳо, имкониятҳои мақомот ё ташкилоти мушаххас таъмин менамоянд. Идоракунии ҳайат ҳамчун фаъолияти касбӣ дар як вақт омил ва манбаи муҳими идоракунии ҷомеа, давлат ва ташкилот буда, ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар ин самт ва барои ноил шудан ба ҳамин ҳадафҳо мусоидат мекунад.

## V. Афзалиятҳои сиёсати давлатии кадрҳо

**Ҷанбаҳои макроиқтисодӣ**. Иҷрои вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар натиҷаи истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, тақсимоти оқилонаи онҳо дар соҳаҳои иқтисод дар заминаи такмили асосҳои ҳуқуқии танзими давлатии шуғли аҳолӣ таъмин мегардад.

Вазифаҳои афзалиятноки идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар ин самт инҳоянд:

– такмили системаи дурнамои захираҳои меҳнатӣ ва равандҳои демографӣ, баҳисобгирии натиҷаҳои ин дурнамо ҳангоми таҳияи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо;
– таҳияи барномаҳои таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои кории аз ҷиҳати иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ дар минтақаҳо, соҳаҳои иқтисод ва дигар бахшҳои фаъолият, ки имкониятҳои баробарро барои ҳама шаҳрвандон, аз ҷумла барои занони қобили меҳнат ва мутахассисони ҷавон, гирифтани ҷойи кор мутобиқи сатҳи тахассус таъмин менамоянд;
– таъмини рушди кафолатҳои иҷтимоӣ, васеъ намудани функсияҳои иҷтимоии шартномаҳои коллективӣ;
– баланд бардоштани нақши музди меҳнат, таъмини пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнати кормандон вобаста ба баҳодиҳии фаъолияти корманд, мураккабии корҳои анҷомдодашаванда ва сатҳи тахассус бо дарназардошти ислоҳоти музди меҳнат, ки дар мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад, мунтазам баланд бардоштани музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилотҳои буҷетӣ;
– ташкили ташхиси барномаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳо бо мақсади таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои кории самаранок;
– пурзӯр намудани назорати давлатии риояи стандартҳои соҳаи ҳифз ва шароити меҳнат;
– таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии рушди системаи тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар;
– такмили системаи касбомӯзии кадрҳои коргарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
– таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз ҳудуди кишвар ба кор меравaнд, мусоидат намудан ба онҳо дар гирифтани ихтисос ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус;
– ташаккули механизми самараноки дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таъмини кор ба бекорон, аз ҷумла маблағгузории ҷойҳои нави корӣ дар бахши соҳибкории

хурд ва миёна мутобиқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ;

- мутобиқсозии системаи таъминоти нафақа бо вазъи иқтисодӣ, рушди суғуртаи давлатӣ ва ғайридавлатии нафақа, такмили механизми суғуртаи иҷтимоӣ;
- дастгирии занон ва ҷавонон, фароҳам овардани шароит барои кор дар ҳама соҳаҳои иқтисод, идоракунии давлатӣ, соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ;
- рушди системаи офиятбахшии маъюбон, аз ҷумла чорабиниҳои мутобиқсозии инфрасохтори иҷтимоӣ бо эҳтиёҷоти онҳо дар доираи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007 №703 тасдиқ карда шудааст.

**Бахши воқеии иқтисод**. Сиёсати давлатии кадрҳо дар бахши воқеии иқтисод ба татбиқи вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ барои солҳои муайян равона гардидааст.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаи идоракунии иқтидорҳои кадрии бахши воқеии иқтисод инҳоянд:

- таъсиси системаҳои соҳавии мониторинги иқтидорҳои кадрӣ ва дурнамои эҳтиёҷот ба кадрҳо ва бо ин мақсад таҳия намудани дастурҳои дахлдор;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати таъминоти кадрии соҳаҳои иқтисод, ки бояд заминаи фармоиши дахлдори давлатӣ барои тарбияи кадрҳо гарданд;
- мутобиқсозии сохтори тарбияи мутахассисон бо талаботи соҳаҳои иқтисод дар асоси истифодаи шакли шартномавии тайёр кардани кадрҳо барои соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ;
- ташаккули механизми танзими давлатии бозори меҳнат;
- вусъатбахшии тарбияи мақсадноки мутахассисон ва таҳияи механизми ҳавасманд гардонидани меҳнати онҳо;
- рушди системаи тарбия, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои роҳбарикунандаи ҳама соҳаҳои бахши воқеии иқтисод дар асоси фармоиши давлатӣ;

– таъмини имконияти вогузор намудани функсияҳои мақомот ва ташкилот ба сохторҳои дахлдори поёнӣ;
– дарёфти кадрҳо аз ҳисоби занони ташаббускор, қобилиятнок ва ҷавонони лаёқатманд бо мақсади ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, аз ҷумла мутобиқи эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисод ҷалб кардани онҳо;
– ошкор намудани сифатҳои роҳбарии мутахассисони ҷавон, хатмкунандагони мактабҳои олӣ барои истифодаи мақсадноки онҳо;
– рушди системаи тарбияи мутахассисони соҳаҳои маҳдуд (аз ҷумла, ҳуқуқшиносон, иқтисоддонҳо) барои соҳаҳои асосии иқтисод (энергетика, гидроэнергетика, гумрук, андоз, молия, сармоягузорӣ, сохтмон, заминсозӣ, истифодаи захираҳои зеризаминӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, алоқа, нақлиёт, кишоварзӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайра).

**Системаи идоракунии давлатӣ.** Идоракунии иқтисодиёт ва дигар соҳаҳои фаъолият баланд бардоштани самаранокии кори мақомоти давлатиро талаб менамояд.

Сиёсати давлатии кадрҳо дар системаи идоракунии давлатӣ ба ҳалли вазифаҳои зерини афзалиятнок равона шудааст:

– таъмини устувори фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, рушди механизмҳои интихоб ва пешравӣ дар хизмати давлатӣ, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ танзим карда мешавад;
– муносибгардонии сохтор ва функсияҳои мақомоти давлатӣ;
– мутобиқсозии номгӯи ихтисосҳои мақомоти давлатӣ бо вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ ва масъалаҳои рӯзмарраи идоракунии давлатӣ;
– мутобиқгардонии шумора, сохтори касбию тахассусии кадрҳои мақомоти давлатӣ бо дарназардошти ғайримарказгардонии функсияҳои идоракунӣ ва рушди худидоракунии маҳаллӣ;
– такмили Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки системаи тамоюлҳои арзишҳо ва ахлоқӣ, талаботи ахлоқиро нисбат ба хислатҳои муносибати

мутақобилаи кормандони ҳама соҳаҳо бо аҳли ҷомеа ва шаҳрвандон муайян менамояд;

- такмили расмиёт ва усулҳои интихоби кадрҳои мақомоти идораи давлатӣ, ташаккули сохтори воқеан амалкунандаи захираи кадрҳо барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда ва тарбияи касбии шахсони дар захираи кадрҳо қарордошта;
- муносибгардонии системаи пешравии кадрҳои идоракунанда дар дастгоҳи давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини болоравии онҳо дар мансаб дар асоси баҳисобгирии сифатҳои касбӣ ва ахлоқиву психологӣ;
- такмили механизм ва усулҳои муосири баҳодиҳии хизматчиёни давлатӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти онҳо;
- ташаккули системаи ҳимояи касбӣ ва иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ дар асоси таҳияи дастурамалҳои мушаххаси мансабӣ, такмили пардохтҳо ва ҳавасмандгардонии моддию маънавии меҳнати онҳо, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ;
- батанзимдарории механизми назорати маъмурӣ ва ҷамъиятии фаъолияти шахсони мансабдори дастгоҳи давлатӣ;
- таъсиси системаи дурнамо ва банақшагирии эҳтиёҷоти мақомоти идоракунии давлатӣ ба кадрҳо;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисони мақомоти идораи давлатӣ.

Системаи тарбияи кадрҳои соҳибихтисоси роҳбарикунанда бояд ба қадри кофӣ дар инкишоф бошад, эҳтиёҷоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллиро ба роҳбарон ва мутахассисони салоҳиятноки дорои омодагии касбӣ қонеъ гардонад.

**Соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ.** Дар ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи самтҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ вазифаҳои беҳдошти вазъи саломатии миллат, рушди иқтидорҳои таҳсилотию фарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон барои солҳои наздик пурра муайян гардидааст.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ инҳоянд:

- андешидани тадбирҳои таъсирбахш оид ба тарбияи кадрҳо барои соҳаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ (аз ҷумла барои соҳаҳои маориф, тиб) дар минтақаҳои алоҳидаи эҳтиёҷманди ҷумҳурӣ дар асоси фармоиши давлатӣ;
- ҷорӣ намудани системаи дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати эҳтиёҷот ба кадрҳои соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ ва тарбияи боимтиёзу мақсадноки мутахассисон дар асоси фармоиши давлатӣ;
- таъсиси махзани маълумот оид ба иқтидорҳои кадрии соҳаи иҷтимоиву фарҳангӣ;
- муҳайё намудани шароити мусоид барои кормандон, пешравии онҳо дар мансаб, рушди механизми суғуртавӣ ва қарздиҳии имтиёзнок, гирифтани таҳсилоти иловагӣ ва харидории манзил;
- андешидани тадбирҳои таъсирбахш оид ба ҷалби занон ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, тамоюли касбии ҷавонон, ташаккули маънавии шахсият, таҳкими оила ва дастгирии моддии занон ва мутахассисони ҷавон.

**Соҳаи илм ва техника**. Сиёсати давлатии илмиву техникӣ ба азнавсозии сохторӣ ва технологии соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дар асоси дастовардҳои пешрафти илмиву техникӣ ва истифодаи самараноки иқтидори таҳсилотии миллат равона шудааст. Болоравии сатҳи илм ва таҳсилот заминаи асосии рушди инноватсионӣ мебошад.

Рушди иқтидори илмӣ ва вусъатбахшии соҳаи фаъолияти инноватсионӣ вазифаҳои зеринро дар назар дорад:

- муносибсозии ҳайати сифатӣ ва миқдории кормандони соҳаи илм ва хизматрасонии илмӣ тибқи вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ ва сиёсати илмиву техникии давлат;
- муайян намудани номгӯи мансабҳое, ки метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ бо дарназардошти таҷрибаи андӯхтаи амалии худ дар соҳаи дахлдор ишғол намоянд;
- муҳайё намудани шароити ҳавасмандгардонии меҳнати мутахассисон ва олимон дар ташкилотҳои илмии ватанӣ;

- таъсис додани махзани маълумот, системаи дурнамои эҳтиёҷот ба кадрҳо дар асоси мониторинги самтҳои заминавии фаъолияти илмиву техникӣ;
- таҳияи низоми вобастакунии кадрҳои илмӣ дар соҳаҳои иқтисод ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла тадбирҳо оид ба таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи илм;
- тарбияи мақсадноки кадрҳои илмиву педагогӣ мутобиқ ба эҳтиёҷоти соҳаҳои илм ва маориф;
- вусъатбахшии тарбияи кадрҳои илмӣ дар соҳаи идоракунии ҳайати кормандон;
- тақвиятбахшии дастгирии давлатии олимони ҷавон дар ҳама самтҳои тахассус ва фаъолияти онҳо;
- муҳайё намудани шароити ҳуқуқӣ ва ташкиливу иқтисодӣ барои фаъолияти самараноки илмиву техникӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- баланд бардоштани вазъи иҷтимоии кормандони илмӣ;
- такмили системаи аттестатсияи мутахассисони олии илмӣ, илмиву педагогӣ ва дигар ходимони илмӣ, инчунин баҳодиҳии фаъолияти онҳо аз рӯи натиҷаҳои меҳнатӣ;
- омӯзиши масъала оид ба таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҷанбаҳои минтақавӣ**. Сиёсати давлатии кадрҳо ба ташаккули модели муносиби рушди минтақаҳо нигаронида шудааст, ки таъсиси истеҳсолоти илмталаб, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои кадриро бо дарназардошти мониторинги эҳтиёҷоти кадрӣ пешбинӣ менамояд.

Барои минтақаҳои ҷумҳурӣ вазифаҳои зерин афзалиятнок мебошанд:

- тарҳрезии системаи дурнамои таълиму тарбия ва бо кадрҳо таъмин намудани минтақаҳо;
- тарбияи мутахассисон барои кор дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ дар курсҳо, факултетҳо ё шӯъбаҳои махсуси мактабҳои олии дахлдори кишвар;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати таъминоти минтақаҳо бо кадрҳо, ки бояд асоси фармоиши давлатии дахлдор барои тарбияи кадрҳо гардад;
- ташкили мониторинги минтақавии тақсимот, кортаъминкунӣ ва таъмини ҷои кор барои мутахассисони ҷавон аз ҷумлаи ҷавонон ва духтароне, ки бо квотаи президентӣ таҳсил намудаанд;
- такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои мутахассисони ҷавон;
- ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ барои рушди касбии захираҳои меҳнатии минтақа;
- ташкили минтақавии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо мутобиқи вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо.

## VI. Механизми татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо

Ноил гардидан ба мақсадҳо, ҳалли вазифаҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлатии кадрҳо такмили механизми татбиқи он, аз ҷумла таъминоти меъёрии ҳуқуқӣ, ташкилию методӣ, иттилоотӣ, моддиву техникӣ ва молиявиро талаб менамояд.

Барои таъминоти ташкиливу методии сиёсати давлатии кадрҳо банақшагирии чунин чорабиниҳо дар назар дошта мешавад:

- таъсиси системаҳо ва усулҳои дурнамои эҳтиёҷот ба нерӯи кории ихтисосманд дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҷомеа;
- ҳамоҳангсозии амалҳои субъектҳои сиёсати давлатии кадрҳо;
- таҳияи барномаҳои комплексии бо кадрҳо таъмин намудани минтақаҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, худидоракунии маҳаллӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ;
- рушди системаи таҳсилоти баъдаздипломии кадрҳо дар заминаи мактабҳои олии бонуфуз ва донишкадаю курсҳои доимоамалкунандаи такмили ихтисос;
- таҳия ва истифодаи технологияҳои муосири кадрӣ дар самти интихоб, ҷобаҷогузорӣ, пешбарӣ, баҳодиҳии фаъолият ва ҳавасмандгардонии меҳнатии кадрҳо;

Таъминоти иттилоотии сиёсати давлатии кадрҳо таъсиси арзҳои ягонаи иттилоотии ба ҳамкории самараноки субъектҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати кадрҳо мусоидаткунандаро пешбинӣ менамояд.

Самтҳои асосии таъминоти иттилоотии сиёсати давлатии кадрҳо ба ҳисоб мераванд:

– муайян намудани таркиб ва сохтори иттилоот, ки барои қабули қарорҳои самарабахш дар соҳаи ташаккулдиҳии иқтидорҳои кадрӣ зарур мебошанд;
– таъсиси системаи ҷумҳуриявии иттилоотии мониторинги баҳисобгирӣ ва таҳлили иқтидори кадрҳои роҳбарикунанда, тарбия ва истифодаи кадрҳо, инчунин махзани ягонаи маълумот оид ба захираи кадрҳо.

Таъминоти моддиву техникӣ ва молиявии сиёсати давлатии кадрҳо вазифаҳои зеринро дар назар дорад:

– ташкили дурнамо ва банақшагирии эҳтиёҷот ба захираҳои моддӣ ва молиявӣ барои таъмини кори самараноки дастгоҳи давлатӣ, тарбия, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои мақомоти идораи давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, соҳаҳои иқтисод ва соҳаҳои дигари фаъолият;
– рушди заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти баъдаздипломӣ.

Дар ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо бояд ҷанбаҳои зерин муайян карда шаванд:

– татбиқи принсипҳои асосии сиёсати кадрҳо;
– сиёсати ташкилию бастӣ – банақшагирии эҳтиёҷот ба захираҳои меҳнатӣ, ташаккули сохтор ва бастҳои корӣ, таъсиси захираи кадрҳо;
– сиёсати иттилоотӣ – таъсис ва таъмини системаи иттилооти кадрӣ;
– сиёсати молиявӣ – муайян намудани принсипҳои тақсимоти маблағҳо, таъмини системаи самарабахши ҳавасмандгардонии меҳнат;
– сиёсати рушди ҳайати кормандон – таҳия ва татбиқи нақшаҳои рушд, тамоюли касбӣ ва мутобиқсозии кормандон, банақшагирии пешрафти инфиродӣ, ташаккули ҳайат (команда), тарбияи касбӣ ва такмили ихтисос;

- дастгирии занон ва ҷавонон – таъмини ҳуқуқи афзалиятноки дастрасии занони қобилиятнок ва ҷавонони лаёқатманд ба меҳнат;
- баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият – таҳлили мутобиқати сиёсати кадрҳо ва стратегияи ташкил, ошкорсозии масъалаҳои баҳсталаби кор бо кадрҳо, арзёбии иқтидори кадрҳо ва натиҷаҳои фаъолияти корманд;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба масъалаҳои таъминоти кадрӣ.

Афзалиятҳои сиёсати давлатии кадрҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои стратегӣ мутобиқи барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунанд:

- паст кардани шиддат дар бозори меҳнат, боз ҳам кам кардани бекории ғайрирасмӣ ва пӯшида;
- баланд бардоштани эътибори кор дар соҳаи идоракунии давлатӣ, тандурустӣ, илм, маориф, фарҳанг, кишоварзӣ, ки ба рушди иқтисоди кишвар, таҳкими асосҳои ахлоқии ҳаёти ҷомеа, саломатии ҷисмонии шаҳрвандон ва амнияти озуқаворин мамлакат мусоидат менамояд;
- ташаккули системаи муосири идоракунии ҳайати кормандон дар тамоми сатҳҳо ва таъмини сиёсати ягонаи давлатии кадрҳо;
- ҷорӣ намудани технологияҳои нави муосири раванди тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатӣ ва кадрҳои бахши иқтисод;
- баланд бардоштани сатҳи кордонӣ, тахассус ва таҳсилоти шаҳрвандон;
- ташаккули иқтидори кадрҳои роҳбарикунанда дар соҳаҳои мухталифи фаъолият, ки ба талаботи имрӯза ва вазифаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ мутобиқат менамояд.

Дар марҳилаи ҳозира сиёсати давлатии кадрҳо ба нигоҳ доштан, истифодаи самараноки иқтидорҳои ташаккулдодашудаи кадрии кишвар ва рушди он мутобиқи талаботи таъмини амнияти миллӣ дар шароити ҳамгироии иқтисоди ҷумҳурӣ дар муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ равона шудааст.

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016»

*аз 29 апрели соли 2009* *№252* *ш. Душанбе*

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №582 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Маблағгузорӣ барои татбиқи Барномаи мазкур дар доираи сметаи хароҷоти тасдиқгардидаи вазорату идораҳо, маблағҳои ғайрибуҷетӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва аз ҳисоби маблағҳои махсус амалӣ карда шавад.

3. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои Барномаи мазкурро таъмин карда, аз натиҷаи он ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» апрели соли 2009
№252 тасдиқ шудааст

# Барномаи
# татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016

## Муқаддима

Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши таркибии сиёсати дохилии давлат буда, дар заминаи сиёсати умумидавлатӣ ташаккул меёбад. Он ҳамчун стратегияи бунёди ҷомеа дар самти ташаккул, рушд ва истифодаи самарабахши захираҳои меҳнатии ҷумҳурӣ дар асоси талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешавад.

Сиёсати давлатии кадрҳо бевосита ба масъалаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, аз қабили интихоб, тарбия, ҷобаҷогузорӣ, пешбарӣ ва истифодаи самараноки кадрҳо алоқамандӣ дошта, дар шароити муосир дар таъсиси механизми муносиби идоракунии ҳайати кормандон дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Солҳои охир дар самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки ба ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо низ таъсир мерасонанд. Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон ҳуқуқҳои машғул шудан ба соҳибкорӣ, тиҷорат, озодона интихоб намудани шакл, вақт ва ҷойи фаъолияти меҳнатӣ дода шудааст. Шумораи мутахассисони ҷавонон дар мақомоти идоракунии давлатӣ зиёд мешавад. Механизмҳои нави технологияи кадрӣ таҳия ва амалӣ мегарданд.

Дараҷаи маълумотнокии кадрҳо сол то сол баланд мешавад. Агар дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ бо таҳсилоти олӣ 98 фоиз (соли 2005 94 фоиз) хизматчии давлатӣ фаъолият кунад, пас дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 93 фоиз (соли 2005 90 фоиз), мақомоти худидоракунии маҳаллӣ 81 фоиз (соли 2005 79 фоиз) кор мекунанд.

Аммо дар баробари ин баъзан ҳолатҳои ба эътибор нагирифтани иқтидори кадрӣ аз ҷониби роҳбарон, аз рӯи ихтисос кор накардани мутахассисон, ба хориҷи кишвар рафтани онҳо, пурра амалӣ нашудани талаботи технологияи кадрӣ ҳангоми интихобу ҷобаҷогузорӣ, суст ҷараён гирифтани низоми ҷавонгардонии ҳайати кадрҳои роҳбарикунанда ҳанӯз мавҷуд аст. Дар байни аҳолӣ мушкилоти бекорӣ ҷой дорад. Чунин падидаи манфӣ ба ташаккул ва истифодаи самараноки иқтидори кадрӣ монеа эҷод менамояд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2009 шумораи аҳолии ҷумҳурӣ 7 392,0 ҳазор, аз ҷумла шумораи аҳолии фаъоли иқтисодӣ 2 103,4 ҳазор, аз ин ҳисоб 2 059,7 ҳазор нафар (97,9%) ба шуғл фаро гирифта шуда, 43,6 ҳазор нафар расман бекор мебошанд.

Шумораи ҷойҳои холии корӣ дар корхонаю муассисаҳо ба 13,9 ҳазор расидааст. Эҳтиёҷот ба соҳаҳои маориф (3 307 ё 23,7 фоиз), тандурустӣ (3 371 ё 24 фоиз), саноат (3 043 ё 21,7 фоиз), сохтмон (1 124 ё 12,4 фоиз), хоҷагии кишоварзӣ (385 ё 2,7 фоиз) бештар аст.

Барои ислоҳи мушкилоти ҷойдошта дар бозори меҳнат таълими касбии аҳолӣ, анҷом бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ, такмили муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи шуғл зарур аст.

Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007 тасдиқ шудааст, то соли 2015 дар соҳаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ, макроиқтисодӣ, рушди бахши хусусӣ, оид ба баланд бардоштани самаранокии бахши энергетикӣ, пеш бурдани лоиҳаҳои инвеститсионии саноатӣ, туристӣ, рушди саноати маъдани кӯҳӣ тадбирҳо андешида шуда, дар маҷмӯъ дар заминаи истеҳсолоти мавҷуда на камтар аз 8-10 комплексҳои саноатию истеҳсолӣ, энергетикӣ, саноати давлатӣ ва хусусии дорои аҳамияти минтақавӣ таъсис меёбанд.

Дар ҳамаи зинаҳои таҳсил стандартҳо, нақшаҳо ва барномаҳои давлатии таълимии муносибгардонидашуда ва такмилёфта ҷорӣ карда мешаванд. Дар назар дошта шудааст, ки сатҳи саводнокии аҳолии синни аз 15 то 24 –сола то 99,1 фоиз (соли 2004 88 фоиз) мерасад. Ҳар сол 20-25 фоизи омӯзгорон ва дигар кормандони бахши маориф аз бозомӯзӣ ва такмили ихтисос мегузаранд.

Вобаста ба ин, дар сиёсати давлатии кадрҳо ба беҳтаршавии сифати ҳайати кадрҳои дастгоҳи давлатӣ, тайёр кардани кормандон аз рӯи ихтисосҳои нодир ва ояндадор бо назардошти самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди ҷумҳурӣ, вазифаҳои нав ва талабот, дар маҷмӯъ баланд бардоштани сифати иқтидори меҳнатию кадрӣ таваҷҷӯҳи махсус додан лозим мебошад.

Яке аз талаботи муҳими рӯз ин таъмини истифодаи оқилонаи кадрҳо, таҳияи механизмҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ, ташкилӣ, ҳавасмандгардонӣ барои меҳнати самаранок ва босифат мебошад. Ба таври ҷиддӣ нав кардани шаклу усулҳои кор бо кадрҳо ба мувофиқатии сохтори идоракунӣ, муқаррар кардани функсия ва салоҳияти он, баланд бардоштани масъулияти шахсии роҳбарон алоқаманд аст.

Бо мақсади муайян намудани чунин ҳадафу вазифаҳо, принсипҳо, самтҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳо ва механизми татбиқи он дар шароити муосир бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №582 Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.

Барои татбиқи ин ҳуҷҷати стратегӣ Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016 (минбаъд Барнома) пешниҳод мегардад, ки механизмҳои ташкилӣ ва моддию молиявии татбиқи он, иҷрокунандагон, марҳилаҳои татбиқ, номгӯи самтҳои аввалиндараҷа ва асосии татбиқ, манбаъҳои маблағгузорӣ, натиҷагирӣ, системаи ташкили мониторинг ва назорати иҷрои Консепсияро пешбинӣ менамояд.

## 1. Заминаи меъёрии ҳуқуқии қабул ва татбиқи Барнома

Заминаи меъёрии ҳуқуқии Барномаро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ва муайянкунандаи самти кор бо кадрҳо ташкил медиҳанд.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои асосии Барнома

Мақсади Барнома таъмини иҷрои Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва фарҳангию маънавӣ барои аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ, таъмини ҳамаи соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ бо кормандони ихтисосманд, касбӣ, ташаббускор, дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ, истифодаи самараноки иқтидори зеҳнию кадрӣ, захираҳои меҳнатӣ, нигоҳдорӣ ва афзоиши он мебошад.

**Вазифаҳои асосии Барнома:**

- пешбинӣ ва банақшагирии таъмини соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ бо кадрҳо;
- мутобиқсозии иқтидори кадрии ҷумҳурӣ ба талаботе, ки дар бозори байналмилалии меҳнат пешниҳод карда мешаванд;
- баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии кадрҳо ва таъмини ҳамгироии онҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ;
- ташаккули механизми фасеҳи идораи захираҳои меҳнатӣ;
- мониторинг ва таҳлили пешравӣ дар мансаб тавассути истифодаи технологияҳо ва механизми муосири кадрӣ;
- таъсис ва тақвият додани нақшу вазифаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидор;
- таҳияи меъёрҳои муосири интихоби кадрҳо бо дарназардошти сифатҳои касбӣ ва ахлоқию психологии онҳо;
- такмили шаклу усулҳои арзёбии фаъолияти кадрҳо;
- такмили механизми муосиру таъсирбахши институти захираи кадрҳои роҳбарикунанда;
- ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок, истифодаи оқилонаи кадрҳо;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои кор ва пешравии касбии онҳо;
- такмили системаи тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кадрҳо;
- рушди ҳамкории байналмилалӣ дар самти таҳсил ва бозомӯзии кадрҳо дар хориҷи кишвар;
- пурзӯр намудани назорати давлатии риояи стандартҳои соҳаи ҳифз ва шароити меҳнат;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз ҳудуди кишвар ба кор мераванд, мусоидат намудан ба онҳо дар гирифтани ихтисос ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус;
- ташаккули механизми самараноки дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таъмини кор ба бекорон, аз ҷумла маблағгузории ҷойҳои нави корӣ дар бахши соҳибкории хурд ва миёна.

### 3. Сохтори чорабиниҳои Барнома

Барнома аз 4 фасл иборат буда, тадбирҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳоро дар бораи таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо, таҳия ва нашри барнома, низомнома, китобҳои таълимӣ, адабиёт, дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои кадрӣ, масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии кадрҳо, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар, чорабиниҳои ташкилӣ ва омӯзишӣ, такмили фаъолият дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо дар бар мегирад.

### 4. Таъмини молиявии Барнома ва мӯҳлати иҷро

Маблағгузории Барнома дар доираи бароварди (сметаи) хароҷоти тасдиқгардидаи вазорату идораҳо ва маблағҳои ғайрибуҷетӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ анҷом дода мешавад.

Мӯҳлати иҷрои Барнома солҳои 2009-2016 муайян карда шудааст.

### 5. Иҷрокунандагон ва ташкили назорати татбиқи Барнома

Иҷрокунандагони Барнома Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо мебошанд.

Тадбирҳои ташкилӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои Барномаро Бахши Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо амалӣ менамояд.

## 6. Тадбирҳои амалӣ намудани Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016

| № | Чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Мӯҳлати иҷро |
|---|---|---|---|
| 1. | **Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низомномаҳо, барномаҳо, нашри китобҳои таълимӣ, адабиёт ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои кадрӣ ва банақшагирии фаъолияти кадрӣ** | | |
| 1.1 | Таҳияи лоиҳаи қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории хизмати давлатӣ ва молия | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, адлия, молия, Раёсати хизмати давлатӣ | Солҳои 2009-2010 |
| 1.2 | Таҳияи тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо мақсади мутобиқ намудани онҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» | Раёсати хизмати давлатӣ, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо | Солҳои 2009-2010 |
| 1.3 | Таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>-«Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди таълими касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»<br>-«Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани ташхиси иҷтимоӣ ва иштиғолнокии | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ якҷоя бо дигар вазорату идораҳо | Солҳои 2009-2010 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | барномаҳои давлатии мақсаднок ва инвеститсионӣ» | | |
| 1.4 | Дар таҳрири нав таҳия намудани Низомномаи кор бо захираи кадрҳои хизмати давлатии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раёсати хизмати давлатӣ | Соли 2009 |
| 1.5 | Таҳияи барномаҳо оид ба тайёр намудани мутахассисони идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ) | Раёсати хизмати давлатӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф | Соли 2009 |
| 1.6 | Таҳияи Низомномаи намунавии хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири нав) | Раёсати хизмати давлатӣ<br>Бахши Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо | Соли 2009 |
| 1.7 | Таҳияи барномаи такмили ихтисос барои занони роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидор | Раёсати хизмати давлатӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, вазоратҳои маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Соли 2009 |
| 1.8 | Таҳияи механизми ба тобеияти методии Раёсати хизмати давлатии назди | Раёсати хизмати давлатӣ | Соли 2009 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додани хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ | | |
| 1.9 | Такмили шаклҳои гузаронидани санҷишҳои тахассусии кормандони системаҳои бонкӣ | Бонки миллии Тоҷикистон | Соли 2009 |
| 1.10 | Банақшагирии эҳтиёҷот ба қувваи корӣ, ташаккули сохтор ва бастҳои кори мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидор | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, Раёсати хизмати давлатӣ | Доимӣ |
| 1.11 | Таҳияи барномаҳои таълимӣ барои раисони шаҳру ноҳияҳо, ҳайати роҳбарикунандаи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дар мавзӯъҳои «Идоракунии давлатӣ дар шароити муосир», «Идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ)» | Раёсати хизмати давлатӣ, Бахши Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо | Солҳои 2009-2010 |
| 1.12 | Такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои мутахассисони ҷавон | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои маориф, адлия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Солҳои 2009-2010 |
| 1.13 | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ахлоқи корманди Бонки миллии Тоҷикистон ва таҳияи Барномаи «Баҳодиҳии корманд» барои системаи бонкӣ | Бонки миллии Тоҷикистон | Солҳои 2009-2010 |
| 1.14 | Таъсиси системаи дурна- | Раёсати хизмати | Солҳои |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мо ва банақшагирии эҳтиёҷоти мақомоти идоракунии давлатӣ ба кадрҳо ва бо ин мақсад таҳия намудани дастурҳои дахлдор | давлатӣ, вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Бахши Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо | 2009-2010 |
| 1.15 | Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба гузаронидани аттестатсия, озмун, Намунаи Талаботи тахассусӣ барои соҳаҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар қонунгузорӣ нисбаташон татбиқ намешаванд | Бахши Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо | Солҳои 2009-2010 |
| 1.16 | Таҳияи лоиҳаи Фармоиши давлатии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Точикистон | Раёсати хизмати давлатӣ, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, адлия | Соли 2009 ва солҳои минбаъда |
| 1.17 | Нашри китобҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои назария ва амалияи назорати давлатии молиявӣ, пешбурди корҳои фаврию ҷустуҷӯӣ ва тафтиши парвандаҳои | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф | Солҳои 2009-2011 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҷиноятӣ | | |
| 1.18 | Нашри китобҳои таълимӣ, адабиёт ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои назария ва амалияи идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ), «Фарҳанги истилоҳоти хизмати давлатӣ», «Идоракунии ҳайат» ва дигар дастурҳои методӣ дар бораи масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, таҳия ва нашри Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» | Раёсати хизмати давлатӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ | Солҳои 2009-2016 |
| 1.19 | Таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба таҳсилоти иловагии касбӣ барои хизматчиёни давлатӣ ва рушди малакаи касбии онҳо | Раёсати хизмати давлатӣ, Вазорати маориф, Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ | Соли 2010 |
| 1.20 | Нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат ва хизмати давлатӣ барои мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва субъектҳои хоҷагидор | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Раёсати хизмати давлатӣ | Соли 2010 |
| 1.21 | Такмили системаи тайёр намудани кадрҳои коргарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | Вазоратҳои маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Доимӣ |
| 1.22 | Таҳияи барномаи таълимӣ ва ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат оид | Раёсати хизмати давлатӣ, Донишкадаи такмили их- | Соли 2010 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ба омӯзиши асосҳои қонунгузории меҳнат, маъмурӣ, баҳисобгирии муҳосибавӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ, этикети дипломатӣ, ташрифоти давлатӣ ва санъати суханварӣ барои ҳайати роҳбарикунанда | тисоси хизматчиё-ни давлатӣ, Бахши Мушовири давла-тии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо, вазоратҳои адлия, маориф, молия, корҳои хориҷӣ | |
| 1.23 | Мавриди омӯзиш қарор додани масъала дар бо-раи ворид намудани фанҳои «Идоракунии захираҳои инсонӣ», «Идоракунии ҳайат», «Назарияи идоракунӣ», «Андрогогика», «Этикаи кадрҳои роҳбар» ба барномаҳои таълимии мактабҳои олӣ | Вазорати маориф, Раёсати хизмати давлатӣ, Дониш-кадаи такмили их-тисоси хизматчиё-ни давлатӣ | Соли 2010 |
| 2. | **Тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии кадрҳо** | | |
| 2.1 | Ташкили маҷмӯи чорабиниҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат, таъмини ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок, фароҳам овардани ша-роити мусоид барои кор ва пешравии касбӣ, руш-ди механизми суғурта ва қарздиҳии имтиёзнок, ха-ридории манзил ва ғ. | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Доимӣ |
| 2.2 | Ташаккули механизми самараноки дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таъмини кор ба бекорон, аз ҷумла маблағгузории | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи | Соли 2009 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҷойҳои нави корӣ дар бахши соҳибкории хурд ва миёна | иҷтимоии аҳолӣ | |
| 2.3 | Муайян намудани мақоми иҷтимоии кормандони илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии онҳо | Академияи илмҳо | Соли 2010 |
| 2.4 | Амалӣ намудани тадбирҳо оид ба такмили низоми музди меҳнати хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазоратҳои молия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Раёсати хизмати давлатӣ | Доимӣ |
| 2.5 | Такмили системаи таъминоти нафақа бо назардошти вазъи иқтисодӣ ва ташаккули механизми суғуртаи иҷтимоӣ | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Доимӣ |
| 3. | **Масъалаҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар** | | |
| 3.1 | Ташкили курсҳои доимоамалкунандаи бойгонишиносӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳа | Саридораи бойгонӣ | Соли 2009 |
| 3.2 | Такмили ҳамкории байналмилалӣ дар самти таҳсил, бозомӯзӣ ва таҷрибаомӯзии кадрҳо дар хориҷи кишвар | Вазоратҳои маориф, рушди иқтисод ва савдо, молия, хориҷӣ, Раёсати хизмати давлатӣ | Солҳои 2009-2016 |
| 3.3 | Ташкили курсҳои коромӯзии дипломатҳои ҷавон дар намояндагиҳои дипломатии бурунмарзӣ | Вазорати корҳои хориҷӣ | Доимӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3.4 | Таъсиси комиссия оид ба интихоб ва фиристодани хизматчиёни ҳарбӣ барои таҳсил ба хориҷи кишвар, ташкили курсҳои такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии онҳо дар ҷумҳурӣ ва берун аз он | Вазорати мудофиа | Доимӣ |
| 3.5 | Дар асоси шартномаи тарафайн ташкил намудани курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии хизмати давлатии давлатҳои ИДМ | Раёсати хизмати давлатӣ | Доимӣ |
| **4.** | **Чорабиниҳои ташкилӣ оид ба омӯзиш ва такмили фаъолият дар соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо** | | |
| 4.1 | Ташкили омӯзиши Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Соли 2009 |
| 4.2 | Татбиқи принсипҳои асосӣ, ки аз Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Доимӣ |
| 4.3 | Такмили системаи дурнамои захираҳои меҳнатӣ ва равандҳои демографӣ, баҳисобгирии натиҷаҳои ин дурнамо ҳангоми таҳияи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳо | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо | Соли 2010 |
| 4.4 | Гузаронидани мониторинги вазъи таъминоти | Вазорати фарҳанг, Шӯъбаи фарҳанги | Соли 2009 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | кадрҳо дар соҳаи фарҳанг ва пешниҳоди маълумотнома ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 4.5 | Таҳлили вазъият ва ошкор намудани сабабҳои дар асоси роҳхат ба ҷои кор нарафтани хатмкунандагони омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, коллеҷҳо, мактабҳои олӣ дар панҷ соли охир ва андешидани чораҳои ҳавасмандгардонии онҳо дар кор | Вазоратҳои маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, Бахши Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо | Соли 2009 |
| 4.6 | Таҳияи пешниҳод дар бораи рамзи мақомоти давлатӣ ва нишони ягонаи сарисинагии хизматчии давлатӣ | Раёсати хизмати давлатӣ, вазорату идораҳо | Соли 2009 |
| 4.7 | Ташкили омӯзиши Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо бахшида ба 15-солагии қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо | Соли 2009 |
| 4.8 | Омӯзиши ҷараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёр кардани кадрҳо барои соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодии кишвар | Бахшҳои мушовирони давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, сиёсати кадрҳо, шӯъбаи илм ва маорифи | Соли 2010 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 4.9 | Ба танзим даровардани тартиби пардохт барои таҳсил дар гурӯҳҳои шартномавии ихтисосҳои аҳамияти иҷтимоии мактабҳои олӣ | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф, молия | Солҳои 2009-2010 |
| 4.10 | Таҳия ва татбиқи методикаи муайянкунии талабот ба таълими касбии кадрҳо | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Солҳои 2009-2010 |
| 4.11 | Ташкили чорабиниҳо оид ба пурра бо компютер таъмин кардани сохторҳои мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ, пайваст кардани онҳо бо почтаи электронӣ, таълими асосҳои компютерӣ | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Солҳои 2009-2010 |
| 4.12 | Ташкили мактаби захираи кадрҳо дар назди шӯъбаҳои минтақавии Раёсати хизмати давлатӣ, омӯзиши онҳо дар асоси барномаҳои таълимӣ | Раёсати хизмати давлатӣ | Солҳои 2009-2010 |
| 4.13 | Дар асоси Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон пешниҳод намудани так- | Раёсати хизмати давлатӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиё- | Солҳои 2009-2013 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | лиф дар бораи таъсис додани Академияи хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ни давлатӣ | |
| 4.14 | Омӯзиши масъалаи таъсиси шӯъбаи таълими кадрҳои соҳаи идоракунии ҳайат дар заминаи мактаби олии дахлдори мамлакат | Бахши мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо | Соли 2010 |
| 4.15 | Ҷорӣ намудани системаи автоматикунонидашудаи пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатӣ | Раёсати хизмати давлатӣ | Солҳои 2010-2011 |
| 4.16 | Мунтазам ташкил намудани чорабиниҳо бо мақсади омӯзиши таҷрибаи пешқадами мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти кор бо кадрҳо | Раёсати хизмати давлатӣ, Бахши мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо | Доимӣ |
| 4.17 | Бо мақсади пешравии мансабии кадрҳо таҳияи чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми самараноки ротатсияи онҳо | Раёсати хизмати давлатӣ, вазорату идораҳо | Соли 2010 |
| 4.18 | Гузаронидани инвентаризатсияи ихтисосҳо ва сифати тайёркунии мутахассисон дар мактабҳои олӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва муассисаҳои ибтидоии касбӣ | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф | Солҳои 2010-2012 |
| 4.19 | Таъсис додани кафедраҳои «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» ва | Раёсати хизмати давлатӣ, Донишкадаи такмили их- | Солҳои 2010-2011 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | «Идоракунии ҳайат (захираҳои инсонӣ)» дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ | тисоси хизматчиёни давлатӣ | |
| 4.20 | Такмили низоми бақайдгирии муносибатҳои меҳнатӣ ҳангоми муайян кардани собиқаи корӣ барои шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродӣ ва соҳибкорӣ машғуланд | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, корҳои дохилӣ, хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз | Солҳои 2010-2012 |
| 4.21 | Такмили махзани маълумоти баҳисобгирии кормандони Вазорати корҳои дохилӣ бо назардошти сифатҳои шахсӣ, кордонӣ, ӯҳдаброӣ, вазъи саломатии рӯҳӣ, ҳолати ҷисмонӣ, симои психологии шахсият | Вазорати корҳои дохилӣ | Доимӣ |
| 4.22 | Гузаронидани мониторинг, тартиб додани махзани маълумот дар бораи занону ҷавонони лаёқатманд бо мақсади пешбарии онҳо дар мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ | Раёсати хизмати давлатӣ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ | Семоҳаи чоруми ҳар сол |
| 4.23 | Андешидани тадбирҳо дар бораи тайёр намудани кадрҳои бойгонишиносӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва хориҷи киш- | Саридораи бойгонӣ | Аз соли 2010 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | вар | | |
| 4.24 | Андешидани чораҳои амалӣ оид ба тарбия ва дастгирии олимони ҷавон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 4.25 | Андешидани тадбирҳо дар бораи ҳифзи бозори меҳнати ҷумҳурӣ аз муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва номуташаккил, пурзӯр намудани баҳисобгирӣ ва назорати будубоши қувваи кори хориҷӣ, танзими квотаи ҷалби қувваи корӣ аз беруни ҷумҳурӣ | Вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, корҳои дохилӣ, корҳои хориҷӣ | Доимӣ |
| 4.26 | Ташкил намудани курсҳои таълими забонҳои хориҷӣ барои ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо | Раёсати хизмати давлатӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Доимӣ |
| 4.27 | Банақшагирии эҳтиёҷот ба мутахассисони ҳуқуқшинос ва иқтисоддон барои соҳаҳои асосии иқтисод: энергетика, гидроэнергетика, гумрук, андоз, молия, сармоягузорӣ, сохтмон, заминсозӣ, истифодаи захираҳои зеризаминӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, алоқа, | Вазоратҳои маориф, рушди иқтисод ва савдо бо дигар вазорату идораҳо | Доимӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | нақлиёт, кишоварзӣ, муносибатҳои байналмилалӣ | | |
| 4.28 | Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо | Раёсати хизмати давлатӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Бахши Мушовири давлатии Прези-денти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо | Доимӣ |

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва бо мақсади ташкили низоми устувори интихобу ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ фармон медиҳам:

1. Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро ба талаботи Низомномаи мазкур мутобиқ гардонда, иҷрои онро таъмин намоянд.

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 2007 №232 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
20 майи соли 2009
№ 659

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» майи соли 2009
№659 тасдиқ шудааст

# Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1.Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - Низомнома) бо мақсади татбиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро танзим менамояд.

2. Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - озмун) бо мақсади таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - шаҳрвандон), хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос ва салоҳиятнок ба хизмати давлатӣ, инчунин таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ гузаронида мешавад.

3.Таъмини болоравии хизматчиёни давлатии маъмурӣ ва қабул ба хизмати давлатӣ дар ҳолатҳои зерин бе озмун сурат мегирад:

- ҳангоми бо амру фармонҳо ва розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишу қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ таъин гардидан;
- барои мансабҳое, ки таъин намудан ба онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти дуҷониба дорад (таъин бо гирифтани розигии хаттӣ);
- барои мансабҳои интихобӣ;
- таъин намудан дар асоси тавсияи комиссияи аттестатсионӣ;
- таъин намудан аз ҳисоби шахсоне, ки ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтар дохил карда шудаанд;

– аз як мансаб ба мансаби дигари холии мансуб ба як категория гузаронидани хизматчии давлатӣ;
– дар ҳолатҳое, ки мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад;
– ҳангоми барқарор намудан ба мансаб;
– бинобар барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ, ё таҷдиди мақоми давлатӣ бо розигии хизматчии давлатӣ таъин намудан ба мансабҳои баробар ё пасттар дар мақоми давлатии азнавташкилёфта ё дигар мақомоти давлатӣ;
– бинобар ихтисори шумора ё воҳидҳои корӣ, ҳангоми бо розигии хизматчии давлатӣ таъин намудан ба мансабҳои баробар ё пасттар дар ҳамон мақоми давлатӣ ё дигар мақомоти давлатӣ;
– аз ҳисоби мутахассисони ҷавони тибқи квотаҳои давлатӣ ва/ё роҳхати мақомоти давлатӣ мактабҳои олиро хатмкарда, ҳангоми маротибаи аввал таъин намудан ба мансабҳои категорияи ҳафтум.

4. Мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - мансабҳои холӣ) мансабҳои маъмурии хизмати давлатие (ба ғайр аз мансабҳои маъмурии категорияи олӣ) эътироф карда мешаванд, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, холӣ мебошанд.

5. Озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ дар мақомоти давлатӣ дар шакли дохилӣ ва кушода гузаронида мешавад.

6. Озмуни дохилӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар доираи як мақоми давлатӣ ҷиҳати таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии мақоми мазкур, ки ба талаботи тахассусӣ мувофиқат менамоянд, бо мувофиқаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ гузаронида мешавад.

7. Озмуни кушода барои хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти давлатии озмун эълоннамуда, хизматчиёни давлатии дигар мақомоти давлатӣ (минбаъд – хизматчиёни давлатии маъмурӣ) ва шаҳрвандон, ки ба талаботи тахассусӣ мувофиқат менамоянд, гузаронида мешавад.

8. Озмун дар сурати мавҷуд будани мансабҳои холӣ аз тарафи мақоми давлатӣ эълон карда мешавад. Шакли гузаронидани озмун (дохилӣ ё кушода) аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ муайян карда мешавад. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳуқуқ

дорад, ки бе гузаронидани озмуни дохилӣ озмуни кушода эълон намояд.

9. Дар ҳолатҳои зарурӣ озмун барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти давлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад, ки он низ тибқи муқаррароти ҳамин Низомнома гузаронида мешавад.

10. Гузаронидани озмун дар дигар шаклҳои пешбининакардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ мебошад.

11. Шаҳрвандон ва хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки ба талаботи тахассусии барои мансаби дахлдори муқарраргардида ва талаботи Низомномаи мазкур мувофиқат мекунанд, ҳуқуқ доранд довталаби мансабҳои холӣ бошанд ва дар озмун иштирок намоянд.

12. Монеъ шудан ба иштироки шаҳрвандон ва манъ намудани иштироки хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар озмун аз тарафи шахсони мансабдор ва дигар шахсони барои гузаронидани озмун мутасаддӣ манъ аст, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ.

13. Принсипҳои асосии гузаронидани озмун инҳо мебошанд:

– воқеъбинона ва холисона гузаронидани озмун ва баҳогузорӣ ба довталабон;
– таъмини баробарҳуқуқии довталабон ҳангоми гузаронидани озмун;
– риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани озмун;

14. Озмун аз давраҳои зерин иборат аст:

– таъсиси комиссияи озмунии мақоми давлатӣ;
– таҳия, нашр ва ҷой додани эълон дар бораи гузаронидани озмун дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, Веб-сайти мақоми давлатӣ (барои озмуни дохилӣ дар рӯзномаҳои соҳавӣ ва/ё гӯшаҳои эълонҳои мақоми давлатӣ);
– шинос намудани довталабон бо дастурамали мансабии мансаби холии ба озмун пешниҳодкардашуда ва номгӯи саволҳои озмун (аз ҷониби хадамоти кадрӣ);
– қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои довталабон;

– таҳияи рӯйхати умумии довталабоне, ки ҳуҷҷат супоридаанд;
– баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон барои муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ ва тартиб додани рӯйхати кӯтоҳи довталабоне, ки ба сӯҳбат иҷозат дода мешаванд;
– гузаронидани сӯҳбат бо довталабон, баҳогузорӣ ва ҷамъбасти озмун;
– баррасии такрории ҳуҷҷатҳои довталабон барои муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ ва/ё гузаронидани сӯҳбати такрорӣ бо довталабон (минбаъд - озмуни такрорӣ) дар ҳолатҳое, ки дар ҳамин Низомнома пешбинӣ гардидаанд;
– татбиқи қарори комиссияи озмунӣ.

15. Баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда на дертар аз 5 рӯзи баъди анҷоми қабули ҳуҷҷатҳо ва сӯҳбат бо довталабон на дертар аз 5 рӯзи баъди баррасии ҳуҷҷатҳо гузаронида мешаванд.

16. Хароҷоти вобаста ба иштироки довталаб дар озмун (омаду рафт ба маҳалли гузаронидани озмун, иҷораи ҷойи истиқомат) аз ҳисоби довталаб пардохт карда мешавад.

## 2. Тартиби ташкил ва фаъолияти комиссияи озмунӣ

17. Комиссияи озмунӣ барои ишғоли мансабҳои холии мақоми давлатӣ (минбаъд - комиссияи озмунӣ) бо қарори (фармоиши, амри) роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин ба мансабҳои холиро дорад, дар ҳайати раис, котиб ва аъзои комиссияи озмунӣ иборат аз 5 то 7 нафар таъсис дода шуда, ба таври доимӣ амал менамояд. Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад бо қарори (фармоиши, амри) худ ба ҳайати комиссияи озмунӣ тағйирот ворид намояд.

18. Ҳангоми аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудани озмун комиссияи озмунӣ низ аз тарафи онҳо таъсис дода, ҳайати комиссияи озмунӣ бо салоҳдиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

19. Ба ҳайати комиссияи озмунӣ аз рӯи мансаб роҳбари мақоми давлатӣ (ё муовини ӯ), намояндагони хадамоти кадрӣ, ҳуқуқӣ, иттифоқи касаба, ташкилоти илмӣ ё таҳсилотии соҳавӣ

ва дигар кормандони таҷрибадори мақоми давлатӣ ворид карда мешаванд. Ба комиссияи озмунӣ роҳбари мақоми давлатӣ (ё муовини ӯ) раисӣ менамояд. Дар кори комиссияи озмунӣ роҳбари воҳиди сохтории мақоми давлатӣ, ки ба он корманд қабул карда мешавад, ҳуқуқ дорад бо овози машваратӣ иштирок намояд.

20. Ба ҳайати комиссияи озмунии мақоми давлатие, ки ҳайати ниҳоии хизматчиёни давлатии он то 15 нафарро ташкил медиҳанд ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, намояндагони мақомоти болоӣ ва/ё ҳудудӣ ворид карда мешаванд. Ба ҳайати комиссияи озмунии сохтори маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ намояндаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор дохил карда мешавад.

21. Иштироки намояндаи мақоми марказии ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд-мақоми ваколатдор) дар рафти гузаронидани сӯҳбат бо довталабон барои ишғоли мансабҳои холӣ дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ ё иштироки намояндаи сохторҳои минтақавии он дар рафти гузаронидани сӯҳбат бо довталабон барои ишғоли мансабҳои холӣ дар ҳудуди дахлдор ҳатмӣ мебошад. Намояндаи мақоми ваколатдор ҳуқуқи овоз доданро дорад. Дар бораи гузаронидани сӯҳбат бо довталабон мақоми ваколатдор ва сохтори дахлдори минтақавии он на дертар аз 3 рӯз пеш аз гузаронидани сӯҳбат ба таври хаттӣ хабардор карда мешаванд.

22. Агар довталаби мансаби холии ба озмун пешниҳодшуда аъзои комиссияи озмунӣ бошад, ҳангоми гузаронидани озмуни ин мансаби холӣ ӯ аз ҳайати комиссияи озмунӣ хориҷ карда мешавад.

23. Комиссияи озмунӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- муайян намудани вақт ва маҳалли баррасии ҳуҷҷатҳо ва гузаронидани сӯҳбат бо довталабон;
- баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон дар вақт ва маҳалли муайянкардашуда барои муқаррар намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ, тартиб додани рӯйхати кӯтоҳ ва тавсияи довталабон ба сӯҳбат;
- гузаронидани сӯҳбат бо довталабон дар вақт ва маҳалли муайянкардашуда;
- ҷамъбасти натиҷаи озмун ва пешниҳоди он барои баррасӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ;

– гузаронидани озмуни такрорӣ (дар ҳолатҳои пешбининамудаи Низомнома).

24. Барои тартиб додани ҳуҷҷатҳо ва санадҳои комиссияи озмунӣ, даъвату гусели довталабон гурӯҳи мусоидат дар ҳайати котиби комиссияи озмунӣ ва ёрдамчии маъмурии комиссияи озмунӣ ташкил карда мешавад. Ҳайати гурӯҳи мусоидат ҳуқуқи овоз доданро надорад.

25. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба гузаронидани озмун, мусоидат ва назорати кори комиссияҳои озмунӣ аз тарафи мақоми ваколатдор ва сохторҳои дахлдори минтақавии он анҷом дода мешавад.

**3. Эълон дар бораи гузаронидани озмун**

26. Таҳияи эълон дар бораи гузаронидани озмун, нашри эълон дар рӯзномаҳо, ҷой додани он дар гӯшаи эълонҳо ва Веб-сайти мақоми давлатӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақоми давлатӣ анҷом дода мешавад.

27. Эълон дар бораи гузаронидани озмун маълумоти зеринро дар бар мегирад:

– номи мақоми давлатӣ;
– номи мансабҳои холӣ бо нишон додани андозаи музди меҳнат;
– талаботи асосӣ нисбат ба довталабон, ки дар асоси талаботи тахассусӣ муайян карда мешаванд;
– мӯҳлати қабули ҳуҷҷатҳо (на камтар аз 14 рӯз аз рӯзи нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун);
– нишон додани маҳалли ҷойгиршавӣ, суроға, нишонии Веб-сайт, суроғаи электронӣ, рақами телефон ва факси мақоми давлатӣ (бо мақсади гирифтани маълумоти иловагӣ);
– дигар иттилооти иловагӣ, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолиф нест.

28. Ҳангоми дар Веб-сайти мақоми давлатӣ ва ё гӯшаи эълонҳои мақомоти давлатӣ ҷой додани эълон дар бораи гузаронидани озмун ба ғайр аз маълумоти дар банди 27 Низомномаи мазкур нишондодашуда боз дастурамалҳои мансабии мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда ва номгӯи саволҳои озмун низ ҷой дода мешаванд.

## 4. Қабул ва баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон

29. Довталабон барои иштирок дар озмуни кушода ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза ба унвони роҳбари мақоми давлатӣ бо шакли дар замимаи 1 пешбинӣ кардашуда;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 086 УЕ;
- нусхаи шиноснома.

30**.** Хизматчиёни давлатӣ барои иштирок дар озмуни дохилӣ ба унвони роҳбари мақоми давлатӣ бо шакли дар замимаи 1 пешбинишуда ариза ва делои шахсӣ пешниҳод менамоянд.

31. Довталабон метавонанд оид ба таҷрибаи кор ва сатҳи касбии худ (нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи дараҷа ва унвони илмӣ, такмили ихтисос, номгӯи корҳои илмӣ, хислатнома, тавсияҳо) маълумоти иловагӣ пешниҳод намоянд.

32. Ариза ва ҳуҷҷатҳо аз тарафи довталабон бояд дар мӯҳлати барои қабул муқаррargардида пешниҳод карда шаванд.

33. Хадамоти кадрӣ рӯйхати умумии довталабонро таҳия карда, онро бо ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба роҳбари мақоми давлатӣ манзур менамояд. Роҳбари мақоми давлатӣ рӯйхати умумӣ, ариза ва ҳуҷҷатҳоро барои баррасӣ ба комиссияи озмунӣ пешниҳод мекунад.

34. Комиссияи озмунӣ на дертар аз 5 рӯзи анҷоми қабули ҳуҷҷатҳо ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо таҳлил карда, мувофиқати довталабонро ба талаботи тахассусӣ нисбат ба мансабҳои холӣ муайян намуда, дар бораи ба сӯҳбат иҷозат додан ё надодани онҳо қарор қабул мекунад. Қарори комиссияи озмунӣ дар шакли протокол ба расмият дароварда шуда, аз тарафи раис, аъзо ва котиби комиссияи озмунӣ имзо карда мешавад. Ба протокол рӯйхати кӯтоҳи довталабони ба сӯҳбат тавсияшуда замима карда мешавад. Довталабони ба сӯҳбат иҷозатдоданашуда на дертар аз 3 рӯзи тартиб додани протокол дар ин хусус хабардор карда мешаванд.

## 5. Сӯҳбат бо довталабон

35. Сӯҳбат бо довталабон дар вақт ва маҳалли аз тарафи комиссияи озмун муқарраршуда гузаронида мешавад. Довталаб на дертар аз 3 рӯз то баргузории сӯҳбат барои гузаштан аз сӯҳбат огоҳ карда мешавад.

36. Сӯҳбат бо ҳар як довталаб алоҳида гузаронида мешавад. Дар рафти сӯҳбат сатҳи дониш, дараҷаи тахассус, сифатҳои касбӣ, донистани забони давлатӣ ва хориҷӣ, кор бо технологияи муосири электронӣ муайян карда мешавад.

37. Ҳангоми муайян кардани сатҳи дониш ва малакаи касбии довталабон мумкин аст аз дигар шаклҳои санҷиш (навиштани реферат, санҷиши тестӣ ва ғ.) истифода карда шавад. Дар чунин ҳолатҳо довталабон ба санҷиши инфиродӣ ё гурӯҳӣ фаро гирифта мешаванд.

38. Дар сурати ба сӯҳбат ҳозир нашудани довталаб, ӯ аз озмун нагузашта ҳисобида мешавад.

39. Тартиб ва меъёрҳои баҳодиҳӣ дар сӯҳбат бо довталабон аз тарафи комиссияи озмунӣ на дертар аз 2 рӯз пеш аз сӯҳбат муайян карда мешаванд.

## 6. Ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмунӣ

40. Ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмунӣ баъди анҷоми сӯҳбат бо довталабон баргузор гардида, номзад ё номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ тавсия дода мешаванд. Комиссияи озмунӣ ҳуқуқ дорад довталабро тибқи натиҷаҳои сӯҳбат ба мансаби холии пасттари ҳамин мақоми давлатӣ тавсия намояд.

41. Ҷаласаи комиссияи озмунӣ ҳамон вақт босалоҳият ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи ҳайати комиссияи озмунӣ иштирок дошта бошанд.

42. Қарори комиссияи озмунӣ дар ғоибии довталаб бо овоздиҳии кушода қабул карда мешавад. Довталаб дар ҳолате аз озмун гузашта ҳисобида мешавад, ки натиҷаи имтиёзҳои бадастовардаи ӯ барои ишғоли мансабҳои холӣ кофӣ бошанд ва ба тарафдории ӯ аксарияти ҳайати комиссияи озмунӣ овоз дода бошад. Ҳангоми баробар будани овозҳо ва имтиёзҳои довталабон овози раиси комиссияи озмунӣ ҳалкунанда ҳисоб меёбад. Рафти сӯҳбат бо довталабон ва қарори комиссияи озмунӣ дар шакли протокол ба расмият дароварда шуда, он аз тарафи раис, аъзо ва котиби комиссияи озмунӣ имзо карда мешавад.

43. Қарори комиссияи озмунӣ барои татбиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда мешавад ва он барои таъин ба мансабҳои холӣ асос мегардад.

44. Агар дар озмун номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ муайян нагарданд, тибқи муқаррароти Низомномаи мазкур аз нав озмун эълон карда мешавад.

45. Довталаби аз озмун нагузашта ҳуқуқ надорад, ки дар озмун барои ишғоли мансаби холии мавриди озмун қароргирифта, ки ӯ довталаби он буд, такроран дар давоми як сол иштирок намояд. Чунин довталаб ба озмун барои ишғоли мансабҳои холии категорияи пасттар роҳ дода мешавад.

46. Довталаб на дертар аз 5 рӯзи баъди ҷамъбасти озмун бо тариқи хаттӣ аз натиҷаи озмун хабардор карда мешавад.

47. Ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталабоне, ки ба сӯҳбат иҷозат дода нашудаанд ё аз озмун нагузаштаанд, дар асоси муроҷиати довталаб бо гирифтани забонхат баргардонида мешаванд. Ин ҳуҷҷатҳо мумкин аст дар давоми 3 соли баъди ҷамъбасти озмун дар хадамоти кадрии мақоми давлатӣ нигоҳ дошта шаванд.

### 7. Ишғоли мансаби холӣ аз тарафи номзад

48. Роҳбари мақоми давлатӣ ӯҳдадор аст дар асоси қарори комиссияи озмунӣ номзадҳои ба ишғоли мансаби холӣ тавсияшударо дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯз таъин намояд. Дар вақти таъин ба мансаби хизмати давлатӣ бояд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул ба хизмати давлатӣ риоя карда шавад.

49. Ошкор намудани маълумоти нодурусти пешниҳоднамудаи довталаб, ки боиси тавсияи мусбии комиссияи озмунӣ гардидааст, барои рад намудани таъини номзад ба мансаби холӣ асос мегардад.

50. Таъин ба мансаб дар ҳузури номзад сурат мегирад. Дар сурати ҳозир нагардидани номзад ҳангоми таъин ё аз таъин ба мансаб даст кашидани номзад мансаб холӣ дониста шуда, аз нав озмун эълон карда мешавад.

51. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳуқуқ дорад қарори комиссияи озмуниро дар бораи ба мансаби холӣ таъин намудани номзад бо далелҳои асоснок рад ё гузаронидани озмуни такрориро таъин намояд.

52. Оид ба қарори роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи рад намудани таъини номзад ба мансаби холӣ аз тарафи комиссияи озмунӣ ё номзад ба мақоми ваколатдор ё суд дар мӯҳлати 10 рӯзи баъди гирифтани ҷавоби рад шикоят кардан мумкин аст.

53. Мақоми давлатӣ ӯҳдадор аст оид ба натиҷаҳои озмун ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ на дертар аз 10 рӯзи баъди ҷамъбасти озмун бо шакли дар замимаи 2 пешбинишуда маълумот пешниҳод намояд.

### 8. Муқаррароти хотимавӣ

54. Ҳангоми гузаронидани озмун роҳбари мақоми давлатӣ, кормандони хадамоти кадрии мақоми давлатӣ, аъзои комиссияи озмунӣ, гурӯҳи мусоидат ва довталабон ӯҳдадоранд талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро риоя намоянд.

55. Ҳуҷҷатҳои тартибдодаи комиссияи озмунӣ дорои нишонаи «Барои истифодаи хизматӣ» мебошанд. Довталаб ҳуқуқ дорад бо ҳуҷҷатҳои комиссияи озмунӣ дар қисме, ки ба ӯ дахл доранд, шинос шавад.

56. Довталаб ҳуқуқ дорад аз қарори комиссияи озмунӣ ё роҳбари мақоми давлатӣ ба мақоми ваколатдор ё суд шикоят намуда, бекор кардани қарор дар бораи рад намудани ба мансаби холӣ таъин намудан ва ё гузаронидани озмуни такрориро талаб кунад.

57. Мақоми ваколатдор шикояти довталабро аз қарори комиссияи озмунӣ ва/ё роҳбари мақоми давлатӣ баррасӣ намуда:

- дар сурати ошкор шудани ҳолати риоя нагардидани талаботи Низомномаи мазкур ба роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи бекор кардани қарори қабулшуда пешниҳод манзур менамояд;
- дар сурати тасдиқ нагардидани далелҳои шикоят ба довталаб хаттӣ хабар медиҳад.

58. Роҳбари мақоми давлатӣ ё бо супориши ӯ комиссияи озмунӣ пешниҳоди мақоми ваколатдорро дар давоми на дертар аз 10 рӯз баррасӣ менамояд. Роҳбари мақоми давлатӣ ё комиссияи озмунӣ метавонад қарори пештар қабулшударо бекор ва қарори нав (дар бораи таъин ба мансаб ё гузаронидани озмуни такрорӣ) қабул кунад ё пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро бо далелҳои асоснок рад намояд.

59. Бекор кардани қарори қаблан қабулшуда аз тарафи комиссияи озмунӣ барои бекор кардани қарори роҳбари мақоми давлатӣ ва қабули қарори нав (дар бораи таъин ба мансаб ё гузаронидани озмуни такрорӣ) асос мегардад.

60. Агар аз тарафи комиссияи озмунӣ ва роҳбари мақоми давлатӣ қарорҳои қаблан қабулшуда бекор карда нашаванд, мақоми ваколатдор ва довталаб ҳуқуқ доранд, ки ба суд муроҷиат намоянд.

61. Озмуни такрорӣ бе эълон кардани озмун тибқи муқаррароти Низомномаи мазкур на дертар аз 5 рӯзи бекор кардани қарори комиссияи озмунӣ бо иштироки намояндаи мақоми ваколатдор, роҳбари мақоми давлатӣ, ҳайати комиссияи озмунӣ ё ҳайати нави комиссияи озмунӣ бо довталабони дахлдор гузаронида мешавад.

62. Қарори қабулкардаи комиссияи озмунӣ аз натиҷаи озмуни такрорӣ барои қабули қарори дахлдори роҳбари мақоми давлатӣ асос мегардад. Роҳбари мақоми давлатӣ аз рӯи қарори нави комиссияи озмунӣ дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯз қарори дахлдор қабул карда, дар ин бора мақоми ваколатдор ва довталабро хабардор менамояд.

Замимаи 1
ба Низомномаи тартиби
гузаронидани озмун барои
ишғоли мансабҳои холи
маъмурии хизмати давлатӣ, ки
бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» _________ соли 2009
№ _____ тасдиқ шудааст

Ба унвони роҳбари
мақоми давлатӣ
___________________________
Аз номи довталаб
___________________________
(насаб, ном, номи падар)

## А Р И З А

Хоҳиш менамоям, ки ба ман барои иштирок намудан дар озмун барои ишғоли мансаби холии _____________________________________________
(номи мансаби холӣ)
______________________________________________________________________
(номи мақоми д авлатӣ)
______________________________________________________________________
иҷозат дода шавад.

Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Барои мавҷуд набудани монеаҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дохил шудан ба хизмати давлатӣ, аслӣ будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва дурустии маълумоти онҳо масъул мебошам.
Барои санҷиши ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаам розӣ мебошам.

____________ ____________________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)
«___» ______________ соли 200__
(санаи пешниҳоди ариза)

**Замимаи 2**
ба Низомномаи тартиби
гузаронидани озмун барои
ишғоли мансабҳои холи
маъмурии хизмати давлатӣ, ки
бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____» _________ соли 2009
№ _____ тасдиқ шудааст

## Маълумот

оид ба баргузории озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

дар ____________________________________________ аз «___» _____________ соли 200_
(номи мақомоти давлатӣ) (рӯз, моҳ, сол)

Шакли озмун ____________________________________________________
(озмуни дохилӣ, озмуни кушода)

Нашри эълон ____________________________________________________
(номгӯи воситаҳои ахбори омма, гӯшаи эълонҳо, Веб-сайти мақомоти давлатӣ)

| Р/т | Номгӯи мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда | Шумораи мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда | Шумораи довталабон | Шумораи довталабони ба сӯҳбат иҷозат додашуда | Шумораи довталабони ба сӯҳбат иҷозат доданашуда | Аз озмун гузаштанд | | | Аз озмун нагузаштанд | | Эзох |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Аз мақоми мазкур | Дигар довталабон | Ба мансаб таъин карданашуданд | Аз мақоми мазкур | Дигар довталабон | |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** |
| 1 | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | |

Дар эзоҳ сабаби ба мансаб таъин нагардидани довталабони аз озмун гузашта шарҳ дода мешавад.

Роҳбари хадамоти кадрӣ ____________ ______________________________

(имзо) (ном, номи падар, насаб)

______________________________

(санаи тартиб додан)

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 26[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фармон медиҳам:

1) Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои талаботи Қоидаҳои мазкурро таъмин намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
26 майи соли 2011
№ 1074

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» майи соли 2011, № 1074
тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Қоидаҳо) дар асоси моддаи $26^1$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия карда шуда, ташкил ва тартиби гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки мансабҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунанд, муайян менамояд.

2) Ҷойивазкунӣ (ротатсия) ин таъинот ба дигар мансаби баробарарзиши хизмати давлатӣ бо дарназардошти дараҷаи тахассус, таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ ё кор (хизмат) аз рӯи ихтисос дар ҳамон мақоми давлатӣ ё дар дигар мақоми давлатӣ мебошад.

3) Кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин хизматчиёни давлатии маъмурии ишғолкунандаи мансабҳои категорияи олӣ, якум, дуюм, сеюм, чорум буда, роҳбарии умумӣ ё бевосита ва идоракунии мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онро анҷом медиҳанд.

4) Амали Қоидаҳои мазкур нисбати хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки фаъолияти онҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муайян карда шудааст, татбиқ намегардад.

5) Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ бо мақсади зерин гузаронида мешавад:

– истифодаи самараноки иқтидори касбии хизматчиёни давлатӣ;

– пешгирӣ аз зуҳуроти коррупсионӣ ва бархӯрди манфиатҳо.

6) Принсипҳои асосии ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳо инҳо мебошанд:

– ҷойивазкунӣ (ротатсия) бо дарназардошти тахассус ва натиҷаи кор гузаронида мешавад;
– ҷойивазкунӣ (ротатсия) барои мансабҳои категорияҳои баробар бидуни озмун гузаронида мешавад;
– хизматчиёни давлатие, ки дар маҳалҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои дорои шароити номусоиди табиӣ, иқлимӣ ва экологӣ кор мекунанд, дар навбати аввал мавриди ҷойивазкунӣ (ротатсия) қарор дода мешаванд.

7) Ҷойивазкунӣ (ротатсия) метавонад ҳатмӣ ё ихтиёрӣ бошад.

Ҳангоми гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳатмӣ розигии хизматчии давлатӣ талаб карда намешавад. Ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳатмӣ бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

– иҷрои супоришҳои махсусан муҳими давлатӣ;
– тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда;
– мустаҳкам намудани иқтидори мақомот, воҳидҳои сохтории онҳо;
– пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии содиркунии амалҳои коррупсионӣ, инчунин бархӯрди манфиатҳо.

8) Ҷойивазкунии (ротатсияи) ихтиёрӣ бо ташаббуси хизматчии давлатӣ гузаронида мешавад. Асос барои ҷойивазкунии (ротатсияи) ихтиёрӣ инҳо мебошанд:

– иваз шудани ҷои зисти доимии хизматчии давлатӣ;
– таъин (интихоб) гардидани ҳамсар ба мансаб барои кор дар дигар маҳал.

9) Ҷойивазкунӣ (ротатсия) ба дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ тақсим мешавад. Ҷойивазкунии (ротатсияи) дохилиидоравӣ ин ҷойивазкунии хизматчии давлатӣ дар ҳамон мақоми давлатӣ, ба дигар воҳиди сохторӣ мебошад. Ҷойивазкунии (ротатсияи) байниидоравӣ ин ҷойивазкунии хизматчии давлатӣ аз як мақоми давлатӣ ба дигар мебошад. Ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчии давлатӣ дар ҳарду ҳолат дар асоси санадҳои дахлдори Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси на-

моядагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатӣ бо дарназардошти манфиати мақоми давлатӣ дар панҷ сол як маротиба гузаронида мешавад, агар қонунгузорӣ дигар тартиби ҷойивазкуниро (ротатсияро) пешбинӣ накарда бошад.

10) Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ барои ҷойивазкунӣ (ротатсия) корҳои зеринро иҷро менамояд:

– маълумотро дар бораи мансабҳои холӣ ва хизматчиёни давлатии ҷойивазшаванда омода менамояд;
– рӯйхати номзадҳоеро, ки дар маҳалҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои дорои шароити номусоиди табиӣ, иқлимӣ ва экологӣ адои хизмат менамоянд, омода мекунад;
– номзадҳоро хоста мегирад, сифатҳои шахсӣ ва касбии онҳоро меомӯзад;
– мақсаднок будани ҷойивазкунии (ротатсияи) шахси мансабдори муайянро ба дигар мансаб, захираи номзадҳоро барои ҷойивазкунӣ асоснок менамояд;
– Нақшаи гузаронидани ҷойивазкуниро (ротатсияро) таҳия намуда, ҷиҳати тасдиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд;
– ҳуҷҷатҳоеро, ки барои қабули қарори роҳбарони мақомоти давлатӣ дар бораи таъин ба мансаб ва озод кардан аз мансаб зарур мебошанд, ба расмият медарорад.

**2. Тартиби ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳо**

11) Ҷойивазкунӣ (ротатсия) бо риояи принсипҳои дар банди 6 Қоидаҳои мазкур пешбинигардида ва бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатии мӯҳлатнок амалӣ карда мешавад, агар дар қонунгузорӣ дигар тартиби ҷойивазкунии кормандони мақомоти давлатӣ пешбинӣ нашуда бошад. Минбаъд дар ҳолати зарурӣ ё аз рӯи шартҳое, ки аз шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бармеояд, тарафҳо бо розигии дутарафа метавонанд аз нав шартномаи (қарордоди) меҳнатиро бо мӯҳлати нав банданд, ё онро қатъ намоянд. Дар шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ҳатман дар бораи бе розигии хизматчии давлатӣ амалӣ намудани ҷойивазкунӣ (ротатсия) қайд карда мешавад.

12) Хизматчиёни давлатие, ки шартномаи (қарордоди) меҳнатии мӯҳлатнок бастаанд, наметавонанд онро бо хоҳиши

худ қатъ намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

13) Дар маҳалҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои дорои шароити номусоиди табиӣ, иқлимӣ ва экологӣ то ба охир расидани мӯҳлатҳои пешбинигардида мумкин аст дар асоси тавсияи мутахассисони соҳаи тиб ҷойивазкунӣ (ротатсия) гузаронида шавад.

14) Ҳангоми ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатӣ ба воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ, ки тағйироти ӯҳдадориҳои мансабӣ пешбинӣ карда мешавад, онҳо бо қарори мақомоти давлатӣ курси тайёрии назариявӣ ва таҷрибавии такмили ихтисоси мутобиқ ба функсияҳои ҳамон воҳидҳои сохториро мегузаранд, ки хизматчии давлатӣ ба он ҷой гузаронида мешавад.

15) Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ метавонад усули зерини ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчии давлатиро истифода намояд:

– **ҳалқашакл**, яъне хизматчии давлатӣ якчанд мансабҳоро иваз намуда, боз ба мансаби пештара ишғолнамудааш бармегардад;
– **бебозгашт**, яъне баъди ҷойивазкунӣ хизматчии давлатӣ метавонад аз рӯи натиҷаи аттестатсия, баҳодиҳии фаъолияти ҳарсола ва ё аз ҳайати захира ба мансаби баландтар таъин карда шавад;
– **ивазкунии ҷойҳо**, дар мавриде, ки ду корманди як категорияи мансаб ҷойҳои худро иваз менамоянд.

16) Ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатӣ баъди аз ҷониби хизматчии давлатӣ ба имзо расидани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо санади ҳуқуқии роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи ваколатҳои он дар асоси пешниҳоди хадамоти кадрӣ ва аризаи шахси манфиатдор ба расмият даровarda мешавад.

17) Мақомоти давлатӣ ҳар сол то 20 январ дар бораи эҳтиёҷот ва равон намудани хизматчиёни давлатӣ дар доираи ҷойивазкунии (ротатсияи) байниидоравӣ ҷиҳати ишғоли мансабҳои мушаххас, аз ҷумла мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ таклиф пешниҳод менамояд.

18) Нақшаи ҷамъбастии гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) байниидоравиро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати

давлатӣ дар мӯҳлати як моҳ таҳия ва тасдиқ намуда, ба мақомоти давлатӣ пешниҳод менамояд.

19) Нақшаи гузаронидани ҷойивазкунӣ (ротатсия) ба маълумоти ҳар як воҳиди сохторӣ, ки дар он ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчии давлатӣ гузаронида мешавад, на дертар аз як моҳи оғози ҷойивазкунӣ (ротатсия) расонида мешавад.

20) Ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатии зерин гузаронида намешавад:

– занҳои ҳомила;
– занҳое, ки дар рухсатӣ оид ба нигоҳубини кӯдак мебошанд. Дар ин ҳолат ҷойивазкунӣ (ротатсия) метавонад на дертар аз як соли баъди баргаштан аз рухсатӣ гузаронида шавад.

21) Фармоиш (қарор) дар бораи ҷойивазкунӣ (ротатсия) ба делои шахсии хизматчии давлатӣ бо қайди он дар дафтарчаи меҳнатӣ ҳамроҳ карда мешавад.

### 3. Кафолатҳо барои хизматчии давлатӣ ҳангоми ҷойивазкунӣ (ротатсия)

22) Ба хизматчии давлатӣ, ки бо тартиби ҷойивазкунӣ (ротатсия) ба дигар мақоми давлатии воқеъ дар маҳалли дигар (вилоят, шаҳр, ноҳия) равон карда шудааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷубронпулӣ пардохт карда мешавад. Агар дар ҷои кори нав ба хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи ӯ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манзили истиқоматӣ ҷудо карда нашавад, манзили ишғолнамудаи онҳо дар хонаҳои фонди манзили давлатӣ ва идоравӣ (хизматӣ) нигоҳ дошта мешавад.

### 4. Муқарраироти хотимавӣ

23) Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ баъди гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчии давлатӣ дар давоми 20 рӯз ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар бораи натиҷаи ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчии давлатӣ бо нишон додани мансаби қаблӣ ва ҳозира, воҳиди сохторӣ, санаи гузаронидани ҷойивазкунӣ (ротатсия), инчунин оид ба беҳтар намудани системаи гузаронидани ҷойивазкунӣ (ротатсия) гузориш пешниҳод менамояд.

24) Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ на дертар аз 1 марти соли ҷорӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар соли сипаришуда ахбор пешниҳод менамояд.

25) Баҳсҳои вобаста ба гузаронидани ҷойивазкунӣ (ротатсия) аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ якҷоя бо кумитаи иттифоқи касаба, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё суд ҳал карда мешаванд.

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаҳои 20[1] ва 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фармон медиҳам:

1) Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иҷрои талаботи Қоидаҳои мазкурро таъмин намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
18 феврали соли 2011
№1018

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «18» феврали
соли 2011 №1018
тасдиқ карда шудааст

# Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоидаҳо) тартиб ва усули баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатии маъмурии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-хизматчиёни давлатӣ)- ро танзим менамояд.

2) Баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ (минбаъд-баҳодиҳии фаъолият) тартиби муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти хизматчии давлатӣ бо роҳи гузаронидани сӯҳбат дар бораи нишондиҳандаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, дараҷаи комёб шудан ба натиҷаҳои пешбинишудае, ки ба мақсаду вазифаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он мувофиқат мекунад, мебошад.

3) Баҳодиҳии фаъолият нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ, инчунин нисбат ба хизматчиёни давлатӣ, ки ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ расидаанд, татбиқ карда намешавад.

4) Мақсади баҳодиҳии фаъолият ба воситаҳои зерин муайян карда мешавад:

– назорати мунтазами раванди иҷрои хизмати давлатӣ;
– ҷамъ намудани иттилоот дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
– муайян намудани тарафҳои мусбӣ ва манфии фаъолияти хизматчии давлатӣ.

5) Вазифаҳои асосии баҳодиҳии фаъолият:

– муайян намудани самаранокии саҳми хизматчии давлатӣ дар татбиқи вазифаҳои мақоми давлатӣ;

– муайян намудани сатҳи самаранокии иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ;
– муайян намудани эҳтиёҷот ба таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси хизматчии давлатӣ;
– муайян намудани вазифаҳои нав барои соли оянда;
– ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ.

6) Принсипҳои асосии баҳодиҳии фаъолият аз инҳо иборат мебошанд:

– шаффофият дар баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ;
– баҳодиҳии касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ;
– мутобиқати вазифаҳои хизматчии давлатӣ ба мақсадҳои нақшавии воҳиди сохторӣ.

7) Баҳодиҳии фаъолият дар моҳи декабри ҳар сол тибқи Ҷадвали тасдиқнамудаи роҳбари мақоми давлатӣ гузаронида мешавад. Хизматчии давлатие, ки дар ҳамин мақоми давлатӣ камтар аз 6 моҳ кор кардааст, таҳти баҳодиҳии фаъолият қарор дода намешавад.

8) Баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ бевосита аз ҷониби роҳбари воҳиди сохторие, ки хизматчии давлатӣ дар он кор мекунад, гузаронида мешавад. Баҳодиҳии фаъолияти роҳбари воҳиди сохториро роҳбари бевоситаи ӯ анҷом медиҳад.

9) Назорати баҳодиҳии фаъолият ва роҳбарии методии гузаронидани онро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ менамояд.

## 2. Механизми баҳодиҳии фаъолият

10) Баҳодиҳии фаъолият аз се марҳила иборат аст:

– марҳилаи омодагӣ;
– марҳилаи гузаронидани баҳодиҳӣ;
– марҳилаи татбиқ ва амали минбаъда.

11) Роҳбари бевосита хизматчии давлатиро дар хусуси баҳодиҳии фаъолият дар мӯҳлати на камтар аз 15 рӯзи корӣ то рӯзи баҳодиҳӣ хабардор менамояд.

12) Хизматчии давлатӣ дар бораи нишондиҳандаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабие, ки дар давраи ҳисоботӣ муайян

гардида буданд, ҳисобот таҳия намуда, онро дар мӯҳлати на камтар аз се рӯз то гузаронидани баҳодиҳии фаъолият ба роҳбари бевосита пешниҳод менамояд. Ба хизматчии давлатӣ инчунин тавсия дода мешавад, ки дар ҳисобот мақсад ва вазифаҳои баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти воҳиди сохториро дар соли оянда бо нишон додани захираҳои иловагии моддию техникӣ ва инсонӣ, ки барои ноил шудан ба онҳо заруранд, дарҷ намояд.

13) Хизматчии давлатӣ инчунин, дар ҳисобот оид ба натиҷаҳои кор дар давраи муайян, иҷрои намунавии вазифаҳои мансабӣ, хизмати давлатии бенуқсон ва дигар муваффақиятҳо дар кор, таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иҷрои корҳои таъхирнопазир ва қаблан пешбининашуда, ки бояд фавран иҷро карда шаванд, иҷро намудани вазифаҳои кормандони муваққатан дар кор ҳозирнабуда, бе озод кардан аз кори асосии худ, ба зиммаи ӯ вогузор намудани иҷрои ӯҳдадориҳои иловагӣ маълумот дарҷ менамояд.

14) Роҳбари бевосита:

- ҳисоботи пешниҳоднамудаи хизматчии давлатиро меомӯзад;
- таҳлили вазифа ва мақсадҳои мушаххасро, ки дар ҷараёни гузаронидани баҳодиҳии қаблӣ мувофиқа шуда буд, анҷом медиҳад (агар гузаронида шуда бошад);
- натиҷаи иҷрои вазифаҳои хизматчии давлатиро мутобиқи дастурамали мансабӣ муайян менамояд;
- вазифаҳои аз сатҳи пешбининамудаи нақшавӣ зиёдтар иҷрошуда, мақсадҳои қисман амалигардида ё умуман иҷронашударо зикр менамояд;
- сифатҳои корӣ ва шахсии хизматчии давлатиро баррасӣ менамояд;
- вобаста ба натиҷаи омӯзиш намунаи шакли тасдиқшудаи Варақаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ (минбаъд-Варақаи баҳодиҳӣ)- ро пур мекунад.

15) Роҳбари бевосита ва хизматчии давлатӣ (ҳар кадом дар алоҳидагӣ) мақсад ва вазифаҳои хизматчии давлатиро муайян мекунанд ва Нақшаи кори нимсолаи (солонаи) хизматчии давлатиро (минбаъд – нақшаи кор) таҳия менамоянд.

16) Мақсади асосии марҳилаи гузаронидани баҳодиҳӣ аз муҳокимаи масъалаҳои вобаста ба рушди фаъолияти хизматчии

давлатӣ ва фаъолияти воҳиди сохторӣ иборат мебошад. Марҳилаи баҳодиҳӣ дар ду давра гузаронида мешавад:

- гузаронидани баҳодиҳӣ ва гузоштани баҳо ба хизматчии давлатӣ аз ҷониби роҳбари бевосита;
- тасдиқи натиҷаҳои баҳодиҳии фаъолият аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ.

17) Хадамоти кадрӣ вазифадор аст:

- оид ба риояи интизоми меҳнатӣ ба роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ маълумот пешниҳод намояд;
- ҷадвали гузаронидани баҳодиҳии фаъолиятро дар мақоми давлатӣ таҳия намуда, онро бо мувофиқаи роҳбарони воҳидҳои сохторӣ барои тасдиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод намояд;
- дар гузаронидани баҳодиҳӣ ба сифати нозир иштирок намояд;
- варақаҳои баҳодиҳии пуркардашударо қабул намуда, саҳеҳ пур кардани онҳоро санҷад;
- натиҷаи баҳодиҳии фаъолиятро ҷамъбаст намуда, ба роҳбари мақоми давлатӣ иттилооти ҷамъбастиро дар хусуси баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатии мақоми давлатӣ барои қабули қарорҳои дахлдор пешниҳод намояд;
- лоиҳаи фармоиши (қарори) роҳбари мақоми давлатиро оид ба натиҷаи тасдиқи баҳогузорӣ ва муқаррар намудани ҳавасмандгардонӣ омода карда, бо тартиби муқарраргардида пешниҳод намояд;
- натиҷаи баҳодиҳии фаъолиятро ба делои шахсии хизматчии давлатӣ ҳамроҳ намояд.

18) Дар давраи аввал ба хизматчии давлатӣ аз ҷониби роҳбари бевосита вобаста ба фаъолият баҳо гузошта шуда, чораи ҳавасмандгардонӣ тавсия карда мешавад. Давраи дуюм аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ натиҷаҳои баҳогузорӣ вобаста ба фаъолияти тамоми хизматчиёни давлатии мақоми давлатӣ оид ба тасдиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла ҷиҳати дохил намудан ба захираи кадрҳо ё пешниҳод ба мансаби баландтар ҷамъбаст гардида, инчунин вазифаҳо барои соли оянда муайян карда шуда, қарори дахлдор қабул ва татбиқ карда мешавад.

19) Дар ҷараёни гузаронидани баҳодиҳӣ роҳбари бевосита ва хизматчии давлатӣ натиҷаҳои фаъолияти хизматчии дав-

латиро, ки ба дастурамали мансабӣ ва Нақшаи кори ӯ асос ёфтааст, инчунин дастурамали мансабии хизматчии давлатиро муҳокима мекунанд. Ҳангоми зарурат ҷиҳати ворид намудани тағйироти дахлдор ба дастурамали мансабии хизматчии давлатӣ таклиф пешниҳод карда мешавад.

20) Оид ба ҳар як банди Варақаи баҳодиҳӣ баҳо гузошта мешавад. Баҳо ба фаъолият, ки аз ҷониби роҳбари бевосита гузошта мешавад, метавонад чунин бошад: «ба мақсад пурра ноил шудааст» ё баробар ба баҳои «5» (аъло), «ба мақсад бо истисноии кам ноил шудааст» ё баробар ба баҳои «4» (хуб), «ба мақсад қисман ноил гардидааст» ё баробар ба баҳои «3» (қаноатбахш), «ба мақсад ноил нагардидааст» ё баробар ба баҳои «2» (ғайриқаноатбахш). Хизматчиёни давлатие, ки баҳои «5» (аъло) ё «4» (хуб) гирифтаанд, тибқи татиби муқарраргардида аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

21) Роҳбари бевосита вазифадор аст баҳои гузоштаро, махсусан агар он баҳои «2» (ғайриқаноатбахш) бошад, асоснок намояд. Хизматчиёни давлатие, ки баҳои «3» (қаноатбахш) ё баҳои «2» (ғайриқаноатбахш) гирифтаанд, барои ҳавасмандгардонӣ пешниҳод карда намешаванд. Роҳбари бевосита дар Варақаи баҳодиҳӣ зарурати таҳсил ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси хизматчиёни давлатии мазкурро зикр менамояд.

22) Хизматчии давлатӣ бо Варақаи баҳодиҳии пуркардашуда шинос шуда, дар мавриди розӣ будан ба хулосаи роҳбар имзо мегузорад. Дар сурати агар хизматчии давлатӣ бо баҳои гузоштаи роҳбари бевосита розӣ набошад, ӯ метавонад андешаи худро дар банди махсуси дар Варақаи баҳодиҳӣ барои ҳамин мақсад ҷудогардида сабт намояд. Варақаи баҳодиҳие, ки тавассути роҳбари бевосита хонапурӣ шудааст ва онро хизматчии давлатӣ имзо намудааст, ба хадамоти кадрӣ дар мӯҳлати пешбининамудаи банди 7 Қоидаҳои мазкур пешниҳод мегардад.

23) Марҳилаи татбиқ ва амали минбаъда ҳамзамон баъди гузаронидани баҳодиҳӣ оғоз гардида, то гузаронидани баҳодиҳӣ дар соли оянда идома меёбад. Хизматчии давлатӣ барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар ҷараёни гузаронидани баҳодиҳӣ мувофиқа шуда буд, фаъолият менамояд.

24) Агар хизматчии давлатӣ бо монеаҳо рӯ ба рӯ шавад, ки наметавонад онҳоро мустақилона ҳал кунад ва онҳо барои

ноил шудан ба мақсадҳои дар ҷараёни гузаронидани баҳодиҳӣ мувофиқашуда халал мерасонанд, ӯ бояд саривақт ба роҳбари бевосита иттилоъ диҳад, инчунин барои ҳалли он монеаҳо пешниҳод манзур намояд.

25) Вазифаи роҳбари бевосита аз назорати ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар ҷараёни гузаронидани баҳодиҳӣ муҳокима шудаанд, инчунин ташкили мониторинги фаъолияти корманд иборат мебошад. Агар роҳбари бевосита дарк намояд, ки хизматчии давлатӣ вазифаи дар ҷараёни гузаронидани баҳодиҳӣ мувофиқашударо иҷро намекунад, ӯ метавонад бо корманд ҷиҳати муҳокимаи душвориҳое, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои мувофиқашуда монеа пеш овардаанд, мулоқот доир намояд. Агар хизматчии давлатӣ бо сабабҳои аз ӯ вобаста набуда ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардида натавонад ва роҳбари бевосита низ натавонад ҳолатро ҳал намояд, дар чунин маврид оид ба тағйир додани номгӯи мақсад ва вазифаҳои мувофиқашуда қарор қабул карда мешавад.

26) Натиҷаи баҳодии фаъолияти хизматчии давлатӣ ва қарори дар ин хусус аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ қабулгардида дар маҷлиси ҷамъбастии солонаи мақоми давлатӣ расман мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

### 3. Баҳсҳо вобаста ба гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ

27) Масъалаҳои вобаста ба баҳодиҳии фаъолият метавонад дар назди роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоии давлатӣ ё мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё дар суд мавриди баҳс қарор дода шаванд. Роҳбари мақоми давлатӣ, намояндаи хадамоти кадрии мақомоти болоии давлатӣ ва намояндаи ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, ки хизматчии давлатӣ ба онҳо муроҷиат намудааст, вазифадоранд маводи санҷишро омӯзанд ва ҳангоми мавҷуд будани далелҳои боэътимод оид ба вайрон кардани тартиби баҳодиҳӣ дар хусуси баҳодиҳии такрорӣ қарор қабул намоянд.

### 4. Баҳодиҳии такрории фаъолият

28) Баҳодиҳии такрории фаъолият тибқи муқаррароти Қоидаҳои мазкур дар мӯҳлати як моҳи пас аз қабули қарор дар бораи бекор намудани натиҷаи баҳогузорӣ гузаронида меша-

вад. Ҳангоми гузаронидани баҳодиҳии такрории фаъолият ба ғайр аз роҳбари бевосита ва хизматчии давлатӣ роҳбари мақоми давлатӣ, намояндаи мақомоти болоӣ, инчунин намояндаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ метавонанд иштирок намоянд.

Замима
ба Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии
фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «18» феврали соли 2011 № 1018
тасдиқ шудааст

# Варақаи
# баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ

______________________________________
(номи мақоми давлатӣ)

1. Маълумоти асосӣ

Насаб, ном, номи падар________________________________

Мансаб ________________________________________

Санаи қабул шудан ба кор ______________________________

Давраи баҳодиҳӣ ____________________________________

2. Низоми баҳодиҳии фаъолият

5 (аъло) – ба мақсад пурра ноил шудааст
4 (хуб) – ба мақсад бо истиснои кам ноил шудааст
3 (қаноатбахш) – ба мақсад қисман ноил гардидааст
2 (ғайриқаноатбахш) – ба мақсад ноил нагардидааст

3. Баҳодиҳии иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ

| **р/т** | **Ӯҳдадориҳои мансабӣ** | **Баҳо** |
|---|---|---|
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3 | | |
| 4 | | |
| 5 | | |
| | Баҳои умумӣ (ҳамагӣ) | |
| | Баҳои миёна | |

4. Баҳодиҳии касбӣ ва салоҳиятнокӣ

| р/т | Тавсиф | Баҳо |
|---|---|---|
| 1 | Сифати кор. Муҳокимаронии солиму оқилона | |
| 2 | Ҳамкории мутақобила.<br>Малакаи муошират бо кормандон ва ташрифоварандагон (аҳли ҷомеа) | |
| 3 | Ташаббускорӣ. Иҷрои ӯҳдадориҳои иловагӣ ва расонидани кӯмак ба ҳамкорон | |
| 4 | Мусоидат барои фароҳам овардани фазои солим, самаранокии фаъолият | |
| 5 | Таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус | |
| 6 | Қобилияти банақшагирӣ ва ташкили кор | |
| | Баҳои умумӣ (ҳамагӣ) | |
| | Баҳои миёна | |

Эзоҳ: Банди 6 танҳо барои баҳодиҳии фаъолияти роҳбарони воҳидҳои сохторӣ истифода бурда мешавад.

5. Баҳогузории самаранокии саҳми хизматчии давлатӣ дар татбиқи вазифаҳои мақоми давлатӣ

| р/т | Номгӯи вазифаҳои мақоми давлатӣ, ки хизматчии давлатӣ иҷро намудааст | Баҳо |
|---|---|---|
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3 | | |
| 4 | | |
| 5 | | |
| | Баҳои умумӣ (ҳамагӣ) | |
| | Баҳои миёна | |

6. Баҳои умумӣ

1. Баҳои миёна вобаста ба мавқеи 3 ____________
2. Баҳои миёна вобаста ба мавқеи 4 ____________
3. Баҳои миёна вобаста ба мавқеи 5 ____________
4. Баҳои умумӣ (3+4+5) ____________
5. Баҳои миёнаи умумӣ ____________

7. Эҳтиёҷот ба таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси хизматчии давлатӣ (таклифу мулоҳизаҳои хизматчии давлатӣ)

| |
|---|
| |

8. Зарурати таҷдиди назар намудани ӯҳдадориҳои мансабӣ (ҳа ё не, дар зери заруриаш хат кашида мешавад)

9. Вазифаҳо барои соли навбатӣ

| р/т | Тавсифи вазифаҳои навбатӣ |
|---|---|
| 1 | |
| 2 | |
| 3 | |
| 4 | |
| 5 | |

10. Тавзеҳоти роҳбар вобаста ба тарафҳои мусбӣ ва манфии фаъолияти хизматчии давлатӣ

| |
|---|
| |

11. Хулосаи роҳбари бевосита

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| мансаб | имзо, сана | ҳарфи аввали ном ва насаб |

12. Натиҷаи шиносоии хизматчии давлатӣ

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| шинос шудам, розӣ ҳастам /нестам | имзо, сана | ҳарфи аввали ном ва насаб |

13. Натиҷаи баррасии баҳогузорӣ аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| Роҳбари мақоми давлатӣ | имзо, сана | ҳарфи аввали ном ва насаб |

# IV. ҚАРОРҲОИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ»

*аз 7 апрели соли 1999 №142 ш.Душанбе*

Бо мақсади таъмини иҷрои кафолати давлатӣ ба хизматчиёни давлатӣ, ки бо банди 6 қисми якуми моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муқаррар шудааст Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Гузаронидани суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ дар ҳолатҳои беморӣ ё гум кардани қобилияти меҳнатӣ, ҳалокшавӣ ё расонидани зарар ба саломатӣ ва амволи ӯ вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатии вай ба зиммаи Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон гузошта шавад.

2. Маблағи суғуртавӣ ба андозаи музди меҳнати панҷсолаи хизматчии давлатӣ муқаррар карда шавад.

3. Банди 3 бекор шудааст (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.05 №499).

4. Аз пардохтҳои суғуртавии воридгардида ба мақсадҳои зайл маблағ гузаронида мешавад:

барои пардохти пули суғурта - 92 фоиз;

барои ғанӣ гардонидани фонди захиравӣ - 5 фоиз;

барои коргузории ташкилоти суғурта - 3 фоиз.

Маблағи сарфнашудае, ки барои пардохти пули суғурта муқаррар шудаанд, ба буҷети ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон 70 фоиз ва ба фонди захиравии Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон 30 фоиз гузаронида мешавад.

5. Маблағи суғурта дар мавридҳо ва ба андозаҳои зайл пардохта мешавад:

а) дар мавриди ба ҳалокат расидани хизматчии давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ - ба андозаи маблағи суғурта;

б) дар мавриди маъюбшавӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ;

– маъюби гурӯҳи I - 80 фоизи маблағи суғурта;
– маъюби гурӯҳи II - 60 фоизи маблағи суғурта;
– маъюби гурӯҳи III - 40 фоизи маблағи суғурта.

6. Қарори мазкур ба хизматчиёни давлатие, ки вакили халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, дахл надорад.

7. Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон дар мӯҳлати як моҳ дастурамали тартиби гузаронидани суғуртаи ҳатмии давлатии ҳаёт ва саломатии хизматчиёни давлатиро таҳия ва тасдиқ намояд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# «ДАР БОРАИ ТАСДИҚИ ТАРТИБИ КОРБУРДИ ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТИИ КОРМАНДОН»

*(Бо тағйиру иловаҳо аз 31 августи соли 2004 №368)*

Бо мақсади танзими минбаъдаи пешбурди дафтарчаҳои меҳнатии кормандон дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби замимагардидаи корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон тасдиқ карда шавад.

2. Намунаи замимагардидаи дафтарчаи меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо тасдиқ карда шаванд.

Дафтарчаҳои меҳнатии намунаи қаблан муқарраршуда, ки дар дасти кормандон мавҷуданд, ба дафтарчаҳои нав иваз карда намешаванд. Дафтарчаи меҳнатии намунаи кӯҳна ва нав ҳуҷҷати асосии фаъолияти меҳнатӣ буда, собиқаи кории кормандонро тасдиқ менамоянд.

3. Ба роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, Раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият:

- ҷиҳати риояи қатъии тартиби корбурди дафтарчаҳои меҳнатӣ тадбирҳо андешанд;
- шӯъбаҳои кадрҳоро бо кормандони болаёқат, ки қонунгузории меҳнатро медонанд пурзӯр кунанд;
- ҷиҳати ба тартиб даровардани нигоҳдории асноди бойгонӣ, ки ба фаъолияти меҳнатии кормандон тааллуқ дошта, (фармонҳо оид ба қабул ва аз кор рафтан, карточкаҳои шахсӣ, ведомостҳои ҳисоботӣ, ҳисоботҳои махсус доир ба музди меҳнат) тадбирҳо андешанд.

4. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- талаботро ба дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо тибқи дархостҳои вазоратҳо, кумитаҳои

давлатӣ, идораҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, *фармоиш додан, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши онҳоро амалӣ намояд (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004 №368);*

– чорабиниҳои зикргардида *аз ҳисоби мабағҳои ҳар сол барои ин мақсад дар сметаи вазорат пешбинишуда* ва бозгашти минбаъдаи он баъд аз фурӯши дафтарчаҳои меҳнатӣ гузаронида шаванд *(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004 №368)*;

– роҳбарии методии назорати корҳоро барои сари вақт ва дуруст пур кардани дафтарчаҳои меҳнатӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва додани онҳо анҷом диҳад *(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004 №368).*

5. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият сари вақт ба *Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон* пешниҳоди талабномаҳои асоснокро барои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо пардохт намудану гирифтани онҳоро ба корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеъ таъмин намоянд.

6. Банди 6 хориҷ карда шуда, банди 7 банди 6 ҳисобида шавад *(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004 №368).*

7. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1993 №421 «Дар бораи тартиби бо дафтарчаҳои меҳнатӣ таъмин намудани кормандон ва хизматчиён» беэътибор дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

шаҳри Душанбе
аз 12 апрели соли 1999
№154

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 апрели соли 1999
№154 тасдиқ шудааст

# ДАСТУРАМАЛИ ТАРТИБИ КОРБУРД БО ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТИИ КОРМАНДОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дафтарчаи меҳнатии намунаи муқарраршуда ҳуҷҷати асосии фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки собиқаи меҳнатии кормандонро тасдиқ менамояд.

Дафтарчаи меҳнатӣ ҳуҷҷати ҳисоботи қатъӣ маҳсуб мешавад.

Дафтарчаҳои меҳнатӣ ба тамоми кормандоне, ки зиёда аз 5 рӯз дар корхона, аз ҷумла дар корҳои мавсимӣ, муваққатӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, фаъолияти хусусӣ ва ба коркунони ғайриштатие, ки дар ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бошанд, дода мешавад. Ба ашхосе, ки дар ду ҷой кор мекунад, дафтарчаи меҳнатӣ фақат дар ҷои кори асосиашон дода мешаванд.

2. Кормандоне, ки ба кор дохил мешаванд, вазифадоранд ба корфармо дафтарчаи меҳнатии бо тартиби муқарраргардида бо расмият даровардашударо, пешниҳод намоянд. Бидуни дафтарчаи меҳнатӣ ба кор қабул карда намешавад. Шахсони аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизмат ҷавобшуда вазифадоранд, шаҳодатномаи (билети) ҳарбиро пешниҳод намоянд.

## II. ПУР КАРДАНИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

### а) Нишондодҳои умумӣ

3. Дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо ба забонҳои тоҷикӣ ё русӣ пур карда мешаванд.

4. Бори аввал пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ аз тарафи маъмурияти муассиса дар ҳузури корманд на дертар аз панҷ рӯзи ба кор қабул шуданаш сурат мегирад. Ашхосе, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва меҳнатии инфиродӣ кор меку-

нанд, фаъолияти меҳнатии онҳоро мақомоти пешбарандаи ҳисоботу назорат анҷом медиҳад.

Ба дафтарчаи меҳнатӣ маълумоти зайл дохил карда мешаванд:

- маълумот дар бораи коркун: насаб, номи падар, рӯзи таваллуд, маълумот, касб, ихтисос;
- маълумот дар бораи ба кор қабул кардан, ба кори дигари доимӣ гузаштан бо нишон додани касб (ихтисос);
- дараҷаи тахассус, мансаб (мувофиқи асноди меъёрие, ки номгӯи касб ва мансаби кормандро муқаррар менамояд) ва аз кор озод шудан бо нишон додани асосҳои қатъи шартномаи меҳнатӣ (карордод), инчунин дар бораи ҷоизаҳо ва мукофотҳое, ки ҳангоми кор барои муваффақиятҳо дода шудаанд;
- маълумот дар бораи кашфиёт, ки барои ин диплом дода шудааст, оид ба ихтироъҳои истифодашуда, ихтироъкориҳои пешниҳодшуда ва мукофотҳо, ки дар робита ба онҳо дода шудааст.

Танбеҳҳо ба дафтарчаи меҳнатӣ навишта намешаванд.

5. Тамоми сабтҳо барои қабул ба кор, ба кори дигари доимӣ гузаштан ва ё аз кор озод шудан, инчунин дар бораи мукофотонидану ҳавасмандкуниҳо аз тарафи корфармо на дертар аз як ҳафта баъд аз баровардани фармон (амр) дар дафтарчаи меҳнатӣ дохил карда мешаванд, аммо ҳангоми аз кор рафтан - рӯзи аз кор рафтан, бояд ба матни фармон (амр) пурра мувофиқат намояд.

Сабтҳо бо рақамҳои арабӣ (сана ва моҳ боададҳои дурақама) навишта мешаванд. Масалан, агар корманд ба кор 5 июни соли 1998 қабул шуда бошад, дар сутуни 2 дафтарчаи меҳнатӣ «05.06.1998» навишта мешавад.

Сабтҳо бо диққат ва бо қалами пӯлодӣ ва ё саққочадор бо рангҳои сиёҳ, кабуд ё бунавшагӣ навишта мешавад.

6. Корфармо вазифадор аст, ки соҳиби ин дафтарчаи меҳнатиро (варақаи замима) дар варақаи шахсӣ (варақаи махсуси байниидоравии маъмулӣ №Т-2), ки бояд сабти дақиқ дар дафтарчаи меҳнатӣ (варақаи замима) дохил карда шуда, шинос намояд.

Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тавофуқ бо Иттиҳоди иттифоқҳои касабаи мустақили

Тоҷикистон ба тариқи истисно метавонанд ба корхонаҳое, ки дар шароитҳои парокандагии ҳудудӣ, яъне дар масофаҳои аз ҳамдигар воқеъ буда фаъолият мекунанд, иҷозат диҳанд то соҳибони дафтарчаҳои меҳнатӣ ғоибона бо сабтҳои дар он воридшуда ба тариқи фиристодани огоҳиҳои марбута бо сабти баъди варақаҳои шахсӣ (варақаҳои махсуси байниидоравии №Т-2) шинос карда шаванд.

7. Дар сурати ошкор шудани сабтҳои нодуруст дар дафтарчаи меҳнатӣ маълумот дар бораи кор, гузаштан ба кори доимии дигар, мукофоту ҷоизаҳо ва ғайра, ислоҳ тавассути маъмурияти ҳамон корхонае, ки ёддошти марбута дар он сабт шуда буд, анҷом меёбад.

Маъмурияти ҷои кори нав вазифадор аст ба корманд дар хусуси он кӯмак кунад.

8. Ҳангоми зарурат корфармо ба корманд дар асоси хоҳиши онҳо иқтибоси маълумоти тасдиқшударо оид ба кор аз рӯи дафтарчаи меҳнатӣ медиҳад. Маълумоти ислоҳшуда бояд пурра ба фармони (амр) нусхаи асл мутобиқ бошанд.

9. Агар корхонае, ки сабти нодуруст ва ё ноаниқ карда, барҳам дода шуда бошад, тасҳеҳот аз тарафи корхонаи ворисי ҳуқуқӣ дохил карда мешавад, дар мавриди набудани он аз тарафи ташкилоти болоие, ки корхонаи барҳамёфта тобеъи он буд, тибқи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи бойгонии корхона дохил карда мешаванд.

10. Дар мавриди гум шудани нусхаи фармон, амр ё ба кори дар ҳақиқат иҷрокардашуда мутобиқат накардани он тасҳеҳот дар асоси ҳуҷҷатҳои дигар, ки кори иҷрошудаи дар дафтарчаи меҳнатӣ сабт нагардидаро тасдиқ мекунанд, анҷом дода мешавад.

Шаҳодатҳо барои ислоҳи сабтҳои пеш воридшуда ҳамчун асос шуда наметавонанд.

11. Дар фаслҳои «Маълумот оид ба кор», «Маълумот оид ба мукофотҳо», «Маълумот оид ба ҳавасмандкуниҳо»-и дафтарчаи меҳнатӣ варақаҳои (замима) ба ислоҳи сабтҳои нодуруст ва ноаниқи пештара роҳ дода намешавад.

Ҳангоми зарурат тағйироти сабтҳои дахлдор дар дафтарчаи меҳнатӣ бо рақами тартибӣ, таърихи сабт бояд чунин навишт: «Сабти зери №фалон бе эътибор аст. Ба фалон ихтисос (мансаб) қабул карда шавад» ва дар сутуни 4 таърих ва рақами

фармон (амр)-и маъмурияте, ки дар дафтарчаи меҳнатӣ сабти нодуруст карда, такрор мешавад.

Бо ҳамин тартиб сабти нодуруст дар бораи аз кор озод намудан ва ба кори доимии дигар гузаронидан дар сурати аз кор ғайриқонунӣ озод шудан ё ба кори дигар гузаронидан эътироф карда мешавад. Масалан, чунин навишта мешавад: «Сабти таҳти №фалон беэътибор аст, ба кори пештара барқарор карда шуд». Ҳангоми тағйироти тасвияти сабабҳои аз кор озод кардан чунин навишта мешавад: «Сабти таҳти №фалон нодуруст аст, озод карда шуд» ва тасвияти нав нишон дода мешавад.

Бинобар ин дар сутуни 4 ба фармони оид ба барқароркунӣ ба кори пештара ва ё тағйири тафсири сабабҳои аз кор озод кардан нишон дода мешавад.

Ҳангоми дар дафтарчаи меҳнатӣ вуҷуд доштани сабт дар бораи аз кор озод намудан, ё ки ба кори доимии дигар гузаронидан, ки беэътибор дониста шудааст, бо хоҳиши корманд нусхаи дигари дафтарчаи меҳнатӣ бидуни ҳамин сабт дода мешавад.

**б) Маълумот дар бораи корманд**

12. Маълумот дар бораи корманд дар саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатӣ навишта мешавад. Насаб, ном ва номи падар (пурра, бидуни ихтисор) ва таърихи таваллуд дар асоси шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд навишта мешаванд.

Маълумот– миёна, миёнаи махсус, олӣ фақат дар асоси ҳуҷҷатҳо (аттестат, гувоҳнома ва диплом) нишон дода мешавад. Сабт дар бораи маълумоти нопурраи миёна ва ё нопурраи олӣ низ танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои мувофиқ (гувоҳномаи донишҷӯи, дафтарчаи имтиҳонот, маълумоти муассисаи таълимӣ ва ғайра) ворид карда мешавад.

Касб ва ё ихтисос ба дафтарчаи меҳнатӣ дар асоси ҳуҷҷат оид ба маълумот ва ё ҳуҷҷати дигари танзимшуда, сабт карда мешавад.

13. Пас аз пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ, корманд бо имзои худ дуруст будани маълумотро тасдиқ мекунад.

Саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатиро шахси масъуле, ки дафтарчаи меҳнатиро додааст, имзо менамояд ва пас аз он мӯҳри корхонае, ки дафтарчаи меҳнатӣ аввалин бор хонапурӣ карда шудааст, гузошта мешавад.

14. Тағйироти сабтҳо дар дафтарчаҳои меҳнатӣ оид ба насаб, ном, номи падар ва рӯзи таваллуд аз тарафи корфармои ҷои кори охирин дар асоси ҳуҷҷатҳои (шиноснома, шаҳодатнома дар бораи таваллуд, шаҳодатномаи ақди никоҳ, шаҳодатномаи талоқ, шаҳодатнома оид ба тағйир додани насаб, ном, номи падар ва ғайра) бо нишондодани рақам ва санаи ин ҳуҷҷатҳо ворид карда мешаванд.

Тағйироти мазкур дар саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатӣ сабт карда мешаванд. Масалан бо як хат насаби қаблӣ, ном, номи падар, таърихи таваллуд, маълумотҳои нав қайд мегарданд. Ишораҳо ба ҳуҷҷатҳои дахлдор дар тарафи дохилии ҷилд сабт гардида бо имзо ва мӯҳри роҳбари корхона ва ё намояндаи махсуси корхона тасдиқ карда мешавад.

Ҳангоми зарурат бо ҳамин тартиб тағйирот дар маълумоти таҳсил, касб, ихтисос дохил карда мешаванд.

**в) Маълумот дар бораи кор**

15. Дар сутуни 3 фасли «Маълумот дар бораи кор» ҳамчун сарлавҳа номи мукаммали корхона навишта мешавад.

Дар сутуни 1 рақами тартибии сабтҳои воридшуда ва дар сутуни 2 таърихи қабул ба кор ва аз кор озод шудан дар сутуни 3 «Маълумот оид ба кор», номи пурраи муассиса, ба фалон шӯъба таъин шуд, қисм, воҳидҳои соҳа, истеҳсолот бо сабаби мушахасси ном, инчунин номи корҳо, касб ва мансаб, дараҷаи тахассуси додашуда, дар сутуни 4 дар кадом асос (ҳуҷҷат, сана ва рақам) сабт ворид карда шудааст.

Агар дар ҷараёни кор ба корманд дараҷаи нав дода шавад ва ё касби дуввум ва минбаъда муайян карда шавад, он гоҳ дар ин бора бо тартиби муқарраргардида дар дафтарчаи меҳнатӣ бо нишон додани дараҷаи ин касбҳо, рақам ва таърихи шаҳодатномаи дахлдор сабт карда мешавад.

Дар дафтарчаи меҳнатӣ инчунин кор дар ҳайати дастаҳои махсус ва ё дастаҳои ҷомеъ дар як замон доштани якчанд касб сабт карда мешавад.

Кор дар ду ҷой, ки бо тартиби муқарраршуда агар ба расмият дароварда шуда бошад, дар дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида сабт карда мешавад. Сабтҳо оид ба кор дар ду ҷой ва хатми он аз тарафи корфармои ҷои кори асосӣ иҷро карда мешавад.

Гузаронидани корманд ба кори доимии дигар дар дохили корхона ба тартибе, ки қабул ба кор аст ба расмият даровварда мешавад.

16. Агар дар ҷараёни фаъолияти корманд номи корхона тағйир ёбад он гоҳ дар сутуни 3 дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида чунин сабт ворид мегардад: Фалон корхона аз фалон таърих, ба фалон ном тағйир карда ва дар сутуни 4 дар кадом асос сурати гирифтани тағйироти ном, фармон (амр), таърих ва рақами он навишта мешавад.

17. Донишҷӯён, талабаҳо, аспирантҳо ва ординаторҳои клиникие, ки дорои дафтарчаи меҳнатианд, оид ба муддати таҳсили онҳо дар шӯъбаҳои рӯзонаи мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус аз тарафи муассисаи таълимӣ (муассисаи илмӣ) сабтҳо ворид карда мешаванд. Барои чунин сабтҳо фармонҳои муассисиаҳои таълимӣ (муассисаҳои илмӣ) оид ба қабул шудан ба мактаб ва хориҷ шудани донишҷӯён, шогирдон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ асос мешаванд.

Муддати кори донишҷӯён, талабаҳо, аспирантҳо, ординаторҳои клиникии мазкур дар ҷараёни гузаштани таҷрибаи истеҳсолӣ ва дар сурати иҷрои мавзӯи илмию тадқиқотии шартномавӣ бо маълумотномаи (справка) дахлдор, ки дар он ихтисос, тахассус, мансаб ва муддати кор сабт шуда, тасдиқ карда мешавад. Дар асоси чунин маълумотномаҳои муассисаи таълимӣ (муассисаи илмӣ) ба дафтарчаи меҳнатии донишҷӯён талабагон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ собитшавии маълумоти кор мутобиқи маълумоти мавҷуда таъмин менамояд. Маълумот дар асноди шахсӣ ҳамчун санади пурмасъул ҳифз мегардад.

18. Донишҷӯён талабагон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ, ки пештар кор накардаанд ва аз ин сабаб дафтарчаи меҳнатӣ надоранд, маълумот оид ба кори таҷрибаи истеҳсолӣ, инчунин иҷрои мавзӯи илмӣ-тадқиқотии мавзӯҳои шартномагӣ дар асоси маълумотномаи он корхонае, ки дар оянда кор мекунанд, сабт карда мешавад.

19. Дар ҷои кор ба дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида бо нишондоди сана, рақам ва номгӯи ҳуҷҷатҳои дахлдор сабтҳои зерин ворид мегарданд:

– оид ба муддати хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мақомоти Вазорати амнияти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар кулли воҳидҳои ҳифозатӣ, ба хизматчиёни дар хизмат буда, қонунгузорӣ оид ба кор ва суғуратаи иҷтимоии давлатӣ таалуқ надорад, бо нишондоди таърихи даъват (таъин намудан) ва таърихи рафтан аз хизмат;

– оид ба муддати таълим дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва ғайра, дар курсҳо ва мактабҳои такмили ихтисос, тағйири ихтисос ва таълими кадрҳо;
– оид ба муддати таълим дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус (бо сабт намудани мӯҳлати кор дар дастаҳои донишҷӯён, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, ҳангоми иҷрои мавзӯи илмӣ–тадқиқотии давраи аспирантӣ ва ординатории клиникӣ), ғайр аз ҳолатҳое, ки дар банди 17 Тартиби мазкур оварда шудаанд.

Сабтҳои дар банди мазкур пешбинишуда ба дафтарчаи меҳнатӣ пеш аз дохил кардани маълумот оид ба кор дар корхонаи мазкур навишта мешаванд.

20. Ҳангоми бо тартиби муқарраргардида аз нав барқароркунии собиқаи меҳнатӣ барои таъини кӯмакпулии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар дафтарчаи меҳнатии корманд дар ҷои кори охирин дар сутуни 3 фасли «Маълумот оид ба кор» қайди зерин сабт мегардад: «собиқаи меҳнатӣ аз рӯзи, моҳ ва соли фалон барқарор карда шудааст», дар сутуни 4 ба қарори мақоми дахлдор ишора карда мешавад.

Ба кормандони машғули корҳои мавсимии дар соҳаҳое, ки тибқи қонунгузории ҷорӣ ҷамбасти марҳилаҳои мавсимӣ ва нигаҳдории собиқаи меҳнатӣ иҷозат дода шудааст, ҳангоми бозгашт дар муддати муқарраргардида ба кори мавсимӣ пас аз рухсатии байнимавсимӣ дар сутуни 3 фасли мазкури дафтарчаи меҳнатӣ қайди зерин сабт мегардад:

– «собиқаи меҳнатии муттаасил нигоҳ дошта мешавад».

21. Дар дафтарчаи меҳнатии ашхосе, ки дар корҳои иҷборӣ бо маҳрумияти озодӣ буда, корфармо дар бораи мӯҳлати кори ин давра ба ҳисоби собиқаи меҳнатӣ дохил нашудан сабт ворид мекунанд.

(Фасли «Маълумот оид ба кор»- и дафтарчаи меҳнатӣ, сутуни 3).

Сабтҳои мазкур ба дафтарчаҳои меҳнатӣ пас аз ба охир расидани мӯҳлати муҷозот, тибқи маълумотномаҳои муқарраркардаи мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта мешаванд.

Дар фасли «Маълумот оид ба кор»-и дафтарчаи меҳнатӣ сабтҳои зерин навишта мешаванд:

- дар сутуни 1 рақами тартибии сабт навишта мешавад;
- дар сутуни 2 санаи дохилкунии сабт;
- дар сутуни 3 «Муддати кор аз таърихи фалон (сана, моҳ, сол) то таърихи фалон (сана, сол, моҳ) ба собиқаи меҳнатӣ ҳисоб карда намешавад»;
- дар сутуни 4 асосҳои ворид кардани сабт дар дафтарчаи меҳнатӣ фармон (амри) роҳбари корхона, таърихи нашр ва рақами он навишта мешавад.

**г) Маълумоти оид ба мукофот ва ҳавасмандкуниҳо**

22. Ба дафтарчаи меҳнатии кормандон дар фасли «Маълумот оид ба мукофотҳо» маълумоти зерин дохил карда мешаванд:

- оид ба мукофотонидан бо ордену медалҳо, унвони фахрӣ («Ифтихорнома»), дар хусуси сарфароз гардонидан тибқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- оид ба мукофотҳо барои муваффақиятҳои меҳнатӣ дар корхона, муассиса, ташкилот (эълон намудани миннатдорӣ, додани ҷоиза, бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо мукофотонидан, мукофотонидан бо унвони фахрии корхона ва ғайра);
- дар бораи кашфиётҳое, ки ба онҳо шаҳодатномаҳо ва патентҳо барои ихтироъҳои истифодашуда ва ихтироъкориҳои пешниҳодшуда ва дар бораи мукофотҳое, ки дар робита ба онҳо дода шудааст.

Ба дафтарчаи меҳнатӣ мукофотҳои пулӣ, ки бо тартиби музди меҳнат пешбинӣ шуда ва ё пардохти он хусусияти мунтазам дорад, сабт намешаванд.

23. Тартиби сабти маълумот оид ба мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳо чунин аст: дар сутуни 3 мутобиқи фасли дафтарчаи меҳнатӣ ҳамчун сарлавҳа номи корхона навишта мешавад; дар сутуни 1 поёнтар аз рақами тартибӣ навишта мешавад

(рақамгузорие, ки дар тамоми муддати фаъолияти меҳнатии корманд зиёд мешавад); дар сутуни 2 таърихи додани мукофот ё подош гузошта мешавад; дар сутуни 3 аз тарафи кӣ ба корманд мукофот ё подош дода шудааст ва барои кадом комёбиҳо, навъҳои мукофот ё подошҳо навишта мешаванд; дар сутуни 4 кадом асос сабт шудааст (ишора ба сана, рақам ва номи ҳуҷҷат) нишон дода мешавад.

**д) Пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ ҳангоми аз кор рафтан**

24. Сабтҳо оид ба сабабҳои аз кор озод шудан, бояд дар дафтарчаи меҳнатӣ мувофиқи тавсияҳои дақиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ишора ба моддаи мувофиқи банди қонун навишта шаванд.

Масалан, «Бо ризояти тарафайн, моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми қатъ кардани шартнома бо ташаббуси корманд бо сабабҳое, ки тибқи қонунгузорӣ пешниҳоди имтиёзоти таъиншуда ва афзалиятҳоро вобаста мекунад, сабт дар бораи аз кор хориҷ шудан дафтарчаи меҳнатӣ чунин сабабҳо навишта мешаванд. Масалан, «Бо хоҳиши худ бо сабаби дохил шудан ба муассисаи таълимии олӣ, мувофиқи моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми баррасӣ ва тасдиқи номзад аз тарафи кордиҳанда барои фиристодан ба муассисаҳои таълимии олӣ, миёнаи махсус ва таъин намудани идрорпулии (стипендия) аз ҳисоби корхона дар дафтарчаи меҳнатӣ сабти зерин карда мешавад: «Бо сабаби ба таълим фиристодан (муассисаи таълимии олӣ ва ё миёнаи махсус нишон дода мешавад) корхона бо идрорпулии (стипендияи) таълимӣ таъин намуда, мувофиқи моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми қатъи шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корманд бинобар бо сабаби кӯчидан ба маҳалли дигар бо тартиби қабули кормандон чунин сабт дар дафтарчаи меҳнатӣ навишта мешавад: Масалан, «Аз сабаби бо хоҳиши худ бо тартиби қабули кормандон барои кор ба корхонаҳо фиристодан (корхонаи муайян нишон дода мешавад), мувофиқи моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

25. Сабт дар бораи аз кор озод кардан дар дафтарчаи меҳнатии корманд бо риоя кардани қоидаҳои зерин навишта мешавад: дар сутуни 1 сабти рақами тартибӣ, дар сутуни 2 рӯзи аз кор рафтан, дар сутуни 3 сабаби аз кор озод шудан, дар сутуни 4 дар кадом асос сабт ворид шудааст, нишон дода мешавад, - фармон (амр), сана ва рақами он.

Рӯзи аз кор озод шудан, рӯзи охирини кор ҳисоб меёбад.

Масалан, шартномаи меҳнатӣ бо корманд бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо 20 июни соли 1998 қать мегардад, ки рӯзи охирини кории ӯ ҳисоб мешавад. Дар дафтарчаи меҳнатии корманд бояд сабти зерин навишта шавад: дар сутуни 1 фасли «Маълумот оид ба кор» рақами тартибӣ гузошта мешавад; дар сутуни 2 таърихи аз кор озод намудан (20.06.98); дар сутуни 3 навишта мешавад: аз кор бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо озод карда шуд, банди 1 моддаи 46 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сутуни 4 таърих ва рақами фармон (амр) дар бораи аз кор озод намудан нишон дода мешавад.

26. Ҳангоми аз як корхона ба корхонаи дигар гузаронидани корманд бо фармони мақомоти болоӣ ва бо ризояти байни роҳбарони корхонаҳо ва ё ташкилотҳо дар сутуни 3 ва ба мувофиқат ва ё қарори ин мақомот ва ташкилотҳо ишора карда мешавад.

Масалан: «Бо сабаби гузаронидан ба кор ба фалон корхона аз кор озод карда шуд» (мувофиқи моддаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад).

Ҳангоми гузаштан ба мансаби интихоботӣ дар сутуни 3 сабти зерин мешавад: «Бо сабаби интихоб шудан ба мансаби интихобии фалон ташкилот аз кор озод карда шуд» (мувофиқи моддаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад).

27. Ҳангоми қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси маъмурият ва бо сабаби гузаронидани чорабиниҳо оид ба мукамалкунии ташкили идоракунии соҳаҳо, ғайр аз сабабҳое, ки дар қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ шуда, ба қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора карда мешавад. Масалан, дар сутуни 3 чунин навишта мешавад: «Бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо аз кор озод карда шуд (ва ё адад), банди 1, моддаи 46 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қавс қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешаванд».

28. Ҳангоми таъин намудани нафақаи пиронсолӣ, нафақа барои хизмати дарозмуддат, нафақа барои хизматҳои шоёнаш дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дафтарчаи меҳнатӣ аз ҷониби мақомоти таъминоти иҷтимоӣ мӯҳри «Нафақа таъин шуд» гузошта мешавад. Мӯҳр дар фасли «Маълумот оид ба таъини нафақа» гузошта мешавад.

## III. ВАРАҚАИ ЗАМИМА ДАР ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

29. Дар он ҳолатҳое, ки тамоми саҳифаҳои фаслҳои дафтарчаи меҳнатӣ пур карда шуда бошанд, ба дафтарчаи меҳнатӣ варақаи замимаро илова мекунанд.

Варақаи замима дар дохили дафтарчаи меҳнатӣ дӯхта мешавад ва аз тарафи маъмурияти корхонаи ҷои корманд пур карда шуда бо тартиби дафтарчаи меҳнатӣ истифода мешавад.

Варақаи замима бидуни дафтарчаи меҳнатӣ беэътибор аст.

30. Дар кунҷи болои саҳифаҳои аввали (варақаи шахсӣ) варақаи замимаи дафтарчаи меҳнатӣ мӯҳри андозаи 10 мм х 25 мм бо навиштаҷоти «Замима дода шуд» гузошта мешавад ва дар ҳамон ҷо силсилаву (серия) рақами варақаи замима сабт мешавад. Ҳангоми додани варақаи замима минбаъда мӯҳри навбатӣ гузошта шуда силсилаву (серия) рақами он сабт меёбад.

## IV. ДОДАНИ ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ ҲАНГОМИ АЗ КОР ОЗОД ШУДАН

31. Ҳангоми аз кор озод шудан корманд тамоми маълумотҳо оид ба кор, мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳое, ки дар муддати кор дар корхонаи мазкур ба дафтарчаи меҳнатӣ қайд шудаанд, бо имзои ва мӯҳри корфармо ё намояндаи махсуси он тасдиқ карда мешаванд.

Корфармо ӯҳдадор аст, ки рӯзи аз кор озод шудани корманд ба ӯ дафтарчаи меҳнатиро бо сабти аз кор озод шудан супорад.

Ҳангоми бо айби маъмурият дар сари вақт ба корманд надодани дафтарчаи меҳнатӣ барои ҳар рӯзи боздорӣ музди меҳнати миёна дода мешавад.

32. Агар дар рӯзи аз кор озод шудан корманд дар ҷои кор ҳозир набошад, маъмурияти корхона бояд ҳамон рӯз ба ӯ ба воситаи почта мактуби огоҳӣ барои гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ фиристад.

Ба воситаи почта фиристодани дафтарчаи меҳнатӣ ва расонидани он фақат бо розигии корманд анҷом дода мешавад.

33. Дар ҳолати марги корманд дафтарчаи меҳнатӣ ба дасти ақрабои наздики ӯ бо забонхат дода мешавад ё мувофиқи талаби онҳо бо почта фиристода мешавад. Дар дафтарчаи меҳнатии корманди вафот карда дар фасли «Маълумот оид ба кор» пас аз сабти рақами тартибӣ ва таърихи сабт дар сутуни 3 чунин навишта мешавад: «Бо сабаби марг кор қатъ карда шуд», пас сутуни 4 сабт мегардад (таърих ва рақами фармон), (амр). Ин сабт бо тартиби муқарраршуда тасдиқ мешавад.

## V. НУСХАИ ДУЮМИ ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

34. Шахсе, ки дафтарчаи меҳнатиашро (варақаи замимаи онро) гум намудааст, бояд ба корфармои ҷои кори баъдина хабар диҳад ва корфармо на дертар аз 15 рӯз пас аз додани ариза бо корманд дафтарчаи меҳнатии дигар ва варақаи замимаи онро бо навиштаҷоти «Нусхаи дуюм» дар кунҷи болоии тарафи рости саҳифаи аввал медиҳад.

35. Нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ ва ё варақаи замимаи он тибқи қоидаҳои умумӣ пур карда мешавад. Дар фасли «Маълумот оид ба кор», «Маълумот оид ба мукофотҳо» ва «Маълумот оид ба ҳавасмандкуниҳо» ҳангоми пур кардани намунаи нусхаи дуюм сабтҳо оид ба кор, инчунин оид ба мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳо ҷои кори охирин дар асоси фармонҳои (амр) пештара ворид карда мешаванд.

36. Агар корманд то омадан ба кор дар корхонаи мазкури пештар кор карда бошад, он гоҳ ҳангоми пур кардани нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ дар фасли «Маълумот оид ба кор» дар сутуни 3 пеш аз ҳама бояд сабт дар бораи собиқаи меҳнатии умумии корманд то омадан ба корхонаи мазкур дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ворид карда шавад.

Собиқаи меҳнатии умумӣ ҷамъулҷамъ қайд мешаванд, яъне бояд миқдори умумии сол, моҳ, рӯзҳои кор бе аниқ намудани кадом корхона дар кадом давраҳо ва дар кадом мансабҳо кор кардани соҳиби дафтарчаи меҳнатӣ нишон дода мешавад.

Пас аз он собиқаи меҳнатии умумӣ, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои бо тартиби лозима тасдиқ шудааст, марҳилаҳои алоҳида бо тартиби зайл навишта мешавад: дар сутуни 2 таърихи ба кор сабт мегардад; дар сутуни 3 номи корхонае, ки

корманд он ҷо кор кардааст, инчунин коргоҳ (шӯъба) ва мансаби (кори) корманд навишта мешавад.

Агар аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳод намуда маълум гардад, ки корманд дар он корхона ба кори дигари доимӣ гузаронида шудааст, дар ин бора сабти дахлдор ворид карда шавад.

Баъд аз он дар сутуни 2 таърихи аз кор озод шудан, дар сутуни 3 сабаби аз кор озод шудан, агар чунин маълумот дар ҳуҷҷати пешниҳод намудаи корманд мавҷуд бошад, сабт мегардад.

Ҳангоми дар ҳамаи хуҷҷатҳо агар маълумоти дар боло зикршуда оид ба кори пештара мавҷуд набудан, дар нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ фақат маълумоти дар ҳуҷҷат вуҷуд дошта сабт карда мешавад.

Дар сутуни 4 ном, сана ва рақами ҳуҷҷат, ки дар асоси он сабтҳои мувофиқ дар нусхаи дуюм навишта шудааст, қайд мешавад. Ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи меҳнатиро тасдиқ мекунад ба соҳибашон баргардонда мешаванд. Маъмурият вазифадор аст, то ба корманд барои дастрас намудани ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи меҳнатии ӯро то омадан ба корхонаи мазкурро тасдиқ мекунанд, мусоидат намояд.

37. Ба ғайр аз маълумотҳое, ки дар банди 19 Тартиби мазкур сабт шудаанд, маълумотҳои зайл ба ҷамъбасти собиқаи меҳнатии умумӣ дохил карда намешавад, вале бо сатри алоҳида бо истинод ба таърих, рақам ва номгӯи ҳуҷҷатҳо навишта мешавад:

– оид ба муддати дар лашкар ва дастаҳои халқӣ бо нишондоди таърихи таъин намудан ва таърихи озод шудан аз хизмат;
– оид ба кор ба сифати аъзои артели кооперативи моҳидорӣ.

38. Дар сурати ба ҳолати корношоями омадани дафтарчаи меҳнатӣ (варақаи замима), (сӯхтан, даридан, доғдор шудан ва ғайра) корфармои ҷои кори охир вазифадор аст, ки ба корманд нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатиро (варақаи замима) диҳад.

Дар ин ҳангом дар саҳифаи аввали дафтарчаи меҳнатии ба ҳолати корношоям омада навишта мешавад: «Ба ивази нусхаи дуюм дода шавад» ва ба соҳибаш баргардонда мешавад. Вақти ба кори нав дохил шудан корманд вазифадор аст нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатиро пешниҳод намояд.

## VI. ПАРДОХТҲО ВА ҲИФЗИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

39. Дар вақти додани дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи дуюм) корфармо аз корманд қимати дафтарчаи меҳнатиро ва варақаи замимаро меситонад.

Дар сурати нодуруст пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ ва ё варақаи замимаи он, инчунин дар мавриди вайрон шудани бланкҳо дар натиҷаи ҳифзи ноэҳтиёткорона, қимати бланкҳои вайроншуда аз тарафи корхона пардохта мешавад.

Дар сурати гум кардани дафтарчаи меҳнатии корманд аз тарафи корхона ба соҳиби он нусхаи дуюми дафтарчаи навро бидуни ситонидани қимати он медиҳад.

40. Дафтарчаҳои меҳнатӣ ва нусхаҳои дуюм, ки ҳангоми аз кор озод шудани кормандон онҳоро нагирифтаанд дар муддати ду сол дар шӯъбаи коргузории корхона алоҳида аз дафтарчаи меҳнатии кормандон ҳифз карда мешаванд. Пас аз он дафтарчаҳои меҳнатии (нусхаҳои дуюм) талаб нашуда дар бойгонии (архив) корхона 50 сол нигоҳдорӣ мешавад. Пас аз гузаштани муддати зикршуда онҳо бо тартиби муқарраршуда нобуд карда мешаванд.

41. Маъмурияти корхона вазифадор аст, ки миқдори муайяни бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онро дар ихтиёри худ дошта бошад.

## VII. БА ҲИСОБГИРИИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

42. Дар корхонаҳо оид ба баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ ва пур кардани дафтарчаҳои меҳнатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пеш бурда мешаванд:

а) дафтари мадохилу махориҷ оид ба ҳисогирии бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо;

б) дафтарчаи баҳисобгирии пешбурди дафтарчаи меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо.

Дар дафтари мадохилу махориҷ тамоми амалиётҳое, ки бо дастрас намудан ва истифода бурдани бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замимаҳои он сабти силсила ва рақами ҳар як бланк навишта мешавад. Дафтари мазкур аз тарафи шӯъбаи муҳосиботи корхона пешбурда мешавад (намунаи дафтари мадохилу махориҷ оид ба ҳисобгирии бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замимаи он замима шудааст).

Дафтари баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо аз тарафи воҳидҳои коргузорӣ ва ё шӯъбаи дигари корхона, ки масъули ба кор қабул кардан ва аз кор хориҷ кардани кормандон аст, пеш бурда мешавад. Дар ин китоб ҳамаи дафтарчаҳои меҳнатии кормандони ба кор дохилшуда, инчунин тамоми дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замима сабти силсила (серия), рақамҳои, ки ба кормандон дубора дода шудааст дарҷ мегардад.

Дар сурати аз кор озод шудан ва гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ корманд бояд дар варақаи шахсӣ (варақаи махсуси байниидоравии маъмули №Т-2) ва дафтари баҳисобгирӣ имзо намояд.

Дафтари мадохилу махориҷ ва баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ бояд шуморабандӣ ва ресмонбандӣ карда шуда бо имзои роҳбари корхона ва мӯҳри сурғучӣ, тасдиқ карда шавад.

43. Истимораҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онҳо дар шӯъбаи муҳосиботи корхона ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳисоботи дақиқ ҳифз карда мешаванд ва бо дархости шахси масъули дафтарчаҳои меҳнатӣ таҳти имзо дода мешаванд.

Дар интиҳои ҳар моҳ шӯъбаи муҳосибот аз шахси масъули дафтарчаҳои меҳнатӣ оид ба мавҷудияти бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онҳо, инчунин маблағи аз дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои ҷамъ шуда, ки ба хазинаи корхона супорида мешавад, ҳисобот талаб менамояд. Ба бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи он, ки ҳангоми пур кардан вайрон шудаанд, акт навишта мешавад (намунаи шакли акт замима шудааст).

**Бо қарори Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз 12 апрели соли1999<br>№154 тасдиқ шудааст**

муқова

# ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 12 апрели соли 1999**
**№154 тасдиқ шудааст**

# ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

**силсила ва рақам**

Насаб ______________________________________________
________________________________________________________
Ном ________________________________________________
Номи падар __________________________________________
Санаи таваллуд_______________________________________
(рӯз, моҳ, сол)
Маълумот ___________________________________________
(миёнаи нопурра, миёна, олии нопурра, олӣ)
Касб, ихтисос ________________________________________
Таърихи сабт «_______» ____________________ с._______________
Имзои соҳиби дафтарча _________________________________
Ҷ.М.
Имзои шахси масъули
дафтарчаҳои меҳнатӣ ____________
(имзо)

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 12 апрели с.1999,**
**№154 тасдиқ шудааст**

# ЗАМИМАИ
# ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ
**(Замима бе дафтарчаи меҳнатӣ**
**эътибор надорад)**

**силсила ва рақам**

Насаб ______________________________________________
______________________________________________________
Ном _________________________________________________
Номи падар ___________________________________________
Санаи таваллуд________________________________________
(рӯз, моҳ, сол)
Маълумот ____________________________________________
(миёнаи нопурра, миёна, олии нопурра, олӣ)
Касб, ихтисос _________________________________________
Таърихи сабт «_______» ___________________ с.______________
Имзои соҳиби дафтарча _________________________________
Ҷ.М. Имзои шахси масъули
дафтарчаҳои меҳнатӣ ____________
(имзо)

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КОР

силсила ва рақам
(8 варақ)

| № | Сана | | | Маълумот дар бораи қабул ба кор, гузаронидан ба кори дигар ва озод кардан аз кор (бо зикр ва ишора ба банд ва моддаи қонун) | Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он) |
|---|---|---|---|---|---|
| сабт | рӯз | моҳ | сол | | |
| | | | | | |
| 1 | 2 | | | 3 | 4 |
| | | | | | |

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУКОФОТ

силсила ва рақам
(2 варақ)

| № | Сана | | | Маълумот дар бораи сарфарозгардонӣ бо ордену медалҳо ва унвонҳои фахрӣ | Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он) |
|---|---|---|---|---|---|
| сабт | рӯз | моҳ | сол | | |
| | | | | | |
| 1 | 2 | | | 3 | 4 |
| | | | | | |

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КАДРШИНОСӢ

силсила ва рақам
(8 варақ)

| № | Сана | | | Маълумот дар бораи қадршиносӣ марбут ба кор дар корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳо | Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он) |
|---|---|---|---|---|---|
| сабт | рӯз | моҳ | сол | | |
| | | | | | |
| 1 | 2 | | | 3 | 4 |
| | | | | | |

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАЪИНИ НАФАҚА

(2 саҳифа)

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаҳои 8 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо мақсади амалигардонии таҳсили хизматчиёни давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2) Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иҷрои Қоидаҳои мазкурро таъмин намоянд.

3) Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳоро барои таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар асоси пешниҳоди Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намоянд.

4) Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорат ва иҷрои Қоидаҳои мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳисобот пешниҳод намояд.

5) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003, №514 «Дар бораи Стандарти давлатии таҳсилоти иловагии касбии (такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ) хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон

ш. Душанбе
аз 2 июни соли 2011, № 266

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «2» июни соли 2011
№ 266 тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## I. Муқаррароти умумӣ

1) Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Қоидаҳо) мутобиқи моддаҳои 8 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, механизми амалигардонии таҳсили хизматчиёни давлатиро танзим менамоянд.

2) Таҳсили хизматчиёни давлатиро Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - муассисаи давлатии таҳсилоти хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва иҷозатномаи мақоми дахлдор амалӣ менамояд.

3) Қоидаҳои мазкур нисбат ба дигар муассисаҳо ва марказҳои таҳсилотии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос татбиқ намегарданд.

## II. Мафҳумҳои асосӣ дар самти таҳсили хизматчиёни давлатӣ

4) Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

- ҳуҷҷати танзимкунандаи муносибати байни “Фармоишгар” - мақомоти давлатӣ ва “Иҷрокунанда” – муассисаи давлатии таҳсилоти хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳсили хизматчиёни давлатӣ;
- тайёркунии касбии хизматчиёни давлатӣ – раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо мақсади гирифтани таҳсилот дар соҳаи идоракунии давлатӣ;
- азнавтайёркунии хизматчиёни давлатӣ – таҳсили хизматчиёни давлатӣ бо мақсади гирифтани донишҳои иловагии касбӣ барои иҷрои фаъолияти касбӣ ё вобаста ба болоравии мансабӣ аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсили иловагии касбӣ;
- такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ – раванди кӯтоҳмуддати таҳсили хизматчиёни давлатӣ бо мақсади фарогирии донишҳои нави назариявӣ ва амалӣ, такмили маҳорат ва малакаи касбӣ тибқи талаботи тахассусӣ барои иҷрои босифат ва саривақтии вазифаҳои мансабӣ;
- таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ – раванди истифодаи амалии донишҳои назариявӣ ва пайдо намудани маҳорату малакаи касбӣ бо роҳи шиносшавӣ ва иштирок дар фаъолияти ҷории мақомот ё ташкилот.

## III. Сохтор ва тартиби ташкили таҳсили хизматчиёни давлатӣ

5) Таҳсили хизматчиёни давлатӣ имтиёзи давлатӣ буда, дар муассисаи давлатии таҳсилоти хизматчиёни давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Мувофиқи зарурат хизматчии давлатӣ дар се сол як маротиба ба таҳсил (ҳатман ба такмили ихтисос) фаро гирифта мешавад.

6) Шаклҳои таҳсили хизматчиёни давлатӣ ҳамчун таҳсилоти иловагӣ арзёбӣ гардида, аз чунин меъёрҳо иборат аст:

- тайёркунии касбии хизматчии давлатӣ аз рӯи самтҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ;
- курсҳои магистратура барои хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ дар назди муассисаи давлатии

таҳсилоти хизматчиёни давлатӣ ба мӯҳлати то ду сол берун аз кори асосӣ;
- курсҳои азнавтайёркунии хизматчиёни давлатӣ дар муассисаи таълимии хизматчиёни давлатӣ дар ҳаҷми аз 136 то 500 соат берун аз кори асосӣ;
- курсҳои такмили ихтисос дар ҳаҷми аз 24 то 136 соат.

7) Муассисаи таълимӣ аз рӯи натиҷаи хатми таҳсили иловагии касбии хизматчиёни давлатӣ бо дарназардошти шаклҳои таҳсили дар Қоидаҳои мазкур пешбинишуда ҳуҷҷатҳои давлатии намунаҳои зеринро медиҳад:
- диплом дар бораи хатми тайёркунии касбӣ дар асоси таҳсили дарозмӯҳлат;
- диплом дар бораи хатми магистратура;
- шаҳодатнома дар бораи хатми курсҳои азнавтайёркунӣ дар ҳаҷми аз 136 то 500 соат;
- гувоҳнома дар бораи хатми курси такмили ихтисос дар ҳаҷми аз 24 то 136 соат.

## IV. Тартиби таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ

8) Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости мақомоти давлатӣ фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро таҳия карда, барои ба нақша гирифтан дар нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

9) Фармоиши давлатӣ дар нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои оянда бо нишон додани номгӯи барномаҳои таълимӣ, шумораи хизматчиёни давлатӣ аз рӯи категория ва мансаби онҳо, ҳаҷми маблағҳо пешбинӣ карда мешавад.

10) Маблағгузорӣ ҷиҳати амалӣ намудани фармоиши давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҷалби маблағҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, сурат мегирад.

## V. Талабот ба барномаҳои таълимии хизматчиёни давлатӣ

11) Муассисаи давлатии таҳсилоти хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои таълимиро барои хизматчиёни давлатӣ таҳия ва амалӣ менамояд.

12) Барномаҳои таълимӣ аз рӯи хусусияти зинаҳои таҳсил, давомнокии таҳсил ва категорияҳои мансабҳои давлатӣ таҳия карда мешаванд.

13) Барномаҳои таҳсили хизматчиёни давлатӣ, бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонии ташкили хизмати давлатӣ, бояд ҳолати муосир ва дурнамои илм, техника ва технология, соҳаҳои ҳуқуқ ва сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳангро ифода намоянд.

## VI. Муқаррароти хотимавӣ

14) Шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ барои иҷро нагардидани фармоиши давлатӣ ва ба таҳсил фаро нагирифтани хизматчиёни давлатӣ масъул мебошанд.

15) Санҷиши иҷрои Қоидаҳои мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ гузаронида мешавад.

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ»

*аз 1 августи соли 2005* *№289* *ш.Душанбе*

Мутобиқи моддаи 197 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Шаклҳои замимагардидаи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

2. Муқаррар карда шавад, ки Эъломия оид ба андоз аз даромадро хизматчии давлатӣ ба мақомоти андози ҷои зист дар чунин ҳолатҳо пешниҳод менамояд:

– ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ;
– ҳар сол на дертар аз 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ.

3. Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

4. Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати ду моҳ Дастурамали тартиби пур кардани Эъломияҳои мазкурро таҳия ва тасдиқ намоянд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 августи соли 2005 №289**
**тасдиқ шудааст**

# ЭЪЛОМИЯ
## оид ба андоз аз даромади хизматчии давлатӣ

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. Ба нозироти андози ________________________________________<br>(номи мақоми андоз)<br>«___» ____________ соли 200___ ________________________________<br>қайди рӯзи қабули Эъломия (имзои сардори нозироти андоз) | | | |
| 2. Ному насаб _______________ | | 3. Рақами мушаххаси андоз-супоранда | |
| 4. Суроға | | 5. № телефон | |

| |
|---|
| 6. Мансаби (вазифаи) ишғолнамуда ва ҷои кор |

| |
|---|
| 7. Барои соли |

| № | Намуди даромад | Маблағи даромад | Маблағи андози супоридашуда |
|---|---|---|---|
| 8. | Даромад аз ҷои кори асосӣ | | |
| 9. | Даромад аз ҷои кори ғайриасосӣ ва ғайри воҳидҳои корӣ | | |
| 10. | Даромад дар шакли дивиденд ва фоизҳо | | |
| 11. | Нафақа, ёрдампулӣ ва ҷубронпулиҳо | | |
| 12. | Даромад аз ҳисоби ба иҷора додани амвол | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 13. | Даромад аз фурӯш ё додани саҳмияҳо, қоғазҳои қимматнок ва ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордошта, моликияти хизматчии давлатӣ, ки таҳти кафолати идораи ба боварӣ асосёфтаи амвол додааст | | |
| 14. | Даромад аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ, хоҷагии деҳқонӣ, аз замини ба иҷора гирифташуда | | |
| 15. | Дигар намуди даромад | | |
| 16. | Ҳамагӣ (сатрҳои 8-15) | | |

Дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар Эъломия дарҷшударо тасдиқ менамоям

____________________ ____________________

(имзо) (сана)

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 августи соли 2005 №289**
**тасдиқ шудааст**

# ЭЪЛОМИЯ
## оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ

1. Ба ____________________________________________

(номи мақомоти давлатӣ)

қайди рӯзи қабули Эъломия «_____» ________ соли _______

______________________________

имзои роҳбари мақомоти давлатӣ

2. Ному насаб

3. Рақами мушаххаси андозсупоранда

4. Суроға

5. № телефон

6. Мансаби (вазифаи) ишғолнамуда ва ҷои кор

7. Барои соли _____________

| № | Намуд ва номгӯи амвол | Миқдор | Арзиш | Маҳали ҷойгиршавӣ | Маблағи андози супурдашуда |
|---|---|---|---|---|---|
| 8 | Хонаи истиқоматӣ | | | | |
| 9 | Ҳуҷраҳо (квартира), бӯстонсарой, гараж, дигар биною иморат ва иншоот | | | | |
| 10 | Воситаҳои нақлиёт, ҳамагӣ | | | | |
| | Аз ҷумла: | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | – автомобили сабукрав<br>– ядакҳо<br>– автомобили боркаш<br>– киштиҳои хурдҳаҷм | | | | |
| 11 | Маблағи пулӣ дар бонкҳо (аз ҷумла дар хориҷа) ва маблағи қарзҳои гирифташуда | X | | | X |
| 12 | Саҳмия, дигар қоғазҳои қиматнок, аз ҷумла ҳиссаҳои дар идораи ба боварӣ асосёфтаи амвол қарордошта, металл ва сангҳои қиматбаҳое, ки дар бонкҳо нигоҳ дошта мешавад | X | | | X |
| 13 | Дигар амвол | | | | |
| 14 | Ҳамагӣ (сатрҳои 8-13) | X | | | X |

Дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар Эъломия дарҷшударо тасдиқ менамоям

_____________________ _____________________

(имзо) (сана)

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи намунаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ»

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ, тибқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Намунаи шартномаи (қарордоди) замимагардидаи меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад.

2. Мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Намунаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатии мазкурро мавриди роҳбарӣ ва истифода қарор диҳанд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2002 №32 "Дар бораи тасдиқ намудани Шартномаи (қарордоди) намунавии қабул ба хизмати давлатӣ" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе
аз 30 декабри соли 2007
№ 633

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри соли 2007 № 633
тасдиқ шудааст

# Намунаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ

__________________________________________________________
(мақоми давлатӣ)
дар шахси________________________________________________
(мансаби роҳбари мақоми давлатӣ)
__________________________________________________________
(ному насаби роҳбари мақоми давлатӣ)

(минбаъд мақоми давлатӣ) аз як тараф ва шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон______________________________________________
(ному насаб)

(минбаъд хизматчии давлатӣ) аз тарафи дигар, ин шартномаи (қарордоди) меҳнатиро бо шартҳои зерин бастанд:

1. ___________________________ ба хизмати давлатӣ ба мансаби
(ному насаб)
__________________________________________________________
(номи пурраи мансаб)
__________________________________________________________
(номи воҳиди сохтории мақоми давлатӣ)
қабул карда мешавад.

2. Ин шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба мӯҳлати зерин баста мешавад:
- ба мӯҳлати номуайян;
- ба мӯҳлати муайян, аз ____ то________________________;
(санаи оғоз ва ба охир расидани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ)
- ба мӯҳлати иҷрои кори муайян______________________
(мундариҷаи кори иҷрошаванда)

__________________________________________________________

– ба мӯҳлати дар хизмат ҳозир набудани хизматчии давлатии мақоми давлатӣ, ки мутобиқи қонунгузорӣ ҷойи кораш нигоҳ дошта мешавад

________________________________________________________________
(сабаби хозир набудани корманд дар хизмат)
________________________________________________________________

3. Хусусияти хоси низоми кори хизматчии давлатӣ:
– соатбайъ
– рӯзи нопурраи корӣ
– ҳафтаи нопурраи корӣ

4. Хизматчии давлатӣ барои кори худ дар як моҳ пардохтпулиҳои зерин мегирад:
– маоши мансабӣ ________________________________ сомонӣ;
(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)
– иловапулӣ барои рутбаҳои тахассусӣ (унвони ҳарбӣ, рутбаи дипломатӣ ва ғ.)______________________________;
(бо фоиз аз маоши мансабӣ)
– иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ____________
_________________________________________________;
(бо фоиз аз маоши мансабӣ бо назардошти
– иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ)___________________
_________________________________________________;
– дигар иловапулиҳо (дар сурати ба онҳо ҳуқуқ доштани хизматчии давлатӣ) ____________________________сомонӣ.
(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)

5. Музди меҳнати хизматчии давлатӣ на дертар аз рӯзи _______ ҳар моҳ пардохта мешавад.

6. Ба хизматчии давлатӣ:
– ба миқдори _____________ рӯзи тақвимӣ рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшаванда;
– ба миқдори ___________ рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагии ҳарсолаи пардохтшаванда;
– ҷамъ ба миқдори _______________ рӯзи тақвимӣ рухсатии ҳарсолаи пардохташавандаи меҳнатӣ дода мешавад.

7. Ба хизматчии давлатӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ, иловапулӣ дар ҳаҷми____________________
(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)
бо фоиз аз маоши мансабӣ пардохта мешавад.

8. Хизматчии давлатӣ дар давраи амали ин шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, тибқи қонунгузории амалкунанда бо суғурта ва таъминоти иҷтимоӣ фаро гирифта мешавад.

9. Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад аз роҳбари мақоми давлатӣ:
– иҷрои шартҳои ин шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, инчунин тағйир ё бекор кардани онро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– сари вақт, дар ҳаҷми пурра пардохт намудани музди меҳнат, пардохтпулиҳо ва дигар кафолатҳои пешбининамудаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии мазкур;
– ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки хизматчии давлатӣ бинобар иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ расонидашуда;
– таъмини дигар ҳуқуқҳоеро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, талаб намояд.

10. Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст:
– талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ин шартномаи (қарордоди) меҳнатиро, ки фаъолияти хизматии ӯро ба танзим медароранд, инчунин қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии мақоми давлатиро риоя намояд.

11. Мақоми давлатӣ ҳуқуқ дорад:
– шартномаи (қарордоди) меҳнатиро бо хизматчии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бандад, тағйир диҳад ва бекор намояд;
– аз хизматчии давлатӣ иҷро намудани ӯҳдадориҳои мансабӣ, риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба моликияти давлатиро талаб намояд;

- хизматчии давлатиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашад;
- хизматчии давлатиро барои хизмати поквиҷдонона ва самаранок ҳавасманд намояд;
- аз дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, истифода намояд.

12. Мақоми давлатӣ ӯҳдадор аст:

- шарт ва талаботи ин шартномаи (қарордоди) меҳнатиро иҷро намояд;
- хизматчии давлатиро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҷузъии (локалии) мақоми давлатӣ шинос намояд;
- ба хизматчии давлатӣ шароити корро, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии ӯ заруранд, таъмин намояд;
- сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пардохт намудани музди меҳнат ва дигар пардохтпулиҳои пешбининамудаи қонунгузориро таъмин намояд;
- хизматчии давлатиро оид ба ҳолатҳое, ки барои иҷрои шартномаи (қарордоди) меҳнатии мазкур таъсир мерасонанд, хабардор намояд;
- барои ҳимоя ва таъмини амнияти фаъолияти хизматчии давлатӣ мусоидат намояд;
- тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оқибатҳои зарари ба хизматчии давлатӣ зимни иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ расонидашударо (зарар ба саломатӣ, молу мулк ва зарари маънавӣ) ҷуброн намояд.
- дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, иҷро намояд.

13. Дигар шартҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, ки ба хусусияти хоси хизмати хизматчии давлатӣ алоқаманд аст:

____________________________________________

____________________________________________

____________________________________________

14. Шартҳои ин шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар асоси розигии тарафҳо тағйир дода шуда, баҳсҳои тарафайн бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳал карда мешаванд.

15. Ин шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар ду нусха бо забони давлатӣ таҳия шуда, аз тарафи роҳбари мақомоти давлатӣ ва хизматчии давлатӣ имзо ва бо мӯҳр тасдиқ карда шудааст.

| | |
|---|---|
| (мақоми давлатӣ) | (ному насаб) |
| (мансаби роҳбар) | (мансаби хизматчии давлатӣ) |
| (имзо) | (имзо) |
| (санаи рӯз) | (санаи рӯз) |

Ҷ.М.

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ»

Мувофиқи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" бо мақсади танзим намудани тартиб ва шартҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои замимагардидаи додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ тасдиқ карда шаванд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009 ҷиҳати додани қарз барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ маблағ пешбинӣ намояд.

3. Қарори мазкур аз 1 январи соли 2009 мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
аз 30 майи соли 2008
№ 272

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 майи соли 2008 № 272
тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ

1. Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ (минбаъд - Қоидаҳо) дар асоси талаботи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" таҳия гардида, тартиб ва шартҳои додани қарз барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ ва тартиби баргардонидани онро муайян менамояд.

2. Қарз барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар кардани шароити манзилӣ (минбаъд - қарз) барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ ба хизматчиёни давлатӣ (минбаъд - қарзгиранда) аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар асоси дархости асосноки мақомоти давлатӣ, ки дар он ҷо хизматчии давлатӣ фаъолият менамояд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

3. Маблағ барои додани қарзро ҳар сол Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ пешбинӣ менамояд.

4. Қарз ба хизматчиёни давлатии зерин дода намешавад:

- агар собиқаи бефосилаи хизмати давлатии ӯ аз 5 (панҷ) сол камтар бошад;
- агар аз дигар ташкилотҳои молиявӣ қарз гирифта, онро пурра ё қисман барнагардонида бошад;
- агар зиёда аз 35 фоизи музди меҳнат барои дигар харочот боздошта шавад;
- агар аз фонди давлатӣ манзили истиқоматӣ гирифта бошад;

- агар барои сохтмони манзил ба хизматчии давлатӣ қитъаи замин ҷудо карда шуда бошад.

5. Барои гирифтани қарз хизматчии давлатӣ ба мақоме, ки дар он ҷо фаъолият менамояд, бо ариза муроҷиат менамояд. Комиссияи манзилии мақоми давлатӣ, ки ба ҳайати он ҳамчунин намояндаи ташкилоти иттифоқҳои касабаи мақоми мазкур дохил карда мешавад, шароити манзилии хизматчии давлатӣ ва ҳолатҳои мавҷуд набудани монеаҳо барои гирифтани қарзро санҷида, аз натиҷаи он хулоса тартиб медиҳад. Дар ҳолати мавҷудияти хулосаи мусбӣ хизматчии давлатӣ ба навбат гирифта мешавад.

6. Қарз ба хизматчии давлатӣ дар асоси навбат мувофиқи рӯйхати тасдиқнамудаи роҳбари мақоми давлатӣ, ки бо ташкилоти иттифоқҳои касабаи мақоми мазкур мувофиқа шудааст, дар асоси дархости асосноки мақомоти давлатӣ, ки дар он хизматчии давлатӣ фаъолият менамояд, дар доираи маблағҳои барои ин мақсад пешбинишудаи буҷети ҷумҳуриявӣ аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

7. Қарз аз ҷониби Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва дар минтақаҳо аз ҷониби шӯъбаҳои он ба расмият дароварда мешавад.

8. Қарз ба хизматчиёни давлатӣ баъди ба расмият даровардани он бояд дар мӯҳлати то як моҳ дода шавад.

9. Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" барои додани қарз ба хизматчиёни давлатӣ вазифаи агентро иҷро менамояд.

10. Қарз ба хизматчии давлатӣ баъди бастани шартномаи қарзӣ бо тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ дода мешавад.

11. Қарз бо арзи миллӣ ба мӯҳлати то 20 сол дода мешавад.

12. Амволи (хонаи истиқоматии) харидорӣ намудаи (ё сохтаи) хизматчии давлатӣ дар давоми як моҳ баъди ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи моликият дар бонк ба гарав гузошта мешавад.

13. Қарзгиранда ӯҳдадор аст, шартномаи гарави амволро бо тартиби муқарраргардида ба расмият дарорад. Хароҷоти барасмиятдарорӣ аз тарафи қарзгиранда пардохт карда мешавад.

14. Қарз дарозмӯҳлат буда, пардохти баргардонидани он аз соли сеюми гирифтани он сар мешавад.

15. Баргардонидани қарзро хизматчиёни давлатӣ бо супоридани пули нақд ба хазинаи бонк ё бо роҳи интиқол аз ҳисобҳои амонатӣ ё аз музди меҳнат пардохт менамоянд.

16. Мутобиқи моддаи 109 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаи боздоштан аз музди меҳнати қарзгиранда барои пардохти қарз набояд аз 50 фоизи ҳаҷми умумии музди меҳнати хизматчии давлатӣ зиёд бошад.

17. Ҳангоми фавтидани қарзгиранда баргардонидани қарз ё маблағи боқимондаи қарз бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 450 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

18. Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" маблағҳоеро, ки аз тарафи қарзгирандаҳо барои баргардонидани қарз пардохт карда мешаванд, дар муддати як моҳи баъди ба охир расидани ҳар соли ҳисоботӣ ба даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

19. Дар ҳолати бештар аз се маротиба ба таъхир андохтани мӯҳлати муайяншудаи пардохти баргардонидани қарз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ҳуқуқ дорад, масъалаи фурӯши амволи ба гарав гузоштаи қарзгирандаро мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд.

20. Ҳангоми аз мансаб озод шудан ё ба мансаби дигар гузаштани қарзгиранда ӯ вазифадор аст, ки Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк"-ро хабардор намояд.

21. Мақоми давлатие, ки дар он қарзгиранда кор мекунад дар мавриди аз мансаб озод намудан (ба мансаби дигар гузаронидан, ба нафақа баромадан, фавтидан ва дигар ҳолатҳо) ҳатман ба Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" маълумот пешниҳод менамояд.

22. Шӯъбаҳои минтақавии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар бораи додани қарз ва пардохтҳои баргардонидани қарзҳои ба хизматчиёни давлатӣ додашуда ҳар семоҳа ба Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" маълумот пешниҳод менамоянд.

23. Ҳаққи хизматрасонӣ барои пӯшонидани хароҷоти бонк оид ба додани қарз дар ҳаҷми 1 фоизи маблағи қарз аз ҳисоби қарзгиранда пардохта мешавад.

24. Ҳангоми гирифтани қарзе, ки бо пули нақд дода мешавад, ҳаққи хизматрасонӣ гирифта намешавад.

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Номгӯи мансабҳо ва касбҳои ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Номгӯи замимагардидаи мансабҳо ва касбҳои ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ тасдиқ карда шавад.

2. Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мансабҳо ва касбҳои ҳайати техникӣ ва хизматрасони худро бо Номгӯи мазкур мутобиқ намоянд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2003 №148 «Дар бораи рӯйхати шахсони хизматрасони техникӣ ва таъминкунандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
аз 31 октябри соли 2008
№530

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 31 » октябри соли 2008 №530

# НОМГӮИ
## мансабҳо ва касбҳои ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ

Мудир, муовини мудир, мутахассиси канселярия

Мудир, муовини мудир, мутахассиси китобхона

Мудир, муовини мудир, мутахассис, оператори бюрои мошинҳои нусхабардорӣ ва чопӣ

Котиби роҳбар

Коргузор

Котиба-мошиннавис

Мошиннавис

Стенографист

Нусхабардор бо нур

Тармимгар ва муқовагари ҳуҷҷатҳо

Оператори мошинҳои электронии ҳисоббарор

Устои компютер

Мудири бюрои рухсатномадиҳӣ, ходими бюрои русхатномадиҳӣ Хаткашон (курер)

Сардор, муовини сардор, сармуҳандис, муҳандис, сармеханик, механик, танзимгари (диспетчери) хоҷагии автомобилӣ

Директор, муовини директор, маъмур (администратор), пешхизмат, дарбон, навбатдори ошёнаи меҳмонхонаҳо, кемпингҳо, осоишгоҳҳо, хобгоҳҳо

Директор, сармуҳандис, сармутахассис, мутахассиси пешбар, мутахассиси озмоишгоҳи микрофилмбардорӣ ва тармими санадҳои бойгонӣ

Наворгирандаи микрофилм ва нусхабардори ҳуҷҷатҳои микрофилмбардорӣ

Аксбардор

Директор (мудир), муовини директор (муовини мудир), бойгоншиноси пешбар, бойгоншинос, корманди бойгонӣ (архивариус)

Шиносноманавис

Ирсолгар (экспедитор)

Оператори хадамоти танзимгарӣ

Хазинадори калон, хазинадор

Ҳисобчӣ

Мудири анбор, ёрдамчии мудири анбор, анборчӣ

Мудири хоҷагӣ, ёрдамчии мудири хоҷагӣ

Комендант

Ходими гардероб

Коргари ёрирасон, коргари хизматрасон, коргари таъмири ҷории бино, иншоот ва таҷҳизот

Лифтёр

Сардор, сармутахассис, мутахассиси пешбар, мутахассиси идораҳои биноҳои маъмурӣ (хизматӣ)

Сардор, сармутахассис, мутахассиси пешбар, мутахассис, лаборанти шӯъбаҳои ёрирасон, лабораторияҳои истеҳсолию техникӣ, бюроҳо ва хадамоти дигар

Ронандагони воситаҳои нақлиёт

Челонгари таъмири автомобилҳо

Устои муҳаррик

Вулканизатор

Устои аккумулятор

Устои карбюратор

Мисчӣ

Равғангар

Усто, оператор, челонгари таҳҷизоти сантехникӣ оид ба таъмири дегхонаҳо

Сантехник

Дуредгар

Наҷҷор

Аловмон

Обҷӯшон

Ошпаз

Посбон

Боғбон

Фарроши биноҳои хизматӣ

Ҳавлирӯби ҳудуд
Техникҳои ҳама гуна ихтисосҳо
Кафшергари барқӣ ва газӣ
Устои барқ
Барқкори хизматрасони дастгоҳҳои барқӣ
Барқкори алоқа Барқкори автомобил

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 118 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади танзими пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистои қарор мекунад:

1. Аз 1 январи соли 2009 меъёри пардохти хароҷоти кирояи манзил дар давлатҳои хориҷа ҳангоми сафарҳои хизматӣ барои:

а) раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи хароҷоти воқеӣ;

б) аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовирони давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати хизмати давлати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳо ва шаҳри Душанбе аз рӯи хароҷоти воқеӣ, вале на зиёда аз меъёри пардохти дар замима пешбинишуда дар як шабонарӯз;

в) дигар хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ аз рӯи хароҷоти воқеӣ, вале на зиёда аз меъёри пардохти дар замимаи пешбинишуда дар як шабонарӯз.

2. Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти роҳкиро ба кишварҳои хориҷаи дур ва наздик бо дарназардошти фармоиши пешакӣ брон кардан, барои шахсоне, ки дар зербанди (а) банди I қарори мазкур зикр ёфта, аз рӯи меъёрҳои классии якум ё бизнес-класс, зербандӣ (б) аз рӯи меъёрҳои бизнес-класс ва зербанди (в) аз рӯи меъёрҳои эконом-класс пардохт мешаванд.

3. Маблағи харҷи шабонарӯзӣ барои шахсони дар сафари хизматибуда, ки дар зербандҳои (а) ва (б) банди 1 ҳамин қарор муайян карда шудаанд, дар ҳаҷми 60 доллари ШМА ва барои хароҷоти ғайричашмдошт боз 20 фоизи меъёри харҷи шабонарӯзӣ барои ҳар як шабонарӯз, зербанди (в) банди 1 қарори мазкур 50 доллари ШМА барои ҳар як шабонарӯз муқаррар карда шавад.

4. Пардохти хароҷоти сафари хизматӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ чунин муқаррар карда шавад:

- кирояи манзил барои шахсони дар зербандҳои (а) ва (б) банди 1 ҳамин қарор нишондодашуда дар шаҳри Душанбе дар ҳаҷми то 100 сомонӣ, дар маркази вилоятҳо ва шаҳрҳои Чкаловск, Исфара, Истаравшан, Панҷакенти вилояти Суғд, шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода то 70 сомонӣ, дар маркази дигар шаҳру ноҳияҳо то 50 сомонӣ ва барои шахсони дар зербанди (в) зикргардида дар шаҳри Душанбе то 70 сомонӣ, дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо то 50 сомонӣ ва дигар маҳалҳои аҳолинишин барои ҳамаи шахсони дар сафари хизматӣ буда то 20 сомонӣ дар як шабонарӯз;
- роҳкиро дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пардохт карда мешавад.

Дар ҳолати набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда хароҷоти кирояи манзилгоҳ ва роҳкиро ба андозаи 50 фоизи меъёри муқаррааргардида пардохт карда мешавад.

5. Арзиши хароҷоти шабонарӯзӣ ҳангоми сафари хизматӣ дар шаҳри Душанбе, маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба шах-

сони дар зербандҳои (а) ва (б) банди 1 қарори мазкур зикргардида дар ҳаҷми 30 сомонӣ, зербанди (в) банди 1 ҳамин қарор 20 сомонӣ ва дигар нуқтаҳои аҳолинишин 15 сомонӣ муқаррар карда шавад.

Ба шахсони дар сафари хизмати буда, пардохти харҷи шабонарӯзӣ ва кирояи манзил дар ҳолате пардохт мегардад, ки агар маҳали сафари хизматӣ аз ҷои кори доимӣ дар масофаи на кам аз 30 километр дуртар ҷойгир шуда бошад. Пардохти роҳкиро бошад, бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, аз рӯи варақаи сафари хизматӣ пардохт карда мешавад.

Ба шунавандагоне, ки барои таҳсил ба курсҳои такмили ихтисос берун аз кор фиристода мешаванд, дар дохили ҷумҳурӣ барои ҳар як рӯз дар давоми як моҳ ба андозаи 20 сомонӣ хароҷоти шабонарӯзӣ дода мешавад.

6. Муқаррар карда шавад, ки баъди бозгашт аз сафари хизматӣ хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба шӯъбаи муҳосибот ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хароҷоти воқеиро оид ба пардохти кирояи манзил ва роҳкиро пешниҳод менамоянд. Дар ҳолати набудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда маблағи кирояи манзил ва роҳкиро (ба истиснои роҳкирои нақлиёти автомобилӣ) дар ҳаҷми 50 фоизи меъёри муқарраргардида ҷуброн карда мешавад.

7. Коргарон, мутахассисон ва роҳбароне, ки барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ ва сохтмонӣ ба сафари хизматӣ фиристода мешаванд, ҳангоми иштирок дар корҳои истеҳсолӣ ба ҷойи хароҷоти шабонарӯзӣ аз рӯи ҳаҷми муқаррарнамудаи зербанди (в) банди 5 қарори мазкур пардохт карда мешавад.

Андозаи изофапулие, ки барои иҷрои корҳои хусусиятҳои сайёрӣ, вахтавӣ, шароити саҳроидошта дода мешавад, дар ҳамаи ҳолатҳо аз 15 сомонӣ камтар буда наметавонад. Мӯҳлати сафари хизматии коргарон, мутахассисон ва роҳбароне, ки барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ ва сохтмонӣ фиристода мешаванд, набояд аз як сол зиёд бошад.

8. Муқаррар карда шавад, ки корхонаю муассисаҳои худмаблағгузор новобаста аз шакли моликияташон ба арзиши маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) хароҷотҳои сафари хизматиро, ки дар банди 1 зербанди (в) қарори мазкур муайян карда шудааст, дохил карда метавонад.

9. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи ин қарор, дастурамал таҳия карда, тасдиқ намояд.

10. Қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шаванд:

- аз 28 феврали соли 2003 № 75 "Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони корхонаҳо, идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба мамлакатҳои хориҷаи дуру наздик, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон":
- банди 4 қарор аз 13 майи соли 2003 № 213 "Дар бораи ворид намудани тағирот ва иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
аз 31 октябри соли 2008
№ 531

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 октябри соли 2008 №531
тасдиқ шудааст

# МЕЪЁРИ ПАРДОХТИ ХАРОҶОТИ КИРОЯИ МАНЗИЛ ДАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

*Бо доллари ИМА*

| № р/т | Номгӯи кишварҳо | Меъёри пардохти кирояи манзил | |
|---|---|---|---|
| | | Арзиши як ҳуҷраи меҳмонхона барои шахсони дар зербанди б) банди 1 ҳамин қарор зикргардида | Арзиши як ҳуҷраи меҳмонхона барои шахсони дар зербанди в) банди 1 ҳамин қарор зикргардида |
| 1 | Афғонистон - Кобул | 140 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 2 | Албания - Тирана | 120 | 80 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 3 | Австрия - Вена | 230 | 180 |
| | дигар шаҳрҳо | 175 | 140 |
| 4 | Австралия - Камберра | 250 | 180 |
| | дигар шаҳрҳо | 175 | 140 |
| 5 | Алҷазоир - Алҷазоир | 200 | 160 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 6 | Ангола - Луанда | 155 | 125 |
| 7 | Андорра - Андора-ла-Велья | 145 | 95 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8 | Антигула ва Барбуда | 150 | 110 |
| 9 | Аргентина- Буэнос- Айрес | 200 | 180 |
| | дигар шаҳрҳо | 125 | 95 |
| 10 | Арманистон - Ереван | 150 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 130 | 100 |
| 11 | Озарбойҷон - Боку | 220 | 190 |
| | дигар шаҳрҳо | 135 | 100 |
| 12 | Булгория - София | 220 | 180 |
| | дигар шаҳрҳо | 140 | 105 |
| 13 | Босния ва Герсоговина - Сараево | 125 | 105 |
| | дигар шаҳрҳо | 90 | 80 |
| 14 | Ҷазираҳои Багам - Нассау | 140 | 110 |
| 15 | Бангладеш -Дакка | 140 | 110 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 16 | Барбадос - Бричтаун | 145 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 17 | Баҳрайн - Манама | 220 | 145 |
| | дигар шаҳрҳо | 175 | 125 |
| 18 | Белиз - Бельмопан | 120 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 95 | 80 |
| 19 | Бенин - Порто - Ново | 140 | 90 |
| | дигар шаҳрҳо | 90 | 60 |
| 20 | Ҷазираҳои Бермуд | 250 | 180 |
| 21 | Боливия - Ла-Пас | 130 | 90 |
| 22 | Ботсвана - Габеронес | 110 | 80 |
| 23 | Бразилия - Бразилиа | 160 | 120 |
| 24 | Бруней - Бандар-Сери-Бегеван | 145 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 105 | 75 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 25 | Буркина Фасо - Уагадугу | 145 | 110 |
| 26 | Бурунди - Бужумбура | 140 | 180 |
| 27 | Белгия - Брюссел | 220 | 180 |
| | дигар шаҳрҳо | 160 | 110 |
| 28 | Белорусия - Минск | 130 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 90 |
| 29 | Британияи кабир - Лондон | 245 | 220 |
| | дигар шаҳрҳо | 190 | 150 |
| 30 | Вануату - Вила | 160 | 145 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 31 | Венесуэла - Каракас | 200 | 170 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 90 |
| 32 | Маҷористон - Будапешт | 200 | 150 |
| 33 | Самоаи шарқӣ | 150 | 95 |
| 34 | Ветнам - Ханой | 200 | 170 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 35 | Юнон - Афина | 250 | 180 |
| 36 | Габон - Либревил | 170 | 140 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 37 | Гаити - Порто-о-Пренс | 120 | 90 |
| 38 | Гайана - Ҷорҷтаун | 145 | 110 |
| 39 | Гамбия - Банжул | 120 | 90 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 40 | Гана - Аккра | 150 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 90 | 60 |
| 41 | Гватемала - Гватемала | 130 | 100 |
| 42 | Гвинея - Конакри | 110 | 90 |
| 43 | Гвинея Бисау - Бисау | 120 | 90 |
| 44 | Гибралтар - | 120 | 90 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 45 | Гондурас - Тегусигалпа | 120 | 90 |
| 46 | Ҳонконг | 230 | 150 |
| 47 | Гренада - Сент- Ҷорҷес | 160 | 120 |
| 48 | Гурҷистон - Тбилиси | 220 | 150 |
| | дигар шаҳрҳо | 105 | 80 |
| 49 | Олмон - Берлин, Бонн | 240 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 150 | 100 |
| 50 | Ҷибути - Ҷибути | 130 | 100 |
| 51 | Доминикан - Санто - Доминго | 150 | 100 |
| 52 | Дания - Копенгаген | 200 | 140 |
| 53 | Ирландия - Дублин | 240 | 160 |
| | дигар шаҳрҳо | 140 | 100 |
| 54 | Исландия - Рейкявик | 170 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 115 | 95 |
| 55 | Испания - Мадрид | 215 | 170 |
| | дигар шаҳрҳо | 155 | 125 |
| 56 | Исроил - Тел-авив | 240 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 180 | 140 |
| 57 | Ҳиндустон - Деҳлӣ | 250 | 210 |
| | дигар шаҳрҳо | 160 | 120 |
| 58 | Индонезия - Ҷакарта | 200 | 150 |
| | дигар шаҳрҳо | 150 | 90 |
| 59 | Урдун - Уммон | 200 | 170 |
| 60 | Ирок - Багдод | 170 | 140 |
| 61 | Эрон - Теҳрон | 170 | 120 |
| 62 | Ямам - Санъо | 160 | 110 |
| 63 | Италия - Рим | 350 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 225 | 160 |
| 64 | Зоир | 140 | 110 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 65 | Замбия - Лусака | 180 | 130 |
| 66 | Ҳудудҳои Замор | 145 | 110 |
| 67 | Зимбабве - Ҳарора | 160 | 120 |
| 68 | Миср - Қоҳира | 160 | 120 |
| 69 | Канада - Оттава | 210 | 170 |
| | дигар шаҳрҳо | 145 | 110 |
| 70 | Кабо-Верде - Прая | 145 | 100 |
| 71 | Ҷазираҳои Кайман | 200 | 145 |
| 72 | Камбоҷа - Пномпен | 170 | 140 |
| 73 | Камерун - Яунде | 180 | 145 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 74 | Қатар - Доҳа | 230 | 145 |
| 75 | Кения - Найроби | 180 | 125 |
| 76 | Кипр - Никосия | 210 | 140 |
| 77 | Ҷумҳурии Мардумии Чин - Пекин | 170 | 125 |
| | дигар шаҳрҳо | 105 | 90 |
| 78 | Колумбия - Богота | 170 | 115 |
| 79 | Ҷазираҳои Камор - Морни | 120 | 90 |
| 80 | Конго - Браззавил | 145 | 120 |
| 81 | Коста Рика - Сан-Хосе | 160 | 120 |
| 82 | Кот Дивуар - Ямусукро | 120 | 90 |
| 83 | Куба - Гавана | 170 | 120 |
| 84 | Қувайт - Ал-Қувейт | 180 | 120 |
| 85 | Қирғизистон - Бишкек | 170 | 135 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 50 |
| 86 | Қазоқистон - Остона, Алма-Ато | 200 | 155 |
| | дигар шаҳрҳо | 122 | 100 |
| 87 | Кореяи Шимолӣ - Пхенян | 180 | 120 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 88 | Лихтенштейн - Вадутс | 150 | 120 |
| 89 | Люксембург - Люксембург | 200 | 160 |
| 90 | Латвия - Рига | 180 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 125 | 100 |
| 91 | Литва - Вилнюс | 180 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 125 | 100 |
| 92 | Лаос -Вентян | 140 | 100 |
| 93 | Лесото - Масеру | 110 | 80 |
| 94 | Либерия - Монровия | 150 | 110 |
| 95 | Ливан - Бейрут | 160 | 125 |
| 96 | Либия - Триполи | 165 | 120 |
| 97 | Македония - Скопе | 160 | 115 |
| 98 | Маврикий - Порт-Луи | 160 | 115 |
| 99 | Мавритания - Нуакшот | 150 | 115 |
| 100 | Мадагаскар - Антанана-риву | 150 | 115 |
| 101 | Макао | 150 | 115 |
| 102 | Малави - Лилонгве | 130 | 100 |
| 103 | Малайзия - Куала-Лампур | 140 | 100 |
| 104 | Мали - Бамако | 140 | 100 |
| 105 | Молдив - Мале | 160 | 120 |
| 106 | Малта - Валетта | 200 | 140 |
| 107 | Сан-Марино - Сан-Марино | 140 | 100 |
| 108 | Марокаш - Работ | 190 | 140 |
| 109 | Мексика - Мехико | 200 | 140 |
| 110 | Мозамбик - Мапуту | 175 | 120 |
| 111 | Монако - Монако | 150 | 115 |
| 112 | Муғулистон - Улан-Батор | 130 | 100 |
| 113 | Мянма - Янгон (Рангон) | 110 | 90 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 114 | Молдовия - Кишинёв | 190 | 140 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 100 |
| 115 | Нидерланд - Амстердам | 220 | 150 |
| 116 | Норвегия - Осло | 210 | 140 |
| 117 | Намибия - Виндхук | 110 | 80 |
| 118 | Непал - Катманду | 130 | 90 |
| 119 | Нигер - Ниамей | 150 | 115 |
| 120 | Нигерия - Абуча | 180 | 135 |
| 121 | Никарагуа - Манагуа | 145 | 100 |
| 122 | Зеландияи нав - Веллинг-тон | 160 | 120 |
| 123 | О.Палау - Корор | 160 | 120 |
| 124 | Уммон - Маскат | 160 | 120 |
| 125 | АМА -Абудабӣ, Дубай, Шарҷа | 120 | 80 |
| 126 | Покистан - Исломобод | 200 | 140 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 80 |
| 127 | Панама - Панама | 160 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 128 | ПапуаГвинеяи- Нав-Порт - Морсби | 150 | 110 |
| 129 | Парагвай - Асунсон | 120 | 90 |
| 130 | Перу - Лима | 150 | 110 |
| 131 | Пуэрто-Рико - | 170 | 120 |
| 132 | Португалия - Лисабон | 200 | 150 |
| 133 | Лаҳистон - Варшава | 200 | 150 |
| 134 | Руанда - Кигали | 140 | 100 |
| 135 | Руминия - Бухарест | 200 | 150 |
| 136 | Россия - Москва, Санкт - Петербург | 300 | 200 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | дигар шаҳрҳо | 150 | 110 |
| 137 | Салвадор - Сан-Салвадор | 170 | 120 |
| 138 | Самоа - Апиа | 120 | 80 |
| 139 | Сан-Томе и Принсипи - Сан-Томе | 160 | 120 |
| 140 | Арабистони Саудӣ - Ал-Риёз | 145 | 100 |
| 141 | Свазиленд - Мбабане | 150 | 110 |
| 142 | Ҷазираҳои Сейшел - Виктория | 150 | 110 |
| 143 | Сент-Люсия - Кастри | 150 | 110 |
| 144 | Сурия -Дамишқ | 220 | 150 |
| 145 | Ҷазираҳои Саломонов - Хониара | 120 | 90 |
| 146 | Сомали - Могадишо | 140 | 100 |
| 147 | Судон - Хартум | 160 | 120 |
| 148 | Суринам - Парамарибо | 120 | 90 |
| 149 | Серра-Леоне - Фритаун | 140 | 100 |
| 150 | Сенегал - Дакар | 170 | 115 |
| 151 | Сербия ва Черногория - Белград | 220 | 150 |
| 152 | Сингапур - Сингапур | 200 | 140 |
| 153 | Словакия - Братислава | 220 | 150 |
| 154 | Словения - Любляна | 200 | 140 |
| 155 | ИМА - Вашингтон, Ню-Йорк | 280 | 220 |
| | дигар шаҳрҳо | 150 | 130 |
| 156 | Туркия - Анқара | 200 | 140 |
| 157 | Тайланд - Бангкок | 200 | 140 |
| 158 | Тайван - Тайбэй | 160 | 120 |
| 159 | Танзания - Додома | 140 | 100 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 160 | Того - Ломе | 160 | 120 |
| 161 | Тонга - Нукуалофа | 115 | 85 |
| 162 | Тринидад ва Тобаго-Порт-оф-Спейн | 170 | 115 |
| 163 | Тунис - Тунис | 140 | 100 |
| 164 | Туркманистон - Ашқобод | 150 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 60 | 50 |
| 165 | Уганда - Кампала | 170 | 115 |
| 166 | Уругвай - Монтевидио | 145 | 100 |
| 167 | Ӯзбекистон - Тошканд, Самарқанд, Бухоро | 160 | 110 |
| | дигар шаҳрҳо | 90 | 55 |
| 168 | Украина - Киев, Одесса | 220 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 130 | 100 |
| 169 | Фиҷи - Сува | 170 | 115 |
| 170 | Филиппин - Манила | 180 | 120 |
| 171 | Фаронса - Порис | 240 | 150 |
| 172 | Финландия - Хелсинки | 200 | 140 |
| 173 | Чад - Нҷамена | 150 | 100 |
| 174 | Чили - Сантяго | 180 | 120 |
| 175 | Чехия - Прага | 220 | 140 |
| 176 | Шри-Ланка - Коломбо | 140 | 100 |
| 177 | Швейтсария - Берн | 200 | 140 |
| 178 | Шветсия - Стокголм | 220 | 150 |
| 179 | Эфиопия - Аддис -Абеба | 170 | 110 |
| 180 | Эквадор - Кито | 130 | 95 |
| 181 | Гвинея-Экваториалная Гвинея - Малабо | 140 | 100 |
| 182 | Эстония- Таллин | 200 | 140 |
| 183 | Ҷумҳурии Африқои | 170 | 110 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Ҷанубӣ-Претория | | |
| 184 | Кореяи Ҷанубӣ - Сеул | 230 | 150 |
| 185 | Хорватия - Загреб | 170 | 110 |
| 186 | Ҷопон - Токио | 240 | 160 |
| 187 | Ямайка - Кингстон | 170 | 110 |

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи тасдиқи Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ»

Мувофиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо мақсади танзими масъалаҳои санҷиши малумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Тартиби мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, иҷрои талаботи онро дар фаъолияти худ таъмин намоянд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

шаҳри Душанбе
30 декабри соли 2009
№ 700

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» декабри соли 2009
№700 тасдиқ шудааст

# Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ (минбаъд – Тартиб) дар асоси моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, қоидаҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ санҷидани маълумоти пешниҳоднамударо ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ танзим менамояд.

2) Тартиби мазкур нисбати санҷиши маълумот барои дастрас намудани иҷозати коргузории махфӣ татбиқ намегардад.

3) Маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ (минбаъд - маълумоти пешниҳоднамуда), ки зимни ҳалли масъалаи таъин (интихоб) намудани шаҳрванд ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ мавриди санҷиш қарор дода мешаванд, инҳо мебошанд:

- оид ба мавҷудияти доғи судӣ;
- дар бораи бо қарори суд маҳрум гардидан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таҳсилот;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи умумии меҳнатӣ ва ё хизмати давлатӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумот дар бораи даромад ва вазъи молумулкӣ;
- маълумот дар бораи саҳмияҳои дар ташкилотҳои тиҷоратӣ дошта, ки ба боварии эътимоднок супорида шудаанд;

- ҳолати дар ду ва зиёда ҷой кор кардан ба истисноимашғул шудан ба фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи вазъи саломатӣ;
- дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ҳангоми таъин намудан ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии категорияи олӣ, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин (интихоб) карда мешаванд, аз ҷониби сохтори дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

5) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ҳангоми таъин намудан ба мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад.

6) Маълумоти пешниҳоднамудаи дар сархати якум ва дуюми банди 3 Тартиби мазкур зикргардида ҳатман санҷида мешаванд. Дигар маълумотҳои пешниҳоднамудаи дар банди 3 Тартиб зикршуда дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи бандҳои 7 ва 8 Тартиби мазкур санҷида мешаванд.

7) Барои гузаронидани санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда инҳо асос шуда метавонанд:

- зарурати гирифтани маълумоти иловагӣ;
- нопурра ё нодуруст будани қайди ҳуҷҷату санадҳои пешниҳоднамуда;
- шубҳа пайдо кардани роҳбари мақоми давлатӣ, хадамоти кадрӣ ё комиссияи озмунии мақоми давлатӣ оид ба маълумоти пешниҳоднамуда;
- муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- иттилооти воситаҳои ахбори омма;
- дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ҳамчунин мумкин аст бе назардошти асосҳои дар банди 7 Тартиби мазкур пешбинигардида бо супориши роҳбари мақоми давлатӣ интихобан гузаронида шавад.

## 2. Тартиби ташкили санҷиши маълумот

9) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои дар бандҳои 7 ва 8 Тартиби мазкур пешбинигардида бо супориши хаттии роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин (интихоб) намудан ба мансабро дорад (минбаъд - роҳбари мақоми давлатӣ), аз тарафи хадамоти кадрии мақоми давлатӣ гузаронида мешавад.

10) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда мумкин аст дар ҳолатҳои зерин гузаронида шавад:

- ҳангоми пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ҷиҳати иштирок дар озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ;
- ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ;
- ҳангоми гузаронидан (гузаштан) ба дигар мансаби хизмати давлатӣ;
- ҳангоми дар хизмати давлатӣ будан;
- дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11) Мӯҳлати гузаронидани санҷиши маълумоти пешниҳодшуда бо назардошти аз дигар мақомоти давлатӣ талаб карда гирифтани санаду ҳуҷҷатҳои дахлдор на зиёда аз 15 рӯз муқаррар карда мешавад. Бо дархости асосноки санҷишкунанда роҳбари мақоми давлатӣ метавонад мӯҳлати санҷишро то 30 рӯз дароз намояд.

12) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда метавонад як, якчанд ё ҳамаи ҳолатҳои дар банди 3 Тартиби мазкур пешбинишударо дар бар гирад.

13) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ба таври ошкоро бо салоҳдиди роҳбари мақоми давлатӣ гузаронида мешавад.

14) Санҷишкунанда барои муайян намудани ҳолатҳои санҷиш ҳуқуқ дорад аз мақомоти дахлдори давлатӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият тибқи тартиби муқарраргардида санаду ҳуҷҷатҳои заруриро талаб карда гирад, бо нусхаҳои аслии онҳо шинос шуда, нусхаи онҳоро гирад, бо шахсони мутасаддӣ сӯҳбат доир намуда, маълумотнома тартиб диҳад.

15) Мақоми давлатие, ки дархости санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ба ӯ фиристода шудааст, вазифадор аст иҷрои

онро дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур таъмин намояд.

16) Аз тарафи санҷишкунанда талаб карда гирифтан ва санҷидани маълумотҳои дар банди 3 Тартиби мазкур пешбининашуда манъ аст.

17) Санҷишкунанда аз натиҷаи санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда хулоса тартиб дода, онро ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд. Ба хулоса санаду ҳуҷҷат ва дигар маълумоти аз мақомоти дахлдори давлатӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо гирифташуда замима карда мешаванд.

18) Дар сурати ошкор намудани ҳолатҳои дидаву дониста пешниҳод намудани маълумоти нопурра ё нодуруст, ки боиси ба хизмати давлатӣ қабул намудан ва дар хизмати давлатӣ будан гардидаанд, роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси хулосаи хадамоти кадрӣ, ки бо ҳуҷҷату санад ва дигар маълумоти мақомоти дахлдори давлатӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо тасдиқ шудааст, таъини шаҳрвандро ба мансаб рад намуда, хизматчии давлатиро аз мансаби ишғолнамуда озод менамояд.

19) Ба шаҳрванд ва хизматчии давлатӣ дар бораи сабабҳои радкунии таъин ба мансаби давлатӣ ва аз мансаби ишғолнамуда озод намудан ба таври хаттӣ хабар дода мешавад.

20) Агар ҳангоми санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноятӣ муайян карда шавад, хулосаи санҷиш бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ барои қабул намудани қарори дахлдор фиристода мешавад.

21) Дар ҳолати аз хулосаи санҷиши маълумот норозӣ будан шаҳрванд ва хизматчии давлатӣ метавонанд ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё суд муроҷиат намоянд.

### 3. Муқаррароти хотимавӣ

22) Риоя накардани Тартиби мазкур боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

23) Назорати иҷрои Тартиби мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад.

# V. САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОНИ № 59-Д

*аз 14 сентябри соли 2005* *ш. Душанбе*

## «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва бо мақсади ба низом даровардани тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ, фармон медиҳам:

1. Қоидаҳои замимагардидаи тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ тасдиқ карда шавад.

2. Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои муқаррароти муайяннамудаи Қоидаҳои мазкури тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатро таъмин намоянд.

Муовини сардори Раёсат А. Латипов

Бо Фармони
Муовини Сардори Раёсати хизмати
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 14 » сентябри соли 2005
№ 59- д тасдиқ шудааст

# ҚОИДАҲОИ
## тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ

Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ (минбаъд Қоидаҳо) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатиро дар давраи гузаштани (адои) хизмати давлатӣ муайян менамояд.

### I. Қоидаҳои умумӣ

1.Мафҳумҳое, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода мешаванд:

1) идоракунии эътимоднок - фаъолияти сардори ваколатдор дар хусуси аз номи худ идора намудани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ мебошад, ки соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории он ба ӯ дода шудааст ва ба манфиати хизматчии давлатӣ ё манфиати шахси зикрнамудаи он (бадастоварандаи фоида) дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи шартномаҳои идоракунии эътимоднок анҷом дода мешавад;

2) объекти идоракунии эътимоднок - ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ, ки истифодабарии он боиси ба даст даровардани даромад мегардад;

3) сардори ваколатдор - ҳар шахсе (ба ғайр аз мақоми давлатӣ), ки мувофиқи интихоби хизматчии давлатӣ идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти ӯро дар асоси шартномаи дахлдор ба амал мебарорад;

4) бадастоварандаи фоида, ба истисноии сардори ваколатдор ва мақоми давлатӣ, ҳар гуна шахси дигаре буда метавонад.

2. Хизматчии давлатӣ бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ваколатҳои сардори ваколатдорро бо хоҳиши худ муайян менамояд.

3. Хизматчии давлатӣ ба гирифтани даромад аз ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худ, ки ба идоракунии эътимоднок додааст, ҳуқуқ дорад.

4. Ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ боиси гузаштани ҳуқуқи моликият ба ин ҳисса ба сардори ваколатдор намегардад.

## 2.Асосҳо ва тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ

5.Идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ дар асоси шартномаи идоракунии эътимоднок, ки миёни хизматчии давлатӣ ва сардори ваколатдор баста мешавад ва дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд (таъсис дода мешавад).

6. Хизматчии давлатӣ дар давоми як моҳи баъди таъин шудан ба мансаб дар давраи гузаштани (адои) хизмати давлатӣ ӯҳдадор аст ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро ба идоракунии эътимоднок диҳад.

7. Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, нусхаи шартномаи идоракунии эътимодноки аз тарафи нотариус тасдиқ карда шу-

даро ба хадамоти кадрии мақоми давлатии ҷои кораш пешниҳод намояд.

8. Дар сурати пеш аз мӯҳлат бо хоҳиши тарафҳо бекор гаштани шартномаи идоракунии эътимоднок хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки дар ин хусус хадамоти кадрии ҷои корашро огоҳ созад ва ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияташро дар мӯҳлати 1 моҳи баъди бекор карда шудани шартнома аз нав ба идоракунии эътимоднок диҳад.

9. Минбаъд ҳар гуна маълумот оид ба гузаштани мӯҳлати амали шартномаи идоракунии эътимоднок, қатъ ё аз нав тамдид шудани амали он ба хадамоти кадрии мақоми давлатии ҷои кор пешниҳод карда мешавад.

### 3. Кафолатҳои ҳуқуқҳои хизматчиёни давлатие, ки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро ба идоракунии эътимоднок додаанд

10. Маълумотҳо дар хусуси дода шудани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ ба идоракунии эътимоднок ахбороти хизматии мақоми давлатиро ташкил медиҳанд ва фош карда намешаванд.

11. Барои фош намудани ин маълумотҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муқаррар карда мешавад.

### 4. Қоидаҳои хотимавӣ

12. Нусхаи шартномаи идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ дар делои шахсии ӯ нигоҳ дошта мешавад.

13. Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ ӯҳдадор аст, ки беосеб нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва махфиёти маълумоти гирифташударо таъмин намояд. Иҷозати шинос шудан ба ин маълумот ба роҳбари мақоми давлатӣ ва муовинони ӯ, инчунин дар мавриди ва тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода мешавад.

14. Аз тарафи хизматчии давлатӣ пешниҳод накардани маълумот ё пешниҳод кардани маълумоти нодуруст дар бораи додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияташ ба идоракунии эътимоднок мумкин аст барои татбиқи ҷазои интизомӣ асос гардад.

# РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ВАЗОРАТИ ДАРОМАДҲО ВА ПАРДОХТҲОИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШИ № 336/1

*аз 10 октябри соли 2005* *шаҳри Душанбе*

## «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ»

Тибқи банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 № 289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ»:

1. Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Департаменти андози Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи таҳияи талаботи квалификатсионӣ ва системаи музди меҳнати хизматчиёни давлатии Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастурамалҳои мазкурро барои бақайдгирӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

3. Департаменти андози Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи таҳияи талаботи квалификатсионӣ ва системаи музди меҳнати хизматчиёни давлатии Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати як моҳ баъд аз бақайдгирӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастурамалҳои мазкурро барои истифодаи хизматӣ ба мақомоти давлатии марказӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд.

4. Назорат аз болои иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Вазир – Сардори Департаменти андози Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рабиев Т.Ҳ. ва муовини Сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Латипов А.Қ. гузошта шавад.

Вазири даромадҳо ва пардохтҳои
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Бобоев

Муовини Сардори Раёсати
хизмати давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Латипов

Бо Фармоиши Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2005, № 336 тасдиқ шудааст

Бо Фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2005, № 1 тасдиқ шудааст

Аз 19 октябри соли 2005
таҳти № 154
дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ба қайд гирифта шудааст

# ДАСТУРУЛАМАЛИ
## тартиби пур кардани Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ

Дастуруламали мазкур тибқи банди 4 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» таҳия карда шудааст.

Эъломияро оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ (минбаъд - «Эъломия») мутобиқи муқаррароти моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мақоми давлатие, ки ба вазифаи давлатии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) ва аз он озод намуданро дорад, ҳуқуқ дорад дар мавриди ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) намудани шаҳрванд ва аз хизматчии давлатӣ соле як маротиба талаб намояд.

Маълумоти пешниҳоднамуда ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ошкор карда намешавад.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 34 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми «оила» зану шавҳар, фарзандон ва падару модароне, ки якҷоя зиндагӣ менамоянд ва хоҷагии умумиро пеш мебаранд, фаҳмида мешавад.

Дар Эъломия амволе нишон дода мешавад, ки арзиши воқеиаш зиёда аз 2000 (ду ҳазор) маоши ҳадди ақали моҳонаро ташкил медиҳад ва инчунин қарзҳо ва дигар ӯҳдадориҳои дорои

характери молиявӣ дошта (аз он ҷумла дар хориҷа), ки андозаашон аз 500 (панҷсад) маоши ҳадди ақали моҳона зиёд мебошанд.

Сатрҳои эъломия ба тарзи зерин пур карда мешаванд:

- сатри 1-маълумотҳои ин сатр аз ҷониби мақоми давлатӣ дарҷ карда мешавад;
- сатри 2-ному насаб мувофиқи шиносномаи шаҳрвандӣ;
- сатри 3 -рақами мушаххаси андозсупоранда дар асоси шиносномаи шаҳрвандӣ ё гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда дарҷ карда мешавад;
- сатри 4-суроғаи маҳалли истиқомати воқеӣ ва суроғае, ки дар шиносномаи шаҳрвандии хизматчии давлатӣ қайд карда шудааст;
- сатри 5-рақами телефонҳо: ҷои истиқомат, корӣ ва мобилӣ;
- сатри 6 –вазифаи шаҳрванд, ки барои ишғоли мансаби давлатии хизмати давлатӣ довталаб мебошад ва мансаби давлатие, ки хизматчии давлатӣ дар рӯзи пешниҳоди Эъломия ишғол менамояд бо нишон додани номи ташкилот, муассиса, корхона, мақоми давлатӣ.
- сатри 7- соли ҳисоботие, ки барои он Эъломия пешниҳод карда мешавад;
- сатрҳои 8-9 ва 13-арзиши амволи хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи ӯ дар охири давраи ҳисоботӣ аз рӯи маълумоти мақомоте, ки амволро ба қайд мегирад (аз рӯи арзиши инвентаризасионӣ) нишон дода мешавад.
- Барои амволе, ки бо асъори хориҷӣ нархгузорӣ шудааст, арзиши он ба ҳисоби сомонӣ аз рӯи қурби муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар охири давраи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.
- сатри 10 - маблағе (арзише), ки ҳангоми харидани воситаҳои нақлиёт хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи ӯ пардохт намудаанд;
- сатрҳои 11-12 – маблағҳои пулӣ ва саҳмияҳое, ки хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи ӯ дар бонкҳо (аз ҷумла дар хориҷа) ва муассисаҳои тиҷоратӣ доранд ва маблағҳои қарзҳои гирифташуда;
- сатри 14 - ҷамъи маблағи (арзиши) сатрҳои 8-13.

Бо Фармоиши Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2005, № 336 тасдиқ шудааст

Бо Фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2005, № 1 тасдиқ шудааст

# Дастуруламали тартиби пур кардани Эъломия оид ба андоз аз даромади хизматчии давлатӣ

Дастуруламали мазкур тибқи банди 4 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» таҳия карда шудааст.

Эъломия оид ба андоз аз даромади хизматчии давлатӣ (минбаъд - «Эъломия») мутобиқи муқаррароти моддаи 197 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ба мақомоти андози ҷои зисти хизматчии давлатӣ, ки дар он хизматчии давлатӣ ҳамчун андозсупоранда ба қайд гирифта шудааст, дар чунин ҳолатҳо пешниҳод карда мешавад:

- ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ;
- ҳар сол на дертар аз 1 апрели соли минбаъдаи ҳисоботӣ.

Мутобиқи моддаи 123 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти андоз вазифадоранд маълумотҳои Эъломияро махфӣ нигоҳ дошта, ҳамагуна маълумотҳои Эъломияро танҳо мувофиқи қонунгузории амалкунанда ё бо иҷозати хаттии хизматчии давлатӣ ба дигар шахс диҳанд.

Мутобиқи моддаи 34 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми «оила» зану шавҳар, фарзандон ва падару модароне, ки якҷоя зиндагӣ менамоянд ва хоҷагии умумиро пеш мебаранд, фаҳмида мешавад.

Сатрҳои эъломия бо тарзи зерин пур карда мешаванд:

- сатри 1- маълумотҳои қисми рости ин сатр аз ҷониби мақомоти андоз дарҷ карда мешавад;

– сатри 2 - ному насаби Эъломиядиҳанда мувофиқи шиносномаи шаҳрвандӣ;
– сатри 3 - рақами мушаххаси андозсупоранда дар асоси шиносномаи шаҳрвандӣ ё гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда дарҷ карда мешавад;
– сатри 4 - суроғаи маҳалли истиқомати воқеӣ ва суроғае, ки дар шиносномаи шаҳрвандии хизматчии давлатӣ қайд карда шудааст;
– сатри 5 - рақами телефонҳои ҷои истиқомат, кор ва мобилӣ;
– сатри 6 – вазифаи шаҳрванд, ки барои ишғоли мансаби давлатии хизмати давлатӣ довталаб мебошад ва мансаби давлатие, ки хизматчии давлатӣ дар рӯзи пешниҳоди Эъломия ишғол менамояд бо нишон додани номи ташкилот, муассиса, корхона, мақоми давлатӣ.
– сатри 7- соли ҳисоботие, ки барои он Эъломия пешниҳод карда мешавад;
– сатрҳои 8-15 - маълумот оид ба даромадҳои хизматчии давлатӣ, ки дар соли ҳисоботӣ гирифтааст, нишон дода мешавад.

Мутобиқи моддаи 161 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба хизматчиёни давлатӣ маош (даромад) медиҳанд, дар давоми 30 рӯзи баъди ба охир расидани соли ҳисоботӣ вазифадоранд дар мӯҳлати 10 рӯз ба хизматчиёни давлатӣ бо талаби онҳо маълумотнома оид ба даромадашон ва маблағи андози аз хизматчиёни давлатӣ нигоҳдоштаашон диҳанд.

Бинобар ин барои тасдиқ намудани маълумотҳои сатрҳо 8-15 ба хизматчии давлатӣ зарӯр аст, ки аз ҷои кори асосӣ ва аз дигар манбаҳои даромад маълумотномаҳо талаб намуда, ҳангоми пур кардани Эъломия аз онҳо истифода намояд.

Барои даромадҳое, ки бо асъори хориҷӣ ба даст оварда шудаанд, арзиши даромад ба ҳисоби сомонӣ аз рӯи қурби муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи гирифтани даромад ба ҳисоб гирифта мешавад.

Баъди пешниҳоди Эъломия нозироти андоз вазифадор мебошад ба хизматчии давлатӣ дар бораи пешниҳод карда шудани Эъломия маълумотнома диҳад (намунаи маълумотнома замима мегардад), ки он дар делои шахсии (парвандаи) хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

**РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОНИ №33-д**

*аз 2 августи соли 2007* *ш. Душанбе*

## «Дар бораи тартиби Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ»

Бо мақсади муайян намудани тартиби савгандёдкунии хизматчии давлатӣ ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани он фармон медиҳам:

Тартиби замимагардидаи Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ тасдиқ карда шавад.

Муовини Сардор А. Латипов

Замимаи 1

## Тартиби Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ

Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ аз талаботи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бармеояд, ки тибқи он шаҳрванде, ки бори аввал ба хизмати давлатии маъмурӣ қабул мешавад, дар ҳузури кормандони мақомоти давлатӣ ботантана савганд ёд мекунад.

Хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳарбӣ, ки дар мақомоти зикршуда савганд ёд кардаанд, дар вақти ба кор ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ гузаштан савганд ёд намекунанд. Савгандёдкунии худро онҳо бо гувоҳномаи мақомоти зикршуда тасдиқ мекунанд, ки он дар делои шахсии онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Савгандёдкунии хизматчии давлатӣ дар толори махсус, ки дар он рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, гузаронида мешавад. Он нишон, ифодаи иродаи масъулияти шаҳрванди ба хизмати давлатӣ дохилшуда дар назди ҷомеа ва давлат аст, инчунин ифодаи таҳкими давлату давлатдорӣ, рушди хизмати давлатӣ ва устувории ҳайати дастгоҳи давлатӣ мебошад.

Маросими савгандёдкунӣ бо сухани ифтитоҳии роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин ва озод кардани хизматчии давлатиро дорад, гузаронида мешавад.

Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад ташкил ва гузаронидани ин маросимро ба зиммаи муовин, роҳбари воҳиди сохторӣ ва хадамоти кадрӣ вогузор намояд.

Дар маросими савгандёдкунӣ даъват кардани дигар шахсони мансабдор ва кормандони воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ мумкин аст.

Шахси савгандёдкунанда ба минбар баромада, матни савгандро мехонад, ки матни он чунин аст:

«Ман (ному насаб), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хизмати давлатӣ қабул шуда, ботантана ва бо ҳисси масъулияти баланди ватандӯстӣ савганд ёд мекунам:

– адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда,

- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда,
- дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ гирифта,
- тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат намуда,
- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром намуда, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ ҳисоб мекунам.

Барои вайрон намудани савганди ёдкардаам худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобам».

Баъди хондани савганд хизмачии давлатӣ бо имзои худ ва санаи рӯз маросими савгандёдкуниро тасдиқ менамояд ва аз ҳамон лаҳза ба хизмати давлатӣ дохилгардида эътироф мешавад.

Матни савганд дар делои шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

Маросими савгандёдкунӣ бо баён шудани суханони табрикотии иштироккунандагон ва садо додани гимни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом мерасад.

Замимаи 2
Ба фармони муовини сардори
Раёсати хизмати давлатии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 августи соли 2007
№ 33-д тасдиқ шудааст

## Савганди
## хизматчии давлатӣ

Ман, _______________, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон
(ному насаб)
ба хизмати давлатӣ қабул шуда, ботантана ва бо ҳисси масъулияти баланди ватандӯстӣ савганд ёд мекунам:

- адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда,
- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда,
- дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ гирифта,
- тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат намуда,
- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром намуда, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ ҳисоб мекунам.

Барои вайрон намудани савганди ёдкардаам худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобам.

| ____________________ | ____________________ | ____________________ |
| --- | --- | --- |
| санаи рӯз | имзо | ному насаб |

**РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШИ № 75-Д**

*аз «13 » декабри 2007* *ш. Душанбе*

## «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Бо мақсади татбиқи моддаҳои 8 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фармоиш медиҳам:

1. Қоидаҳои замимагардидаи пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

2. Пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи бахши таҳияи махзани маълумот ва тестии Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад.

3.Роҳбарони мақомоти марказӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тибқи шаклҳои замимашуда ва мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Қоидаҳои мазкур ба Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намоянд.

Муовини Сардор А. Латипов

Аз 28 декабри соли 2007 таҳти № 331 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайди давлатӣ гирифта шудааст

Бо фармоиши муовини сардори Раёсати хизмати ба давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2007, № 75-Д тасдиқ шудааст

# ҚОИДАҲОИ
## пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.Қоидаҳои пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Қоидаҳои мазкур) тартиби пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатиро муайян менамояд.

2.Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Феҳрист) - махзани ягонаи маълумот ва иттилоот оид ба теъдоди умумӣ ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатии дастгоҳи давлатӣ мебошад, ки дар асоси шарҳи ҳол ва фаъолияти касбии хизматчиёни давлатии алоҳида тартиб дода шуда, ба маълумоти дорои сирри давлатӣ ва хизматӣ мансуб дониста мешавад.

3.Феҳрист ҳамчун маҷмӯи рӯйхати хизматчиёни давлатӣ бо мақсади таъмин намудани корҳои иттилоотӣ - таҳлилии хизмати давлатӣ **дар шакли электронӣ ташкил карда мешавад.**

4.Мақсад аз ташаккули Феҳрист аз инҳо иборат аст:

– таҳияи махзани ягонаи маълумот ва иттилоот оид ба теъдоди умумӣ ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи иттиллои пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ;
– истифодаи махзани ягонаи маълумот ва иттилоот ҳангоми баҳодиҳӣ ба ҳолат, таъмини болоравии касбии хизматчии давлатӣ ва иқтидори кадрии хизмати давлатӣ.

5.Феҳристи ягонаи марказонидашуда аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар асоси Феҳристи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ пеш бурда мешавад.

6.Пешбурди Феҳрист корҳои зеринро дар бар мегирад:

– ҷамъоварии махзани ягонаи маълумот оид ба хизматчиёни давлатӣ;

– баҳисобгирӣ ва ба низоми муайян даровардани маълумот, тибқи шакли муқарраршуда ва маҳфуз нигоҳ доштани онҳо;
– ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Феҳрист ҳангоми тағйир ёфтани ҳайати сифатии кадрҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ;
– ташкил, дастрас намудани маводҳои иттилоотӣ барои коркард ва истифодаи хизматии ин маълумот.

7.**Дар бораи хизматчии давлатӣ ба Феҳрист дохил карда мешавад**:

– маълумоти шарҳи ҳол дар бораи хизматчии давлатӣ (ному насаб, сана ва ҷои таваллуд, ҷинс, миллат ва рақами шиноснома);
– маълумот дар бораи мансаби ишғолнамуда (санаи таъин ба мансаб, рақами фармон, рутбаи тахассусӣ, тартиби қабул (озмун ё тибқи гузариш), категория;
– маълумот дар бораи таҳсилот (кай ва кадом мактаби олиро хатм кардааст), тахассус, таҳсилоти иловагии касбӣ, унвони илмӣ, санаи гирифтани дараҷаи илмӣ;
– забондонӣ (донистани забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, олмонӣ ва дигар забонҳо;
– донишҳои компютерӣ ва кор дар барномаҳои компютерӣ MS Word, MS Excel, MS Access, E-MAIL, INTERNETва ғайраҳо);
– маълумот дар бораи бозомӯзӣ ва такмили ихтисос (дар ҷумҳурӣ, дар хориҷа, ташкилоти маблағгузор);
– собиқаи корӣ (собиқаи умумӣ, собиқаи хизмати давлатӣ);
– музди меҳнат (рақами мушахасси андозсупоранда, маоши мансабӣ, иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ, иловапулӣ барои собиқаи кор дар хизмати давлатӣ, иловапулӣ барои иҷрои корҳои махсуси муҳим);
– аттестатсияи хизматчии давлатӣ (санаи баргузории аттестатсия, гузаштан ба кори дигар, таъин шудан ба мансаби дигар, натиҷаи аттестатсия ва ғ);
– захира (ному насаб, санаи таваллуд, таҳсилот, тахассус, мансаби ишғолнамуда, мансаби пешниҳоднамуда, номи ташкилот);

- ҳавасмандгардонӣ (номгӯи ордену медалҳо, унвонҳои фахрӣ, ифтихорнома ва ғ.);
- ӯҳдадориҳои ҳарбӣ (рутбаи низомӣ, ҳайат, намуди қӯшун);
- муҷозоти интизомӣ (сарзаниш, танбеҳ,озодкунӣ аз кор, огоҳии ба мансаб мувофиқ набудан, мавқуф гузоштани додани рутба);
- ҳайати оила (вазъи оилавӣ, чанд кӯдак, аз ҷумла то 18 сола);
- ҷои истиқомат (суроға, телефони корӣ ва хонагӣ).

8.Маълумоти дар банди 7 Қоидаҳои мазкур зикршуда аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ ё шахсони масъуле, ки кори кадриро дар мақоми давлатӣ пеш мебаранд, тибқи шакли замимаи №1 дар мӯҳлати муқарраршуда **ҳар нимсола** бо имзои роҳбари мақомоти давлатӣ ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

9.Маълумот оид ба тағйирёбии сифатии ҳайати кадрҳои хизмати давлатӣ **ҳар моҳ** мувофиқи шакли муқарраршуда (замимаҳои 2 ва 3) ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ пешниҳод карда шуда, ба Феҳрист дохил карда мешавад.

10.Маълумоти ба Феҳрист дохил карда шуда, хусусияти махфӣ дошта, дастрас кардани он тибқи иҷозатномаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ сурат мегирад.

11. Маълумот дар бораи хизматчии давлатӣ бо супориши хаттии роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизматӣ дар ҳолатҳои зерин дода мешавад:

- бо талаби шахсии хизматчии давлатӣ, бо қайд дар хусуси аз тарафи хизматчии давлатӣ гирифтани ин маълумот;
- бо дархости хаттии роҳбари мақомоти давлатӣ барои истифодабарии хизматӣ.

12. Пешниҳоди саривақтии маълумот оид ба тағйироти сифатии ҳайати кадрҳои хизмати давлатӣ ба зиммаи роҳбарони аввали мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ вогузор карда мешавад.

13.Пешбурди кор бо Феҳрист, маҳфуз ва махфӣ нигоҳ доштани маводи он аз тарафи роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ таъмин карда мешавад.

14. Барои вайрон кардани талаботи Қоидаҳои мазкур, шахсони мутассадӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 1
Ба Қоидаҳои
пешбурди Феҳристи
хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Муқаррароти умумӣ**

Махзани маълумот дар бораи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қоидаҳои пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз тарафи **бахши таҳияи махзани маълумот ва тестии Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад.**

**I. Маълумот дар бораи хизматчии давлатӣ**

Ин боб аз ду қисм иборат аст. Қисми аввал маълумоти хусусияти шахсӣ доштаро (насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, ҷои таваллуд, ҷинс, миллат, рақами шиноснома) дар бар гирифта, дар асоси қайдҳои шиносномаи шаҳрвандӣ пур карда мешавад.

Қисми дуюм аз маълумот дар бораи фаъолияти хизматчии давлатӣ (маълумоти хизматӣ) иборат буда, маълумот дар бораи мансаби ишғолкарда, маълумот дар бораи таҳсилот, забондонӣ ва кор дар компютер, маълумот дар бораи такмили ихтисос, аттестатсия, захира, ҷавобгарии интизомӣ, музди меҳнат, мукофотҳо, собиқаи корӣ, ӯҳдадории ҳарбӣ ва инчунин

маълумоти хусусияти шахсӣ дошта оид ба ҳайати оила ва ҷои истиқомати хизматчии давлатиро дар бар мегирад, ки ҳар яке аз ин масъалаҳо дар бобҳои алоҳида тавзеҳот дода мешаванд.




## Маълумот дар бораи мансаби ишғолкарда

Хизматчии давлатӣ ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд. Маълумот дар бораи мансаб, номи мансаб, санаи таъин, рақами фармон, тартиби қабул, категорияи мансаб ва рутбаи тахассусиро дар бар мегирад.



## Маълумот дар бораи таҳсилот

Маълумот дар бораи таҳсилот, таҳсилоти иловагии касбӣ, унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ дар асоси диплом ва сертификат муайян мегардад.




## Маълумот оид ба донистани забонҳо ва дониши компютерӣ

Дар ин боб маълумот оид ба донистани забони давлатӣ ва дигар забонҳо, малакаи кор дар компютер ва дигар васоити техникӣ пурра дарҷ карда мешавад.



## I. Маълумот дар бораи такмили ихтисоси хизматчии давлатӣ

Дар ин боб хизматчии давлатие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ аз такмили ихтисос гузашта, таҳсили онҳо бо шаҳодатномаҳо ва сертификатҳои дахлдор тасдиқ мегардад.

### Такмили ихтисоси хизматчии давлатӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ин қисм хизматчии давлатие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва дигар муассисаҳои таълимии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили ихтисос намудаанд.

Дар ин сатр номи Донишкада, барнома ва мӯҳлати таҳсил нишон дода мешавад.

Дар ҳолате, ки корманд якчанд маротиба такмили ихтисос намуда бошад, нишондодҳо такрор мешаванд.



## Такмили ихтисоси хизматчии давлатӣ дар муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ

Дар ин қисм хизматчии давлатие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ аз рӯи барномаи алоҳида такмили ихтисос намудаанд.

Номи давлат, барнома ва мӯҳлати таҳсил нишон дода мешавад.

Дар ҳолате, ки хизматчии давлатӣ дар хориҷа якчанд маротиба такмили ихтисос намуда бошад, нишондодҳо такрор мешаванд.




## Маблағи пардохти хароҷоти курсҳои такмили ихтисоси хизматчии давлатӣ

Дар боби маблағ пардохти хароҷоти (маблағҳои) курсҳои такмили ихтисоси хизматчии давлатӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва давлатҳои хориҷӣ нишон дода мешавад, ки манбаи маблағгузории он аз ҳисоби давлат ё аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ иборат аст.

Хароҷоти асъори хориҷӣ ба асъори миллӣ, ки дар вақти ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта шудани хизматчии давлатӣ аз тарафи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, нишон дода мешавад.




**Аттестатсияи хизматчии давлатии маъмурӣ**

Ин боб маълумотро оид ба хизматчии давлатие, ки аз аттестатсия гузаштааст дар бар мегирад ва дар асоси Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ таҳия мешавад.

Ҳангоми пур кардани ин боб баҳогузории пешбининамудаи Низомномаи зикргардида қайд карда мешавад, ки хизматчии давлатӣ:

ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат менамояд;

ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқ нест.



## Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ

Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меърии хуқуқии танзимкунандаи захираи кадрҳои хизмати давлатӣ қайд карда мешавад.




## Ҷавобгарии интизомӣ

Ин боб тибқи талаботи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» пур карда шуда, дар он намудҳои муҷозоти интизомии нисбати хизматчии давлатӣ пешбинӣ шуда, аз қабили: сарзаниш, танбеҳ, то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ, паст кардан дар мансаб ва аз мансаб озод кардан ва вақти дода шудани онҳо қайд карда мешавад.



## Музди меҳнати хизматчии давлатӣ

Ин боб маълумотро оид ба музди меҳнати хизматчии давлатӣ дар бар мегирад. Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» музди меҳнати хизматчии давлатӣ аз маоши мансабӣ, иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои рутбаи тахассусӣ ва иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ бо назардошти иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ музди меҳнат иборат аст.




## Мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ин боб хизматчии давлатие нишон дода мешавад, ки ба мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофотҳои давлатҳои хориҷӣ мушарраф гардидааст.

Ин боб дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пур карда шуда, мукофотҳои давлатӣ, аз ҷумла ордену медалҳо ва унвонҳо бо нишондоди санаи додани онҳо қайд мегардад.




**Собиқаи умумӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ**

Собиқаи умумӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ тибқи талаботи қонунгузории нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳисоб кардани собиқаи умумӣ ва собиқаи хизмати давлатиро ба танзим медароранд, дар асоси қайдҳои дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ муайян карда мешавад.



**Ӯҳдадории ҳарбӣ**

Ба ӯҳдадории ҳарбӣ рутбаи низомӣ, ҳайат ва намуди қӯшун дохил карда мешавад.




**Ҳайати оилаи хизматчии давлатӣ**

Ин боб тибқи нишондоди шиноснома, маълумотномаи иловагӣ ва нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи вазъи оилавии хизматчии давлатӣ қайд карда мешавад.




**Ҷои истиқомати хизматчии давлатӣ**

Дар асоси шиноснома ва маълумотнома аз ҷои истиқомат пур карда мешавад.

Дар ҳолате, ки хизматчии давлатӣ дар як ҷо номнавис шудаву дар дигар макон зиндагӣ намояд, ҳарду ҳолатро нишон додан зарур аст.



Замимаи 2
Ба Қоидаҳои пешбурди Феҳристи
хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Маълумот
**оид ба тағйироти сифатии ҳайати кадрҳои ____________________**
**_________________________________ ба ҳолати ________ соли ____**
(номи мақоми давлатӣ)

| т/р | Ному насаб | Номгӯи мансаб | Дар асоси кадом санад (кай, моҳ ва сол) иваз карда шуд | Сабаби ивазшавӣ |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |

Роҳбари хадамоти кадрӣ ________________ ___________________
имзо (ному насаб)

«_____» __________ соли ____

Ҷои мӯҳр

Замимаи 3
Ба Қоидаҳои пешбурди Феҳристи
хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маълумот**
**оид ба ҷойҳои холӣ (вакансия)**
дар ______________________________ ба ҳолати _______ соли ____
(номи мақоми давлатӣ)

| т/р | Номгӯи мансаб | Мансуби кадом категория | Аз кадом вақт холӣ гардида-аст (моҳ ва сол) |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |

Роҳбари хадамоти кадрӣ ________________ ___________________
имзо (ному насаб)

«_____» ___________ соли ____

Ҷои мӯҳр

**РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШИ № 3**

*аз «06» августи соли 2008* *шаҳри Душанбе*

## «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Бо мақсади муқаррар намудани тартиби ягонаи пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фармон медиҳам:

1. Қоидаҳои замимагардидаи пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд.

2. Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот делои шахсии хизматчиёни давлатиро бо талаботи Қоидаҳои мазкур мутобиқ намоянд.

3. Ба корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ тавсия дода шавад, ки бо мақсади таъмини ягонагии ҳуҷҷатгузории мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ дар таҳия ва пешбурди делои шахсии кормандон Қоидаҳои мазкурро ба роҳбарӣ гиранд.

4. Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифтан мавриди амал қарор дода шаванд.

5. Ба шӯъбаи таъминоти ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ супорида шавад, ки бо тартиби муқарраргардида дар бораи аз эътибор соқит донистани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисоон аз 6 майи соли 2003 № 1072 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби пешбурди делои шахсии шахсоне, ки мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва мансабҳои давлатии хизмати давлатиро ишғол менамоянд» таклиф пешниҳод намояд.

Сардори Раёсат Ҷ. Давлатов

Аз 13 августи соли 2008
№435 дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ба қайди давлатӣ гирифта
шудааст

Бо фармоиши сардори Раёсати
хизмати давлатии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 06 » августи соли 2008
№ 3 тасдиқ шудааст

# ҚОИДАҲОИ ПЕШБУРДИ ДЕЛОИ ШАХСИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Қоидаҳо) дар асоси моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия шуда, тартиби аз тарафи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ тартиб додан ва пеш бурдани делои шахсии хизматчиёни давлатии шаҳрвандии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Қоидаҳои мазкур нисбати делоҳои шахсии ишғолкунандагони мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ низ татбиқ мегарданд.

2. Делои шахсии хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – делои шахсӣ) - маҷмӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳое мебошад, ки дар онҳо маълумотҳои мувофиқи ҳамин Қоидаҳо муқарраркардашудаи шахсӣ ва хизматии хизматчиёни давлатӣ маҳфуз дошта мешаванд. Шакли намунавии делои шахсии хизматчии давлатӣ замима карда мешавад (замимаи 1).

3. Делои шахсӣ дорои нишонаи «барои истифодаи хизматӣ» мебошад ва ошкор намудани маълумотҳои он ба ғайр аз ҳолатҳои дар ҳамин Қоидаҳо пешбиникардашуда манъ аст.

4. Барои хизматчии давлатӣ дар тамоми давраи фаъолият танҳо як делои шахсӣ тартиб дода мешавад. Барои ишғолкунандагони мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизматчиёни давлатие, ки таъини (пешниҳоди) онҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори болоӣ анҷом дода мешавад, мумкин аст, аз тарафи мақомоти таъинкунанда (пешниҳодкунанда) делои шахсии иловагӣ кушода шавад.

5. Пешбурди делои шахсӣ аз тарафи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатии ҷои кор ва пешбурди делои шахсии иловагӣ аз тарафи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти таъинкунанда (пешниҳодкунанда) амалӣ карда мешавад. Ҳангоми пешбурди делои шахсии иловагӣ низ Қоидаҳои мазкур татбиқ карда мешаванд.

## II. САНАДҲО ВА ҲУҶҶАТҲОИ ДЕЛОИ ШАХСӢ

6. Дар делои шахсӣ чунин санадҳо ва ҳуҷҷатҳо ба фаслҳои зерин тақсим карда шуда, маҳфуз дошта мешаванд:

- **дар фасли I:**
  - варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ (шакли намунавии он замима карда мешавад - замимаи 2);
  - тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ (шакли намунавии он замима карда мешавад - замимаи 3);
  - нусхаи шиноснома;
  - нусхаи шаҳодатномаҳои дахлдори сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ;
  - нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дараҷаи илмӣ ва такмили ихтисос (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
  - маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 086УЕ (бо шакли аз тарафи мақомоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардашуда);
  - нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда;
  - маълумотномаҳо оид ба пешниҳод намудани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва эъломияҳо оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ (бо шакли аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардашуда).
- **дар фасли II:**
  - нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар бораи таъин кардан, озод намудан ва гузаронидан ба дигар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;
  - нусхаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ;
  - нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо, шартномаҳо) оид ба дароз намудани мӯҳлати дар хизмати давлатӣ будан;

- маълумотнома оид ба доғи судӣ;
- матни имзошудаи савганди хизматчии давлатӣ;
- забонхат дар бораи ошкор накардани маълумоти дорои сирри давлатӣ ва дигар сирҳои бо қонун ҳифзшаванда.

- **дар фасли III:**
  - нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар бораи додани рутбаҳои тахассусӣ, дараҷавӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ва дигар унвонҳои махсус (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
  - нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
  - нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ва бардоштани муҷозоти интизомӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
  - варақаҳои аттестатсионӣ (бо шакли аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардашуда);
  - варақаи шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахсӣ (шакли намунавии он замима карда мешавад - замимаи 4);
  - номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсии хизматчии давлатӣ (шакли намунавии он замима карда мешавад - замимаи 5);
  - дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи аслӣ).

7. Ҳуҷҷатҳои дар фасли I, нусхаи санадҳо дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва дафтарчаи меҳнатии дар фасли III делои шахсӣ нигоҳдошташаванда аз тарафи ишғолкунандагони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ба хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ барои ҳамроҳ кардан ба делои шахсӣ пешниҳод карда мешаванд. Нусхаи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои бо забонҳои ғайридавлатӣ тартибдодашуда дар якҷоягӣ бо тарҷумаи онҳо бо забони давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари дар банди 4 Қоидаҳои мазкур пешбинигардида аз тарафи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ ба делои шахсӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

8. Маълумоти пешниҳоднамудаи ишғолкунандагони мансабҳои давлатии маъмурии категорияҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум, ки таъин ва озод намудани

онҳо ба салоҳияти роҳбари мақоми давлатӣ вогузор шудааст, тибқи тартиби муқарраршуда аз ҷониби хадамоти кадрии (корманди масъули) ин мақомот санҷида мешаванд.

9. Маълумоти пешниҳоднамудаи ишғолкунандагони мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои давлатии сиёсӣ ва маъмурии категорияҳои олӣ ва якум, ки таъин ва интихоби онҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, аз ҷониби сохтори ваколатдори кадрии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷида мешаванд.

10. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои муқарраргардида дар делои шахсӣ маҳфуз дошта мешаванд ва саҳифаҳои он бо қалам рақамгузорӣ карда мешаванд.

11. Ба делои шахсӣ ҳамроҳ намудани дигар санадҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ карда нашудаанд, манъ аст.

## III. ТАРТИБ ДОДАН ВА ПЕШБУРДИ ДЕЛОҲОИ ШАХСӢ

12. Барои ҳар як хизматчии давлатӣ на дертар аз 7 рӯзи қабул шудан ба хизмати давлатӣ делои шахсӣ тартиб дода мешавад. Минбаъд ҳар як илова низ ба делои шахсӣ дар давоми 7 рӯз баъди ба амал омадани тағйирот ворид карда мешавад.

13. Хароҷотҳо оид ба кушодан, тартиб додан ва пешбурди делои шахсӣ аз ҳисоби маблағҳои дар сатри 2.1.1 «Хароҷоти конселярӣ, воситаҳои аёнӣ ва китобҳои дарсӣ»-и сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти барои соли ҳисоботӣ муайянгардидаи мақомоти давлатӣ анҷом дода мешаванд.

14. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳо дар ҳар фасли делои шахсии хизматчии давлатӣ бо тартиби дар банди 4 Қоидаҳои мазкур нишондодашуда маҳфуз дошта мешаванд. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои монандшакл пайдарпай (сол ба сол, моҳ ба моҳ, рӯз ба рӯз) маҳфуз дошта мешаванд.

15. Шаҳрвандон ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳоли худро пешниҳод менамоянд, ки онҳо бо дасти худ пур карда мешаванд.

16. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ҳангоми маротибаи аввал ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин шудани хизматчии давлатӣ тартиб дода мешавад.

17. Дар варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ маълумоти зарурии муқаррааргардида нишон дода шуда, расми андозаи 4х6 дар ҷойи муқаррааргардида ҷойгир карда шуда, санаи тартиб додани он нишон дода шуда, дурустии он бо имзои шахсӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми ба дигар мақомоти давлатӣ ба кор гузаштан ва ба синни 45 – солагӣ расидан варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ аз нав тартиб дода мешавад.

18. Тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ шарҳи маълумотҳои шахсӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва хизматии хизматчии давлатӣ буда, онҳо мухтасар, дақиқ ва фаҳмо нишон дода мешаванд.

19. Тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ нишондодҳои зеринро дар бар мегирад:

- насаб, ном, номи падар (пурра), рӯз, моҳ, сол ва ҷои таваллуд (аз рӯи номи имрӯза), баромади иҷтимоӣ;
- таҳсилот, кай ва кадом муассисаҳои таълимиро хатм кардан (номҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таҳсилот), ихтисоси хизматчии давлатӣ;
- фаъолияти меҳнатӣ (номҳо аз рӯи дафтарчаи меҳнатӣ);
- мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (номи мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ, сана ва асоси гирифтан);
- хизмат дар қувваҳои мусаллаҳ;
- маълумотҳо оид ба вазъи оилавӣ ва хешовандони наздик (падар, модар, бародарон, хоҳарон, зан, фарзандон, падару модари зан бо нишон додани насаб, ном, номи падар, сол ва ҷои таваллуд, дар куҷо ва дар кадом мансаб кор мекунанд, ҷои истиқомат);
- дигар маълумотҳое, ки ворид намудани онҳо зарур шуморида мешаванд.

20. Дар тарҷумаи ҳол санаи тартиб додани он нишон дода шуда, он бо имзои шахсӣ тасдиқ карда мешавад.

21. Дар ҳолати тағйир ёфтани маълумотҳои тарҷумаи ҳол хизматчии давлатӣ аз нав тарҷумаи ҳол пур карда, барои илова намудан ба делои шахсӣ ба хадамоти кадрӣ (корманди масъул) месупорад.

22. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳол дар асоси санадҳо ва ҳуҷҷатҳои аслӣ бо истифодаи як ранг бо дасти худ пур карда мешаванд. Дар ин ҳуҷҷатҳо ба ихтисори номҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, инчунин ворид намудани ислоҳ роҳ дода намешавад.

23. Назорат аз болои дурустӣ ва пуррагии маълумотҳои варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ ба зиммаи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ гузошта мешавад.

24. Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ ё бо дархости корманди масъули хадамоти кадрӣ дар утоқи кории хадамоти кадрӣ ё дигар ҷойи муайянкардашуда дар иштироки корманди масъули хадамоти кадрӣ бо делои шахсии худ шинос шавад.

25. Ҳолати бо делои шахсии худ шинос шудани хизматчии давлатӣ дар варақаи шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахсӣ қайд мегардад.

26. Мақсад аз шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахси худ аз инҳо иборат аст:

– назорат аз болои дурустии сабтҳои санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ ва иловаҳои ба онҳо воридшаванда;
– ошкор намудани зарурати ворид намудани иловаҳо ба санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ;
– муайян намудани пуррагии санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ;
– назорати мувофиқати сабти санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ бо дафтарчаи меҳнатӣ.

27. Ҳангоми бо делои шахсии худ шинос шудани хизматчии давлатӣ, аз тарафи ӯ ба делои шахсӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо манъ аст. Ин амал аз тарафи корманди масъули хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ анҷом дода мешавад. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳол бо тартиби дар ҳамин Қоидаҳо пешбинигардида аз тарафи хизматчии давлатӣ аз нав тартиб дода шуда, ба хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ супорида мешаванд.

28. Бо мақсади осон намудани истифодаи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ, онҳо дар номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ бо тартиби хронологӣ ворид карда мешаванд.

Номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ аз тарафи хадамоти кадрӣ (корманди масъул) тартиб дода мешавад. Ҳангоми тартиб додани номгӯи нав номгӯи қаблӣ аз делои шахсӣ хориҷ карда мешавад.

## IV. ВАЗИФАҲОИ ХАДАМОТИ КАДРИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАРТИБ ДОДАН ВА ПЕШБУРДИ ДЕЛОИ ШАХСӢ

29. Вазифаи хадамоти кадрӣ оид ба кушодан, таҳия ва пешбурди делои шахсӣ аз инҳо иборат аст:

- кушодани делои шахсӣ ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ;
- пешбурди делои шахсӣ тибқи муқаррароти Қоидаҳои мазкур;
- ба делои шахсӣ ворид намудани иловаҳо, аз ҷумла ворид намудани қайдҳои зарурӣ ба дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ;
- таъмини пуррагии санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ;
- таъмини саҳеҳӣ, дурустӣ ва бехато пур кардани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ ва иловаҳои ба он воридкардашуда;
- нигоҳдории делои шахсии хизматчиёни давлатӣ;
- бо дархости шифоҳии хизматчии давлатӣ додани делои шахсӣ барои шинос шудан;
- тибқи тартиби муқарраргардида талаб карда гирифтани маълумотнома оид ба доғи судии хизматчии давлатӣ;
- риояи тартиби дархост намудан, гирифтан ва фиристодани делои шахсӣ;
- тибқи тартиби муқаррарнамуда ба бойгонӣ супоридани делои шахсӣ;
- риояи таъмини махфияти маълумотҳои делои шахсӣ;
- иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар Қоидаҳои мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди делои шахсӣ пешбинӣ гардидаанд.

30. Роҳбари хадамоти кадрии (кормандони масъули) мақомоти давлатӣ барои пешбурд ва нигоҳдории делои шахсии хизматчиёни давлатӣ ва фош накардани маълумоти дар делоҳои шахсӣ мавҷудбуда масъулияти шахсӣ дорад.

## V. ВАЗИФАҲОИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ПЕШБУРДИ ДЕЛОИ ШАХСӢ

31. Вазифаҳои хизматчии давлатӣ оид ба пешбурди делои шахсӣ аз инҳо иборат аст:

– ба хадамоти кадрӣ (корманди масъул) пешниҳод намудани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор барои сари вақт тартиб додани делои шахсӣ;
– пешниҳод намудани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор барои ба делои шахсӣ ворид намудани иловаҳо;
– тартиб додани варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ, тарҷумаи ҳол ва масъулияти шахсӣ оиди пурра, дуруст ва объективӣ будани маълумотҳои онҳо;
– таъмини саҳеҳӣ, дурустӣ ва бехато пур кардани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ ва ворид намудани илова ба онҳо;
– иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар Қоидаҳои мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди делои шахсӣ пешбинӣ гардидаанд.

## VI. ТАРТИБИ НИГОҲ ДОШТАНИ ДЕЛОҲОИ ШАХСӢ

32. Делоҳои шахсӣ дар давраи фаъолияти хизматчии давлатӣ дар ҷевони махсуси утоқи кории хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ нигоҳ дошта мешаванд.

33. Роҳбари мақомоти давлатӣ вазифадор аст, ки ба хадамоти кадрӣ (корманди масъул) шароити зарурии нигоҳдории делоҳои шахсии хизматчиёни давлатиро таъмин намояд.

34. Делои шахсии хизматчии давлатии ба истеъфо ё ба нафақа баромада ё бо дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати давлатии онҳо қатъгардида, дар хадамоти кадрии мақомоти дахлдори давлатӣ дар мӯҳлати 15 сол аз рӯзи қатъ шудани хизмати давлатӣ нигоҳ дошта шуда, пас аз он ба бойгонӣ супорида мешавад.

35. Ҳангоми ба мақомоти дигари давлатӣ ё ташкилоти давлатӣ гузаштани хизматчии давлатӣ делои шахсии ӯ дар асоси дархости роҳбари ҳамин мақомот (ташкилот) тавассути алоқаи махсус фиристода мешавад.

36. Мақомоти давлатӣ ё ташкилоте, ки делои шахсии хизматчии давлатиро қабул намудааст, ӯҳдадор аст, ки ирсолкунандаро оид ба қабули делои шахсӣ хаттӣ хабардор намояд.

## VII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

37. Санҷиши риояи Қоидаҳои мазкур аз тарафи мақомоти болоӣ ва мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ карда мешавад ва шахсони ваколатдори ин мақомот ҳуқуқи санҷидани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсиро доро мебошанд.

38. Ба дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони сеюм ба ғайр аз ҳолатҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ошкор намудани маълумотҳои делои шахсӣ манъ аст.

39. Риоя накардани муқаррароти Қоидаҳои мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад.

Замимаи 1
Ба Қоидаҳои пешбурди делои
шахсии хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**«Барои истифодаи хизматӣ»**

# Делои
# шахсии хизматчии давлатӣ
# №______

___________________________
*(насаб)*

___________________________
*(ном)*

___________________________
*(номи падар)*

# Тартиби
# пешбурди делои шахсии хизматчии давлатӣ

Барои ҳар як хизматчии давлатӣ на дертар аз 7 рӯзи қабул шудани ӯ ба хизмати давлатӣ, аз ҳисоби маблағҳои дар сатри 2.1.1 «Хароҷоти конселярӣ, воситаҳои айёнӣ ва китобҳои дарсӣ»-и сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти барои соли ҳисоботӣ муайянгардидаи мақомоти давлатӣ делои шахсии шаклаш муқарраргардида кушода мешавад.

Делои шахсӣ аз муқова ва се фасл иборат аст. Дар болои муқова навиштаҷоти «Барои истифодаи хизматӣ», «Делои шахсии хизматчии давлатӣ» ва «№__» сабт карда шуда, барои насаб, ном ва номи падари хизматчии давлатӣ ҷой ҷудо карда мешавад. Дар саҳифаи дохили муқова ҳамин Тартиб ҷой дода мешавад.

Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки ба хадамоти кадрии (корманди масъули) мақоми давлатӣ нусхаҳои аслӣ ва стандартии санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдорро барои тартиб додани делои шахсӣ пешниҳод намояд.

Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои барои делои шахсӣ пешниҳодшуда ба се фасл ҷудо карда шуда, бо тартиби муқарраршуда маҳфӯз дошта мешаванд.

Дар фасли I санадҳо ва ҳуҷҷатҳои зерин маҳфуз дошта мешаванд:

- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ;
- тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи шаҳодатномаҳои дахлдори сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дараҷаи илмӣ ва такмили ихтисос (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 086УЕ;
- нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда;
- маълумотномаҳо оид ба пешниҳод намудани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва эъломияҳо оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ.

Дар фасли II санадҳо ва ҳуҷҷатҳои зерин маҳфуз дошта мешаванд:

- нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар хусуси таъин кардан, озод намудан ва гузаронидан ба дигар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;
- нусхаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ;
- нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо, шартномаҳо) оид ба дароз намудани мӯҳлати дар хизмати давлатӣ будан;
- маълумотнома оид ба доғи судӣ;
- матни имзонамудаи савганди хизматчии давлатӣ;
- забонхат дар бораи ошкор накардани маълумоти дорои сирри давлатӣ.

Дар фасли III санадҳо ва ҳуҷҷатҳои зерин маҳфуз дошта мешаванд:

- нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар хусуси ба хизматчии давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ, дараҷавӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ва дигар унвонҳои махсус (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
- нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
- нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ва бардоштани муҷозоти интизомӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
- варақаҳои аттестатсионӣ;
- варақаҳои шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахсӣ;
- номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсии хизматчии давлатӣ.

Дар саҳифаи дохилии охири муқоваи делои шахсии хизматчии давлатӣ лифофа барои нигоҳ доштани дафтарчаи меҳнатӣ ҷой дода мешавад.

Замимаи 2
Ба Қоидаҳои пешбурди делои
шахсии хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Варақаи шахсии
баҳисобгирии кадрӣ

| Ҷой барои расм (ҳаҷми 4х6) |
|---|

1. Насаб ______________________________
Ном________________________________
Номи падар__________________________
2. Ҷинс______________________________
3. Рӯз, моҳ ва соли таваллуд_____________
4.Ҷои таваллуд _________________________
_____________________________________
_____________________________________

(деҳа, шаҳрак, ноҳия, шаҳр, вилоят мувофиқи тақсимоти марзиву маъмурии ҷорӣ – аз рӯи номи имрӯза)

5. Миллат ____________________________________________
6.Баромади иҷтимоӣ ____________________________________
7. Таҳсилот___________________________________________

| **Номи муассисаи таълимӣ ва маҳали ҷойгиршавии он (номҳо аз рӯи диплом)** | **Факултет ё шӯъба** | **Оғози таҳсил** | **Анҷоми таҳсил ё қатъи он** | **Агар хатм накарда бошад, курси қатъ намудани таҳсил** | **Ихтисос, тахассус бо нишон додани рақами диплом ё шаҳодатнома** |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

8. Донистани забонҳои хориҷӣ_______________________________

____________________________________________________________

(озодона, ба воситаи луғат)

9. Дараҷа ва унвони илмӣ ___________________________________

10. Корҳои илмӣ ва ихтироот ________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

11. Фаъолияти меҳнатӣ (аз ҷумла: таҳсил дар муассисаҳои ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии касбӣ). Ҳангоми пур кардани банди мазкур номгӯи мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо тавре номбар мешаванд, ки дар санаи нишондодашуда чунин номгузорӣ шудаанд. Хизмати ҳарбӣ бо нишон додани мансаб сабт карда мешавад.

| **Моҳ ва соли** | | **Мансаб бо нишон додани номи мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилот** | **Маҳали ҷойгиршавии ташкилот, мақоми давлатӣ** |
|---|---|---|---|
| **дохил шудан** | **хориҷ шудан** | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

12. Такмили ихтисос________________________________________

__________________________________________________________

| **Номи муассисаи таълимӣ, курсҳои такмили ихтисос ва маҳали ҷойгиршавии онҳо** | **Номи барно-маи таълимӣ** | **Давраи такмили ихтисос** | **Санади тасдиққунандаи такмили ихти-сос** |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

13. Будубош дар хориҷа______________________________________

| Моҳ ва сол | | Мамлакати будубош | Мақсади будубош дар хориҷа (кор, сафари хизматӣ, ҳамроҳ бо ҳайат ва дигар мақсадҳо) |
|---|---|---|---|
| аз кадом вақт | то кадом вақт | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

14. Интихоб дар мақомоти намояндагии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ

| Маҳали ҷойгиршавии мақоми намояндагӣ | Номи мақомоти намояндагӣ | Ба ҳайси кӣ интихоб шудан | Соли | |
|---|---|---|---|---|
| | | | интихоб | қатъи ваколат |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

15.Мукофотҳои давлатӣ ______________________________________

(номи мукофоти давлатӣ, сана ва асоси гирифтан)

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

16.Мукофотҳои соҳавӣ ________________________________________

_______________________________________________________________

(номи мукофоти соҳавӣ, мақоме, ки кормандро сарфароз намудааст, сана ва асоси гирифтан)

______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

17. Ӯҳдадории ҳарбӣ ва рутбаи ҳарбӣ________________________
______________________________________________________________
(ҳайати фармондеҳӣ, сиёсӣ, маъмурӣ ва ғайра)

Навъи қӯшун____________________________________________

18.Рутбаи тахассусии хизмати давлатӣ ______________________
(номи рутба, сана ва асоси гирифтан)
______________________________________________________________
______________________________________________________________

19. Вазъи оилавӣ ҳангоми пур кардани варақаи шахсӣ_________
______________________________________________________________
(насаб, ном, номи падари зан (шавҳар), фарзандон бо нишон додани рӯз, моҳ, соли таваллуд )
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Суроғаи ҷои истиқомат:__________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

«_____»__________соли 200__ Имзои шахсӣ_____________
(санаи пур кардан)

Замимаи 3
Ба Қоидаҳои пешбурди делои
шахсии хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ТАРҶУМАИ ҲОЛИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

1. Насаб, ном, номи падар, рӯз, моҳ, сол ва ҷои таваллуд (аз рӯи номи имрӯза)
2.Таҳсилот, кай ва кадом муассисаҳои таълимиро хатм кардан (номҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таҳсилот)
3.Фаъолияти меҳнатӣ (номҳо аз рӯи дафтарчаи меҳнатӣ)

___________________________
(насаб)

___________________________
(ном)

___________________________
(номи падар)

«      » _______соли 200__
(санаи пур кардан)

4.Мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ
5.Хизмат дар қувваҳои мусаллаҳ
6.Маълумот оид ба вазъи оилавӣ ва хешовандони наздик (падар, модар, бародарон, хоҳарон, зан, фарзандон, падару модари зан бо нишон додани насаб, ном, номи падар, сол ва ҷои таваллуд, дар куҷо ва дар кадом мансаб кор мекунанд, ҷои истиқомат)
7.Дигар маълумоте, ки сабти онро хизматчии давлатӣ зарур мешуморад

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

(имзои шахсӣ)

Эзоҳ: Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки хадамоти кадриро оид ба тамоми тағйироти нишондодҳои пешбининамудаи тарҷумаи ҳол бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар мӯҳлати 7 рӯз баъди ба амал омадани тағйирот огоҳ намояд.

Замимаи 4
Ба Қоидаҳои пешбурди делои
шахсии хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Варақаи
# шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахсӣ

| Р/т | Насаб, ҳарфҳои аввали ном ва номи падар | Мансаби ишғолнамуда | Санаи шиносшавӣ бо делои шахсӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Замимаи 5
Ба Қоидаҳои пешбурди делои
шахсии хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Номгӯи
# санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсии
# хизматчии давлатӣ

______________________________________________________________

______________________________________________________________
(насаб, ном, номи падари хизматчии давлатӣ ва мансаби ишғолнамуда)

| **Р/т** | ***Номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳо*** | **Санаи ворид намудани ҳуҷҷатҳо ба делои шахсӣ** | **Миқдори саҳифаҳо** |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Шахси масъул : ____________________ ______________________________
(имзо) (ҳарфи аввали ном ва насаб)

## РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШИ № 153

*аз «_24_» __августи___ соли 2011* *шаҳри Душанбе*

## «Дар бораи тасдиқи Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаҳои 8 ва 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва банди 8 Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2007 №264 тасдиқ карда шудааст, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатии маъмурӣ ва таъмини мувофиқати онҳо ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, фармоиш медиҳам:

1. Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мешавад).

2. Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот зимни интихоб ва ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатии маъмурӣ муқаррароти Дастурамали талаботи тахассусии мазкурро риоя карда, дастурамалҳои мушаххаси мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти худро мувофиқи он таҳия ва тасдиқ намоянд.

3. Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки то мавриди амал қарор гирифтани он дар мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин шудаанд, татбиқ намегардад. Таъиноти минбаъдаи онҳо ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқи ҳамин Дастурамал анҷом дода шавад.

4. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, баъди бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2008 №4 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали талаботҳои тахассусӣ нисбати ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи 2008, таҳти рамзи №36 ба қайд гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

Муовини сардори Раёсат Г. Қосимов

Аз 26 сентябри соли 2011 №436 «а» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Бо фармоиши муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз « 24 » августи соли 2011 № 153 тасдиқ шудааст

# ДАСТУРАМАЛИ ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Дастурамали талаботи тахассусӣ) меъёри асосии хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Барои ишғолкунандагони категорияҳои мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд, зарур аст.

3. Барои хизматчиёни давлатӣ мунтазам баланд бардоштани тахассуси касбӣ (на камтар аз як маротиба дар 3 сол) ҳатмист.

4. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ дигар талаботи тахассусӣ, ки дар ҳамин санад ва бо назардошти хусусиятҳои соҳа дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳатмӣ мебошанд.

5. Дастурамали талаботи тахассусии мазкур ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва идоракунии ҳарбӣ низ татбиқ мегардад.

## 2. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

6. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 8 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 10 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба инсон, шаҳрвандон ва кормандон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

7. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

8. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

9. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

10. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

11. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

12. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

– таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.
– 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

## 3. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ МАҚОМОТИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ВАЗОРАТҲО, КУМИТАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА СОХТОРҲОИ ОНҲО, ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

13. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

14. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

15. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

16. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

17. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

18. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

19. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

20. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

## 4. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ДАСТГОҲҲОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

21. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

22. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

23. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки

вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

24. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

25. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

26. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

27. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

28. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

## 5. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ДАСТГОҲҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ, СУДИ ОЛӢ, СУДИ ОЛИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

29. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

30. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

31. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

32. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

33. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

34. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

35. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

36. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

## 6. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ИДОРАҲОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МАҚОМОТИ ДИГАРИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

37. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

38. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– малакаи хуби муоширот бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

39. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муоширот бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

40. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муоширот бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

41. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

42. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

43. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

44. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

## 7. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

45. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

46. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

47. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

48. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

49. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

## 8. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ НАМОЯНДАГИҲОИ ДОИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШКИЛОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, БАЙНИДАВЛАТӢ (БАЙНИҲУКУМАТӢ)

50. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

51. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

52. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

53. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

54. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муоширaт бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

55. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муоширaт бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

56. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

57. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

## 9. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ДАСТГОҲИ РАИСИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН, ВИЛОЯТ, ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ШАҲР, НОҲИЯ, СОХТОРҲОИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОБЕИ РАИСИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН, ВИЛОЯТ, ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ШАҲР, НОҲИЯ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ МАҚОМОТИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ

58. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

59. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

60. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

61. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

62. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

63. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

64. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

– таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

65. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

## 10. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ

66. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

67. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

68. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

69. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

70. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

71. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

## 11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

72. Шахсоне, ки муқаррароти Дастурамали талаботи тахассусии мазкурро вайрон мекунанд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШИ № 64**

*аз «_12_» __майи___ соли 2011* *шаҳри Душанбе*

# «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мувофиқи моддаҳои 8 ва 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва банди 8 Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2007 №264 тасдиқ карда шудааст:

1) Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мешаванд).

2) Мақомоти марказӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо назардошти муқаррароти Қоидаҳои мазкур дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти худро таҳия ва тасдиқ намоянд.

3) Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4) Фармоиши сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2009 №2 «Дар бораи тасдиқи Тавсияҳои методӣ оид ба тартиби таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Муовини сардори Раёсат Г. Қосимов

| | |
|---|---|
| Аз 20 июни соли 2011<br>№ 614<br>дар Вазорати адлияи<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>ба қайди давлатӣ гирифта<br>шудааст | Бо фармоиши муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз «12» майи соли 2011<br>№64 тасдиқ карда шудааст |

# ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ ДАСТУРАМАЛҲОИ МАНСАБИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1) Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои қисми 2 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, тартиби таҳия, тасдиқ, маҳфуз доштан ва истифодаи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмуриро муайян мекунад.

2) Амали Қоидаҳои мазкур нисбати хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ татбиқ намегардад.

3) Дастурамали мансабӣ - санадест, ки номгӯи мансаби хизмати давлатӣ, талаботи тахассусии мушаххас нисбати ишғолкунандагони мансаби мазкур, ӯҳдадориҳои мансабӣ, ҳуқуқ ва масъулияти хизматчии давлатиро пешбинӣ менамояд.

4) Мақсади таҳияи дастурамалҳои мансабӣ:

– иттилоотонии довталабон ва ишғолкунандагони мансабҳо оид ба талаботи тахассусии мушаххас, ӯҳдадориҳо, ҳуқуқҳо ва масъулияти ишғолкунандагони мансабҳо;
– ташкили фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ;
– истифодаи хулосаҳои натиҷаи фаъолият ҳангоми гузаронидани аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, додани рутбаҳои тахассусӣ, дараҷавӣ ва унвонҳои махсус, муайян намудани эҳтиёҷ ба таҳсил ва такмили ихтисос, татбиқи ҳавасмандгардонӣ ва додани муҷозоти интизомӣ.

5) Дастурамалҳои мансабӣ вобаста ба ҳар як мансаби маъмурии хизмати давлатӣ таҳия гардида, хусусияти ғайриинфиродӣ доранд ва бо фармоиши (қарори) роҳбари мақоми давлатие, ки ҳуқуқи таъин намудан ба мансаби давлатиро дорад ва/ё дар доираи ӯҳдадориҳои мансабии ӯ тасдиқи дастурамалҳои мансабӣ дохил шудааст (минбаъд - роҳбари мақоми давлатӣ), тасдиқ карда мешаванд. Мумкин аст, ки як, якчанд ва ё ҳамаи дастурамалҳои мансабӣ бо як фармоиши (қарори) роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

6) Дастурамалҳои мансабӣ барои ҳар як мансаби давлатии маъмурӣ бояд алоҳида бо тартибе таҳия карда шаванд, ки иҷрои онҳоро тафтиш ва баҳодиҳӣ намудан мумкин бошад.

## 2. ӮҲДАДОРИҲОИ ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲИЯИ ДАСТУРАМАЛҲОИ МАНСАБӢ

7) Дар раванди таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабӣ барои мансабҳои хизмати давлатии маъмурӣ роҳбарони воҳидҳои сохторӣ (раёсат, шӯъба, бахш) масъул мебошанд. Дар ин ҷараён хизматчии давлатии маъмурӣ, ки бевосита ин мансабро ишғол менамояд (дар ҳолате, ки мансаб холӣ набошад), хадамоти кадрӣ ва хадамоти ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва инчунин ҳангоми зарурат роҳбари болоии воҳиди сохтории мақомоти давлатӣ ҷалб карда мешаванд.

8) Роҳбари воҳиди сохторӣ:

- маълумоти аввалияро, ки барои таҳияи дастурамалҳои мансабӣ заруранд, ҷамъ меорад;
- дастурамалҳои мансабиро барои мансабҳои сохторҳои худ тибқи талаботи боби 3 Қоидаҳои мазкур таҳия менамояд;
- дар ҳолати ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ӯҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва/ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии воҳиди сохторӣ (раёсат, шӯъба, бахш) ва/ё худи мақоми давлатӣ дастурамалҳои мансабиро аз нав дида мебарояд;
- дастурамалҳои мансабии таҳияшударо бо хадамоти кадрӣ ва ҳуқуқӣ (ҳуқуқшинос) ва дар ҳолати зарурат бо дигар воҳидҳои сохторӣ, инчунин шахсони мансабдори дахлдор мувофиқа менамояд.

9) Хадамоти ҳуқуқӣ (ҳуқуқшинос):

– мутобиқати дастурамалҳои мансабии пешниҳодшударо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори соҳавӣ месанҷад.

10) Хадамоти кадрӣ:

– ҷараёни таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабиро дар воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ назорат менамояд;
– дастгирии методӣ, ташкилӣ ва техникиро вобаста ба масъалаҳое, ки ба раванди таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабии воҳидҳои сохтории (раёсатҳои, шӯъбаҳои, бахшҳои) мақоми давлатӣ дахл доранд, таъмин менамояд;
– барои шинос кардани роҳбарони воҳидҳои сохторӣ бо Қоидаҳои мазкур, инчунин мувофиқатии шакли дастурамалҳои мансабии таҳиягардида бо ҳамин Қоидаҳо масъул мебошад;
– нусхаи ниҳоии лоиҳаи дастурамалҳои мансабиро барои тасдиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд.

## 3. ТАРТИБИ ТАҲИЯИ ДАСТУРАМАЛҲОИ МАНСАБӢ

11) Пеш аз номи дастурамалҳои мансабӣ дар кунҷи болоии тарафи рост нишондодҳои бо фармоиши (қарори) роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқгардида, санаи тасдиқ ва рақами ин фармоиш (қарор) ва мӯҳри нишондори мақомоти давлатии дахлдор ҷой дода мешаванд.

Дар номи санади меъёрии ҳуқуқӣ номи пурраи мансаб, воҳиди сохторӣ ва мақоми давлатӣ дарҷ карда мешаванд.

Таркиби дастурамалҳои мансабӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

1. Муқаррароти умумӣ
2. Талаботи тахассусӣ
3. Ӯҳдадориҳои мансабӣ
4. Ҳуқуқҳо
5. Масъулият
6. Муқаррароти хотимавӣ

12) Дар бобҳои дахлдори дастурамалҳои мансабӣ бояд маълумоти зерин дарҷ шаванд:

а) Дар боби 1 Муқаррароти умумӣ:

– номи пурраи мансаб бо нишон додани номи воҳиди сохторӣ ва номи мақоми давлатӣ;

- категорияи мансаби маъмурии хизмати давлатӣ мутобиқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тартиби таъин ва озод намудан мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мансаби мазкур ба кӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад;
- ба мансаби мазкур кӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад (агар мавҷуд бошанд);
- дар мавриди зарурӣ киро хизматчии давлатии маъмурии мазкур метавонад иваз намояд ва кӣ метавонад мансаби ишғолнамудаи ӯро иваз намояд;
- ишғолкунандаи мансаби мазкур бо кадом шахсони мансабдор ва воҳидҳои сохторӣ ҳамкорӣ менамояд.

б) Дар боби 2 Талаботи тахассусӣ:

Дар ин боб талаботи тахассусии муқарраргардида, ки тибқи онҳо хизматчии давлатӣ таъин (интихоб) мегардад, нишон дода мешаванд. Дар баробари нишон додани тахассус, собиқаи умумии меҳнатӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ, инчунин барои хизматчии давлатӣ донистани муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, таърих ва фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд, бояд пешбинӣ карда шавад.

| |
|---|
| Масалан: Боби ба таҳсилот дахлдошта бо ин тартиб мушаххас гардонида мешавад:<br>– барои мансабҳои шӯъбаи ҳуқуқ - таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;<br>– барои мансабҳои хадамоти кадрӣ- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ё гуманитарӣ;<br>– барои мансабҳои шӯъбаи молия - таҳсилоти олии молиявӣ;<br>– барои мансабҳои шӯъбаи иқтисод - таҳсилоти олии иқтисодӣ. |

Талаботи тахассусӣ шартан ба ду зербанди ҳатмӣ тақсим мешаванд:

– талаботи умумӣ ба таҳсилот, собиқаи корӣ, малака ва донишҳои соҳа, ки ба ҳамаи хизматчиёни давлатии маъмурии мансаби категорияи мазкур пешбинӣ мешаванд;
– талаботи махсус ба таҳсил, собиқаи корӣ, малака ва дониш, ки барои кор кардан дар мақомоти давлатӣ зарур мебошанд.

Масалан:
– дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ;
– дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ дар соҳаи дахлдор.

в) Дар боби 3 Ӯҳдадориҳои мансабӣ:

Дар боби мазкур ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ муайян карда мешаванд. Пеш аз таҳияи ин боб бояд таҳлили фаъолият ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он дар асоси қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, барномаҳои дахлдор, низомномаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он, нақшаҳои кории тасдиқгардида, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифода намудани онҳо дар таҳияи дастурамалҳои мансабӣ гузаронида шавад.

Ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ дар асоси вазифаҳои мақоми давлатӣ, воҳидҳои сохторӣ ва таъиноти функсионалии мансаб тартиб дода мешаванд.

Дар ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ бояд вазифаҳои асосӣ муайян карда шаванд. Муқаррароти ӯҳдадориҳо бояд кори воқеан иҷрошавандаро инъикос намоянд ва ба мақсадҳои мансаби мазкур мутобиқат кунанд.

Ӯҳдадориҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии воҳиди сохториро бо тартибе таҳия кардан зарур аст, ки тамоми вазифаҳои ин воҳиди сохторӣ ба кормандон тақсим гардида, ягон вазифаҳои воҳиди сохторӣ берун аз доираи ӯҳдадориҳои кормандон намонанд ва ҳолатҳои такрорёбии ӯҳдадориҳои хизматчиёни давлатии маъмурӣ асоснок карда шаванд.

Ӯҳдадориҳои мансабие, ки дар мувофиқа бо роҳбар ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандон иҷро карда мешаванд, бояд бо ишораҳои «дар мувофиқа бо ...», «дар якҷоягӣ бо ...» нишон дода шаванд.

Тавсия дода мешавад, ки дар матни ӯҳдадориҳои мансабӣ ибораҳои «...амалӣ менамояд», «...ташкил мекунад», «...баррасӣ менамояд», «...иҷро мекунад», «...назорат мекунад», «...иштирок мекунад», «...таъмин менамояд» ва ғайра истифода бурда шаванд.

> Масалан:
>
> – лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти воҳиди сохторӣ дахлдоштаро таҳия менамояд;
> – дар санҷишҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд;
> – мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд;
> – бо супориши роҳбари воҳиди сохторӣ ё роҳбари мақоми давлатӣ дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақоми давлатӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақоми давлатӣ иштирок намуда, ба роҳбари воҳиди сохторӣ гузориш/ҳисобот пешниҳод менамояд.

г) Дар боби 4 Ҳуқуқҳо:

Дар ин боб номгӯи ҳуқуқҳои мансабӣ пешбинӣ мешаванд, ки хизматчии давлатии маъмурӣ дар доираи салоҳияти худ метавонад ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ истифода барад. Барои муайян намудани ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ, низомномаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансаби мазкурро ба танзим медароранд, асос шуда метавонанд.

Ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз хусусияти ӯҳдадориҳои хизматии ба зиммаи ӯ вогузоргардида вобаста буда, барои иҷрои саривақтӣ ва сифатноки онҳо бояд кифоя бошанд.

Масалан:
– аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии ӯҳдадориҳои мансабӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида талаб карда гирад;
– дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
– ба роҳбари воҳиди сохторӣ ва/ё роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи ӯҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;

д) Дар боби 5 Масъулият:

Дар ин боб доираи масъулияти хизматчии давлатии маъмурӣ пешбинӣ карда мешавад.

Масалан:
– барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд;
– барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ;
– мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин ва дар мансаб будан;
– барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;
– барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
– барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва сирри

дигаре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои риоя накардани интизоми меҳнатӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва/ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда.

е) Дар боби 6 Муқарраároти хотимавӣ:

Дар боби мазкур тартиби нигоҳдорӣ ва истифодаи дастурамалҳои мансабӣ пешбинӣ мегардад.

13) Дастурамалҳои мансабӣ дар ду нусха тартиб дода мешаванд.

Нусхаи якуми дастурамалҳои мансабӣ баъди тасдиқ дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта мешавад. Нусхаи дуюмро хадамоти кадрӣ баъди гирифтани имзо ва нишон додани ному насаб ва сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ба хизматчии давлатии маъмурӣ месупорад.

Ба хизматчии давлатие, ки дар оянда ба мансаби мазкур таъин мешавад, дастурамали мансабӣ бо чунин тартиб супорида мешавад.

Тартибдиҳии дастурамалҳои мансабӣ дар ду нусха бо супоридани яке аз онҳо ба хизматчии давлатӣ ҳолатҳои худсарона дигар намудани онҳоро аз байн мебарад.

14) Роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ ҳамчунин ҳуқуқ доранд барои истифодаи хизматӣ нусхаи дастурамалҳои мансабиро гиранд, ки дар ин хусус дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ сабт карда мешавад.

**РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**АЗ «16» АВГУСТИ СОЛИ 2010 №151**

**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**АЗ «17» АВГУСТИ СОЛИ 2010 № 8**

# ФАРМОИШ

## «Дар бораи тасдиқи ҳисоботи омори давлатии шакли №1-ХД «Ҳисобот дар бораи теъдод ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатӣ»» (семоҳа, нимсола, почтавӣ) ва Дастурамал оид ба пур кардани он

Мутобиқи қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», банди 8 Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 3 ва 5 Низомномаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқан бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2007, №264 ва 22 апрели соли 2010, №862 тасдиқ карда шудаанд:

1) Ҳисоботи омори давлатии шакли №1-ХД «Ҳисобот дар бораи теъдод ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатӣ» (семоҳа, нимсола, почтавӣ) ва Дастурамал оид ба пур кардани он тасдиқ карда шавад (замима мегарданд).

2) Ҷамъоварӣ ва коркарди ҳисоботи омори давлатии зикршуда ба зиммаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интишор ва паҳн намудани он ба зиммаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

3) Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4) Фармоиши сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 майи соли 2009, №17 «Дар бораи татбиқи Дастурамал оид ба пур кардани Ҳисоботи

омори давлатии шакли №1-ХД «Ҳисобот дар бораи теъдод ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатӣ» (семоҳа, нимсола, почтавӣ) ва қарори раиси Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2008, №10 «Дар бораи тасдиқ кардани шакли ҳисоботи омории №1-ХД (семоҳа, нимсола, почтавӣ) «Ҳисобот дар бораи теъдод ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатӣ» ва «Дастурамал оид ба пур кардани ҳисоботи омори давлатии шакли №1-ХД» аз эътибор соқит дониста шаванд.

5) Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Муовини сардори Раёсати
хизмати давлатии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Г. Қосимов

Директори Агентии
омори назди Президен-
ти Ҷумҳурии
Тоҷикистон
Б. Муҳаммадиева

## ҲИСОБОТИ ОМОРИ ДАВЛАТӢ

| |
|---|
| Тартиби пешниҳод ва истифодаи ҳисоботи давлатии омор тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» ва талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ пешбинӣ карда шудааст. |
| Махфияти ҳисоботи оморӣ тибқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» таъмин карда мешавад |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Классификатори умумии ҳуҷҷатгузории идоравӣ (КУҲИ)** | **Классификатори умумии муассисаҳо ва ташкилотҳо (КУМТ)** | **Классификатори умумии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (КУФИ)** | **Классификатори умумии соҳаҳои хоҷагии халқ (КУСХХ)** | **Классификатори умумии мақомоти идоракунии давлатӣ (КУМИД)** | **Классификатори умумии тақсимоти объектҳои ҳудудии маъмурӣ (КУТОҲМ)** | **Классификатори шаклҳои моликият (КШМ)** | **Классификатори шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ (КШТҲ)** |
| **Р А М З Ҳ О** | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Шакли №1-ХД
Бо фармоиши якҷояи
Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 августи соли 2010 № 151 ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 2010 №8 тасдиқ карда шудааст.

Кварталӣ (семоҳа), нимсола - почтавӣ;
Ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соле ду маротиба ҳисоботи нимсола ва солона баъди 20 рӯзи давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

## ҲИСОБОТ
## ДАР БОРАИ ТЕЪДОД ВА ҲАЙАТИ СИФАТИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ БА ҲОЛАТИ ТО «____» ______________СОЛИ 20__

| | |
|---|---|
| Пешниҳод менамояд: | Мӯҳлати пешниҳод ба Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Мақомоте, ки нисбати кормандонаш талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» татбиқ мегардад | 10 апрел; 10 июл;<br>10 октябр; 10 январ; |
| Номи мақомоти давлатӣ: | |
| Суроға: | |
| Телефонҳо: | |

Фасли I

# Маълумот

оид ба теъдоди хизматчиёни давлатии ________________ то «___» ________________ соли 20__

(номи мақоми давлатӣ) (семоҳа, почтавӣ)

| р/т | Номгӯи мансабҳо | Шумораи умуми штатҳои хизмати давлатӣ | Шумораи чойҳои холии хизмати давлатӣ | Шумораи хизматчиёни давлатӣ | Ҷинс | | Миллат | | | | | Ҷои таваллуд | | | | | | Таҳсилот | | | | | | | Ихтисос | | | | | | | Синни миёнаи хизматчиёни давлатӣ | | | | | Собиқаи хизмати давлатӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Мард | Зан | Тоҷик | Рус | Ӯзбек | Қирғиз | Дигар миллатҳо | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | Шаҳри Душанбе | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Давлатҳои ИДМ | Миёнаи умумӣ | Миёнаи касбӣ | Олии нопурра (бакалавр) | Олӣ (магистр) | Дорои 2 таҳсилоти олӣ | Номзади илм | Доктори илм | Молиявӣ, иқтисод | Кишоварзӣ | Муҳандисию техникӣ | Омӯзгорӣ | Ҳуқуқшиносӣ | Тиббӣ | Дигар ихтисосҳо | Аз 18 то 28 – сола | Аз 29 то 35 – сола | Аз 36 то 45 – сола | Аз 46 то 58 – сола | Аз 59 то 63 – сола | Аз 63 сола боло | То 5 сол | Аз 5 то 10 сол | Аз 10 то 15 сол | Аз 15 то 20 сол | Зиёда аз 20 сол |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 | 41 | 42 | 43 |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Фасли II

# Маълумот

оид ба теъдоди хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти худидоракунии маҳаллии ноҳияи (шаҳри) ________________ то «___» ____________ соли 20__

(семоҳа, почтавӣ)

| р/т | Номгӯи мансабҳо | Шумораи умуми штатҳои хизмати давлатӣ | Шумораи чойҳои холии хизмати давлатӣ | Шумораи хизматчиёни давлатӣ | Ҷинс | | Миллат | | | | | Ҷои таваллуд | | | | | | Таҳсилот | | | | | | | Ихтисос | | | | | | | Синни миёнаи хизматчиёни давлатӣ | | | | | Собиқаи хизмати давлатӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Мард | Зан | Тоҷик | Рус | Ӯзбек | Қирғиз | Дигар миллатҳо | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | Шаҳри Душанбе | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Давлатҳои ИДМ | Миёнаи умумӣ | Миёнаи касбӣ | Олии нопурра (бакалавр) | Олӣ (магистр) | Дорои 2 таҳсилоти олӣ | Номзади илм | Доктори илм | Молиявӣ, иктисод | Кишоварзӣ | Муҳандисию техникӣ | Омӯзгорӣ | Ҳуқукшиносӣ | Тиббӣ | Дигар ихтисосҳо | Аз 18 то 28 – сола | Аз 29 то 35 – сола | Аз 36 то 45 – сола | Аз 46 то 58 – сола | Аз 59 то 63 – сола | Аз 63 сола боло | То 5 сол | Аз 5 то 10 сол | Аз 10 то 15 сол | Аз 15 то 20 сол | Зиёда аз 20 сол |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 | 41 | 42 | 43 |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Фасли III

**Маълумот**

оид ба тағйироти сифатии ҳайати кадрҳои ________________________________________

(номи мақоми давлатӣ)

то « _____»____________________ соли 20__

(семоҳа, почтавӣ)

| р/т | Насаб, ном, номи падар | Номгӯи мансабҳо | Санаи ивазшавӣ (таъин кардан, ба кори дигар гузаронидан, озод намудан) | Асоси ивазшавӣ |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | | |

Фасли IV

**Маълумот**

оид ба мансабҳои холӣ (вакансияҳо) дар________________________________________

(номи мақоми давлатӣ)

то «_____» ______________________ соли 20__

(семоҳа, почтавӣ)

| **р/т** | **Номгӯи мансабҳо** | **Номгӯи категорияҳо** | **Аз кадом вақт (моҳ ва сол) холӣ гардидааст** |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| Ҳамагӣ | | | X |

Фасли V

**Маълумот**

оид ба захираи кадрҳои мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ дар ____________________________ то «_____»________________________соли 20___

(номи мақоми давлатӣ) (нимсола, почтавӣ)

| **р/т** | **Номгӯи категорияҳо и мансабхои хизмати давлатии ба захира пешниҳодшаванда** | **Шумораи умумии кадрҳои дар захирабуда то давраи ҳисоботӣ / аз ҷумла занон** | **Шумораи ба захираи кадрҳо воридшудагон дар давраи ҳисоботӣ** | | | **Шумораи аз захираи кадрҳо хориҷ кардашудагон** | | | | | **Шумораи умумии захираи кадрҳо дар охири давраи ҳисоботӣ / аз ҷумла занон** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **Ҳамагӣ / аз ҷумла занон** | **Асосҳои ба захираи кадрҳо ворид шудан** | | **Ҳамагӣ / аз ҷумла занон** | **Ба мансаб таъин гардидаанд/ аз ҷумла занон** | **Бо хоҳиши худ хориҷ карда шудаанд/ аз ҷумла занон** | **Бо пешниҳоди роҳбари мақоми давлатӣ / аз ҷумла занон** | **Дигар ҳолатҳо / аз ҷумла занон** | |
| | | | | **Бо тавсияи комиссияи аттестатсионӣ / аз ҷумла занон** | **Бо пешниҳоди роҳбари мақомот / аз ҷумла занон** | | | | | | |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** |
| 1 | Сиёсӣ | | | | | | | | | | |
| 2 | Олӣ | | | | | | | | | | |
| 3 | Якум | | | | | | | | | | |
| 4 | Дуюм | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | |

# Маълумот

оид ба қабул шудан ба мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар

________________________________________ то «_____» ________________________ соли 20___

(номи мақоми давлатӣ) (семоҳа, почтавӣ)

| | | | | | Аз озмун гузашт | | Аз озмун нагузашт | | Бе озмун ба мансаб таъин шуд | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | р/т | Номгӯи мансабҳои ба оз-мун пешниҳодшуда | Шумораи мансабҳои ба озмун пешниҳод шуда | Шумораи довталабон | Аз мақоми мазкур | Дигар дов-талабон | Аз мақоми мазкур | Дигар дов-талабон | Ҳамагӣ | Бо амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз за-хираи кадрҳо | Ба таври гузариш дар дои-раи як категория | Дигар ҳолатҳо |
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| Озмуни дохилӣ | | | | | | х | | х | | | | | |
| | | | | | | х | | х | | | | | |
| | | | | | | х | | х | | | | | |
| | | | | | | х | | х | | | | | |
| | | | | | | х | | х | | | | | |
| | | | | | | х | | х | | | | | |
| | | | | | | х | | х | | | | | |
| Озмуни кушода | | Ҷамъ: | | | | х | | х | | | | | |
| | | | | | | | | | | | х | х | |
| | | | | | | | | | | | х | х | |
| | | | | | | | | | | | х | х | |
| | | | | | | | | | | | х | х | |
| | | | | | | | | | | | х | х | |
| | | | | | | | | | | | х | х | |
| | | | | | | | | | | | х | х | |
| | | | | | | | | | | | х | х | |
| | | Ҷамъ: | | | | | | | | | х | х | |
| | | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | |

# Маълумот

оид ба натиҷаи аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ дар

___________________________________ то «_____» _____________________соли 20__

(номи мақоми давлатӣ) (семоҳа, почтавӣ)

| р/т | Номгӯи мақомот | Шумораи штатҳо/ шумораи хизматчиёни давлатӣ | Шумораи хизматчиёни давлатие, ки ба аттестатсия фаро гирифта мешаванд | Хулосаҳо ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ | | | | | | | | | | Ба аттестатсияи такрорӣ монондан | Аз мансаб озод кардан |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат мекунад | | | | | | Ба мансаби ишғол намудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат намекунад | | | | | |
| | | | | Ҳамагӣ | Тавсияҳо | | | | | Ҳамагӣ | Тавсияҳо | | | | |
| | | | | | Ба мансаби баландтар таъин намудан | Дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунанда | Пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахасусӣ | Ҳавасманд гардондан | Шартан мувофиқат мекунад | | Такмили ихтисос | Азнавтаёркунӣ | Ба мансаби пасттар гузаронидан | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | | | | |

## Маълумот

оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар

__________________________________________________ то «_____»_________________________ соли 20__

(номи мақоми давлатӣ) (нимсола, почтавӣ)

| Р/т | Номгӯи мансабҳо | Шумораи умумии штатҳо/ шумораи хизматчиёни давлатӣ | Шумораи ба таҳсил фаро гирифта-шудагон дар давраи ҳисоботӣ | Тайёркунии касбӣ | | | Азнавтайёркунӣ | Такмили ихтисос | | | | | | Таҷрибаомӯзӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | Дар ҷумҳурӣ | | | Дар хориҷа | | | | | |
| | | | | Дар ҷумҳурӣ | Дар хориҷа | Ҳамагӣ | | Дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни дав-латии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар таълимгоҳҳои соҳавӣ | Дар курсҳои ташкилотҳои байналмилалӣ | Дар иттиҳоди давлатҳои мустақил | Дар хориҷаи дур | Ҳамагӣ | Дар ҷумҳурӣ | Дар хориҷа | Ҳамагӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | | | | | |

Иҷрокунанда ______________________________________ «_____» __________________ соли 20___

(имзо, насаб, ном, номи падар)

**БО ФАРМОИШИ РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ «16» АВГУСТИ СОЛИ 2010 №151**

**БО ФАРМОИШИ АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ «17» АВГУСТИ СОЛИ 2010 № 8**

# Дастурамал оид ба пур кардани Ҳисоботи омори давлатии шакли №1-ХД «Ҳисобот дар бораи теъдод ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатӣ» (семоҳа, нимсола, почтавӣ)

## 1. Муқаррарорти умумӣ

1) Дастурамали мазкур дар асоси қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия ва тасдиқ карда шуда, тартиби пур кардани ҳисоботи омори давлатии шакли №1-ХД «Ҳисобот дар бораи теъдод ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатӣ» (семоҳа, нимсола, почтавӣ)-ро муайян менамояд.

2) Сарчашмаи аввалия барои дарёфти маълумотҳои дар Ҳисоботи омории №1-ХД зикршаванда, делои шахсии хизматчиёни давлатӣ, ки дар хадамоти кадрии мақомоти ҳисоботсупор маҳфуз ҳастанд ва Феҳристи хизматчиёни давлатии мақомоти мазкур ба ҳисоб мераванд. Тақсимоти хизматчиёни давлатӣ аз рӯи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ба категорияҳо мувофиқи талаботи моддаҳои 9 ва 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008 №503 тасдиқ карда шудааст, анҷом дода мешавад.

3) Ҳисоботи омории №1-ХД барои соли ҳисоботӣ ҳар семоҳа на дертар аз 10 рӯзи баъди семоҳаи ҳисоботӣ аз ҷониби вазоратҳо, идораҳо ва мақомоте, ки нисбати кормандони онҳо амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» татбиқ мегардад, ҷамъоварӣ ва тартиб дода шуда, ба Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад.

4) Дар сарлавҳаи маълумотҳо (фаслҳо) номи аниқи пурраи мақомоти давлатӣ ва санаи (рӯз, моҳ, соли) охирини давраи ҳисоботӣ (31 марти соли ____, 31 июни соли ____, 30 сентябри соли ____, 31 декабри соли ____) нишон дода шуда, дар зери навиштаҷоти давраи дахлдори ҳисобот (семоҳа, нимсола) хат кашида мешавад.

5) Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соле ду маротиба (20 июли соли ҳисоботӣ ва 20 январи соли оянда) ҳисоботи ҷамъбастиро таҳия ва ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

**2. Тартиби пуркунии шакли Ҳисоботи омории №1-ХД**

6) Ҳисоботи омории №1-ХД аз фаслҳои зерин иборат аст:

Фасли I. Маълумот оид ба теъдоди хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ);

Фасли II. Маълумот оид ба теъдоди хизматчиёни давлатии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (семоҳа, почтавӣ);

Фасли III. Маълумот оид ба тағйироти сифатии ҳайати кадрҳои мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ);

Фасли IV. Маълумот оид ба мансабҳои холӣ (вакансияҳо) дар мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ);

Фасли V. Маълумот оид ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ (нимсола, почтавӣ);

Фасли VI. Маълумот оид ба қабул шудан ба мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ);

Фасли VII. Маълумот оид ба натиҷаи аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ);

Фасли VIII. Маълумот оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ (нимсола, почтавӣ).

7) Пуркунии фаслҳои Ҳисоботи омории №1-ХД бо тариқи зерин сурат мегирад:

а) Фасли I. Маълумот оид ба теъдоди хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ).

- Фасли номбурдаро ҳамаи вазоратҳо, идораҳо ва мақомоте, ки нисбати кормандони онҳо амали Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» татбиқ мегардад (ба ғайр аз кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот) пур карда, пешниҳод менамоянд. Дар ин фасл маълумотҳо оид ба нишондиҳандаҳои зерин: номгӯи мансабҳо, шумораи умумии штатҳои хизмати давлатӣ, шумораи ҷойҳои холии хизмати давлатӣ, шумораи хизматчиёни давлатӣ, ҷинс, миллат, ҷои таваллуд, таҳсилот, ихтисос, синни миёнаи хизматчиёни давлатӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ пур карда мешаванд.

- Дар сутуни 1 «рақами тартибӣ», дар сутуни 2 «номгӯи мансабҳо», дар сутуни 3 «шумораи умумии штатҳои хизмати давлатӣ», дар сутуни 4 «шумораи ҷойҳои холии хизмати давлатӣ», дар сутуни 5 «шумораи хизматчиёни давлатӣ», дар сутунҳои 6 ва 7 «ҷинс» (мард ва зан), дар сутунҳои 8 то 12 «миллат» (тоҷик, рус, ӯзбек, қирғиз ва дигар миллатҳо), дар сутунҳои 13 то 18 «ҷои таваллуд» (ВМКБ, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, давлатҳои ИДМ), дар сутунҳои 19 то 25 «таҳсилот» (миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ, олии нопурра (бакалавр), олӣ (магистр), дорои 2 таҳсилоти олӣ, номзади илм, доктори илм), дар сутунҳои 26 то 32 «ихтисос» (молиявӣ, иқтисодӣ, кишоварзӣ, муҳандисию техникӣ, омӯзгорӣ, ҳуқуқшиносӣ, тиббӣ, дигар ихтисосҳо), дар сутунҳои 33 то 38 «синни миёнаи хизматчиёни давлатӣ» (аз 18 то 28 сола, аз 29 то 35 сола, аз 36 то 45-сола, аз 46 то 58-сола, аз 59 то 63-сола, аз 63-сола боло) ва дар сутунҳои 39 то 43 «собиқаи хизмати давлатӣ» (то 5 сол, аз 5 то 10 сол, аз 10 то 15 сол, аз 15 то 20 сол, зиёда аз 20 сол) нишон дода мешаванд.

- Фасли мазкур бояд бо тартибе пур карда шавад, ки ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри сутунҳои 4 ва 5 ба маълумотҳои сутуни 3, ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри сутунҳои 6 ва 7 ба сутуни 5 ва бо ҳамин тартиб ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри сутунҳои 8 то 12, 13 то 18, 19 то 22, 26 то 32, 33 то 38, 39 то 43 дар алоҳидагӣ бо маълумотҳои сутуни 5 баробар бошанд. Дар сутуни 22 «таҳсилоти олӣ (магистр)» нишон дода мешавад, ки он маълумотҳои сутунҳои 23, 24 ва 25-ро дар бар мегирад.

- Дар сатри охирини фасл маълумотҳо дар алоҳидагӣ ҷамъбаст карда шуда, дар сатри «ҳамагӣ» нишон дода меша-

ванд ва онҳо бояд бо ҷамъи ҳама сатрҳои дар боло нишондодашуда баробар бошанд. Нисбати ин сатр низ бояд тартиби дар сархати боло нишондодашуда риоя карда шавад.

- Фасли мазкур пурра бо рақамҳои арабӣ пур карда мешавад.

б) Фасли II. Маълумот оид ба теъдоди хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (семоҳа, почтавӣ).

- Фасли номбурда ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо) дахл дошта, танҳо аз ҷониби масъулини дастгоҳи раисони шаҳру ноҳия (агар дар ҳудуди онҳо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот фаъолият намоянд) пур карда шуда, пешниҳод мегардад.

- Тартиби пуркунии фасли II ба монанди тартиби пуркунии фасли I сурат мегирад.

в) Фасли III. Маълумот оид ба тағйироти сифатии ҳайати кадрҳои мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ).

- Фасли мазкур иттилоотро оид ба тағйироти сифатии ҳайати кадрҳои мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар бар мегирад. Дар сутуни 1 «рақами тартибӣ», дар сутуни 2 «насаб, ном, номи падари хизматчии давлатӣ», дар сутуни 3 «номи пурраи мансаб», дар сутуни 4 «ном, рӯз, моҳ, сол ва рақами санади ивазшавӣ (таъин кардан, ба кори дигар гузаронидан, озод намудан)» ва дар сутуни 5 «асоси ивазшавӣ» нишон дода мешаванд.

- Асос барои пуркунии фасли мазкур нишондодҳои Феҳристи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ мебошанд.

- Сатри «ҳамагӣ» танҳо барои сутунҳои 4 ва 5 ҳисоб карда шуда, дар ҷамъбаст ҳар ҳолат (таъин кардан, ба кори дигар гузаронидан, озод намудан) ва асосҳои ивазшавӣ дар алоҳидагӣ нишон дода мешаванд.

г) Фасли IV. Маълумот оид ба мансабҳои холӣ (вакансияҳо) дар мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ).

- Дар фасли мазкур маълумотҳо оид ба мансабҳои холӣ (вакансияҳо) нишон дода мешаванд.

- Дар сутуни 1 «рақами тартибӣ», сутуни 2 «номгӯи мансаб», сутуни 3 «номгӯи категорияҳо» ва сутуни 4 «аз кадом вақт (моҳ ва сол) холӣ гардидааст» ҷой дода мешаванд.

- Номгӯи мансабҳо ва категорияҳо бояд ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намоянд.

- Дар сатри «ҳамагӣ» ҷамъи маълумотҳои сутунҳои 2 ва 3 нишон дода мешаванд.

д) Фасли V. Маълумот оид ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ (нимсола, почтавӣ).

-Дар фасли номбурда маълумотҳо оид ба захираи кадрҳои мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ нишон дода мешаванд. Ҳангоми пур кардани ин фасл маълумот аз ҷадвали захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ ба роҳбарӣ гирифта мешавад.

- Дар сутуни 1 «рақами тартибӣ», сутуни 2 «номгӯи категорияҳои мансабҳои хизмати давлатии ба захира пешниҳодшаванда», дар сутуни 3 дар сурат «шумораи умумии кадрҳои дар захирабуда то давраи ҳисоботӣ», дар махраҷ «аз ҷумла занон», дар сутунҳои 4, 5 ва 6 «шумораи шахсони ба захираи кадрҳо воридшуда», аз ҷумла дар зерсутуни 4, дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон, дар зерсутунҳои 5 ва 6 асосҳои ба захираи кадрҳо ворид шудан (аз ҷумла, дар зерсутуни 5 «бо тавсияи комиссияи аттестатсионӣ ворид шудан» дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон, дар зерсутуни 6 «бо пешниҳоди роҳбари мақомот ворид шудан» дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон), дар сутунҳои 7 то 11 «шумораи аз захираи кадрҳо хориҷшуда» (дар зерсутуни 7 - дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон, дар зерсутуни 8 «бо асоси ба мансаб таъин гардидан», - дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон, дар зерсутуни 9 «бо асоси бо хоҳиши худ хориҷ карда шудан», - дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон, дар зерсутуни 10 «бо асоси бо пешниҳоди роҳбари мақоми давлатӣ хориҷ карда шудан» - дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон, дар зерсутуни 11 «бо дигар ҳолатҳо», - дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон), дар сутуни 12 «шумораи умумии захираи кадрҳо дар охири давраи ҳисоботӣ», - дар сурат - ҳамагӣ, дар махраҷ - аз ҷумла занон нишон дода мешаванд.

- Сутуни 12 бояд бо чунин формула ҳисоб карда шавад: сутуни 12 = сутуни 3 +зерсутуни 4 - зерсутуни 7. Ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри зерсутунҳои 5 ва 6 бояд ба маълумо-

ти зерсутуни 4 ва ҷамъи маълумотҳои зерсутунҳои 8-11 бояд ба маълумоти зерсутуни 7 баробар бошанд.

- Дар сатри охирини фасл маълумотҳо ҷамъбаст карда шуда, дар сатри «ҳамагӣ» нишон дода мешаванд. Нисбати ин сатр низ бояд тартиби дар сархати боло нишондодашуда риоя карда шавад.

- Маълумотҳо пурра бо рақамҳои арабӣ нишон дода мешаванд.

е) Фасли VI. Маълумот оид ба қабул шудан ба мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ)

- Дар ин фасл маълумотҳо дар бораи ба мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дохил шудани шаҳрвандон, аз ҷумла тариқи озмунҳои дохилӣ ва кушода ва беозмун нишон дода мешаванд.

- Дар сутуни 1 «рақами тартибӣ», сутуни 2 «номгӯи мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда», дар сутуни 3 «шумораи мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда», дар сутуни 4 «шумораи довталабон», дар сутунҳои 5 ва 6 «шумораи довталабони аз озмун гузашта» (дар зерсутуни 5 «аз мақоми мазкур», дар зерсутуни 6 «дигар довталабон»), дар сутунҳои 7 ва 8 «шумораи довталабони аз озмун нагузашта» (дар зерсутуни 7 «аз мақоми мазкур», дар зерсутуни 8 «дигар довталабон»), дар сутунҳои 9 то 13 «шаҳрвандони бе озмун ба мансаб таъиншуда» (дар зерсутуни 9 «ҳамагӣ», дар зерсутуни 10 «бо амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар зерсутуни 11 «аз захираи кадрҳо», дар зерсутуни 12 «ба таври гузариш дар доираи як категория», дар зерсутуни 13 «дигар ҳолатҳо») нишон дода мешавад ва сутунҳои 2, 3, 4, 5, 7, 9 ҷамъ карда шуда, дар сатри «ҷамъ» нишон дода мешаванд.

- Дар сатри «ҳамагӣ» сатрҳои «ҷамъ» бо якдигар зам карда шуда, нишон дода мешаванд.

- Фасли мазкур бо рақамҳои арабӣ пур карда мешавад.

ж) Фасли VII. Маълумот оид ба натиҷаи аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ (семоҳа, почтавӣ).

-Дар Фасли мазкур маълумотҳо оид ба гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатии ҳисоботдиҳанда нишон дода мешаванд.

- Фасли номбурда чунин пур карда мешавад: дар сутуни 1 «рақами тартибӣ», дар сутуни 2 «номгӯи мақомот», дар сутуни 3 дар сурат- «шумораи штатҳо», дар махраҷ «шумораи хизматчиёни давлатӣ», дар сутуни 4 «шумораи хизматчиёни давлатие, ки ба аттестатсия фаро гирифта мешаванд», дар сутунҳои 5 то 14 «хулосаҳо ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ» (дар зерсутуни 5 «ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат мекунад - ҳамагӣ», дар зерсутунҳои 6 то 10 «тавсияҳои ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат мекунад», дар зерсутуни 6 «ба мансаби баландтар таъин намудан», дар зерсутуни 7 «дохил кардан ба захираи кадрҳо», дар зерсутуни 8 «пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусӣ», дар зерсутуни 9 «ҳавасманд гардондан», дар зерсутуни 10 «шартан мувофиқат мекунад»); дар сутунҳои 11-14 «ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат намекунад», дар зерсутуни 11 «ҳамагӣ», дар зерсутунҳои 12 то 14 «тавсияҳои ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат намекунад», аз ҷумла, дар зерсутуни 12 «такмили ихтисос», дар зерсутуни 13 «азнавтайёркунӣ», дар зерсутуни 14 «ба мансаби пасттар гузаронидан»), дар сутуни 15 «ба аттестатсияи такрорӣ мононадан» ва дар сутуни 16 «аз мансаб озод намудан» бо рақамҳои арабӣ нишон дода мешаванд.

- Пешниҳодҳо бояд бо нишондодҳои комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатӣ мувофиқат намоянд.

- Фасли мазкур бояд бо тартибе пур карда шавад, ки ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри сутунҳои (зерсутунҳои) 5, 11, 15 ва 16 ба маълумотҳои ҳар як сатри сутуни 4 ва дар навбати худ ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри зерсутунҳои 6, 7, 8, 9 ва 10 ба маълумотҳои ҳар як сатри зерсутуни 5 ва ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри зерсутунҳои 12, 13 ва 14 ба маълумотҳои ҳар як сатри зерсутуни 11 баробар бошанд.

- Дар сатри «ҳамагӣ» ҳамаи натиҷаҳои сутунҳо дар алоҳидагӣ ҷамъ карда шуда, нишон дода мешаванд ва нисбати ин сатр низ бояд тартиби дар сатри боло нишондодашуда риоя карда шавад.

- Фасли мазкур бо рақамҳои арабӣ пур карда мешавад.

з) Фасли VIII. Маълумот оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ (нимсола, почтавӣ).

- Фасли мазкур маълумотҳоро дар бораи тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатии ҳисоботсупор дар бар мегирад ва соле ду маротиба пур карда шуда, дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ба мақомоти ваколатдор пешниҳод карда мешавад.

- Фасли номбурда чунин пур карда мешавад: дар сутуни 1 «рақами тартибӣ», дар сутуни 2 «номгӯи мансабҳо», дар сутуни 3 дар сурат - «шумораи умумии штатҳо», дар махраҷ - «шумораи хизматчиёни давлатӣ», дар сутуни 4 «шумораи хизматчиёни давлатии ба таҳсил фарогирифташуда дар давраи ҳисоботӣ», дар сутунҳои 5 то 7 «тайёркунии касбӣ» (дар зерсутуни 5 «дар ҷумҳурӣ», дар зерсутуни 6 «дар хориҷа» ва дар зерсутуни 7 «ҳамагӣ»), дар сутуни 8 «азнавтайёркунӣ», дар сутунҳои 9 то 13 «такмили ихтисос» (дар зерсутунҳои 9 то 11 «дар ҷумҳурӣ», аз ҷумла дар зерсутуни 9 «дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар зерсутуни 10 «дар таълимгоҳҳои соҳавӣ», дар зерсутуни 11 «дар семинарҳои ташкилотҳои байналмилалӣ», дар зерсутунҳои 12 то 13 «дар хориҷа», аз ҷумла дар зерсутуни 12 «дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», дар зерсутуни 13 «дар хориҷаи дур», дар зерсутуни 14 «ҳамагӣ»), дар сутунҳои 15 то 17 «таҷрибаомӯзӣ», аз ҷумла дар зерсутуни 15 «дар ҷумҳурӣ», дар зерсутуни 16 «дар хориҷа», дар зерсутуни 17 «ҳамагӣ» нишон дода мешаванд.

- Фасли мазкур бояд бо тартибе пур карда шавад, ки ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри сутунҳои 7, 8, 14 ва 17 ба маълумотҳои ҳар як сатри сутуни 4 ва дар навбати худ ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри сутунҳои 5 ва 6 ба маълумотҳои ҳар як сатри сутуни 7, ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри сутунҳои 9, 10, 11, 12, 13 ба маълумотҳои ҳар як сатри сутуни 14, ҷамъи маълумотҳои ҳар як сатри сутунҳои 15 ва 16 ба маълумотҳои ҳар як сатри сутуни 17 баробар бошанд.

- Дар сатри «ҳамагӣ» ҳамаи натиҷаҳои сутунҳо дар алоҳидагӣ ҷамъ карда шуда, нишон дода мешаванд ва нисбати ин сатр низ бояд тартиби дар сархати боло нишондодашуда риоя карда шавад.

- Фасли мазкур бо рақамҳои арабӣ пур карда мешавад.

### 3. Муқаррароти хотимавӣ

8) Дар поёни ин фасл шахси мансабдоре, ки барои пур кардани ҳисобот масъул аст, дар муқобили сатри «мансаб» номи мансаб, дар муқобили сатри «ному насаб» ном ва насаби худро сабт намуда, дар муқобили сатри «имзо» имзо гузошта, ҳамчунин рақами телефонҳои робита ва санаи тартиб додани ҳисоботро сабт менамояд.

9) Ҳисоботи омории №1-ХД баъди пур кардани вараqи унвон бо мактуби ирсолии роҳбари мақомоти давлатӣ дар шакли хаттӣ ва электронӣ ба Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешавад.

10) Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботро ҷамъбаст намуда, онро барои интишор дар маҷмуаи оморӣ ва паҳн намудан ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтор ........................................................................................ 3

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо) аз 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003........................................................................... 5

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 № 233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» (бо тағйиру иловаҳо)................................ 32

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 № 100 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (бо тағйиру иловаҳо)......... 59

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 № 582 (бо тағйиру иловаҳо аз 21 ноябри соли 2006 № 208 ва аз 30 июли соли 2007 № 302) «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» ..................... 77

Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2007 № 579 «Дар бораи муқаррар намудани рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»..................................................................... 89

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 12 июли соли 2010 №901 «Оид ба тасдиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................... 90

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2010 № 756 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ....................... 97

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2010 №932 «Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» .................................................. 105

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2008 № 443 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ» ...... 115

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2008 № 449 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ» ....................... 123

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008 № 468 «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ»........................................................................................ 129

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2008 № 577 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ» ...................................................... 144

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008 № 578 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ» ...................................................................................... 149

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»........................ 156

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009 № 659 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ»............................................................................ 197

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011 № 1074 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»........ 212

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011 №1018 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ......................................................................... 219

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 1999 №142 «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ» ...................................................................................... 230

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 1999 №154 «Дар бораи тасдиқи тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон (бо тағйиру иловаҳо)................................... 232

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011 № 266 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 254

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ ........ 259

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007 № 633 «Дар бораи Намунаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ» ........ 264

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008 № 272 «Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ» ........ 270

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 №530 «Дар бораи тасдиқи Номгӯи мансабҳо ва касбҳои ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ» ........ 274

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 № 531 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» ........ 278

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009 № 700 «Дар бораи тасдиқи Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ» ........ 292

Фармони муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2005 № 59-Д «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ» ........ 297

Фармоиши якҷояи муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2005 № 1 ва Вазири даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикитон аз 10 октябри соли 2005 №336 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Дастурамали тартиби пур кардани Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» ...................................... 302

Фармони муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2007 № 33-д «Дар бораи тартиби савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ»..... 308

Фармоиши муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2007 № 75-д «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2007 № 331 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст........................................................ 312

Фармоиши сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2008 №3 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2008 № 435 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст...................................................... 329

Фармоиши муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011 № 153 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2011 №436 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.......................... 352

Фармоиши муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2011 № 64 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2011 № 614 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст .............................. 377

Фармоиши якҷояи муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 августи соли 2011 № 151 ва Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 2011 № 8 «Дар бораи тасдиқи ҳисоботи омори давлатии шакли №1-ХД «Ҳисобот дар бораи теъдод ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатӣ» (семоҳа, нимсола, почтавӣ) ва Дастурамал оид ба пур кардани он.............. 386

Ба чоп _______ имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ ___. Ҳуруфи адабӣ.
Супориш № ___. Адади нашр ___.

ОПЕРАТИВНАЯ ПОЛИГРАФИЯ
КОНТРАСТ

Дар ҶДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Деҳлавӣ, 24